
Нашриёти «Адиб»

https://bikhon.tj/



Ато Ҳамдам

РАҲОВАРД

Душанбе
«Адиб»
2018

https://bikhon.tj/

ББК 72.3+84 тоҷик
А-17

Муҳаррир *Занҷирбеки Ёқуб*

А-17 **Ато Ҳамдам. Раҳовард** *(қисса, ҳикоя ва драма)*.
– Душанбе: «Адиб», 2018. – 224 саҳ.

Адиби шинохта, драматург ва тарҷумон, ходими ҷамъиятӣ Ато Ҳамдам ба синни мубораки 70-солагӣ қадам ниҳод. Ӯ тайи фаъолияти нимасраи эҷодиаш тавонист беш аз 65 китоби хурду бузург пешкаши хонандагон гардонад.

«Раҳовард» гулчинест аз қисса, ҳикоя, очерк ва драмаҳои ин адиби номвар, ки чун дастагули меҳр барои Шумо, хонандагони азиз, омода гардидааст.

ISBN 978-99947-2-524-3

© Нашриёти «Адиб», 2018.

https://bikhon.tj/

ҚИССАҲО

ФИҒОН

(Қиссаи рӯзҳои мо)

Ба чашми нам макуш моро, Худоё,
Ба оҳу ғам макуш моро, Худоё!
Бикуш моро ба ҳар ранге, ки хоҳӣ,
Ба дасти ҳам макуш моро, Худоё!

Низом Қосим

1.

Шом фаро мерасид.

Рӯшанӣ фирор дошт.

Торикӣ ноаён тор метанид ва...

атрофу акнофро ба ҳукми худ медароварда.

Дарвозаи шаҳр – вокзали роҳи оҳан ба рӯи ояндагону равандагон кушода. Чор дари он пайваста кушодаю пӯшида ва толори интизорӣ торафт серодам мешуд.

Дар толор қариб, ки ҷои холӣ ба чашм намехӯрд. Ҳама нишастгоҳҳо банд. Бисёриҳо рост истода, деги суҳбатро метасфонданд.

Дар як гӯшаи толор, ду курсиро банд карда, ду тан – зану шавҳари ҷавон гарм-гарм суҳбат доштанд. Онҳо то ба ҳампаҳлуҳои хеш халал нарасонанд, орому оҳиста ҳарф мезаданд, сари масъалаи муҳиме мубодилаи афкор доштанд.

Ҳине ки зану шавҳари ҷавон оҳиста гуфтугӯ доштанд, аз ду канори толор ду ҷуфт чашмон онҳоро ба «нишон» гирифта буданд. Зану шавҳар – Адолату Акбар соҳибони он чашмонро намедиданд. Муколамаи ононро гӯё ибтидо буду интиҳо не...

Баногоҳ дар паҳлуи Адолат курсие холӣ шуд. Аз «назоратчиҳо» яке, ки ба онҳо наздиктар буд, дар як они воҳид болои сари Адолат рост шуд:

– Мебахшед, ин ҷо холӣ?

Бо шунидани ин нидо Адолат, суханашро қатъ намуда, аввал ба паҳлуяш нигоҳ кард. Дид, ки ҷой холӣ, сипас сар бардошта рӯ ба рӯяш ҷавони тахминан бисту чор – бисту панчсолаи навчаи лоғарандомро дид. Лаҳзае ба қадду қомати ӯ нигариста, худро

https://bikhon.tj/

гум кард. Чеҳраи бадафти ҷавон ба назараш шинос барин намуд. «Дар куҷо дида бошам?» филфавр аз хаёл гузаронд ӯ. Вале ба хотир оварда натавонист, ки ӯро кай, дар куҷо, ба кадом ранг дида буд.

Адолат даҳон ғунча карда чизе гуфтанӣ буд, ки шавҳараш Акбар аз ӯ пештар:

– Бале, холӣ, – гӯён бо даст ишораи нишастан кард.

Гапи Адолат дар даҳонаш монд.

Ҷавон «раҳмат» гуфта ба курсӣ нишаст. Табассуми безеб ва хунуке даври лабонаш хат кашид. Ин табассуми қароҳатангез ба Акбар писанд наомад. «Афтат дар гӯр! Худат-ку хунук, табассумат аз худат хунуктар! Маймуни таппа-тайёр!» – аз хаёл гузаронд ӯ ва рӯй гардонда маҷрои гуфтугӯро бо завҷааш тағйир дод.

Ин дам тамоми чароғҳои толор фурӯзон ва чеҳраҳои мардум рӯшантар гаштанд. Адолат «Хайрият, хаёл кардам, ки ин толор бечароғ аст ва шуморо торико-торик гусел мекунам» гӯён изҳори шодмонӣ кард ва ба шавҳараш ҷафстар шуд.

Акбар гармии пайкари нозуку наҳифи ҳамсари меҳрубонашро хубтар эҳсос кардаю даст ба китфи ӯ гузошта атрофро бори дигар аз назар гузаронд, ба он андеша, ки шояд ягон шиносашро медида бошад. На, мутаассифона, барояш дар ин толори нимсарду чиркин ва бадбӯ чеҳраи ошное падид наомад. Лекин... ногоҳ чашмаш ба канори дури толор афтод, симои нимошнову нимбегона лаҳзае ба назараш чун шабаҳ намудор гашту боз ҳамон лаҳза нопадид шуд. Аниқаш, соҳиби он чашмон, ки аз лаҳзаи аввали ба толор ворид шудан зану шавҳарро аз дур ба «нишон» гирифта буд, чун эҳсос кард, ки диққати Акбар ба ӯ равона шудааст, филфавр аз толор берун шуд ва ба паси дар гузашта аз ҳамон ҷо, аз он мавқеи қулай «назорат»-ро идома дод.

Акбар дар дил «қадду қоматаш шинос барин, лекин шапкаю айнаки сиёҳ халал расонд, ки хубтар шиносамаш. Хайр, бало ба пасаш» гӯён қарор дод, ки соҳиби он чашмони ноошноро ба фаромӯшӣ бисупорад.

Ҷавони ҳампаҳлу чун эҳсос кард, ки Акбару Адолат ба ӯ дигар эътибор намедиҳанду овораи суҳбати хешанд, ду-се бор заруру нозарур гулӯ афшонда, гап қатӣ кард:

– Агар хато накунам, мову шумо ҳамсояем.

https://bikhon.tj/

– Барои шиносоӣ дигар гапи дурӯғ ёфт нашуд? – киноя кард Акбар.

– Худо занад, ки рост мегӯям.

– Қасам нахӯред. Сахт хато кардаед, мо ин хел ҳамсоя надорем, – боз ба гапи ӯ лагад зад Акбар.

– Ман ба шумо не, ана, ба ин хонум гуфта истодаам, – якравӣ кард ҷавон.

– Аввал ин ки ошно, ин хонум хамсари ман. Дуюм ин ки ин кас ҳам шуморо намешиносад. Сеюм ин ки... хоҳишмандам, ба мо халал нарасонед. Ҷой додем, ҷимакак шинед, – бо тундӣ таъкид кард Акбар.

– Мебахшед, ман халал нарасондам. Ҷой холӣ шуд, нишастам. Ҳамин тавр не? Ё гапам нодуруст?

Адолату Акбар, гӯё ӯро нашунида бошанд, посух надоданд. Вале ҷавон ором намешуд:

– Чӣ, ман шуморо аз ҷоятон хезонда, ба ҷоятон нишастам?

– Ба забони тоҷикӣ ба ту гуфта истодаам, ки халал нарасон, – ба ғазаб омада, ба ту-ту гузашт Акбар. – Агар донистан хоҳӣ, мо бо бадмаст майли суҳбат кардан надорем

– Бадмаст? Наход шумо гумон кунед, ки ман бадмаст бошам? Хайр, ана камтар... сад грамм бардоштам. Лекин ман маст нестам. Дар ин ҷо аз ман ҳушёртар касе нест!

Ин суханҳоро шунида, чанд каси он ҷо нишаста баланд хандиданд.

– Заҳра камаш ҳам заҳр аст, – гуфт Акбар. – Ана, нигоҳ кун. Милисаҳо тайёр. Ба як ишора маҳтал. Бардоред гӯям, поятро ба замин намонда, дег-деги сангӣ карда мебарандат. Баъди ним соат бо як майкаю труси дар кӯча тани танҳо мемонӣ.

Ҷавон заҳрханда кард.

– Дуруст мегӯед. Ман бо шумо ҳамфикр. Онҳо дар ин кор устухон надоранд. Бо як майкаю труси халос шавӣ, дарди бахайр. Лекин агар ба даруни трусию майкаатон ягон бастаро халонда монанд, ана он вақт онаи зората мебинӣ. Бо сесад-чорсад доллар халос намешавӣ!

– Ҳамина, ки донӣ, бархезу аз паи корат шав. Ба ту бадиро раво дидан намехоҳам, ошно.

– Аҷаб одамоне! Рост гӯӣ, дурӯғ мепиндоранд. Ба гапи рост бовар намекунанд, – ҷавон оҳи сард кашид.

https://bikhon.tj/

– Кадом гапро?

– О, ҳозир ба шумо гуфтам-ку. Ман бо шумо ҳамсоя. Дар як бино, дар як гузаргоҳ, дар як ошёна зиндагӣ мекунем. Ман ҳамааш шуда ҳамин гапро ба шумо гуфтам. Дигар гапи зиёдатӣ нагуфтам, ки малоли хотиратон шуда бошад. Агар хоҳед, суроғаатонро ҳам мегӯям.

Акбар «уф, рӯзамон медиҳӣ ё не?» – гӯён боз овоз баланд кард ва... аз шасташ гашта афзуд:

– Ҳой, ошно, чӣ хел мо дар як гузаргоҳ зиндагӣ мекардаем, ки шахсан ман туро дар умрам бори аввал мебинам.

– Мумкин, мумкин. Ман ҳам шумоя бисёр дидагӣ не. Лекин ин хонуматон, э, мебахшед, занатон мана бисёр дидагӣ. Ҳамин тавр не, янга?

Адолат лаҳзае ба чеҳраи ӯ нигариста, аранге ба хотир овард. Чанд рӯз қабл дар остонаи гузаргоҳ лаҳзае бо ӯ рӯ ба рӯ омад. Вале ба хотири он ки Акбар ба гумони бад нараваду осуда бошад ва осуда биравад, гуфт:

– Мутаассифона, ман ҳам шуморо бори аввал мебинам. Шояд маро ба ягон кас монанд карда бошед. Шаҳр шаҳри калон, одамони ба ҳам монанд кам нестанд.

– Ха-а-йр, маҷбур намекунам. Не бошад, не, – ҷавон лаҳзае тан додагӣ барин шуд, вале ҳамоно боз ба гап даромад. – Лекин кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад, мегӯянд. Худо хоҳад, ҳоло мову шумо боз бисёр вомехӯрем. Лекин хоҳиш мекунам, дафъаи дигар «туро намешиносем» гуфта аз ман рӯй нагардонед. Худо ба ман афту андоми безеб додааст, лекин дилам тоза. «Одам ба одам зинда аст», гуфтааст як шоир.

– Медонӣ-чӣ, ошно. Агар донистан хоҳӣ, мо туро донистану шинохтан ҳам намехоҳем. Аз Худои тори сар як таманно дорам: ҳеҷ гоҳ ба ту рӯ ба рӯ ва муҳтоҷам накунад! Акнун аз роҳат намон. Исо ҳам ба роҳи худу Мӯсо ҳам бо роҳи худ.

– Ихтиёр ба дасти бахтиёр. Ман ҳам аз Худо талаб дорам, ки ба ёрии ман муҳтоҷ нашавед. Инсон аз дасту панҷаи худаш намонад. Хуб, дар амони Худо бошед. Бубахшед, ки вақти қимататонро гирифтам, аз суҳбати ширин бенасиб гардондам. Ба гумонам, гапҳои бачоиятон ногуфта монд. Бубахшед мани аблаҳи сарсахту бадбахтро. Ба шумо сафари бобарор орзу мекунам, – ҷавон ин суханҳоро бо алам гуфта аз ҷо бархост, пештар рафт,

https://bikhon.tj/

вале чизе ба хотираш расиду дар ҷояш истод ва рӯ ба ақиб гардонда, пурсид: – Дарвоқеъ, пурсидана айбаш нест, шумо ба куҷо майли сафар доред?

– Ба инаш кори ту набошад! – токаташ аз шилқинии ҷавон тоқ шуда, хитоб кард Акбар.

– Худам медонам, ба куҷо меравед, нағз медонам. Ба Русия. «Широка страна моя родная». Ҳамин хел як суруд буд. Барои чӣ меравед, инашро ҳам медонам. Барои кор, барои бакс! Чӣ илоҷ? Рӯзгор оинаро муҳтоҷи хокистар кунад. Ё худ, «чунин аст кирдори гардуни пир, гаҳе чун камон асту гоҳе чу тир!» Замоне буд, ки аз Русияи бузург ба кишвари мо дессант мепартофтанд, аниқаш сарватғункунӣ меомаданд. Аз он тараф бо як ҷомадон меомаданду баъди се-чор сол аз ин ҷо бо панҷ-шаш контейнер, «Волга», «Жигули» мерафтанд. Инро ҳама медонанд. Як мисоли оддиаш роҳбари ҳамин ноҳияе, ки дарвозаи шаҳр дар ҳудуди он ҷойгир шудааст. Хушк омаду тар бирафт! Чизи бурдагиаш ба ҳафт пушташ мерасад. Акнун замона чаппагардон шуд. Акнун мо ба он тараф меравем, гурӯҳ-гурӯҳ, бо аҳли байт, хешу табор меравем. Акнун десантпартоӣ навбати мо – тоҷикон шуд. Лекин десанти мо тамоман дигар, аз ноилоҷӣ. Меравем ба Русияи бузург ва дигар кишварҳо ба он хотир, ки барои худ, барои зану фарзандон кути лоямуте пайдо бикунем. Вале чӣ ҳол дорад ин тоҷики сарсахту бадбахт дар он кишварҳои бузург? Ба назарам, беқадртарин одами рӯи замин имрӯз ҳамин тоҷики мост. Дар ватанаш қадр надорад, дар беруни ватан хору залил, таги по аст. Дар роҳи бозгашт ба ватан тоҷик тоҷикро ғорат мекунад, бераҳмона мекушад, пайсаҳои бо азобу шиканҷаи беш бадастовардаашро ба яғмо мебарад. Азобу таҳқиреро, ки аз ҳамсояҳои дерина мебинад, ба ягон чиз қиёс карда намешавад. Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд? Мурад ин хел зиндагӣ! Ман дида истодаам, ки шумо ҳам аз хурсандӣ ба Русия намеравед! Маҷбурӣ меравед. Наравед, намешавад. Мебахшед, ака, гапа мӯл кардам. Одам камтар нӯшад, серҷоғ мешудааст. Аламам омаду дилама холӣ кардам. Қисса кӯтоҳ, роҳи сафед, ака. Худатонро эҳтиёт кунед. Шумо барои ин хонум, э мебахшед, барои янга, барои фарзандонатон лозим ҳастед. Инро ҳаргиз фаромӯш накунед. Дунё ба умед! То боздид! Чао! – Ҷавон бо дидаи пурнам даст афшонда оҳиста-оҳиста аз толор берун шуд.

https://bikhon.tj/

Хомӯшии тӯлонӣ ва риққатоваре ба вуқӯъ омад. Онҳое, ки шоҳиди ин манзара буданд, лаҳзае карахт гаштанд. Адолату Акбар бе сухан, дуру дароз аз паси ҷавон нигоҳ карда монданд. Ҳайрон буданд, чӣ гӯянд. Ин ҷавон ба худ буд ё бехуд, девона буд ё ҳушёр, ҳоло онҳо ба фаҳми ин намерасиданд.

Садои диктор, ки ким-кадомеро ба назди сардори вокзал даъват мекард, онҳоро ба худ овард. Акбар аз қайди андешаҳои бебарабт берун шуда гуфт:

– Гардам, худоё, аз одамот! Ин чӣ хел махлуқ буд? Аз куҷо бар сари мо пайдо шуд? Дар ин ҷо киро меҷуст? Чӣ ӯро ба ин ҷо овард? Гапзаниша бин, якта аз боғ, якта аз роғ. Гоҳ нодону гоҳ олими калон. Шиорпартоиша бин! Мегӯӣ дар мактаби гап хонда бошад.

– Хайрият, ҷонамон халос шуд, – оҳи сабук кашид Адолат. – Сарам ба дард даромад-е.

– Чашмонаш бечо. Камтар намерасидагӣ барин. – Акбар ангушт ба чаккаи сар бурда тобғӯла дод. – Аз афташ, ба ҳамин қарибӣ аз он ҷо баромадагӣ.

– Аз девонахона? – пурсид Адолат.

– Не, аз маҳбас.

– Дуруст мегӯед. Лекин гапҳои охир гуфтааш ҷон доранд, дадеш.

– Гапҳои худаш не онҳо. Аз ягон ҷо шунидагӣ ё хондагӣ. Дар маҳбас барои ин кор фурсат бисёр аст.

– Ҳарчӣ набошад, аз бало ҳазар. Охираш бахайр шавад...

Акбар ба соат нигарист.

– Бояд ҳамин замон эълон кунанд. Занак, ҳама гапа гуфтем. Маслиҳат ҳамон маслиҳат. Пагоҳ шанбе, амоната гирифта ба ягон кас нафаҳмонда қишлоқ меравӣ. Ҷои аз ҳама бехавф ҳамон ҷо. Ба дасти амакам медиҳию хотирҷамъ шуда бармегардӣ. Худо хоҳад, баъди ду моҳ объектро тамом, ҳисобу китоб карда борон нафаромада гашта меоям. Охирҳои тирамоҳ, насиб бошад, шербачаҳорро хатнасур мекунем.

– Кошкӣ, илоҳо ба ҳамон рӯз бирасонад. Сиҳат раведу саломат баргардед. Худатонро эҳтиёт кунед. Вай бадмаст ҳам дар фуроварди гапаш суханҳои нағз гуфт: шумо барои мо зарур ҳастед. Инро фаромӯш накунед!

Адолат табассуми бадард кард.

https://bikhon.tj/

– Хавотир нашав, ҷони ширин. Се сол сабр кардӣ, сад ташаккур. Мӯлаш рафту камаш монд.

– Адолат: – Дунё нотинҷ. Ҳар рӯз аз тилвизиону радиё хабарҳои шумро шунида хобу хӯрро фаромӯш мекунам. Ростӣ, бо мӯи бадан меларзам.

Акбар: – Мефаҳмам... Лекин ту осуда бош. Хавотир нашав. Ман кӯдак нестам. Корама дониста мекунам, пояма дониста мемонам. Ту ҳам худата, бачаҳоя эҳтиёт кун.

Ин лаҳза эълон шуд, ки мусофирони самти Волгоград аз назорати гумрук гузаранд ва ба перрон бароянд.

Зану шӯи ҷавон ҷониби гумрукхона роҳ гирифтанд. Акбар ба ҷуз як сумкаи сафарӣ бори дигар надошт. Тӯшаи роҳаш ҳам чандон киреӣ набуд. Аз ин рӯ, зуд аз назорат гузашта ба перрон баромад. Аз он тарафи тиреза, рӯ ба ҷониби Адолат гардонда, «хайр»-гӯён даст афшонд.

Адолат ноаён ашкҳои дар нӯги миҷгонҳои дарозу барроқаш ҳамоилшударо бо нӯги ангуштон пок карда, даст бардошт ва «Роҳи сафед!» – гуфт.

Акбар: – Акнун бирав, зуд бирав. Бачаҳо интизоранд! – гӯён бори дигар нигоҳи пурмеҳрашро ба завҷаи зебояш ҳадя намуда, ҷониби вагони ҳаштум роҳ гирифт...

Адолат пакар, хаста, вазнин-вазнин аз вокзал берун шуд ва қариб буд, ки бо он қаддарози айнакӣ рӯ ба рӯ занад. Айнакӣ ҳеҷ гоҳ инро нигарон набуд. Вай саросема лапарашро ба сар чуқуртар кашид ва рӯ гардонда сару рӯяшро бо рӯзномаи куҳнаю дарида пӯшонда ба «мутолиа» сахт андармон шуд. Ин рафтори ӯ аз назари Адолат пинҳон намонд. «Аҷаб одамоне. Дар ин вокзал бо чӣ хел махлуқҳое вонамехӯрӣ. Якаш заруру нозарур гирди доманат пашша мешавад, дигарӣ худро шиноси дерина ё ҳамсоя гуфта муаррифӣ мекунад, сеюмӣ ким-киро думболагир аст, чорумӣ сарашро бо газетаи аз хондан кайҳо фарсудаю дарида пӯшонда, аз ким-кӣ панаҳ меҷӯяд. Ин шояд хоси вокзали роҳи оҳан бошад». Вале вай – зани ҷавони зебо аз куҷо медонист, ки ин ҷавони айнакӣ, ки ногаҳон аз пеши пояш баромад, ба ӯву шавҳари сафаракиаш таваҷҷуҳи хосе дорад. Ва онҳоро як сония ҳам аз мадди назар дур карданӣ нест.

Адолат банди андешаҳои мағшуш бо дили сиёҳ сӯи истгоҳи микроавтобусҳо роҳ гирифт.

https://bikhon.tj/

Ҷавони қаддарози айнакӣ чун дид, ки Адолат сӯи истгоҳ рафта истодааст, саросема худро ба анбӯҳи одамӣ зада ба перрон баромаданӣ шуд ва ба нафаре аз кормандони гумрук, ки садди роҳаш шуданӣ буд, ким-чӣ хел хуҷҷати рангпаридаи сурхеро накушода нишон доду, саросемавор: – Ман як лаҳза, бародарамро гусел мекунам, – гӯён ҳамон хел осемасар аз назди нозир дур шуд ва лаҳзае нагузашта ба перрон баромад. Ин сӯ – он сӯро дуздона нигоҳ кард. Ниҳоят чашман ба одами даркорӣ афтода, нафаси озод кашид ва худро боз ба канор гирифт.

Дере нагузашта қатора нолаи талх, монанд ба фиғони мардуми аламкашида, мусибатзада бароварда. Дуру дароз фиғон кашид қатора, гӯё аз умқи дил фиғон ба фалак мекашид.

Айнакӣ, то даме ки қатора охирин бор фиғон кашида, ниҳоят оҳиста-оҳиста ҷониби шарқ ба ҳаракат даромад, перронро тарк накард. Қатора торафт дур рафта аз назарҳо нопадид мегашт. Айнакӣ акнун бовар ҳосил кард, бовар кард, ки қатора ба роҳ баромад, Акбар рафт, ба роҳи дур рафт. Кай меояд, инро Худо худаш медонад.

Баъди фосилае перрон ва толори мусофирон қариб ки тиҳӣ гашт. Айнакӣ рӯзнома – «балогардон»-ашро «вазифата адо кардӣ, акнун бало ба пасат» гуфта ғиҷим карда ба ахлотқуттӣ ҳаво доду зери лаб пичиррос зад: «Хайрият, рафт. Ё Раб, мадад! Оқибаташ ба хайр шавад!» ва бо қадамҳои устувор ҳамчун шахси дар бозии аввал ғолиб аз толор берун шуд ва шитобон ҷониби телефони пулакӣ роҳ пеш гирифт.

2.

Баъди фосилае дар ду тарафи шаҳр аз гӯшаки телефонҳо чунин гуфтугӯ радду бадал гашт:

– Алло!

– Ҳа. Ту-мӣ?

– Бале, ман...

– Шер ё рӯбоҳ?

– Шер, шери нар. Рафт!

– Аниқ?

– Бале, худам гусел кардам!

– Бисёр нагз. Адолат ҳам рафт?

– Бале, рафт. Лекин кариб буд, ки...

https://bikhon.tj/

– Чӣ? Вай туро дид?

– Диду... аз ҳайбатам тарсид ва хушбахтона, нашинохт...

– Муттаҳам! Нагуфта будам, ки ҳоло ҳам хомӣ. Агар мешинохт...

– Вақти шинохтан надошт. Гуфтам-ку, аз афту андомам қариб буд, ки талхакаф шавад!

– Хайр шуд, аз худ нарав. Акнун метавонем ҷасурона ба амалиёт сар кунем. Тез ба ҳамон ҷои гуфтагиям биё. Торикӣ нафуромада ба роҳ мебароем.

– Дуруст, роҳамон анча дур. Қадре бензин мегираму зуд расида меоям. Интизор шавед.

Дар ду тарафи шаҳр ду гӯшаки телефон ҳамзамон ба ҷояшон гузошта шуданд.

3.

Адолат ба истгоҳи микроавтобусҳо ворид шуда, ба соаташ нигарист: ҳафту ними бегоҳ. Микроавтобуси ба самти зисти ӯ равона наменамуд. Якаш омад. Мусофирони бисёре ба ҳуҷум гузаштанд. «Дигарашро нигоҳ кунам, дер мешудагист. Хубаш илоҷе карда, ба ҳаминаш нишинам, даҳ-понздаҳ дақиқа рост истода равам, ҳеҷ гап не. Раҳораҳ мошин камодам мешавад». Бо ҳамин андешаҳо Адолат илоҷе карда, дохили мошин шуд. Марде, ки дар курсии назди дар менишаст, андаке ба рафиқи ҳампаҳлӯяш ҷафс шуда, ба Адолат ишора кард, ки нишинад. Адолат «ташаккур» гуфта, ба он ҷо амонат нишаст.

Мошин ба ҳаракат даромад. Адолат хост садсӯмаро ҷониби писараки пулчин дароз кунад, ки ин дам овози омирона ва шиносе ба гӯшаш расид:

– Ҳамсоя, ташвиш накашед, ман ба ҷои шумо ҳам додам!

Адолат, сар боло карда, дар қатори мобайн чашмаш ба он ҷавони шилқин афтод. Кайфаш парид, фиғонаш ба фалак печид, димоғаш ба тамом сӯхт. Аз савор шуданаш сад бор пушаймон гашт. «Аз куҷо пайдо шуд боз ин бало ба сари ман?!» – барқсон аз сараш гузашт ва худро базӯр ба даст гирифта, ба ронанда муроҷиат кард:

– Илтимос, дар ҳамин ҷо нигоҳ доред.

Вале ронанда, шояд муроҷиати Адолатро нафаҳмид, ки ба ҷои истодан газро баланд кард.

https://bikhon.tj/

Адолат аз он ки мошин суръат гирифт, қадре ба ғазаб омада, овоз баланд кард:

– Рафиқ рононда! Нафаҳмидед ман чӣ гуфтам?

– Не, нафаҳмидам, янгашка. Тинҷияй? – аз оинаи пеши мошин дандонҳои кирмхӯрдаи заб-зардашро нишон дода, табассуми хунук кард рононда.

Ин хел бошад, братан, ана дар ҳамин астановка мануш бикун, – гуфт нимғазаболуду нимшӯхӣ Адолат.

– Ҳамин хел абрашат кунӣ, намешавад? Гапуш қоқай, янгашка. Мунда фарқуш не. Куҷода ки хоҳӣ, мануш мекунум. Пула дода бошӣ, шуд.

– Пулаш додагӣ. Дар мошини шумо Ҳотами Тойҳо бисёр, – Адолат бо киноя ҷониби ҷавони шинос нигоҳи сард партофта, баробари манъ кардани мошин худро ба берун зад.

Мошин рафт. Адолат канори роҳ гузашт, то мошини дигареро истоёнаду роҳашро давом диҳад. Дилаша гургон тала мекард. «Бо касофати ин нобакор аз роҳ мондам. Бачаҳоям чӣ шуданд. Дугонаамро хуб безор кардагистанд. Илоҳӣ тинҷ бошанд-да» – худ ба худ андеша мекард Адолат ва ҷойи нишаст намеёфт.

Микроавтобус дур рафта бошад хам, вай ҳанӯз аз қафои он бо ҳарос менигарист. Боз мабодо он нобакор мошинро манъ кунаду фаромада ӯро думболагир шавад.

Вақте ки мошин дар гардишгоҳи хиёбони Айнӣ аз назар ғоиб гашт, Адолат оҳи сабук кашида боз чашм ба роҳ дӯхт. Интизорӣ тӯл накашид. Ба бахти ӯ як микроавтобус дар истгоҳи «Ватан» аз мусофирон холӣ шуду роҳашро ҷониби вокзал давом надода, аз омади кор хурсанд худ аз ҳамон ҷо ақиб гашт. Ва Адолат дар қатори чанд нафар интизорони дигар ба он савор шуд. Дар курсӣ ба хузур ҷой гирифт. Тори андешаҳои ноҷур боз ба асабҳояш нохун заданд. «Ин махлуқ кӣ бошад? Чаро вай ба ман ин қадар ширеш барин часпидааст? Мақсадаш чӣ? Ё... ягон чизро пай бурда бошад. Ману Акбар дар вокзал бо овози баланд ягон гапи ӯро ба вақд меовардагӣ нагуфтем. Вале ӯ аз куҷо донист, ки шавҳари ман боз ба Русия рафта истодааст? Худо накунад, ки вай дар куҷо зиндагӣ кардани маро донад. Набошад, каппаам дуд мекунад. Аз дасти инҳо ҳар кор меояд. Э, кош тезтар ин шаб саҳар мешуду пагоҳа худаш он амонатро ба қишлоқ бурда ба дасти дадом медодаму аз ташвиш халос мешудам. То омадани

https://bikhon.tj/

Акбарҷон гӯшҳояш ором мешуданд. Наход вай... аз паси ман шуда бошад? Чашмонаш бечо, бозӣ мекунанд. Худи ки сари чанд касро хӯрда, хонаи чанд бечараро оташ зада бошад. Ҳа, аз дасти ин хел одамони афташон хунук бисёр балоҳо сар мезананд. Худоё, худат дар паноҳат нигоҳ дор».

Бо ҳамин андешаҳои дарҳам-барҳам Адолат дар назди бинои ҳаштқабата аз мошин фуромад.

Баъди чанд лаҳза Фирӯзу Фирдавсро аз хонаи дугонааш, ки дар ошёнаи якум мезист, гирифта, ба тарафи чапи роҳи калон гузашт. Дастони фарзандонаш ба даст оҳиста-оҳиста тарафи бинои чорошёна роҳ гирифт. Манзили онҳо дар қабати дуюми ҳамин бино буд. Роҳ мерафту ҳанӯз аз қайди андешаҳои ғализ берун намешуд. «Хайрият, аз он балои ногаҳонӣ халос шудам. Лаънатӣ! Ин хел шилқинашро дар умрам бори аввал мебинам. Гуфти бузургон, аз дар ронӣ, аз тиреза медарояд. Сар медиҳаду намедиҳад сар гуфтагӣ гап ҳам дар ҳаққи ҳамин зумра одамон будагист».

Очаю бачаҳо ба бинои чорошёна наздик шуданд. Ана, онҳо дар назди дари даромадгоҳ. Адолат ба пасу пеш нигоҳ карда, акнун нияти ба ошёнаи дуюм баромадан дошт, ки дар рӯ ба рӯяш мирзодикак барин он ҷавон пайдо шуд. Адолат дар ҷояш ҳайкал гашт. Табассуми безеб гирди лабони ҷавон гиреҳ баст.

– Салом, ҳамсоя. Мебахшед, шуморо тарсондам.

Адолат хомӯш буд. Фирӯзу Фирдавс ҳайрону музтариб, гоҳ ба рӯи ҷавон, гоҳ ба рӯи модар менигаристанд, вале ба чизе сарфаҳм намерафтанд.

Ҷавон: – Ана, дидед. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад, – гуфта будам. Гапи ман шуд?

Сари Адолат чарх зад. Қариб буд, ки мувозинаташро гум карда, нақши замин шавад. Бо як азоб худро ба даст гирифта, аз дасти бачаҳояш кашолакунон шитобон боло баромад. Саросема дарро кушода ба дарун даромад ва дарро қулф кардаю занҷирро гузаронда, худро болои диван ҳаво дод. «Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам, – аз дил гузаронд ӯ. – Акнун ҳамааш фаҳмо. Вай ҳамаашро медонад. Мақсади ин мардак маълум. Чӣ бояд кард? Сарамро ба куҷо занам? Дар ин бевақтии шаб дари киро кӯбам? Вай ба ман рӯз намедиҳад. Хоҳ-нохоҳ аз қафоям омада ба куҷое ки равам, меравад, ба кадом гӯре, ки дароям, медарояд. Не,

https://bikhon.tj/

набояд ба осонӣ мағлуб шуд. Ман бояд илоҷе карда ҳамин шаба худаш аз ин ҷо фирор кунам. Барои ман фарзандонам аз ҳама чиз авло. Агар нагурезем, вай яқин ҳам пуламонро мегирад, ҳам ҷонамонро».

Адолат аз ҷо бархоста, оҳиста ба хонаи хоб гузашт. Чароғро дарнагиронд. Як гӯшаи пардаро оҳиста боло бардошта ба берун нигарист. Чашмаш ба он ҷавон афтод. Вай бо як нафари ба худаш ҳамсинну сол суҳбат дошт. Ногаҳон ҷавон ба рафиқаш хонаи Адолатро нишон дода, ким-чиҳо гуфт.

Дар рӯи Адолат ранг намонд. «Ана, нагуфтам. Вай танҳо нест. Шарик доштааст. Нақша кашида истодаанд».

Фирӯзу Фирдавс аз олами ғаму андӯҳи модар бехабар дар хонаи худашон машғули бозӣ буданд. Адолати бечора бошад ба худ мепечиду дар оташ месӯхт. Орухона гашта буд сараш. «Худоё! Чӣ кор кунам? Аз кӣ маслиҳат пурсам? Дар ин бино одами наздик, дардошно надорам».

Ҳа, дуруст мегӯяд вай. Дар ин ҷо одами нав аст. Ду моҳ қабл ба ин хона кӯч баста буд. Ҳаққу ҳамсояҳоро ҳоло чандон хуб намедонист, ба онҳо унс нагирифта буд. Саҳар қатӣ ба кор мерафту бегоҳ ба хона меомад. Имконияти бо ҳамсояҳо дуруст шинос шудану суҳбат кардан надошт. Фақат гоҳ-гоҳе ба ҳамсоязани рӯ ба рӯ Ҳамида-хола вохӯрда сар-сарӣ ҳолу аҳволпурсӣ мекарду зуд хона даромада аз паи ташвиши рӯзгор мегашт. Аз чӣ бошад, ки ӯ ба кампир чандон часпоиш надошт. Ҳамида-хола дигар занҳо барин шилқину хира набуд. Бо даъвати Адолат як бор – ду бор ба хонаи ӯ даромада амонат нишаста як пиёла чой нӯшида-нанӯшида баромада мерафт. Ба дигар ҳамсояҳо бошад, ҳамту даҳанакӣ салом медоду аз паи кораш мешуд...

Ногоҳ ба хотири Адолат чизе расида чеҳраи гирифтааш қадре кушода шуд. Зуд ба назди телефон омаду гӯшакро бардошта чанд рақам чинд. Ва интизор шуд. Баъди фосилае аз он тараф садои марде ба гӯш расид.

– Алло!

Адолат: – Алло!

– Лаббай!

– Салом поччо. Мебахшед, Ситора дар хона?

– Ҳа, ҳамин ҷо. Марҳамат...

https://bikhon.tj/

– Алло. Ситораҷон, салом. Хуб ҳастӣ? Бардам ҳастӣ? Ман Адолат...

– Ҳа, Адолатҷон. Салом. Худат чӣ хел?

– Ман... ман, – Адолатро гиря гулӯгир кард.

– Адолат, ба ту чӣ шуд? Чаро гиря мекунӣ, дугона?

– Ман... ба ту кори зарур дорам.

– Тинҷӣ ҳаст? – хавотир шуд Ситора.

– Тинҷӣ мешуд, туро нофор намекардам, бубахш...

– Хайр, канӣ тезтар гап зан. Худаш чӣ гап? Алахонам кардӣ.

– Ба ману бачаҳои ман то пагоҳ дар хонаи ту ҷой ёфт мешавад?

– Чаро не? Ба сад дида. Марҳамат, нури дида тоҷи сар. Метавонӣ худи ҳозир бачаҳота гирифта биёӣ.

– Ман ҳозир аз хона баромада наметавонам.

– Чаро?

– Вай... вай метавонад аз думболи мо шавад.

– Ваяш кӣ? Шавҳарат?

– Не, он кас рафтанд. Ҳамин рӯз гусел карда омадам.

– Набошад, вай кӣ будааст, ки шуморо думболагирӣ мекунад?

– Гуфта наметавонам. Гапи телефонӣ не.

– Хӯш…ш…ш. Набошад, ту чӣ кор карданӣ? Кай туро интизор шавем?

– Шаб саҳл торик шавад.

– Дар торикӣ ба берун баромадан... Наметарсӣ?

– Метарсаму... Лекин чӣ илоҷ. Вай... вай...

– Фаҳмо. Ин тавр бошад, гапа гӯш кун. Баъди як соат тайёр шав. Ману поччотон мошин қатӣ меоем. Ҳамии ки дар таги хонаат се бор сигнали мошинро шунидӣ, бачаҳота гирифта оҳиста, ошарф накарда, берун баро.

– Не, не, хоҳиш мскунам, сигнал надиҳед! Ман худам аз тиреза ба берун нигоҳ карда меистам. Бо нури чароғ ишора кунед, кифоя...

– Майлаш, Адолат. Хоҳиш мекунам, худата ба даст бигир. Натарс. Дарро ба рӯи ягон кас накушо.

Адолат қадре осуда шуда, гӯшакро ба ҷояш гузошт ва оҳи сабуке кашида боз ба тиреза наздик шуду ба берун нигарист. Он ҷавон ҳоло ҳам дар ҷои пештарааш рост меистод. Ин дафъа му-

https://bikhon.tj/

соҳибаш каси дигар буд. «Ҳа, маълум мешавад, ки онҳо се нафар будаанд. Бо ваяш гапро пазонд. Акнун – бо инаш...»

Адолат ба соат нигарист: ҳафту бист. Ҳоло боз як соату панҷоҳ дақиқаи дигар. Ҳо, вақт чӣ хел суст мегузарад. Гӯё ки пешашро чим зада бошанд». Тезтар ҳаракат кун, вақт, ман шитоб дорам. Ман мурдан намехоҳам. Намехоҳам, ки ҷигарпораҳоям қурбон шаванд! Аз ин нобакорон ҳама разолатро чашмдор шудан мумкин. Барои пулу мол шуда ба ягон ҷонзоти олам раҳм намекунанд. Дер аз раҳму шафқат ба дунё омадаанд онҳо. Худоё, маро, фарзандонамро дар паноҳат нигоҳ дор. Дар зиндагӣ ба ягон кас бадие накардаам, ки сазовори ҷазоят шуда бошам?»

Адолат чой монду хӯроки нисфирӯзӣ тайёркардаашро гарм карда, шиками бачаҳояшро сер кард. Лекин аз гулӯи худаш чизе намегузашт, ҳатто чой нанӯшид. Вақте бачаҳо шуниданд, ки ба хонаи Ситора-холаашон меҳмонӣ мераванд, кабӯтарвор бол бароварда, зуд ба либоспӯшӣ сар карданд.

Адолат чароғи залро хомӯш карда, ба хонаи хоб гузашт ва аз қабати кӯрпаҳо бастаеро бароварду кушоду дар равшании чароғи рӯи миз коғазҳои сабзро бори дигар шумурд. Расо дуним ҳазор. Онҳоро боз ба латта печонда андаруни либоси тагаш ҷой кард. Як чиз-ним чиз ба сумкааш ҷой намуд. Ин маънии онро дошт, ки вай фардо субҳ аз хонаи Ситора рост ба автовокзал ва аз он ҷо ба деҳа меравад...

Дар соати муайяншуда мошине омада дар рӯ ба рӯи гузаргоҳи Адолатино қарор гирифт. Адолат аз паси парда ба берун нигоҳ кард: чароғи мошин се маротиба даргирифту хомӯш шуд. Ваю бачаҳояш, ки кайҳо омодаи сафар буданд, дарро оҳиста боз карда, боз ҳамон хел онро қулф карда, секин поин фуромаданд. Вай гумон дошт, ки касе аз «фирор» кардани ӯ хабар надорад. Не, ин лахза кампири ҳамсоя, ки зани зираку ҳушёр буд, ҳамаашро пай бурд. Вай шараққоси дар ва дар он тоб хӯрдани калидро ба хубӣ ҳис намуд ва зуд назди тиреза омад...

Баробари ба берун баромадани очаву бачаҳо дари ақиби мошин кушода шуд.

– Марҳамат!

Вақте ки мошин аз назди бино дур гашт, аз паси чанори пушти хона суробе берун баромад. Дар дили торикӣ чунин суханҳо

https://bikhon.tj/

якҷоя ба ханда садо доданд: «Бечора ҳамсояро расо тарсондамда. Калӯшро монда патакро пӯшида гурехт».

Вақте ки соҳиби ин суханҳо аз паси чанор баромада рӯ ба гузаргоҳ овард ва ба ошёнаи дуюм роҳ гирифт, он лаҳзаҳо аз паси тирезаи хонаи тарафи чапи ошёнаи дуюм кампири ҳамсоя худ ба худ мегуфт: «Аҷоиб. Мардакаша он тараф гуселонду худаш дума ба ин тараф хода кард! Беҳаёро бинед, ки боз бачаҳояшро ҳам бо худ гирифт. Палочка – виручалочка гуфтагӣ барин. Ҳа, замона вайрон шудагӣ. Ҳамин ки чашми шавҳарро хато карданд, Худо метияд ба ин тирмизакчаҳо. Э, корам чӣ? Сарашу равғанаш. Дар ин замони нотинҷ хонаю дарро партофта барои шикасти нафси зормонда ба ким-кучо рафтан, ба хотири чанд лаҳзаи айш... ҳамин ҳам одамгарӣ шуд?! Ҳе, зан нашуда мур... Хаппаки таги таппак будааст, ин ҳамсоячаи мо...»

4.

Адолат ба пурсупос ва кунҷковиҳои Ситора кӯтоҳакак посух дод: Касе ӯро чанд муддат аст, ки ба таҳқиқ гирифтааст, чун соя аз пушташ мегардад. Ба хотири бехатарии худашу фарзандонаш қарор додаст, ки субҳи солеҳон ба деҳа, хонаи падару модараш равад ва то гум шудани паю қадами ин шумшакл он ҷо ду-се рӯз монад.

– Хонаро бесоҳиб партофта меравӣ, наметарсӣ? – пурсид Ситора.

– Хона садқаи сар. Дар он ҷо балое нест, ки баранд. Ман аз ҷони худаму бачаҳоям метарсам. Чизе ки дузд шаб дар хонаи мо мекобад, ман дар рӯз ёфтан наметавонам.

– Ба ҳар ҳол хонаи гург бе устухон намешавад, дугона.

– Гапат ҷон дорад. Лекин гумон мекунам, ки дуздони ин замона болишту ду-се кӯрпаи нимдошти маро назарашон намегирад.

– Ҳа, хестӣ, ки хобӣ, дугона! Дуздони ин замона, баръакс, аз ягон чиз рӯй намегардонанд. Хас ҳам бошад, мебаранду палос ҳам бошад мебаранд. Мана, дина ҳамсояи мо либос шуста ба либосовезаки паси хона овезон кардааст. Баъди ним соат аз он чизҳо ному нишоне намондааст. Як ҳамсояи дигарам нақл кард, ки дина милисаҳо дар бозори паси ҳавлии мо дуздбачаҳоро бо сару либос ва сачоқҳои навшуста, ҳини ба савдо задан даст ги-

https://bikhon.tj/

рифтаанд. Хуллас, ки имрӯз дузду дуздбачаҳо аз ягон чиз рӯй намегардонанд. Ба чашмашон чизе ки бархӯрд, мебардоранду мебаранд. Инсофу диёнат намонд, дугона.

– Рост мегӯӣ, – оҳи сард аз дили пурдард берун кард Адолат ва афзуд: – Аз тақдир ҷои гурез нест. Чизе ки дар пешонӣ бошад, ҳамонро мебинем. Ин лаҳза, ман дар бораи чизу чораи хона не, дар бораи ҷони худаму бачаҳоям фикр мекунам. Ҷони одамиро бо ягон зару зевар харида намешавад.

... Адолат дар бораи чизи дигар – пулҳои бо меҳнату машаққати зиёд, бо хориву зорӣ кор кардаи шавҳараш чизе нагуфт. «Дар хусуси дорӣ, бигузор кам бошад ҳам, ҳатто дар пеши наздиктарин одамат гап задан лозим не, – андеша мекард ӯ, – зеро агар дар пеши хешу табор аз пулу пулдор буданат ҳарфе занӣ, яктааш не, яктааш бо ҳасад ҷонибат менигарад ё дигараш зуд нӯлашро дароз карда қарз металабад. Ба ӯ, хеши наздикат чӣ хел «надорам» мегӯӣ? Охир, ӯ хуб медонад, ки дорӣ. Агар надиҳӣ, тамом, вассалом, як умр аз ту хафа, домангир. «Мумсик, дошту надод. Дар рӯзи сахтам дасти мадад дароз накард. Илоҳӣ ҳаргиз якат ду нашавад!» – гуфта дар дил дуои бад ҳам мекунад. Маҷбурӣ, ки диҳӣ. Медиҳӣ. Рӯи одам ширин. Сахт ваъдаю миод мекунад, ки ҳоҷаташро барор, Худо диҳад, баъди ду ё се моҳ қарзатро бо изофааш мегардонад. Вақти баргардонидани қарз фаро мерасад, як моҳ – ду моҳ мегузарад. Аз хешат дарак не. Баъди се моҳ мебинӣ рӯ ба рӯят пайдо шуд. Туро мебинаду пинакаш вайрон намешавад, худро ба нодонӣ мезанад, аз даҳонаш дар бораи баргардонидани қарз ҳарфе намебарояд. Ба назар чунин мерасад, ки вай нею ту аз вай қарздор бошӣ. Ту ибо карда ба қарз ишорае намекунӣ, вай бошад таҳи дил хушҳол шуда, дума хода мекунад. Ҳамин хел мешавад, ки хешат рафта-рафта умуман роҳи хонаатро аз ёд мебарорад. Солу моҳҳои дароз мегузарад, вале баргардонидани амонат ба ёдаш намерасад. Аз дода пушаймон мешавӣ. Рӯ ба рӯ оию ишорае кунӣ, қаҳраш меояд. «Хайр, мо дур нарафтаем-ку» ё худ «мо бегона не-ку. Имрӯз набошад, фардо қарзатро мегардонам» мегӯяд бешармона ва боз як соли дигар мунтазир мешавӣ. Вале аз қабр садо меояду аз хешат не. Мантиқи зиндагиро бинед, ки оҳиста-оҳиста ба девори хешу таборӣ ва дӯстии шумо рахна меафтад, полизи хешу акрабоиро сел зер мекунад ва буду набуди онро шуста мебарад. Кор

https://bikhon.tj/

ҳатто то дараҷае мерасад, ки хешу табори наздик як умр ногап, бегона шуда мераванд. Ана, барои ҳамин ман аз чунин бозиҳои бераҳмонаи зиндагӣ ба худ чунин хулоса баровардам: ба ягон кас, бахусус ба одаме, ки дар рӯзи сахташ ба имдоди ӯ меоеду вале вай ҷавобашро намегардонад, қарз дода баъди чанд вақт ганда шудана, беҳтараш, надода ганда шавам. Хафа шавад, як ҳафта, ду ҳафта, як моҳ хафа мешавад. Баъд фаромӯш мекунад. Ин як. Дуюм ин, ки агар дошта бошам ҳам, дар ҳеҷ ҷо лоф намезанам, ки ман пул дорам. Бечора аз бечорагиаш намонад. Ҳоло замони катагию манманӣ нест. Кони зар ёфтӣ, хомӯш бош. Хомӯшӣ худ ҳазор тиллост».

Ҳамин андешаҳоро дар чаҳорбоғи андешаҳо чарх занонда Адолат қарор дод, ки дар бораи пул ба дугонааш ҳарфе намезанад ва фикру зикри ӯро гирди ин масъала машғул намедорад. Девор муш дорад, муш гӯш. Инсон қабл аз як суханро ба забон овардан бояд саду як тарафи онро андеша кунад. Аз ин рӯ, ба саволи Ситора «Чанд рӯз дар ҳавлии падар меистӣ?» аниқ ҷавоб надод. «Вобаста ба вазъият» гуфту хомӯш монд.

5.

Он шабе, ки Адолату фарзандонаш канори шаҳри пурмағал дар хонаи Ситора шабро саҳар мекарданд, дар як ҷодаи шаҳр мошини сабукраве босуръат ҷонибе равон буд. Дар мошин ду нафар менишастанд. Як нафари онро хонандаи гиромӣ аллакай мешиносад. Вай дар вокзали шаҳр айнаки сиёҳ дар чашм Адолату шавҳарашро хуб «дидбонӣ» карда, ба ду тараф гусел карда буд.

Ду нафарон байни худ як масъалаи муҳимро тарҳрезӣ менамуданд. Онҳо раҳораҳ чанд паҳлӯи амалиёти дарпешистодаро муҳокима намуда, ниҳоят ба чунин қарор омаданд: агар имрӯз ё фардо гапу коре нашавад, пас аз ду рӯз айнакии қаддароз боз бошитоб ба шаҳр меравад. Ва бегоҳирӯзӣ аз гӯшае ба хонаи Адолат сим зада овозашро тағйир дода, бо изтироб хабар медиҳад, ки ман ҳоли ҳозир аз қишлоқи шумо омадам, падаратон дар назъи ҷон, шиштагӣ бошед, хезед, хестагӣ бошед ба роҳ дароед, ки дер мешавад, чаро ки дар даҳани падаратон фақат як калима: Адолат, канӣ Адолат?»

Қарор маъқул шуд. Мошин торафт суръат мегирифт...

https://bikhon.tj/

6.

Субҳи солеҳон кампири ҳамсоя Ҳамида баъди адои намози бомдод ба пешайвон баромада, атрофро наззора намуд. Субҳ медамид, атроф батадриҷ равшан мешуд. Ситораҳои афлок бо фаро расидани рӯзи нав ноаён нопадид мешуданд.

«Инсон ҳам мисли ситораҳо. Аз осмон, ки канда шуданд, дигар барнамегарданд. Инсон махлуқи сарсахт. Тамоми мусибату сахтиҳои зиндагиро таҳаммул мекунад. Дар сараш санги осиёбро гардон кунӣ, хонаашро чаппагардон, яксони замин, аҳли авлодашро нест кунанд ҳам, ҳамаашро аз Худо медонад. Дар ин чанд соли охир ба сари ин халқи бахтбаргашта чӣ мусибатҳое омад. Ба халқи меҳнаткаш, ҷафопешаи мо, одамдӯсту меҳмоннавози мо чашми бад, нигоҳи бад, касофат расид. Пастиҳоеро нисбати ҳамдигар раво дидем, ки ҳафт пуштамон накардаву надидаанд. Урус бо чечен ҷангид, озарӣ бо арманӣ ҷангид, Амрико бо Ирок ҷангид, исроилӣ бо фаластинӣ меҷангад. Мо бо кӣ ҷангидем? Бо худамон. Наузамбиллоҳ! Дар кадом таърих навишта шудааст, ки як халқ ду тақсим, баъзан чор тақсим шуда, ба ҳам биҷангад, хуни ноҳақ бирезад, дару девори ҳамдигарро оташ зананд. О, агар ҳамин тавр рафтан гирад, пеши роҳи ин бадбахтиҳоро нагирем, тухми тоҷик қир мешавад, баъди чанд сол кобанд ҳам, ба доруӣ намеёбанд. Баъди чанд сол ягон таърихнавис чунин хоҳад навишт: «Як замоне дар рӯи замин миллате зиндагӣ мекард бо номи тоҷик. Вале ин тоҷик тоҷикро бо дастони худаш буғӣ карда кушт, тухмашро қир кард. Худоё, мабод он рӯз! Аз даҳонам шамол барад. Лекин як гапи хуб аст. То бад нагӯӣ, нек пеш наояд. Ҳоло ҳам дер нашудааст. Шукр, сад бор шукр, ки имрӯз вазъият дигар, сулҳу салоҳ шуд, давлат қомат рост карда истодааст. Раҳмат ба роҳбарон, падари онҳое, ки ба ифоқа расиданд. Худо хайру баракаташон диҳад».

Кампир як оҳи сард кашида, боз ба дуриҳои дур нигоҳкунон саҳифаи хаёлоти хешро варақгардон кард. «Зиндагӣ имрӯз вазнин, сафи бекорон зиёд мешавад. Мардум, ки бекор монд, ба ҳама кори паст, зишт даст мезананд, ҷавонҳо аз бекорӣ даст ба дуздӣ мебаранд, ба нашъамандиву нашъаҷаллобӣ машғул мешаванд, занҳои ҷавону духтарони ноболиғ танфурӯшӣ мскунанд. Э, кош тезтар заводу фабрикаҳо ба кор медаромаду ҷавонмардо-

https://bikhon.tj/

ни мо зану бачаҳоро партофта ба ҷойҳои дур пулкоркунӣ намерафтанд. Дар ҳамин ҷо монда ҳам ватанашонро обод мекарданду ҳам зану фарзандонро аз ҳақирӣ, нонгадоӣ, танфурӯшӣ нигоҳ медоштанд. Шукр, ки бачаҳои нағз дорам. Дутояш соҳиби хонаву дар. Дар ватанашон кор ёфтанд. Кам-мӣ, мӯл-мӣ, нонашона ёфта, зиндагишона пеш бурда истодаанд. Бахтиёрҷон – писари сеюмам бар асари туҳмат се сол шишта баромад. Шукри Худо, ки сиҳату саломат баргашт. Тамоман дигар шудааст вай. Ба зиндагӣ дигар хел нигоҳ мекунад. Вай фақат аз як чиз – аз беҳуда рафтани се соли умр малӯл аст. Пастию нокасиро чашми дидан надорад. Лекин, намедонам, аз чӣ бошад, ки ҳаққу ҳамсояҳо ба ӯ бад-бад нигоҳ мекунанд, баъзеҳо ҳатто аз якҷо шиштан бо ӯ ор мекунанд, метарсанд аз ӯ. Одамӣ ҳамин будааст. Худо накунад, ки номатон ба гандагӣ барояд. Як умр гови ало барин. Мардум ҳазар мекунанд, ҳарчанд бисёриҳо хуб медонанд, ки Бахтиёри ман бо туҳмати ноҳақ се сол паси панҷара шишта баромад... Хайр, инаш ҳам мегузарад. «Бар сари фарзанди инсон ҳарчӣ ояд, бигзарад. Лекин... кор куҷо? Дар ин ҷо кор нест. Ба ягон ҷои дур меравам, оча, – мегӯяд ӯ бо оҳу ҳасрат. – Дар ватани мо инсон, хусусан инсони оддӣ, қадру қиммат надорад. Чун мефаҳманд, ки доғи судӣ дорад, тамом, дарав тарафи кӯчаро нишон медиҳанд, аз куҷое омадӣ, ҳамон ҷо рав, мегӯянд. Албатта дар ҷои бегона зуд луқмаи тайёрро ба даҳонат пеш намекунанд. Барои соҳиб шудан ба як луқма нони ҳалол оби шикамро ҷунбондан лозим». «Дуруст мегӯянд, бачекам. Вай аз аввал ҳам бачаи сарпасти меҳнатӣ, дидадаро буд. Чӣ кор кунам, ба ҷои дур нарав гӯям, дар ин ҷо кор ёфта наметавонад. Хайр, худаш медонад. Бачаи майда нест-ку...»

Ҳамида-хола андешаҳои дарҳам-барҳами худро ҷамъбаст карда, ба хонаи хоби Бахтиёр гузашт. Вай ҳанӯз масти хоб буд. Лаҳзае ба чеҳраи гирондаи фарзанд нигариста аз дил гузаронд: «Маҳбас ба чеҳраи бачекам таъсири худро гузоштааст. Ҳа, он ҷо хонаи очакалонат не, ки сарата сила кунанд ва чизе дилат хоҳад, ҳамонро диҳанд. Он ҷо чунин шиор аст: диҳед мехӯрам, надихед мемурам. Он ҷо ҳама баробар, шоҳ ҳам, вазир ҳам, яъне ҳама як мартаба доранд – ҷиноятқор. Намегӯянд, ки фалонча бечора бо туҳмати ноҳак хабс шудааст. Зӯр нозӯрро мехӯрад он ҷо. Хайр, ҳаволаи бадкирдорон ба Худо. Аз Худо зорӣ дорему зӯрӣ не.

https://bikhon.tj/

Касоне, ки дар ҳаққи бачеки ман бад карда, ба маҳбас кашиданд, илоҳӣ ба ғазаби Худо гирифтор шаванд».

Суханҳои охирро пиразан нафаҳмида бо овози баланд гуфт, ки Бахтиёр дар ҷояш ҷунбида яктарафа гашт ва чашм кушода болои сар модарро дид.

– Ҳа, мамаша. Бахайр аст?

– Бахайр, Бахаҷон!

Модару писар хандиданд.

– Киро дуои бад карда истодаед дар ин саҳари солеҳон?

– Ҳамонҳоеро, ки дар ҳаққи ту бадиро раво диданд. Илоҳо хонаашон бисӯзад.

– Э, ҳоло ҳам ҳамон қисса-ку, оча. Монед, дигар фикр накунед. Худатон доим мегӯед, ки бало ба пасашон.

Бахтиёр сари ҷогаҳ шуда пироҳан ба бар кард.

– Бедорат кардам, бачем, боз камтар хоб рав.

– Не, оча, хватит! Хоби саҳар ширин аст, лекин барвақт хестана манфиаташ аз он бисёртар.

– Ҷони гапа гуфтӣ, бачем.

– Оча, мегум ҳамсояамон баргашта бошад? – ногаҳон лаҷоми суҳбатро ба дигар тараф гардонда пурсид Бахтиёр.

– Чӣ? Кадом ҳамсояро мегӯӣ, бачем? – ба суол суол дод модар.

– О, кӣ мешуд? Ҳамсояи рӯ ба рӯятон.

– Ба ҳамсоязанак чӣ кор дорӣ? – музтариб пурсид модар.

– Ҳеҷ кор. Ҳамту дар омади гап пурсидам.

– Аз куҷо медонӣ, ки вай дар хонааш нест. Ё шаб...

Бахтиёр хандид.

– Оча, наход гумон кунед, ки... Ман барои он пурсида истодаам, ки худам ана бо ҳамин чашмони худам дидам, ки нимишаб вай ду писарашро гирифта берун баромад. Баъди чанде мошине омаду онҳоро гирифта ба тарафи номаълум бурд.

– Оҳо! Ту бисёр чизро медонистаӣ. Ба ман бигӯ, чаро аз қафои зани бегона поида мегардӣ? – хавотиромез пурсид модар ва афзуд: – Агар дида монад, медонӣ чӣ гумони мекунад?

– Медонам. Лекин хоҳиш мекунам, аз ман гумони бад набаред, дилатон дур наравад. Ин ҳамту тасодуфан шуд. Умуман, дина тасодуфҳо бисёр шуданд. Кору бори динангирро аз як сар нақл кунам, бахудо, аз ханда рӯдакан мешавед. Бо амри та-

https://bikhon.tj/

содуф, ман дина се маротиба бо ин ҳамсоязан рӯ ба рӯ шудам ва ӯро мурданивор тарсондам. Намедонам, дар бораи ман чӣ фикр мекарда бошад.

– Се маротиба? – ҳайрон шуд модар. – Канӣ, канӣ, тезтар нақл кун. Ман туро дуруст нафаҳмида истодаам. Боз ягон қилиқи хунук накарда бошӣ. Худо накунад, ки боз ба сарам милисаро биёрӣ. Одами моргазида аз ресмони ало метарсад.

– Сабр кунед, оча. – Бахтиёр шалворашро пӯшида пойҳояшро ба поёни кат дароз карда ба ҳикоят пардохт: – Ҷӯрае дорам...

– Чӣ? Чи хелӣ ҷӯра? Ҷӯраҳои паси панҷара? – бетоқатона пурсид модар.

– Не, оча. Шумо ин қадар алов нагиред. Хоҳед, нақл мекунам, нахоҳед, не.

– Э, тезтар нақл кун. Дилама гургон тала карда истодаанд.

– Гургҳои бечорая ба ҳоли худ монед, очаҷон. Давомаша гӯш кунед.

Ана, ҳамон чӯраам, ҷӯраи мактабиам ба Росия рафтанӣ шуд. Ду рӯз пеш ба хона телефон кард. Гуфт, ки ба вокзал биё, маро мегуселонӣ, каме бо ҳам чақ-чақ мекунем. Ман дар вақти ваъдагӣ ба он ҷо рафтаму мутаассифона, ҷӯраам наомад. Табъам хира шуд, дар буфет сад грамм арақ нӯшида, баъд дар толор гаштугузор мекардам, ки ногаҳон чашмам ба ана ҳамин ҳамсоязан афтод. Бо як мардак суҳбат дошт. Баъд фаҳмидам, ки шавҳараш будааст...

Бахтиёр баъди ин суханҳо ба модар ба тафсил ҳамаашро ҳикоят кард ва дар охир хандида афзуд:

– Ана, ҳамин хел, мамуля, ҳамсояатонро, ба фикрам, мурданивор тарсондам.

– Шуд! Бас! Дигар наханд. Ин рафторат кирои ханда намекунад, – ҷигот андохта хитоб кард модар. – Бо рафтори хунукат бечора занакро қариб талхакаф кардӣ. Сабаби дар нимишабӣ сарашро гирифта гурехтани ин бечора занакро акнун фаҳмидам. Ин кори шӯхӣ не, бачем. Агар ба ин зану бачаҳояш ягон ҳодиса шавад, дар ду дунё ману ту аз азоб халос намешавем. Мани каллаварам ҳам рафтани ӯро дидам, дар ҳаққи вай, муштипар гумони бад кардам. Хушк шавад ин каллаи бемағзи ман! Агар ҳамин гапҳоро пештар мегуфтӣ, ман, пеши роҳашро гирифта, ба рафтанаш монеъ мешудам. Ҳе, ту масхарабоз! Кори хуб накардӣ.

– Охир, оча, гуноҳи ман чӣ, ки ба вай маъқул нашудам?

https://bikhon.tj/

– Э, набошад, чӣ мехостӣ? Бо ин рафтору кирдор эшон боз мехоҳад, ки ба одамон маъқул шавад. Ҳоло раҳмат гӯй, ки милисаро даъват накардааст. Медонӣ, таъқиб кардани одами бегона ҳам ҷиноят аст.

– О, ман ӯро таъқиб накардам-ку, мамаша. Инро чӣ хел исбот мекунед?

– Исбот кардан осон. Чӣ хел исбот намекардааст, ки ту се бор шайтон барин аз пеши роҳаш баромадаӣ, мулоимхунукӣ карда ба иззати нафсаш расидаӣ. Эҳтиёт шав, Бахтиёр. Дунё нотинҷ аст. Як бор ба туҳмат печидӣ, ҳабсат карданд, ин бояд ба ту сабақ шавад. Ё дар он ҷо боз ягон ҳунари нав ёд гирифтӣ?

– Ҳа, оча. Он ҷо бисёр чизҳоро ёд мегирӣ. Аз он ҷо ё одам шуда мебароӣ ё...

– Ахмақи раппа-расо!

– Аҳмақ – эта не то слова, мамаша!

– Фаҳмо. Одам ки нашудӣ, хари тайёр шуда мебароӣ. Бовар дорам, ки ту одам шуда баромадаӣ.

– Маро таҳқир накунед, оча. Чӣ, ба фикратон ман пештар одам набудам?

– Будӣ, бачам, одами хуб будӣ, лекин...

– Дар ин замона одами хуб будан кам будааст, оча. Ман инро дар он ҷо фаҳмидам.

– Лекин, бачам, боз таъкид мекунам, кората дониста кун, қадамата дониста мон. Фаромуш накун, ки номат як бор ба гандагӣ баромадааст.

– Аз ман дилпур бошед, оча. Ман худам медонам, чӣ кор кунам.

– Медонам, ки он лаънатиҳоро чашми дидан надорӣ. Лекин, мон раванд, сарашону равғанашон. Ба онҳо сарбасар нашав. Худо якрӯз не як рӯз ҷазояшонро медиҳад. Ба қарибӣ шунидам, ки якташ ҷавонмарг шудааст.

– Ман ҳам шунидам, очаҷон. Лекин ин кам аст. Ман ба он гурӯҳ сахт кина дорам, оча.

– Кина нагир, бачам. Гандаро Худо занад.

– Ман ҳам ҳаминро орзу мекунам. Лекин ин орзу кай амалӣ мешуда бошад?

– Мешавад, бачам, мешавад. Хайр, биё мон, ба гузашта салавот. Лекин рафторе, ки дина кардӣ, ба ман маъқул нашуд. Ба

https://bikhon.tj/

одамоне, ки худ намешиносӣ, корат чӣ? Дидӣ, ки нашуд, монаш биравад, гуфтаанд. Дидӣ, ки ба ту хуши гапзанӣ надоранд, чаро ширеш барин часпида гирифтаӣ? Э, бачаи хом. Хайр, шуд, акнун хезу дасту рӯй шӯй. Бо ҳам чой менӯшем.

Модар тарафи ошхона гузашта ин суханҳоро такрор мекард: – Э, бачаи нодон, ташвиши мана зиёд кардӣ. Акнун ғами ин ҳамсоя ҳам ба дӯши ман бор шуд. Бечора, ба куҷо рафта бошад? Худоё, худовандо, ӯву бачаҳояшро дар паноҳат нигаҳ дор!..

7.

Ҳавлии васеву сердолу дарахти волидайни Адолат дар канори деҳа воқеъ гардида. Падару писари калонӣ нону ширчой хӯрда, ба дастархон омин гуфта бархостанӣ буданд, ки дарвоза бе тақ-тақ кушода ва дар остона Адолату фарзандонаш пайдо шуданд. Мардҳо чашмашон ба онҳо афтода, лаҳзае дасту по хӯрда гаранг монданд.

Ҳа, духтарам, дар ин саҳари мардон аз куҷо? – пурсид бо ҳавоси парешон падар.

– Тинҷӣ аст, Адолат? – пештар омадаю ҷиянҳояшро ба оғӯш гирифта пурсид бародар.

– Чӣ гӯям? Ҳам тинҷу ҳам нотинҷ!

– Нафаҳмидам, духтарам. Чӣ хел – ҳам тинчу ҳам нотинҷ? Тезтар гӯй, ки дилам мекафад!

– Ҳозир, ота, ҳамаашро мегӯям.

Танҳо ҳамин дам ба хотири падару бародар расид, ки аз саросемагӣ Адолатро ҳатто ба нишастан таклиф накардаанд. Фирӯзу Фирдавс кайҳо бобою тағоро фаромӯш карда, ҷониби бузу бузғолаҳо давида рафтанд...

– Хайрият, хайрият, – ҳамоно такрор мекард падар ва ба Адолат рӯй оварда гуфт: – Хайр, канӣ, боло гузар. Маълум, ки он қадар нотинҷ набудааст. Акнун метавонӣ ҳамаашро батафсил ҳикоят кунӣ.

Адолат болои кат гузашт. Аввал бо нигоҳ бачаҳояшро ҷуст. Ҳа, ана онҳо, аллакай дар назди Алопар. Саги калон онхоро хуб мешинохт. Барои ҳамин баробари дидани Адолату фарзандонаш ҷониби онҳо давида, худашро пеши бачаҳо андохт ва «дасташро» бардошта додаронро ба «оғӯш» гирифта, сару рӯяшонро бӯсаборон карду завқи фаровонашонро оварда. Адолат ба думли-

https://bikhon.tj/

конию меҳрубонии саг назар дӯхта лаҳзае ташвишу изтироби ниҳонии хешро фаромӯш кард.

– Очаам канӣ, наменамояд? – ниҳоят пурсид ӯ ба падар рӯй оварда.

– Ба ширнавбаташ рафтагист, – коҳилона посух дод падар ва боз ба даҳони Адолат нигарист, то зудтар фаҳмад, ки дар ин саҳари рӯз чӣ зарурате ӯро ба ҳавлии падару модар овардааст.

– Хайр, канӣ, акнун нақл кун. Мо гӯшу ҳуш, духтарам. Чӣ гап шуд? Шавҳарат тинҷ? Гуселаш кардӣ?

– Э, кошкӣ намерафт, ота. Аз як ташвиши калон халос мешудам.

– Чаро ин тавр мегӯӣ? – пурсид бародар. – Вай, охир, барои сайругашт нарафтааст-ку.

– Агар намерафт, ман шояд ин қадар сарсону зиқу зардоб намешудам.

– Нафаҳмидам. Канӣ, ҳамаашро аз сар нақл кун, духтарам.

– Ҳозир, – Адолат пиёлаи чойро нӯшида, ҳодисаро муфассал ҳикоят кард ва афзуд: – Намедонам дар як шаб чанд тори мӯи сарам сафед шуд.

– Аҷоиб, худи детектив барин, – хулоса бароварда бародар. – Агар ин ҳикоятро дар ягон ҷои дигар мехондам, ба ростӣ бовар намекардам. Лекин ба гапи ту бовар накарда намешавад. Хуб кардӣ, ки ҷоната кач кардӣ.

Падар лаҳзае ба хаёл рафту даст ба пешонӣ бурда, гуфт:

– Ҳа, ҳоло ҳам хайрият шудааст. Акот дуруст мегӯяд, хуб кардӣ, ки шаб дар хонаат намондӣ. Кӣ медонад, чӣ ходиса рӯй медод. Дарвоқеъ, пулҳоро чӣ кор кардӣ? Дар ягон ҷои нағз пинҳон кардӣ?

– Не, ота, гирифта овардам.

– Чӣ?! – якбора нидо кард бародар. – Бо худ овардӣ?

– Ҳа, чӣ буд? Намеовардам?

– Не, не, хуб кардӣ, духтарам. Боақлӣ кардӣ, ки бо худ овардӣ.

– Вай дугонаат... Ситора пул доштанатро нафаҳмид? – пурсид бародар.

– Не, ман дар ин бора ба ӯ чизе нагуфтам. Вай ҳам напурсид.

https://bikhon.tj/

– Дуруст кардӣ, духтарам. Замоне шудааст, ки дӯста аз душман фарқ карда намешавад.

Лаҳзае боз хомӯшӣ ба вуқӯъ омад. Ниҳоят падар яхи хомӯширо шикаст:

– Хуб, акнун ту бо ин пулҳо чӣ кор карданӣ ҳастӣ? Ба чӣ қарор омадӣ?

– Қарорам якта ота, амонатро ба шумо монда меравам. Дигар илоҷ надорам. То омадани Акбарҷон ба ягон ҷо руст карда монед. Ҳамин ки омад, хатнасури бачаҳоро мегузаронем.

– Ман зид не, духтарам. Гапат дуруст. Лекин дар ҳамин давру замон пулу моли зиёдатӣ душмани ҷони одам аст. Боз амонати касеро гавҳараки чашм барин нигоҳ доштан – ин аз ҳама мушкилтар. Мо ҳам метарсем, духтарам.

– Аз чӣ метарсед, ота? Қишлоқ, ба ҳар ҳол, ҷои тинҷ. Дар гумон аст, ки аз он шаҳри калон бӯй гирифта ба ин ҷо оянд. Баъд ин ки суроғаи шуморо аз куҷо меёбанд?

– Ҷӯянда ёбанда аст, хоҳаракам, – ба гап ҳамроҳ шуд бародар. – Дузду ғоратгару рэкэт дар ҳама ҷо ҳаст, сагҳои бӯйгир барин ҳама чизро ба зудӣ пай мебаранд. Ба қишлоқ кӣ омад, кай омад, барои чӣ омад, зуд фаҳмида метавонанд.

– Мефаҳмам, ака. Одамони аз ҳама наздикам шумо. Маслиҳат диҳед, дигар аз кӣ маслиҳат пурсам?

– Чӣ илоҷ? – оҳи сард кашид падар. – Маҷбурем гуфтагиатро кунем. Майлаш, духтарам. Ҳоли ҳозир очаат, ки омад, шумурда ба дасташ деҳ. Вай дар куҷо панаҳ карданашро нағз медонад. Сандуқчааш боз сандуқчаҳои дигар дорад, – падар нимтабассум кард ва бародар ӯро пайравӣ.

– Имрӯз меистӣ? – боз пурсид падар.

– Не, ота. Ба ҷои корам хабар накарда омадам, суроғ карданашон мумкин. Ака, очама ҷеғ занед. Дар ҳузури ҳамаатон пула тияму зуд баромада равам.

– Ихтиёрат, духтарам. Хайр, биё, очата нигоҳ карда намешинем. Феъли вая худат хуб медонӣ, то ба ширнавбаташ ҳафту ҳашт мекунад, ки рӯз бегоҳ мешавад. Модоме, ки шитоб дорӣ....

Адолат қоматашро яктараф гардонда даст ба миёни синаҳояш бурд ва аз қабати синабандак бастаеро бароварда ба баъд боз рӯй ба тарафи падару бародараш гардонда, онро кушод ва долларҳои садиро пеши пои падар монд. Бародар ҳамоно «Мардум як гап

https://bikhon.tj/

дорад, ки аз кӯча ҳам ёфтӣ, ҳисоб кун». Аз ин рӯ, бори дигар ҳисоб мекунем» гӯён коғазҳои нави сабзгунро ба шумурдан даромад.

– Сад, дусад, сесад, чорсад... Ҷамъулҷам ду ҳазор!

Вай долларҳоро аз нав баста печонда пеши падар ҳаво дод.

Ин дам боиздироб модар вориди ҳавлӣ шуд. Ӯву духтараш вохӯрии бағалкушо карданд ва пас модар саросема пурсид:

– Ҳа, Адолат, тинҷӣ аст, духтарам?

– Тинҷӣ, оча.

– Ма, очеш, акнун худат медонию ин сабзаклабиҷӯйҳо, – гӯён падар бастаро пеши ӯ партофт.

– Ин чӣ аст, мардак? – бо тааҷҷуб пурсид модар.

– Баъд мефаҳмӣ, занак.

– Чӣ, дар ин каллаи саҳар хазина ёфтӣ, мардак?

– Ин хазинаи ман не, хазинаи духтарат. Овардааст, ки ману ту бонӣ кунем.

Модару духтар бастаро гирифта, ба хонаи дарун даромаданд ва баъди чанде Адолат аз хона берун шуд, ба падар рӯй оварда:

– Ман меравам, ота, як дуоям деҳ.

Падар даст ба дуо бардошт:

– Илоҳо соқ омадӣ, сиҳат бирав. Аз бало ҳазар, аз вай ҳамсояи шилқинат эҳтиёт шав. Одами соқ набудагӣ барин, аз афташ. Ҳамин ки дастамон холӣ шуд, акот катӣ рафта хабар мегирем.

– Худата эҳтиёт кун, духтарам, – овоз баланд кард модар.

...Баъди ним соат Адолату фарзандонаш савори автобус ба шаҳр баргаштанд.

8.

Ҳамида-хола соат панҷ нашуда аз поғундаҳо оҳиста-оҳиста ба поён нишеб шуд ва ба берун, саҳни ҳавлӣ баромад. Вай махсус баромад, роҳпоӣ баромад. Ӯ ҳоло ҳам зери таъсири ҳикояти Бахтиёр қарор дошт. Дар хараки пешорӯи даромадгоҳ нишаста, роҳи омади касеро нигарон ва дар баҳри хаёлоти дарҳам-барҳам шиновар буд. «Ин сакалтуи ман аҷаб рафтори бемаъние кард. Ҷавонзани бечараро талхакаф карданаш мумкин буд? Худоё, тинҷ бошад-да! Акнун то ӯро бо чашми худ набинам, дилам қарор намегирад. Ба духтари мардум ягон кору гап шавад, ман

https://bikhon.tj/

худамро дар ду дунё бахшида наметавонам. Агар ӯ сиҳату саломат пайдо шавад, ҳамаи гапро мегӯям, ба ҷои Бахтиёр узр мепурсам. Яке раваду узри бадтар аз гуноҳ шавад. Ҳа, инҳо ягон гап доранд. Набошад, барои чӣ модараш аз ман узр пурсид гуфта... Не, беҳтараш хап мешинам. Даҳони пӯшида ҳазор танга. Баръакс, тадбире ҷустан лозим, ки дигар вай дар дилаш тарсу ваҳмро ҷой надиҳад, оромона зиндагӣ кардан гирад, аз чизеву касе наҳаросад. Дилбардориаш мекунам, зиқ шудӣ, бо бачаҳоят ба хонаи мо гузар, худата танҳо ҳис накун, мегӯям.

Кампир дар қайди ҳамин андешаҳо буд, ки аз дур Адолат ва Фирӯзу Фирдавс пайдо шуданд. «Худоё! Хайрият, ки сиҳату саломатанд онҳо!» – якбора нидо бароварда пиразан ва гӯё каси наздикаш омада бошад, ба истиқболашон аз ҷой бархост.

Адолат наздик омада боадабона ба пиразан салом дод ва бидуни ихтиёр ба ин тараф он тараф дида дӯхт.

Пиразан «ваалайкум, ассалом» – гуфта, дилсӯзона пурсид:

– Хайрияте! Шумоҳо сиҳат-саломат-мӣ, духтарам?

– Шукр, бад не, – кӯтоҳ посух дод Адолат.

– Аз дина бегоҳ шуморо надидаму дилама гургон тала кард, духтарам.

Адолат ба чеҳраи пурожанг ва қомати хамидаи пиразан нигариста, аз дил гузаронд: «Аҷиб-ку: боз як ғамхори дигар пайдо шуд. Гӯё очам ё хушдоманам бошад».

– Тинҷӣ буд, духтарам? – боз таҳпурсӣ кард пиразан.

– Тинҷӣ, тинҷӣ, хавотир нашавед, хола, – бо зарда ҷавоб дод Адолат.

Пиразан зани содда набуд, зираку дунёдида ва одамшинос буд. Зуд эҳсос кард, ки кунҷковиаш ба Адолат намефорад ва майли зуд аз назди ӯ дур шудан дорад. Аз ин рӯ гуфт:

– Бубахш, духтарам, агар ба асабат нохун зада бошам. Шояд дар дил гӯӣ, ба моле, ки кор надорӣ, мон гургаш хӯрад.

– Зиндагӣ, хола. Гоҳ чунину гоҳ чунон...

– Дуруст мегӯй, духтарам. «Зиндагӣ оинаро муҳтоҷи хокистар кунад» – гуфтаанд. Зиндагӣ касро ба чӣ кӯй, дару деворе намезанад.

Адолат аз ин фалсафаи пиразан маънии дигар бардошта, қаҳромез пурсид:

– Чӣ гуфтанӣ ҳастед шумо бо ин гапатон?

https://bikhon.tj/

– Ҳеҷ чиз, духтарам. Гапа росташа гуфта истодаам. Бори зиндагӣ вазнин шудааст, мегӯям. Барои ёфтани қути лоямут одамон ба чӣ корҳое, ки даст мезананд: дуздӣ, ғоратгарӣ, ҳаннотӣ, фиребгарӣ, савдогарӣ...

– Танфурӯшӣ! – бо зарда илова кард Адолат.

– Бале, духтарам, бисёр занҳо аз тангии рӯзгор ба танфурӯшӣ машғуланд.

– Хусусан, агар шавҳарашон саҳл дур бошанд? – боз тундзабонӣ кард Адолат.

– Бале, бале, ҳастанд ин хел занҳо, – гапи ӯро тақвият дод пиразан бехабар аз киноя Адолат ва афзуд. – Ҳамин ки шавҳар аз хона берун шуд, вай ҳам берун мешаваду худро ба оғӯши марди дигар ҳаво медиҳад.

– Ва ба гумони шумо яке аз он занҳо манам?

– Чӣ? – якбора ба худ омад пиразан ва аз гуфта пушаймон шуд. – Чӣ гуфтӣ, духтарам? Наход ту ҳамин хел фикр кунӣ?

– Ман ин хел фикр намекунам, хола. Лекин аз пурсукови шумо ва ҳар суханамро тасдиқ намуданатон барои худ ҳамин маъниро бардошта истодаам. Дар ҳаққи ман чӣ хел фикр мекунед, кори шумо. Гӯри ҳар кас ҷудост. Фардо ба ҷои ман шумо ҷавоб намедиҳед. Ҳар кас кунад, бо худ кунад, хоҳ нек кунад, хоҳ бад кунад. Лекин ба шумо як маслиҳат, хола. Умратон ба ҷое расидааст, пойпояка камтар кунеду аз паи тоату ибодат шаведа. Аз ин кор ба шумо фоидае нест. Дар буттае, ки алав афтидааст, худаш медонаду Худо.

– Оҳ, духтарам, ба ман беҳуда хашм мегирӣ. Агар медонистам, ки як пурсиши модаронаи ман боиси ранҷишу малоли хотират мешавад, мурам ки ба забон намеовардам. Ман ин савола бо нияти соф додам. Лекин агар аниқаша донистан хоҳӣ, ман аввал дар бораи ту кам-кам нияти ботил доштам. Чаро ки ана ба ҳамин чашмони худ дидам, ки ту як ҷавонзани нозанин нимишаб бо ду гулписарат аз хона баромада ба мошини бегона савор шуда ба ким-куҷо рафтӣ. Ман сабаби инро надониста, дар аввал, ростӣ, ба гумони бад рафтам. Лекин баъд... баъд ҳамаашро фаҳмидам...

– Чиро фаҳмидед? – чашмони Адолат барқ заданд.

– Фаҳмидам, ки шумо бар асари тарсу ваҳм ними шаб баромада рафтед.

https://bikhon.tj/

– Шумо инро аз куҷо медонед?

– Инро намегӯям, духтарам. Бе ин ҳам аллакай дар пешат шумрӯ шудам. Лекин, духтарам, ба сари сафедам қасам, ки дар ҳаққат ягон гумони бад надорам.

– О, дар аввал гумони бад кардед-ку...

– Бале, гумон бурдам. Беҳуда намегӯянд, ки гумон аз имон ҷудо мекунад. Хайрият, ақли солим ғолиб омад, гумон зуд бартараф шуд. Ва барои он гумони яклаҳзаина худро сад бор мазаммат мекунам. Аз ту сад бор узр, духтарам. Лекин бовар кун, мани кампир тамоми шаб нахобида, фикри туву бачаҳоятро кардам. Худат медонӣ, шаҳр нотинҷ, дузду бангӣ лав задагӣ. Инсонро ба инсон раҳме намондааст. Хайрият, ки шумоҳона бо чор ишкели бутун мебинам. Лекин, духтарам, агар насиҳати мани пиракия гирӣ, минбаъд ин хел накун. Ба дилат ягон ваҳме афтад, шарм накарда, ба хонаи мо даро. Одамгурез нашав. Дилата холӣ кун. Шукр, дар ин хона ман кам не, ғам не, бист сари сол зиндагӣ кардам. Одамони хубаш бисёр. Дар лаҳзаҳои сахту дармондагӣ ба кадомаш ки муроҷиат кунам, зуд ба ёрӣ меоянд...

Адолат пиразанро хомӯш ва бо тамкин гӯш мекард. Акнун ҷои шубҳа набуд, ки вай самимона ҳарф мезанад.

– Маро ҳам бубахшед, хола. Худамро идора карда натавонистам, дар гирифтам. Ду рӯз мешавад, ки ташвише дорам, асабҳоям хароб шудагӣ.

– Мефаҳмам, духтарам, имрӯз ку одаме, ки ташвиш надошта бошад? Асабҳо хароб, қалбҳо реш-реш, фишорҳо баланд. Асабҳоро эҳтиёт кун. Ғамро ба дил роҳ надеҳ. Фақат дар бораи чизҳои нағз фикр кун. Хайр, духтарам, бубахш, ки хеле маҳталат кардам. Зарур шавам, шарм накарда даро. Хонаи мо – хонаи ту. Заҳри одама одам мегирад, духтарам.

– Раҳмат, хола. Шумо ҳам ба дил нагиред. Албатта, медароям.

Адолат ҷониби роҳрав равон шуда ногаҳон дар ҷояш истод ва рӯ ба ақиб гардонда аз пиразан пурсид:

– Мебахшед, хола, аз шумо як чиза пурсам.

– Марҳамат, духтарам.

– Дар набудани ман ҳавлиамон тинҷ буд?

– Тинҷ, тинҷ, ягон гап нашудааст.

– Дар ин муддат мабодо ягон одами бегонаро надидед?

https://bikhon.tj/

– Не, не, кампири пойпояк бошам ҳам, чашмам ба ягон каси шубҳанок наафтодааст, – кампир инро гуфта фарох табассум кард.

Адолат хиҷолат кашид:

– Ба дил нагиред, хола, дар омади гап гуфтам.

– Ба дил намегирам, духтарам, дар ин замони нотинҷ баъзан пойпояк ҳам будан лозим.

Ҳарду базавқ хандиданд.

Дар ин як шабонарӯзи пуртаҳлукаву изтиробомез Адолат бори аввал аз сидқи дил хандид...

9.

Фирӯзу Фирдавс аз модар хоҳиш карданд, ки дар кӯча камтар бозӣ кунанд.

– Майлаш, лекин торик нашуда ба хона дароед.

– Майлаш, очаҷон! – баробар ҷавоб доданд онҳо.

Адолат ба ошёнаи дуюм баромада дарро кушод. Вориди хона шуда ин сӯ – он сӯро аз назар гузаронд. Ҳама чиз дар ҷояш. Хотирҷамъ ба хонаи хоб гузашт. Нав либоси рӯро кашиданӣ буд, ки аз занги телефон як қад парид. Ба пешобағалаш туф карда, худро ба даст гирифт ва оҳиста гӯшаки телефонро бардошт.

– Алло.

– Салом.

– Салом, – ҷавоб дод Адолат ва зуд пурсид: – Шумо кӣ?

– С приездом! Нағз рафта омадед? – шунида шуд аз он тараф.

Адолат соҳиби овозро шинохту ба дилаш алов афтид.

– Ҳа, ин боз шумоед?

– Худи худам! Офарин! Овози маро чӣ хел шинохтед?

– Одами шилқинро овозаш ҳам шилқин.

– О, браво! Яку нол.

– Хайр, гӯш мекунам, аз ман чӣ мехоҳӣ? – пурсид Адолат дар вуҷуди худ ҷасоратеро эҳсос карда.

– Аз шумо? Ҳеҷ чиз! Саломатиатонро пурсидам.

– Кӯтоҳтар!

– Кӯтоҳаш ҳамин ки донистан хостам, шумо нағз рафта омадед?

– Хӯш, донистӣ, ки нағз рафта омадам. Шояд боз донистан хоҳӣ, ки ба куҷо рафтам?

https://bikhon.tj/

– Инаш аҳамият надорад. Муҳимаш, ки сиҳату саломат ҳастед. Хуш монед.

Соҳиби овоз мехост гӯшакро ба ҷояш монад, ки Адолат хитоб кард:

– Ҳой, ошно, як дақиқа, бодиққат гӯш кун.

– Гӯшам ба шумо, хонум.

– Аввал ин, ки бо умеди боигарии ман нашав, кирои гап надорад. Шавҳарам аз Русия бо дасти холӣ баргашта, чи хеле ки худат дидӣ, боз гашта рафт. Хубаш, аз ҳамин лаҳза роҳи ҳавлию рақами телефони моро фаромӯш кун. Мирзодикак барин аз пеши роҳ набаро, ки боз таги по намонӣ. Худат нимҷонакак. Бинита қапанд, ҷонат мебарояд. Мард гуфтагӣ худаша ҳурмат мекунад. Агар заррае мардӣ дошта бошӣ, суханҳои маро ба гӯш бигир. Ман на боигарӣ дораму на аз қабили он занҳое ҳастам, ки ту гумон мекунӣ. Гап ҳамин. Фаҳмо?

– Фаҳмо, хонум. Расо хушрӯ гап задед, ҳамааш аз рӯи китоб.

– Модоме ки чунин аст, Исо ҳам бо роҳи худу Мӯсо ҳам.

– Фаҳмидам. То дидан, – шунида шуд аз он тараф.

– Чӣ? То дидан? Алвидоъ! То рӯи туро дидана рӯи шайтонро бинам беҳтар!

– Шайтони бечараро ин қадар паст назанед, хонум. Мову шумо, ки худро инсон мешуморем, аз шайтон ҳам шайтонтарем. Мо, инсонҳои палид, худамон гуноҳ мекунем, дар бало мемонад шайтони бечора. «Ин кори шайтон» гуфта, гуноҳи набударо ба сари ӯ мезанем.

– Боз ба фалсафафурӯшӣ сар кардӣ. Хайр, шуд. Ман гӯшакро мемонам, ба умеде ки дигар ҳаргиз бо туву бо шайтон рӯ ба рӯ нашавам!

– Бо ман-ку рӯ ба рӯ нашудатанон мумкин, лекин ба Худо қасам, ки ҳоло дар зиндагӣ бо шайтону шайтонбачаҳо на як бору ду бор дучор мешавед!

Адолат гӯшакро бо қаҳр ба ҷояш гузошт. Ва чанд лаҳза он ҷо беҳаракату ноҷунбон рост истод. Гумон дошт, ки ҷавони шилқин боз телефон карда ҷонашро ба лаб меорад. Истод, хеле истод, чанд бор чашм ба гӯшаки телефон дӯхт. На, телефон дигар садо надод.

– Хайрият. Аз афташ, суханам ба мағзи устухонаш кора кард, – гуфт зери лаб ва ба ошхона рафт, то барои бачаҳо хӯроки шом пазад.

https://bikhon.tj/

10.

Як шабу ду рӯзи дигари Адолат орому беташвиш гузашт. Чеҳрааш кушода, ба рӯяш сурхӣ дамид. «Хайрият. Рӯзи бо тинҷиву оромӣ мегузаштагӣ ҳам будааст дар ин айёми вазнин. Хайрият, ки шилқину шумрӯ дигар пеши роҳам пайдо нашуду телефон накард. Аз афташ, фаҳмид, ки зӯри беҳуда миён мешиканад. Сад бор шукр, аз сари роҳам як балои азим дур шуд. Маълум мешавад, ки он қадар ҷонбезор набудааст. Боз кӣ медонад? Зери коса нимкоса набошад... Оқибаташ бахайр шавад-да. Чӣ хеле ки бошад, вай маро ниҳоят дуруст фаҳмид. Фаҳмид, ки аз қафои ман поида гаштанаш беҳуда, хаёли хом. Бовар кард, ки боигарӣ надорам. Сад шукр, ки дигар афти бадашро намебинаму овози шумашро намешунавам».

Адолат саҳар бачаҳоро ба боғча мебурду аз он ҷо рост ба мактабаш мерафт. Чоштгоҳ ба хона омада, худро ба корҳои майда-чуйда андармон месохт. Соат, ки чор мешуд, роҳи боғчаро пеш мегирифт. Ана ҳамин тавр ҷараён дошт зиндагии вай...

Вале бечора аз куҷо медонист, ки хомӯшии якшабу якрӯза хомӯшии қабл аз тӯфон будааст. Вай ҳеҷ ба гӯшаи хотир оварда наметавонист, ки ғоратгарон аз рӯи нақшаи аниқ амал мекунанд. Онҳо ба ӯ – ҷавонзани танҳову бесаробон – фақат як шабонарӯз имкон доданд, ки нафас рост кунад...

Имшаб аз чӣ бошад, ки табъаш худ ба худ хира гашт, сиёҳӣ пахш кард қалби озурдаашро. Ба чеҳраи зебояш осори ғам соя андохт. Маъюсие дар як кунҷи ниҳонхонаи замираш ноаён лона гузошт. Панҷаҳои ноаёне ба торҳои асабаш нохун мезаданд. Пешомади нохушеро эҳсос карда, хоб аз дидагонаш парида буд.

Фирӯзу Фирдавс аз бозию даводави рӯзона хаставу шалпар шуда, худро кайҳо ба оғӯши хобаки ширин дода буданд. Телевизиони тоҷик барномаҳои худро кайҳо ба охир расонда буд. Адолат аз телевизиони Русия намоиши «Қисми навбатдорӣ» намоише, ки ҳодисаҳои номатлуби дирӯз ва имрӯзи қаламрави кишварро нишон медод, тамошо мекард. Вақте баранда хабар дод, ки бо кӯшиши кормандони хадамоти федералии бехатарӣ ду нафар зани тоҷик бо якуним кило ҳероин дастгир шудаанд, ҷони ӯ ба дард даромад. Бахусус, вақте фаҳмид, ки он занҳо ин миқдор заҳри ҳалоҳилро дар батни хеш, дар ҷои нозуки худ ҷой додаанд, қариб буд, ки фарёд занад: «Ҳой, зани бадбахти тоҷик!

https://bikhon.tj/

Туро кӣ ба ин варта тела дод? Маҷбурӣ? Нодорӣ? Камбағалӣ? Вой бар ҳоли ту – беҳтарин ва зеботарин зани дунё! Наход ту ба ҳамин дараҷа расида бошӣ, дар нозуктарин узви баданат, қимматтарин узви баданат марги сафедро ҷой додаӣ? Вазифаи ту таваллуд кардан, инсонҳои нек ба дунё овардан аст, эй бешараф. Ба номи занӣ иснод овардӣ...»

Дар экран ҷараёни ба даст афтодану бо зӯрӣ аз бадани онҳо берун кардани ҳероин нишон дода шуд, ки хеле таҳқиромезу риққатовар буд.

Дили Адолат беҳузур шуд. Базӯр аз ҷой бархоста, бо кароҳат телевизорро «кушт» ва шитобон ҷониби ташноб тохт. Фурсате нагузашта, бо рангу рӯи парида берун омад ва бо нияти худро лаҳзае аз ин олами дун берун кашидан магнитофонро ба кор даровард. Суруди ҳофизи мумтоз Саидқул Билолов дар ҳавои сарду хомӯши хона танин андохт:

Бигзор гадо бошам, дар хоки Ватан бошам,
Дар банди ҷафо бошам, дар хоки Ватан бошам...

Сурудро то ба охир гӯш карда пеши назараш симои меҳрубони шавҳараш падид омад. «Вай аз ману аз фарзандон дур, аз хоки ватан берун аст. Бигзор гадо бошад, лекин дар хоки ватан бошад. Агар сиҳату саломат гашта ояд, дигар наметонам аз ватан берун шавад».

Адолат аз қайди хотираҳо бсрун шуда ба соати деворӣ дида дӯхт: даҳта кам як. «Хайр, бас будагист. Пагоҳ кор. Илоҷе карда хоб рафтан лозим. Модарам мегуфтанд, ки агар хобат набарад, кӯрпаро ба сарат кашу то ҳазор ҳисоб кун. Як маҳал ҳисобро гум мекунӣ, яъне ба ҳазор нарасида хобат мебарад...

Вай чароғи роҳравро даргиронда, ба хонаи хоби бачаҳо гузашт. Либоси болоро аз тан бадар карда, либоси сабук пӯшид ва ба ҷогаҳ даромад. Чароғро хомӯш карда, кӯрпаро ба сар кашиду ба шумурдан даромад: «Як, ду, се... нуҳ, даҳ, ёздаҳ... понздаҳ, бист... чил, панҷоҳ...»

Садои ороми тақ-тақи дар ӯро аз шумурдан боздошт. Аввал гумон кард, ки садои қубур аст. Оҳиста хеста, гӯшу ҳуш шуд, то якин кунад, ки садо аз куҷост. Боз садои туқ-туқ шунида шуд. Ҷониби дар нигарист. Хомӯшӣ. Боз туқ-туқ.

https://bikhon.tj/

Фаҳмо. Ӯ хато накардааст. Касе дари ӯро, аз чӣ бошад, ки бечуръатона мекӯфт.

Адолат тарсид. Рангу рӯяш парида бошад ҳам, худро ба даст гирифт. Аввал ба соати девор нигарист. Яку даҳ. «Аҷиб! Дар ин як ҳисси шаб кӣ бошад? Дузд? Ғоратгар? Лекин... ин қабил одамон ин хел дар намекӯбанд. Қулфро шикаста дарро бо пояшон зада медароянд. Ё аз рӯи эҳтиёт...»

Дар бори чорум тақ-тақ зада шуд. Адолат аз кат фаромада хилъаташро ба бар карду оҳиста назди дар омад.

– Кист? – пурсид бо овози ларзон.

– Ҳамсояҷон, мсбахшед, моем, хавотир нашавед, – шунида шуд овози пасти марди ношинос.

– Кадом ҳамсоя?

– Мо, ҳамсояҷон, аз ошёнаи сеюм. Ба қарибӣ омадем. Мебахшед, дар ин нимишабӣ шуморо бесаранҷом кардем. Тслефонатон кор мекунад?

– Ҳа.

– Хоҳиш мекунем, як дақиқа... Писарчаамон дар ҳолати вазнин. Ба духтур телефон кардан лозим.

Адолат хомӯш монд ва филфавр аз дил гузаронд: «Ҳамсояи ошёнаи боло... Вай ӯро то ҳол надидааст, намешиносад. Дар ин нимишабӣ духтур куҷост? Кушед, ки намебиёянд».

Дар ҳамин андеша буд, ки боз садои ношинос ба гӯш расид.

– Шумо, ҳамсоя, аз афташ, тарсида истодаед. Ман инро нағз мефаҳмам. Мову шумо то ҳол шинос нестем. Хайр, чӣ илоҷ? Зорӣ дораму зӯрӣ не. Мебахшед, нороҳат кардам...

Адолат баръало ҳис кард, ки соҳиби овоз оҳиста-оҳиста ба ошёнаи боло мебарояд. Дилаш сӯхт. «Рост мегӯяд. Агар ба тифл ягон гап шавад, аз ман домангир мешаванд, маро бачакуш мегӯянд. Майлаш, мекушоям. Бигузор телефон кунад. Духтурро меёбад ё не, вай меояд ё не, кори ман не...»

Адолат ба дар наздик шуда, калидро тарафи рост тоб доду занҷиракро аз ҳалқа ҷудо кард. Дарро кушода, хост ово кунад, «марҳамат, даромада телефон кунед», вале аз паси дар шабаҳе дар сару рӯяш ҷӯроби сиёҳ пайдо шуд. Вай ба Адолат имкони овоз баровардан надода, аз гулӯяш сахт дошту гашта ба дарун тела дод. Ва ҳамон замон аз боло шабаҳи дигаре бо ҳамон сикаву сурат шитобон поён фуромада, дарро аз дарун пӯшид ва калидро тарафи чап тоб дод.

https://bikhon.tj/

Адолат хост дод занад, вале аз тарс овозаш набаромад. Шабаҳи аввал чароғи роҳравро хомӯш карда, аз кисабағалаш чароғи дастӣ бароварда даргиронд. Он акнун танҳо чеҳраи Адолатро равшан мекард. Шабаҳи аввал – марди қоқи қадбаланд корди калони дамаш тезро ба таги манаҳи Адолат рост карда, гуфт:

– Агар ғингӣ гӯй, аз сад ҷонат як ҷонат раҳо намехӯрад!

Овоз ба назари Адолат шинос намуд.

– Хӯш, ку гап зан, дар бисот чиҳо дорӣ?

Адолат бо ишораи сар «ҳеҷ чиз» гуфт.

– Чӣ, забоната ғунда газид-чӣ? – суол дод суроби дуюм.

– Бозӣ накун, қанчиқча, ба хубӣ пурсида истодаам, куҷост долларҳо?

Адолат ба маънии «намедонам, шумо кадом долларҳоро дар назар доред?» китф дарҳам кашид, ки ин ғазаби кордбадастро афзуд.

– Ҳой, манҷалоқӣ, такрор мекунам, агар ҳамин хел хап шинию нест гуфтан гирӣ, корда ба таги гулӯят медавонам ва ҷӯи хунро равон мекунам. Бори дигар мепурсам, канӣ долларҳо?

– Кадом доллар? – ниҳоят ба худ омада, бо овози хирросӣ пурсид Адолат.

– Худата ба нодонӣ назан! Хуб медонӣ!

– Худо занад, ки намедонам, – худро гӯл вонамуд мекард Адолат.

– Ҳой, қанчиқча, қасам нахӯр, ки Худо мезанадат. Канӣ он долларҳое, ки шавҳарат аз Русия оварда, ба дастаки ту қапонду боз гашта рафт. Рафт, то ки боқимондаашро ҷамъ карда биёрад. Фаҳмо? Боз савол ҳаст?

– Марҳамат, кобед, агар ёбед, ҳалолатон бод.

– Не, не, мо намекобем. Мо милиса, прокурор нестем. Санксия надорем. Агар ҷони худату ҷони бачаҳоят азиз бошад, худакат ёфта бо ду дасти адаб бароварда ба мо медиҳӣ. Дар ҳаққи тую шавҳарат як дуои ғуру ғафс мекунему оҳиста баромада меравем. Шутури сиёҳро дидӣ? – Не!

– Гуфтам-ку, нест!

– Ба кӣ додӣ? Дар куҷо панаҳ кардӣ?

Адолат хомӯш.

– Ҳой, қанчиқча, аз ту пурсида истодаам. Вақта нагир, ки ба манфиати ту нест.

https://bikhon.tj/

Боз хомӯшӣ.

Қаддароз ба корд оҳиста таги гулӯи Адолатро «навозиш» кард.

– Хомӯшӣ? Хомӯшӣ ин марг аст! Барои он ки намурӣ, ба алови хомӯшӣ равған нарез. Шарту шурт ҷои долларҳоро бигӯй ё бароварда ба мо те. Ба туву бачаҳоят зарараре намерасад. Ин қасами мардии мост.

– Охир, чӣ гӯям?... Ман.... ман он пулҳоро...

– Ҳа, ҳа, канӣ, канӣ, ба ёдат биёр. Дар куҷо, ба дасти кӣ?.. – ӯро шерак мекард суроби дуюм, то ки Адолат тезтар қоил шавад.

Қаддароз гуфт:

– Беҳтараш, мо ба ёдаш меорем. Агар хато накунам, он долларҳо ҳоло аз ин ҷо дур, дар қишлоқ, дар қабати кӯрпаву кӯрпачаи очату отат мехобанд. Ҳамин хел не? Ё гапам нодуруст?

Ин суханҳоро шунида суроби дуюм ба биқини қаддароз як мушт фаровард, ки маънияш «бисёр налақ» буд.

– Ҳамин хел, дуруст, – тасдиқ кард Адолат.

– Ана дидӣ? Мо ҳамаашро медонем. Мо ҳам аноӣ не. Тахминамон дуруст баромад. Беҳуда шаби гузашта аз ин ҷо гурехта нарафтӣ. Ту худатро нею долларҳоро гурезондӣ. Хайр, ничего. Гурехта ба куҷо меравand?

Адолат аз хаёл гузаронд: «Аниқ, ин ҳамон аст. Маълум аст, ки ҳамаашро медонад. Аҷаб не, мошин киро карда, аз қафои ман ноаён то қишлоқ рафта омадагист. Одами дар турма шиштагӣ ҳама балоро медонад. Лекин... ба назарам қади вай майда буд. Ё шояд хато кунам?..

– Чанд доллар бурдӣ? – ӯро аз қайди хаёлот берун кард қаддароз.

– Ду ҳазор.

– Бисёр нағз, нағз. Акнун гапи моро ба диққат гӯш кун. Ин ҷо ману ту карда намешинем. Бе ин ҳам вақт беҳуда рафта истодааст. Мо ба ту бовар мекунем. То пагоҳа шабаш ба ту муҳлат. Ҳамин ки субҳ дамид, чи хеле ки вай дафъа рафта будӣ, ҳамон хел ба қишлоқат меравӣ. Ба падару модарат мефаҳмонӣ, ки долларҳо ба ту чун обу ҳаво лозим. Мо шаби оянда ана, дар ҳамин вақт ҳозир мешавем. Долларҳоро бароварда медиҳию ҷонат халос. Мо дигар ба туву шавҳарат кордор намешавем.

https://bikhon.tj/

Суроби дуюм илова кард:

– Ба ду гӯшат шунав. Агар дар бораи мо ба ягон ҷо лақида монӣ, дониста мон, ки аз сад ҷонат як ҷонат раҳо намешавад. Сари туву сари бачаҳота себча барин канда болои шикамҳоятон мемонем. Аҳлу авлодата қир мекунем. Ба умеди милисаю боевик нашав. Онҳо шарики моянд. Фаҳмо?

– Фаҳмо.

– Фаҳмо, ки бошад, хоб куну саҳар аз паи кор шав.

«Меҳмонони нохонда» оҳиста ақиб гашта, дарро аз берун пӯшиданд.

Адолат зуд дарро қулф зада, ҳунгосзанон худро болои кат ҳаво доду домони гиряро раҳо кард. Фиғон аз дили пурдард бароварда, ба тақдири шум сад бор лаънату нафрин хонд.

Хост хоб равад, вале хоб куҷо? Мехост ҳарчӣ тезтар субҳ дамаду бачаҳоро ба боғча барад ва рост ба кишлоқ раваду «амонатӣ»-ро оварда ба «соҳибони беномусаш» диҳад ва аз ин балои осмонӣ халос шавад.

«Чунин аст кирдори гардуни пир, Гаҳе чун камон асту гоҳе чу тир… Чӣ илоҷ? Насибамон набудааст. Пулдор шуда, «ё оллоҳ ё насиб» нагуфта будаем. Ба ман насиб накард, илоҳӣ ба онҳо ҳам насиб накунад, заҳру зақумашон шавад! Замин паст, осмон баланд. Сарамро ба куҷо занам? Ба кӣ арз кунам? Ба милиса? Шунидам, ана ба ҳамин ду гӯши худам шунидам, ки онҳо чӣ гуфтанд... Чанде пеш дар рӯзи равшан ду ғоратгар бо автомат ба хонаи як одами калон даромада, дасту пои духтарчаашро баста тамоми чизи дар бисоташ бударо дар ду халта бор карда ба китф партофта аз пеши одамон гузашта рафтаанд. Баъди рафтани дуздон касе аз ҳамсояҳо ба он одами калон телефон карда мегӯяд, ки «муаллим, натарседу лекин ба хонаатон дузд даромадааст. Он марди калоншаванда аз чизу чораи хона не, аз духтараш хавотир шуда пурсидааст: «Духтарам чӣ тавр, ба ӯ осебе нарасондаанд?» Чун мешунавад, ки духтарчааш зинда, оҳи сабук кашида мегӯяд: сад бор шукр, розӣ ҳастам, ки охирин мехи хонаамро канда баранд, лекин ба фарзандам даст нарасонданд, ин бароям бахт аст. Азбаски дар ғоратгарии рӯирост аломатҳои сиёсӣ ҳам ба назар мерасид, бо амри Калон кормандони прокуратура, милиса ва амният вазифадор шуданд, ки дар кӯтоҳтарии муҳлат ҷиноят фош шавад. Вале... аз байн ду сол гузашту он ҷиноят то ҳол но-

https://bikhon.tj/

кушода монд. Ба қарибӣ он калоншаванда дар кӯча муфаттишеро, ки ин парвандаро мсбурд, вохӯрда, бо шӯхӣ мепурсад: «Бародар, ман ҳоло ҳам интизор. Дуздони манзили ман ёфт шуданд ё не?» Он муфаттиш бешармона, бо киноя ҷавоб медиҳад: «Домулло, дунё ба умед. Бепарво гаштан гиред! Ҳамин ки дуздонро ёфтем, албатта ба шумо хабар медиҳем». Ана ҳамин хел гапу гапча. Модом ки он ҷиноят ва боз бисёр ҷиноятҳои дигар то ҳол кушода нашудаанд, пас аз дигараш чӣ ҷои умед? Дузду милиса қариб ки як хел. Инаш бо либоси низомии давлат ба мардум ҷабр мекунаду онаш – гоҳ бо ниқобу гоҳ бе ниқоб. Бо ин роҳ, бо ин ҳол ба куҷо меравем? Дар пеш моро чӣ интизор аст?».

Адолатро соатҳои шаш хоб бурд. Лекин дере нагузашта, хоби даҳшатноке диду батарс бедор шуд. Бархоста, ба ошхона рафт. Худро ба ину он кор андармон сохта интизор шуд, ки соат ҳашт шавад. Ниҳоят даст ба гӯшии телефон бурд. Мехост ба дугонааш хабар диҳад, ки кори таъҷилие баромаду ӯ боз фавран ба қишлоқ меравад ва агар мабодо дер кунад, бачаҳояшро аз боғча бигирад.

Гӯшакро бардошт, ки аз он садое ба гӯш намерасид. Ин дам ба хотираш омад, ки «меҳмонони нохонда» гуфта буданд, ба умеди телефон нашав, масъалаи онро ҳал кардем». «Хайр, майлаш, бачаҳоро ба боғча мемонаму баъд сари роҳ ба хонаи ӯ даромада хабараш мекунам» гуфта, бачаҳоро аз хоб бедор кард.

Фирӯзу Фирдавс, ҳарчанд ки «мон, очаҷон, боз камтари дигар хоб равем» гуфта, таваллову зорӣ карданд, вай розӣ нашуд, кӯрпаро аз болои онҳо кашида, ба хестан маҷбурашон кард. Бачаҳо дилу бедилон аз ҷогаҳ бархоста, сару рӯяшонро пишакшӯй карданду ба ошхона гузашта, як пиёлагӣ қандчой нӯшиданд. Онҳо аз куҷо медонистанд, ки имшаб дар хонаи онҳо чӣ ҳодисае рух доду модараш то пагоҳ мижа таҳ накард. Аз куҷо медонистанд, ки модар чӣ ҳоле дорад, вуҷудаш чӣ тавр месӯзад. Онҳо ба авзои ноҷӯри модар эътибор надода, дар олами ширини бачагии хеш бепарво сайр мекарданд. Фақат як чиз барояшон нофаҳмо буд, ки чаро ин пагоҳӣ модар онҳоро новақт аз хоби ширин маҳрум кард ва чаро ин қадар бемаҳал боғча мебарад.

– Шудед? Рафтем! – хитоб кард ӯ ба бачаҳо.

– Ба куҷо, оча? – пурсид Фирӯз, ки аз додараш як сол калон буд.

https://bikhon.tj/

– Ба куҷо мешуд? Ба ҷои ҳаррӯза мерафтагиатон.

– О, ҳоло барвақт-ку, оча, – китф дарҳам кашид Фирӯз.

– Ҳеҷ гап не, бачам, то меравем, ки рӯз рӯшан мешавад.

– Агар дар боғча ягон кас набошад-чӣ?

– Ҳеҷ кас набошад, қаровул ҳаст!

– Чӣ, моро ба дасти вай медиҳед, оча? Қаровул одами ганда, моро ҷанг мекунад.

– Барои он ки ҷанг накунад, беодобӣ накун. Ба гапаш гӯш деҳ.

– Э, вай одами ганда, оча...

– Шуд, шуд, маҳмадоногӣ бас. Канӣ, рафтем! – Адолат аз дасти Фирдавс гирифту ба Фирӯз ишора кард, ки пеш дарояд ва худаш аввалин шуда ҷониби дар рафт.

Фирӯзу Фирдавс ноилоҷ аз паси модар баромаданд.

Онҳо акнун аз поғундаҳои ошёнаи дуюм ба поён мефуромаданд, ки дари рӯ ба рӯ кушода шуду дар остона кампири ҳамсоя пайдо гашт. Вай чун дид, ки Адолат дам назада поин фуромада истодааст, овоз баровард:

– Ҳа, келин, саҳари мардон бо шербачаҳо куҷо рафта истодаед? Бахайр аст?

– Тинҷӣ, хола, тинҷӣ. Хавотир нашавед... – нимғурма посух дод Адолат ва аз тарси он ки кампир ӯро боз истинтоқ накунад, афзуд:

– Дар мактаб камтар кори нотамом дорам. Барои ҳамин барвақттар рафта истодаам.

– Дуруст мекунӣ, духтарам. Кори саҳара файзаш дигар. Нағз рафта биё. Аз хонаат хавотир нашав. Ман ҳамин ҷо, – кампир бозгашта ба хонааш даромад.

Ин суханҳо дар ниҳоди худ кадом маъниҳоро ниҳон доштанд? Дилсӯзӣ ё киноя, барои Адолат номафҳум буд. Ӯ дар сар фақат як андеша дошт: тезтар бачаҳоро ба боғча бараду зудтар дугонаашро хабардор кунад, ки дар сурати дер кардан, аз бачаҳои вай хабардор шавад, мехост зудтар ба маҳаллаи Шимолӣ раваду ба автобуси Тагоб нишаста, зуд роҳи қишлоқро пеш гирад, то ки падарашро дар ҳавлӣ пайдо кунад. Раваду ӯро пайдо накунад, агар ӯ ба ягон деҳаи дур шабхобрав рафта бошад, магарам ки ба шаҳр барнагардад. Он вақт чӣ мешавад? Фирӯзу Фирдавс боғчаро ба сарашон мебардоранд, дар хонаи дугонааш ҳам

https://bikhon.tj/

ором намешинанд, ҳамаро ба бузакбозӣ медароранд. Охир, онҳо ба ӯ чунон одат кардаанд, ки... Агар «меҳмонони нохонда» шаб омада бинанд, ки ман дар хона нестам. «Ин занак моро ба ягон кас хабар додааст» гуфта аҷаб не, хонаамро оташ зананд. Чӣ душворӣ дорад ин кор! Як лагад занӣ, дари нимкора парида меравад. Баъди лаҳзае мебинӣ, ки хона титу парешон. Ё ҳамин лаҳзаҳо онҳо дар паси дарахте истода, маро поида истода бошанд? Ва ҳатман аз думболам мераванд. Кӣ медонад? Ин ошнои деринаи ман ду рӯзи охир бе ному нишон, ҷамоли «зебояш»-ро нишон надода истодааст. Шояд дар ин расвоӣ нақши ӯ калон аст, коргардон набошад ӯ...

Адолат сари роҳ як лаҳза ба хонаи Ситора даромада ӯро огоҳ карду ба саволҳои вай кӯтоҳакак посух дод: «Кори зарур баромад, баъд мегӯям».

Адолат дар роҳи тарафи маҳаллаи Шимолӣ гоҳ-гоҳе ноаёну хавотиромез ба гирду атроф, ба пасу пеш нигоҳ мекард. Яқин дошт, ки думболагирӣ мекунанд он бешарафҳо, оромаш намегузоранд.

Бо ҳамин андешаҳо вай ба истгоҳ расид ва зуд ба автобусе, ки пури одам буд, савор шуду он бетаъхир ба ҳаракат даромад.

11.

Андешаи Адолат аз ваҷҳи бедарак шудани Бахтиёр замина дошт. Ҳақиқатан, як шабонарӯзи охир ӯ дар хона ҳузур надошт. Бо хоҳиши модар ба аёдати хоҳари калонӣ, ба Сарбанд рафта буд. Ва дина бегоҳӣ, шабтар ба хона омад. Касе аз ҳамсояҳо ӯро надид. Кампир ғурбат кард, ки «чаро дер омадӣ, дар ин торикӣ ба роҳ баромадан хуб не, пасу пеш ҳама нотинҷ». Вай баҳона пеш овард, ки мошин дар роҳ вайрон шуд, то соз карда, ба роҳ даромаданд, ки торик шуд.

Бахтиёр соат ёздаҳ нашуда, худро ба ҷойгаҳ андохт. Як ҳиси шаб аз садои ноошное ҳушёр шуда, гумон кард, ки модараш ово дорад. Ду бор «оча» – гӯён муроҷиат кард, вале садое набаромад, ҷавобе нашуд. «Шояд хоб дида бошам» – гуфта худро боз ба ҷогаҳи гарм андохт. Кӯрпаро ба сараш кашид. Вале фурсате нагузашта баръало ба гӯшаш расид, ки касе дар берун, дар роҳрав гап зада истодааст. Ба гӯшаш калимаҳои «ҳамсоя, писарамон касал...» расиданд. Баъди фосилае садои кушодашавии

https://bikhon.tj/

дар ва сахт пӯшидашавии он ба гӯш расид. Баъд хомӯшии томе ҳукмфармо гашт. Бахтиёр ҳарчанд диққат дод, гӯшу ҳуш шуд, дигар ба гӯшаш садое, сухане нарасид.

Вай худро аз нав ба ҷогаҳ партофт. «Ба фикрам, хоб дидам» гуфту аз қайди андешаҳо берун ва ба олами хоб ворид шуд.

Пагоҳӣ, вақте модар аз берун баргашт, Бахтиёр аллакай ба варзиши бадан машғул буд.

– Ҳа, оча, саҳар қатӣ аз куҷо омадӣ?

– Аз роҳрав.

– Дар роҳрав чӣ гум кардӣ?

– Ҳеҷ чиз, бачам. Тарақ-туруқи дари ҳамсояро шунида, берун баромадам. Бинам, бечора ҳамсоя боз бачаҳояшро гирифта, ба куҷое шитоб дорад. «Ба куҷо?» – гуфта пурсам, аранге ҷавоб дод: «Дар мактаб кори зарур дорам». Аҷиб, ин муаллима каллаи саҳар дар мактаб чӣ гум карда бошад, чӣ кори зарур дошта бошад?

Бахтиёр табассум карда, гуфт:

– Ҳеҷ аз кунҷковиат намондӣ-да, оча. Охир, одами зинда саду як ташвиш дорад.

Пиразан синчакорона ба рӯи Бахтиёр нигариста гуфт:

– Бисёр маҳмаддоно шудай. Росташ гӯй, боз ягон нағмаи дигар карда, бечораро натарсонда бошӣ?

Бахтиёр хандид.

– Барои чӣ механдӣ, сакалту? Росташро гӯй!

– Оча, қасам ба ҷони ҷавонам, ки нисбати ӯ ягон аҳмақӣ накардаам. Охир, худат дидӣ-ку, ман соати нуҳи шаб омадам. Дар беруну дарун касеро надидам, бо ягон кас вонахӯрдам. Яъне, ин дафъа ман аз бозӣ берун.

– Бахтиёр, ҳо ба ту гуфтам-а, боз такрор мекунам: агар боз ягон номаъқулӣ кунӣ, ширама ба осмон мечӯшам!

– Бисёр баланд рафтӣ, оча. Охир, ширатон кайҳо хушк шудагӣ. Боз кадом ширро ба осмон мечӯшед? – ба қитиқи модар расиданӣ шуд Бахтиёр.

– Ҳой бача, шаккокӣ накун, ки ман модарам.

– Гуноҳи ин сағираи дарбадаратро бубахш, оча. – Бахтиёр бо табассум пеши пои модар зону зад.

– Хез! Хез! Бас масхарабозӣ! Чунон гап мезанӣ, ки намедонам кадомашро шӯхӣ пиндораму кадомашро ҷиддӣ. Рафтем, чоята хӯр. Ман ба ту гап дорам.

https://bikhon.tj/

– Чӣ хел гап, оча?

– Баъд, баъд мегӯям.

– Дар ин ҷо гуфта намешавад?

– Не, баъдтар мегӯям.

– Не, то нагӯӣ, як бурда нон ба даҳан намебарам.

– Хайр, гӯш кун. Чоята ки хӯрдӣ, рафта аката ин ҷо меорӣ.

– Тинҷӣ ҳаст, оча?

– Бисёр савол нате.

– Росташа пурсида истодаам. Ё ягон васият доред?

– Ҳоло барои васият фурсат аст. Ман дигар гап дорам. Ба ҳамаатон.

– Хайр, намешавад, ки бо телефон хабар кунем.

– Ҳе, содае. Агар телефонаш кор мекард, ҳоҷати туро ба хонаи ӯ фиристодан набуд. Як рӯз кор кунад, даҳ рӯз не. Кор кунад ҳам, телефон карда наметавонӣ, ҳама аралашу баралаш, хонаи замбӯр барин.

– Хуб, оча. Аз шумо як ишорат, аз мо ба сар давидан. Лекин агар пурсанд, ки чаро саҳар қати ба очаҷонам лозим шудаем, чӣ ҷавоб гӯям?

– Ҳеҷ чиз нагӯй. Шишта бошӣ, хез гӯй, хеста бошӣ, ба роҳ баро гӯй.

– Оҳ, оча. Расо воҳима кардӣ-ку. Хайр, илтимос, нӯги гапро кушо. Ба ягон кас намегӯям.

– Не, ман даҳони бефаровези туро хуб медонам. Дар даҳонат гап намеистад. Дар ягон ҷо зуд лақида мсмонӣ.

– Хайр, майлаш, ихтиёрат, оча. Нагӯӣ, нагӯй. Ман ҳам гап дорам. Шояд аз гапи ту ҷиддитар бошад.

– Медонам, медонам гапи ҷиддии туро. Боз ягон масхарабозии дигар будагист.

– Не, оча, масхарабозӣ не, ин дафъа ҷиддӣ. Шояд аз гапи баҷои шумо дида ҷиддитар бошад.

– Хӯш, канӣ шунавем.

– Не, намегӯям.

– Нагӯӣ, нагӯй. Мурдам акнун барои гапи ҷиддии ту!

– Шумо нагуфтед, ман ҳам намегӯям.

– Набошад кай мегӯӣ?

– Фурсаташ ояд, мегӯям. Лекин нағз мекунӣ, ки акома ба ин ҷо ҷеғ мезанӣ. Гапи ман мегуфтагӣ ба ун кас ҳам дахл дорад.

https://bikhon.tj/

Модар:

– Пас, зуд чоята хӯру бирав. Боз ба ягон ҷои дигар рафта намонад.

– Есть, рафиқ маршал! – Бахтиёр даст ба чакка бурда, бо қадамҳои низомӣ ба ошхона рафт. Росторост як пиёла қандчой ва нону панир хӯрда, зуд аз паи иҷрои супориши модар шуд.

12.

Падар дар тараддуди куҷое рафтан буд. Вай баъди ба дастархон омин кардан, аз суфа поён фуромада ҷониби дарвоза рафт. Ва... дар остона ба Адолати рангпаридаю хавоспарешои рӯ ба рӯ омад. Ӯро дидан баробар як қад парид. Ба гиребонаш туф кард. Адолат ҳоли зоре дошт. Вай падарро дидан баробар ҳунгосзанон худро ба оғӯши ӯ партофту кӯдаквор ба гиря даромад.

– Чӣ шуд, духтарам? Чаро гиря мекунӣ? Дар ин саҳари мардон аз куҷо? – чанд суолро қатор кард падар.

Бародари Адолат, ки ҳанӯз дар болои суфа ҳайрон рост меистод, ба худ омада, давида наздик омад.

– Бахайр аст, хоҳар? Ягон кас хафаат кард? Чаро гиря мекунӣ?

Адолат ҳамоно гиря мекарду гиря. Падар аз сари китфаш дошта, ҷониби суфа роҳнамунаш сохт:

– Канӣ, бас кун. Кӯдак нашав. Ту занаки каппа-калон, худата ба даст гир... Канӣ, саросема нашуда ба мо фаҳмон, чӣ шуд?

Адолат лаби кӯрпача амонат нишаста, оби дидагонашро пок карду ҳодисаи шаби гузаштаро ҳикоят кард. Падару писар ба ӯ халал нарасонда, то охир бодиққат гӯш доданд.

Адолат, ҳикояти ғамангезашро ба охир расонда, бо тараҳҳум ба рӯи падару бародар нигарист.

– Гӯед, акнун чӣ кор кунам?

Падар даст ба манаҳ бурда, онро анбӯртоб кард. Бародар лабонаш пир-пир парида, ким-чӣ гуфтанӣ буд, лекин ба даҳани падар нигариста хомӯш монд. Баъд гӯё ба мусибати хоҳар сидқан шарик бошад, ҷонибе нигоҳ карда, зери лаб ким-киро ҳақорат кард. «Э, заната... Номард. Аз танҳоии як занаки муштипар истифода бурда... Агар ба дастам афтӣ..» гуфту боз ба даҳани падар нигарист. Мехост фаҳмад, ки дар ин маврид падар чӣ мегуфта бошад. Хомӯшии тазъиқоваре ба вуқӯъ пайваст.

https://bikhon.tj/

Ниҳоят падар яхи онро шикаст:

– Ҳмм, аҷаб коре шудааст. Кӣ гумон мекард, ки... ин нобакорон бӯй гирифтаанд, ки ту пул дорӣ.

– Аз ягон кас гумонбар нестӣ? – пурсид бародар.

– Вай дафъа ба шумо гуфта будам-ку, як маймуни одамшакл ду рӯз думболагирам буд. Баъд ӯро гум кардам. Дигар пайдо нашуд.

– Аниқ, ки кори ҳамун нобакор ва шайкаи ӯ. Аз афташ, шайкааш бақувват. Метарсам, ки аз думат ба ин ҷо наомада бошад.

– Ман ҳам дар ҳамин андешаам, ота.

– Ҳа, масъала вазнин. Ман аз ҷони туву бачаҳоят метарсам, духтарам. Бало ба паси ҳамон чанд қоғази сабз.

– Пас, бигӯед, чӣ кор кунам, ота?

– Намедонам, духтарам, – падар боз ба андеша рафт ва баъди фосилае ба писараш рӯй оварда пурсид: – Ту чӣ маслиҳат медиҳӣ?

– Чӣ маслиҳате ки шумо диҳед, ота. Калони хона шумо.

– Худи ту чӣ фикр дорӣ, Адолат? – падар ба духтар рӯй оварда ба умқи чашмони пурнами вай назар дӯхт.

– Ростӣ, намедонам, ота. Сарам замбӯрхона. Ҳайронам, чӣ кор кунам. Ё шояд, ҳоло ҳам дер нашудааст, ба милиса хабар диҳем? Шаб омада онҳоро дар сари ҷиноят дастгир кунанд...

– Э, не, духтарам, ин хаёли хом, – якбора хитоб кард падар. – Ин гапа дигар нагӯй. Ин номаъқулия накун, ки...

– Ҳа, рост мегӯед, ота. О, худат ба мо гуфтӣ-ку: таъкид карданд, ки «ба милиса хабар нате, онҳо ҳама одамони мо». Модом ки милиса ҳамроҳашон бошад, аз дасти мову ту чӣ кор меояд? Фақат душман зиёд мекунему халос.

– Ман ҳам ҳамина гуфтанӣ будам, – гапи писарро тақвият дод падар.

– Хайр, чӣ кор кунам, ота? Вақт рафта истодаст, – суоли пештараро такрор намуд Адолат.

– Илоҷ нест, ба тақдир тан медиҳем, духтарам. Насибатон набудааст. Маҷбур ҳастӣ бо ду дасти адаб ба он лаънатиҳои оқипадар диҳӣ. Хайр, илоҳӣ сари домод дар амон бошад, кор карда боз ёфта мебиёрад. Дар ҳаққаш шабу рӯз дар панҷ вақти намозам дуо мекунам.

https://bikhon.tj/

– Майлаш, ота, бигузор гуфти шумо шавад. Дигар илоҷамон ки набошад, ҳамин тавр мекунем. Бароварда медиҳаму ҷонам халос. Шояд баъди ин ману бачаҳоям аз таъқиб халос шавем. Вагарна аниқ дсвона мешавам. Ин чӣ рӯзи сиёҳ аст, на шаб хоб дораму на рӯз. Офарини одамоне, ки дар сандуққҳояшон миллиён-миллиён пулу доллар доранд!

– Парво накун, духтарам. Саратон сиҳат бошад, пулу мол ёфт мешавад. Ҳамакаса шуда, аз як гиребон сар бароварда, хатнатӯйи бачаҳота мегузаронем.

– Кошкӣ ҳамин тавр шавад, ота. Сар амон бошад, ҳама чиз ёфт мешавад. Хайр, акнун ба ман иҷозат. Зудтар баргардам. Ба очам омадани маро нагӯед, хавотир мешавад, дилашон касал.

– Ҳа, дуруст мегӯӣ, духтарам. Ба очат чизе намегӯем. Ман ҳозир! – падар аз ҷой бархоста, ба хонаи дарун гузашт ва муддате бедарак шуд. Баъди фурсате, бастаро оварда, пулҳои амрикоиро якта-якта шумурда гуфт: – Ана, расо ду ҳазор, духтарам. «Амонатро намебояд хиёнат» гуфтаанд. Амонататро хуб нигоҳ доштем, лекин чӣ илоҷ, ки насиби ҳайвонҳои одамсурат будааст.

Адолат хомӯшона бастаро ба сумкааш андохта, аз чой хест. Падару бародар ӯро то беруни дарвоза гусел карданд.

– Адолат, духтарам, – бори дигар таъкид кард падар, – хуни ҷавонӣ дорӣ. Мабодо ягон беақлӣ кунӣ. Ба ягон кас, ҳатто ба ҳамсояат чизе нагӯй. Милисаро умуман аз хотират барор. Барои мо пулу мол не, ҷони туву бачаҳоят азиз. Ина аз ёд набарор.

Бародар нохост пурсид:

– Ё ҳамроҳат равам, хоҳари акош?

– Не, не! – қатъиян зид баромад Адолат. – Худам як илоҷ мекунам...

– Майлаш, хоҳар, худат медонӣ. Ба ҳар ҳол, эҳтиёт шав. Отам дуруст гуфт, ба он тоифа сарбасар шудан бефоида.

Ин дам автобус омаду Адолат саросема ҷониби он тохт.

– Хайр, духтарам, илоҳӣ, ба нағзӣ бинем, – падар ким-чӣ дуо хонда, рӯй ба қибла гардонду даст ба рӯй кашид.

13.

Адолат дар маҳалли Шимолӣ, дар истгоҳи калон аз автобус фуромад. Аввал диле кард, ки ба мактаб равад. Чун ба ёдаш расид, ки имрӯз дарс надорад ва рафтанаш он кадар зарур нест,

https://bikhon.tj/

ба микроавтобус нишаста, ҷониби хонааш роҳ гирифт. «Беҳтараш дар хона мешавам. Бигузор онҳо бинанд, ки ман ба қишлоқ рафта омадам ва дигар ба ҳеҷ куҷо нарафта, ба хона даромадам. Онҳоро дар хонаам интизор мешавам. Ба ягон ҷо рафтан бефоида. Маро бе банд баста мондаанд».

Ӯ бо ҳамин андешаҳо дар маҳаллаи ҳаштоду ду, сари роҳи калон аз мошин фуромад.

Баъди намози зуҳр касе дари хонаашро кӯфт. Адолат, ки дар ошхона андармон буд, як қад пириду пиёларо аз даст афтонд. Хушбахтона, он болои гилемча афтода нашикаст. «Хайрият» гуфта, ба дар наздик шуд.

– Кист?

– Ман, духтарам, Ҳамида-холет, – овози шинос ба гӯш расид ва Адолат зуд дарро кушод.

– Дароям, мумкин-мӣ, духтарам?

– Марҳамат, марҳамат, холаҷон, – муроот намуд Адолат ва дар дил хурсанд шуд, ки дар лаҳзаҳои вазнину риққатовар ҳамсуҳбате барояш пайдо шуд.

Адолат пиразанро ба ошхона раҳнамоӣ кард.

– Бачаҳо канӣ? – пурсид пиразан.

– Дар берун, бозӣ доранд.

– Хуб, монед, бозӣ кунанд. Гумон мекунам, духтарам, кӯдакон дар ҳамин айёми барои мо душвор аз ҳама хушбахтанд, ғаме надоранд.

– Ҳа, гапатон дуруст, хола. Лекин муҳити носолим ба онҳо ҳам бетаъсир намондааст.

Инро гуфта, Адолат дар тараддуди дастархонкушоӣ шуд, ки пиразан гуфт:

– Лозим не, духтарам. Ташвиш накаш. Ман навакак аз сари чою нон хестам. Ин ҷо бишин.

Адолат ба ҷои нишондодаи пиразан нишаст.

– Духтарам, росташа гӯй, тинҷӣ ҳаст? – пурсид кампир рост ба қаъри чашмони ӯ нигариста.

– Ҳа, тинҷӣ, хола, – нимғурма посух дод Адолат ва дар дил худро сахт мазаммат кард, ки беҳуда кампирро ба хона роҳ дод. Кореро баҳона карда, аз остона ҷавобашро медод беҳтар буд. Акнун Худо зад, боз сар шуд истинтоқ, силу зардов мешавад аз пурсишу кунҷковиҳои кампир.

https://bikhon.tj/

– Не, духтарам, ту маро фиреб накун. Чашмонат, нигоҳҳоят гуфта истодаанд, ки дурӯғ мегӯй. Маро ба ҷои модар дону росташа гӯй. Ногувор бошад ҳам, росташа гӯй.

– Намедонам, чӣ гӯям, хола. Ҳайронам, шумо аз ман чӣ мехоҳед? Ман ба шумо ягон гапи мегуфтагӣ надорам.

– Не, духтарам, гапи мегуфтагиат бисёр. Ман ҳис мекунам, ки гуфтан мехоҳӣ, дилатро холӣ кардан мехоҳӣ, лекин аз ким-чӣ метарсӣ.

«Аз ҳама чиз бохабар будагӣ барин ин кампир. Ё маро имтиҳон карда истодааст? Пешорӯй зада таги диламро фаҳмиданӣ аст. Не, сир бой намедиҳам. Отаам чӣ гуфт – ҳатто ба ҳамсояат ҳам даҳон накушо! Агар ба ӯ дилама холӣ кунам, ақлак шуда «Ин хел нашин, зуд ба ягон ҷо хабар деҳ» мегӯяд ва кор мешавад расво. Хубаш, хап мешинам. Даҳони пӯшида – ҳазор тилло!»

– Ҳа, духтарам, чаро ба даҳонат об гирифтӣ? Гап зан, охир.

– Бовар кунед, хола, гапе надорам, ҳамааш тинҷ.

– Набошад, чаро хавосат парешон?

– Ҳавоси кӣ парешон нест дар ин рӯзҳо. Ҳама дар ташвиш, ҳама дар талвоса. Мо ҳам қатори онҳо, – гапро дур бурданӣ шуд Адолат.

– Духтари азиз! Мана гӯлу гумроҳ гумон накун. Биё, мушу гурбабозӣ намекунем, фурсат рафта истодааст, – кампир ба ҳуҷум гузашта дурушти кард: – Маро ба чашми кам мабин, аз таги гап каму беш бохабарам. Туро чунон тарсондаанд, ки ҳеҷ иқрор шудан намехоҳӣ.

– Аз чӣ бохабаред? – Адолат аз хоби гарон бедор шуда, ҷониби кампир теғи нигоҳ кашид.

– Бале, духтарам, каму беш бохабарам!

– Аз чӣ?

– Аз он сире, ки ту пинҳонаш медорӣ!

– Ман сир-пир надорам, хола. Беҳуда худатонро азоб надиҳед. Ва, агар бемалол бошад, маро ба ҳоли худам гузоред.

– Не, ба ҳоли худат намегузорам! – овоз баланд кард пиразан.

– Барои чӣ? Шумо ба ман кӣ мешавед, ки...

– Ҳеҷ кас! Лекин қарзи инсонӣ, қарзи ҳамсоягӣ, қарзи одамгарӣ маҷбурам мекунад, ки ба тақдири тую бачаҳои ту бепарво набошам. Мефаҳмӣ, духтари беақл?

https://bikhon.tj/

– Ба тақдири ману бачаҳои ман кордор нашавед. Шукри Худо, ман падару модар, бародару шавҳар дорам. Ва ба ёрии шумо муҳтоҷ нестам. Монед, аробаамро худам кашам!

– Майлаш, духтарам, худат медонӣ. Вале илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ бояд кард...

– Хоҳиш мекунам, хола, маро танҳо гузоред. Барои ғамхориатон ташаккур. Агар ёрии шумо лозим шавад, албатта муроҷиат мекунам...

– Мабодо дер шавад. Гуфта монам, якравию гарданшахӣ бароят гарон меафтад. Ман гуфтаму ту шунидӣ.

– Илтимос...

– Ёрии ман ба ту ягон вақт не, ана, ҳамин рӯз, ҳамин шаб лозим буд... – гуфта пиразан вазнин аз ҷой бархост ва дигар ҳарфе нагуфта баромада рафт.

14.

Ақрабаки соат сӯи як майл мекард. Хона чунон хомӯшу ваҳмангез буд, ки садои тақ-туқи соат баръало ба гӯш мерасид. Баробари садои соат садои қалби захмини Адолат ҳам баръало шунида мешуд. Ба назари вай чунин менамуд, ки вақт коҳилона, хеле сусту бемадор пеш меравад. Дам ба соати деворию дам ба соати дасташ менигарист. Бачаҳо кайҳо ба хоб рафта буданд. Чароғи роҳрав даргирон. Адолат дар хонаи хоб амонат ба лаби кат нишаста, хаёлаш андармони берун, ба ҳар садо гӯшу ҳуш мешуд. Бисёр мехост, ки «меҳмонони нохонда» тезтар, ҳарчи тезтар биёянду «амонаташонро» гирифта равонд ва ӯро, фарзандонашро ба ҳоли худ гузоранд. Вай ба ҳама чиз розӣ буд. Дар он лаҳзаҳо ҳатто розӣ буд, ки чизу чораи хонаро бо сӯзану риштааш ба онҳо диҳад, танҳо ба ӯву фарзандонаш зиёне нарасонанд.

Чанд бор бархоста, аз як кунҷ ба кунҷи дигари хона, аз он ҷо баромада назди дари даромад мерафту меомад. Гӯш ба сӯрохи дар бурда хомӯш меистод. Вале садои қадаммонию шарфаи пой ҳеҷ не ки ба гӯшаш бирасанд. «Наход ки аз фикрашон гашта бошанд? Ё тарсидаанд, ки ман ба ягон ҷо хабар додаму ин лаҳза милисаҳо роҳи онҳоро поида истодаанд? Не, ба фикрам, аз қабили он хел метарсидагиҳо нестанд онҳо. Гуфтанд-ку: милиса бо мо! Гуфтанд, таъкид карданд, мекунанд, мебиёянд».

https://bikhon.tj/

Намедонад, бори чандум буд, ки назди дар омада, гӯш ба берун дод. Ана дар ҳамин лаҳза садои паст-паст ба дар расидани ангуштон ба гӯшаш расид.

Адолат як қад парид. Ҷонсарак рост шуда, қадаме ба ақиб партофт. Боз гӯш дод. Дар ду бори дигар оҳиста садо дод.

Дилаш бенизом метапид, гӯё ҳозир ё андактар аз қафаси сина берун мешавад. Ниҳоят Адолат ҷуръате пайдо карда пештар омад ва бо овози ларзон пурсид:

– Кист?

– Мо, одамони худӣ, – бо ҳамон нармӣ аз берун садо омад.

Адолат бо дастони ларзон калидро тоб дод. Дар шараққӣ кушода шуд. «Меҳмонони олиқадр» – одамони худӣ бо ҳамон шаклу шамоили динагӣ дохили хона шуданд ва дарро пӯшиданд.

– Дарро қулф кунам? – бо овози хирросии сохта пурсид меҳмони қаддарози хароб.

– Чӣ, чойнӯшӣ омадӣ? Мегирему меравем! Кушода истад, беҳтар. Фақат ту нигоҳ карда ист!

– Хуб шудааст.

Меҳмони миёнақад зуд чароғи роҳравро «кушту» аз ҷайб чароғи кисагиро бароварда фурӯзон кард.

– Ана, дидӣ, хонумча, мо ваъдахилоф нестем, дар вақти ваъдагӣ ҳозир шудем. Ту тайёрӣ?

– Ҳа, тайёр.

– Канӣ, марҳамат карда ба ман дароз кун, долларшумуриро бисёр нағз мебинам, – гуфт қаддароз.

«Овози шинос. Худоё, дар куҷо шунида бошам, барквор гузашт аз хаёли Адолат. – Овози ҳамон шумшакл? Не, ба назарам, монанд не. Ё сохта бошад?»

– Ҳа, чиба шах шудӣ? – ин нидо ӯро ба худ овард. – Тезтар долларҳоро барор!

– Мана, – Адолат ҳамон бастаеро, ки аз хонаи падар оварда буд, бо ҳамон намуд, ҳатто нашумурда ба ӯ дароз кард.

Мард ҳарисона бастаро гирифта кушоду пулҳоро гирифта рӯймолчаро ба як тараф партофт ва ду ангуштонашро ба лаб тар карда, зуд ба ҳисобкунӣ даромад. Ҳамин замон банохост чашми Адолат ба ангушти панҷуми дасти рости навча афтода, баданашро ларза гирифт, аз сараш як сатил оби хунук рехтагӣ барин шуд. Мехост чизе пурсад, лекин овозаш набаромад.

https://bikhon.tj/

Бо оби даҳон тар кардани ангушти ишоратӣ ва сипас пулшумурӣ чанд бор такрор ёфт. Адолат акнун ба долларшумурии навча не, бештар ба ангушти панҷуми вай, ки нимаш набуд, нигоҳ мекарду нигоҳ. Ҳаракатҳои навча, пулшумурии вай ба Адолат шинос барин менамуд, вале дар ин лаҳзаҳои ҳаёту мамот ҳеҷ ба хотир оварда наметавонист. Он дам ин муҳим ҳам набуд, муҳим он буд, ки тезтар ҳисоб кунанду дафъ шаванд.

Ниҳоят навча долларшумуриро ба охир расонда гуфт:

– Дуппа-дуруст! Маладес, сестричка!

Вай инро гуфта, аз долларҳои шумурдааш дусад доллярро ба Адолат дароз кард:

– Мо дузд бошем ҳам, баинсоф ҳастем. Инаш – ҳаққи ту. Боз нагӯй, ки мо мумсик. То омадани шавҳарат ба шикасту рехти рӯзгорат мерасад.

– Ба одамгарии мо қоил шав, хонумча, – ба гап ҷома пӯшонд миёнақад. – Дар ягон ҷо хондаӣ ё шунидаӣ, ки рэкетчиён ҳамин хел рафтор кунанд? Рафтори моро бояд ба китоби Геннис нависанд!

– Ҳа, чӣ шах шудӣ? Бовар намекунӣ? Гир гуфтем, гир, ки боз аз фикрамон нагардем. Як гапи тоҷикӣ ҳаст, диҳанд, гир, зананд, гурез!

Қаддароз дусад доллярро зӯран ба кафи дастони Адолати шахшуда ҷой кард. – Акнун ба мо ҷавоб, ба нағзӣ бинем!

– Моро ба бадӣ ёд накун! – афзуд дигарӣ ва дарро кушоданӣ буд, ки он пештар кушода шуд ва се мард чолокона пеши роҳро бастанд.

– Наҷунбед! – бонг зад яке аз онҳо, ки овозаш барои Адолат шинос буд.

– Як қадам монед, мепарронам! – хитоб кард дигарӣ ва мили таппончаро ҷониби онҳо рост карда амр дод:

– Чароғи роҳравро даргиронед!

Сенафарон «меҳмонони нохонда»-ро иҳота карданд. Адолат аз воридшудагон танҳо як нафарашон – Бахтиёрро, ҳамон Бахтиёреро, ки боиси нороҳатӣ ва малоли хотираш гашта буд, шинохт. Шинохту худашро гум карда, лабонаш пир-пир парида, оҳиста гуфт:

– Ш...ш... шумо?

https://bikhon.tj/

– Ман, апа, Бахтиёр ман. Ин кас – аком, ин кас милисаи маҳаламон.

Ин дам навча якбора бонг зад:

– Ҳа, ҷалабе, кората кардӣ-да, хабар додӣ, ҳа?! Мана ба ту! – ӯ бисёр чобук аз соқи мӯза корди дарози шикориро кашида ба Адолат ҳамла кард. Вале Бахтиёр чолокона пеши роҳашро гирифт ва корд ба Адолат нею ба байни панҷаҳои ӯ даромад. Ҳарчанд ки дасташ хуншор шуда буд, вай бо тамоми кувва дасти навчаро тоб дода, кордро ба фарш ғалтонд. Ҳамоно милиса, ки лаҳзае карахт шуда буд, ба худ омада, бо таппонча ба паси гардани навча фаровард.

Ин дам миёнақад аз фурсат истифода бурда, бародари Бахтиёрро тела дода аз дар баромаданӣ буд, ки дар остона Ҳамидахола пайдо шуд ва бехудона бо асои нӯгтези оҳанинаш ба фарқи сари вай фаровард.

– Ҳа, номард! Канӣ, марш ба хона!

Миёнақад аз зарбаи ногаҳонӣ ба худ печида, сари хуншорашро дошта ақиб гашт.

Дастони ӯро низ ҳамоно завлона заданд.

Пиразан аввал ба дастони хунолуди Бахтиёр, сипас ба чеҳраи коҳидаи Адолат нигариста, бо афсӯс сар ҷунбонд:

– Духтарам, ман нагуфтам ба ту... Агар як лаҳза дер мекардем... Чӣ шах шуда мондӣ, ягон латта-патта дорӣ?

Адолат саросема ба хона даромада дока ёфта омад. Модар дасту панҷаи Бахтиёрро басту ба сенафарон муроҷиат кард:

– Хайр, чӣ нигоҳ карда шиштетон? Пешандоз карда баред инҳоро, меҳмонӣ ба охир расид.

– Оча, як дақиқа, – гуфт Бахтиёр. – Ман мехоҳам Адолат-апа чеҳраҳои ин «меҳмонони олиқадр»-ро бинад. Ба фикрам, мешиносад инҳоро?

– Чӣ, мешиносам? – даступо хӯрд Адолат.

– Ҳа, бояд шиносед!

Бахтиёр ба навча наздик омада, даст ба ниқобаш бурданӣ шуд, ки вай тарафи чап тоб хӯрд.

– Номард, ба ин тараф нигар! – хитоб кард Бахтиёр.

Вале вай боз сар нафароварда рӯй тарафи рост гардонд.

Ғазаби Бахтиёр ҷӯшиду мушти обдоре ба паҳлуи чапи навча фаровард. – Рост ист мегӯям, номард!

https://bikhon.tj/

Навча ноилоҷ рост шуд. Бахтиёр бо кароҳат ниқобро аз рӯи вай канда, ба фарш партофт.

– Шинос барин-ку, – гуфт кампир пештар омада. – Назарамба се-чор рӯз пеш дар назди ҳамин бино дида будам. Канӣ, духтарам, ту дурусттар бин, шояд шиносӣ? – пиразан ба Адолат рӯй оварда.

Аҳрор – бародари ҳамхуни Адолат – навча рӯяшро ба дигар тараф гардонд, ки чашмаш ба чашми Адолат наафтад. Вале Бахтиёр ҳамоно рӯи ӯро тарафи Адолат тоб дод:

– Канӣ, хоҳари азиз, дурусттар нигоҳ кунед, шояд ин махлуқро дар ягон ҷо дида бошед? Ман ӯро дар вокзали шаҳр дида будам.

Адолат ба чеҳраи навча нигариста, дар ҷояш шах шуд. Ҳанӯз ба худ наомадаву сухане ба забон наоварда, Бахтиёр ниқоби «меҳмон»-и дуюмро ҳам барканд.

– Э, войе! Инашро ҳам ман он рӯз дар рӯи ҳавлӣ дида будам, – ҳамоно гуфт Ҳамида-хола.

Адолат сӯи нафари дуюм нигаристу падари ба ҷону дил баробарашро дида, даҳонаш во монд. Гоҳ ба бародараш, гоҳ ба падараш карахтона нигариста, гӯё аз ақл бегона шуда бошад, сар меҷунбонду халос.

– Ба ту чӣ шуд, духтарам? – хавотир шуд кампир. – Гап зан охир, инҳоро шинохтӣ ё не?

Адолат баъди фосилае ба худ омад.

– Ҳа, шинохтам, холаҷон, – базӯр овоз бароварда ӯ ва баъди фурсате гӯё дар баданаш вулқоне ба амал омада бошад, якбора фиғон кашид, фиғони пурдард.

– Кошкӣ намешинохтамашон, холаҷон! Кошкӣ намешинохтам! Кошкӣ чашмонам кӯр мешуданду инҳоро намедидам! Эй, Худо! Кошкӣ ҷони мани берӯзиро тезтар мегирифту аз ин шармандагӣ халосам мекард. Чӣ рӯз аст ин, чӣ даҳшат аст, чӣ беномусист!..

– Духтарам, худата ба даст гир, – аз китфони Адолат дошта гуфт кампир. – Худата ба даст гир...

– Шумо инҳоро шинохтед, холаҷон? – Адолат сар ба сандуқи синаи Ҳамида-хола монд. – Ин шармандаҳоро шинохтед?

https://bikhon.tj/

– Шинохтам, духтарам, шинохтам, – кампир сар ба дар афканд.

– Оҳ, мани шарманда! Бо падару бародарам ифтихор мекардам! Акнун ба рӯи мардум чӣ хел, бо кадом рӯй нигоҳ мекунам, холаҷон? – фиғони Адолат боз боло шуд.

– Аз шармандагӣ Худо нигоҳ дорад, духтарам. – Ту шарманда не, шарманда ин ду марди ҳузарб. Шарманда – зиндагии мо, зиндагии ноҷӯри мо... Биё, хона дароем. Ором шав, тасаввур кун, ки ин ҳама хобу хаёле буду гузашт...

Кампир Адолатро ба хонаи дарун даровард.

Дар долон овози милиса, ки бо телефон гап мезад, танин андохт:

– Алло, рафиқ подполковник! Капитан Мастонов гап мезанад! Амалиёт бобарор анҷом ёфт. Бале, меҳмонони нохондаро дастгир кардем… Бе талафот, фақат Бахтиёр камтар захмин шуд. Ҳа, ҳамон... Ҷароҳаташ вазнин нест. Албатта, аз номи шумо ташаккур мегӯям. Шахсияти меҳмонҳо? Ҳа, маълум шуд, ҳарду ҳам одамони худӣ... Оре, аҷаб коре, аҷаб дунёе, рафиқ подполковник. Аҷаб дунёе...

Солҳои 1999-2001.

https://bikhon.tj/

ИФФАТ

Ҷаҳони чархгардон зинда бодо!
Умеди раҳнавардон зинда бодо!
Ҳаёву шарму лутфу иффати зан
Вафову аҳди мардон зинда бодо!
Низом Қосим

Осаф лаҳзае ба дафтари корӣ ворид гашт, ки он ҷо аллакай касе набуд. Ҳамкорон тахтаву тиракашонро ғундошта рафта буданд. Дар ин ҳавои тираву тори тирамоҳ чӣ кор ҳам мекарданд. Ба замми ин вақт ҳам хеле гузашта, торикӣ доман паҳн мекард. Борони сард ва майдаи хиранусхаи фасли поиз ба атрофу акноф бетаъсир наменамонд. Нақши ӯ дар ҷисму ҷони мардум, дар дару девори хонаву кӯча баръало эҳсос мегардид. Дар ин хел лаҳзаҳо кас мехоҳад зуд худро ба хонаи гарму гуворо бигирад ва сари мушкилоти зиндагӣ, бошу набоши тақдири одамӣ андеша бикунад.

Рӯзноманигори ҷавон – Осаф ин лаҳзаҳо дар дигар хусус андеша мекард. Вай навакак дар донишгоҳи омӯзгорӣ буд, дар баҳси одоби муносибати зану мард ширкат дошт. Баҳс бисёр бо шӯру шавқ гузашт. Донишҷӯён тасдиқ мекарданд, ки замона дигар гаштаасту одамон ҳам дигар, дар ин замонаи нобасомон, дар айёми муносибатҳои бозаргонӣ мафҳумҳои виҷдон, вафодорӣ, оила, муҳаббат, хушахлоқӣ… ва амсоли инҳо ноаён мазмуну мундариҷаи нав ба худ касб кардаанд… Аҷаб замонае шуд. Ба як дидан ошиқ шудан, нархи сабзию пиёзро напурсида ба оғӯши ҳамдигар даромада, шабро ба сад ранг ба саҳар бурдан, пагоҳ хайрухушро нася кардан, ба ду тараф ҷудо шудан, ту надидӣ, ман надидам, роҳи ту дигар, роҳи ман дигар. Аз ягон бало сари мӯйе тарс не. Беморӣ… ҳамл… Ин чизҳо аҳамият надоранд. Ҳоло воситаҳо бисёр, аз ҳамааш метавонӣ ба осонӣ халос шавӣ. Муҳимаш, пул дошта бошӣ, шуд…

Осаф паси миз гузашта, курсиро пештар кашид. Даст ба пешонӣ бурда, ба андеша рафт. Вай бояд барои шумораи навбатӣ аз ҷараёни ин баҳс гузорише омода мекард. Чӣ нависад, аз куҷо сар кунад? Вай ҳанӯз ба ягон хулосае наомада буд, ки занги телефон ӯро як қад парронд, даст ба гӯшӣ бурд.

https://bikhon.tj/

– Лаббай.

– Салом, ако.

Осаф овози мусоҳибашро шинохт. Вай шиноси деринааш Нормурод буд. Ҷавонмарди бодинамо, шӯху ҳазлкаш, парвои фалак надорад, ёфтагиаш дар пешаш, наёфтагиаш дар пасаш. Ба як маънӣ, тоҷири чор кас медидагӣ.

– Чӣ ҳол доред?

– Бад не.

– Фаромӯш накардед-а?

– Чиро?

– О, ана. Худо зад. О, маслиҳатамон чӣ буд?

– Ҳа, ҳа. Мебахшӣ, додар. Қариб, ки фаромӯш кунам.

– Ана гапу мана гап. Одам гуфтагӣ наход, ки… Хайр, шуд. Шумо тайёр?

– Осаф паси сар хорид, ба андеша рафт. Чӣ ҷавоб доданашро намедонист.

– Ало! Маро мешунавед?

– Бале, бале, мешунавам. Нормурод. Ҳамин… мегум, рафтани ман шарт?

– О, ако, расо куштед-ку. Ал-ваъдаву дайн гуфтаанд.

– Агар ман наравам, намешавад?

– Не, намешавад. Маро шарманда накунед, ако.

– Барои чӣ?

– О, ман шуморо чунон таъриф кардам, ки… Афлотунро дар вақташ ин хел таъриф накарда буданд. Агар наравед, обрӯи ман оби лаби ҷӯй мешавад.

– Хуб, хуб. Бошад. Рафтан бошад, меравем.

– Ана, ин гапи дигар.

– Лекин, Нормурод, намегӯӣ, додар, вай чӣ гуна маъракаст?

– Аввал ин, ки вай маъракане, маъракача…

– Хайр, ба ин маъракача ғайри ману шумо боз киҳо даъват шудаанд?

– Ду ба ду, каси дигар нест.

– Нафаҳмидам. Яъне кӣ бо кӣ? – гулпурсӣ кард Осаф.

– Расо сода будаед, ако. Гуфтам-ку, ду ба ду. Яъне ки ману шумо ва боз ду ойимча.

– Ҳа, ҳамин тавр, гӯй. Нишаст ба кадом мақсад?

– Кадом мақсад? Худатонро гӯл нишон надиҳед, ако. Гӯё ки

https://bikhon.tj/

шумо мард набошед. Инро ташкилӣ мегӯянд. Мешинем, чақ-чақ мекунем, зиёфат мехӯрем, баъд… мебинем.

– Чияшро мебинем?

– Содагӣ ҳам ба эбаш, ако. Гӯё ки дар умратон занро надида бошед. Суҳбат ки тасфид, сарҳо, ки хуш шуд, дилҳо, ки таҳти як наво ба рақс даромад, шумо медонеду дави аспатон, яъне ки майдон аз далер.

– Нафаҳмидам, Нормурод. Кадом зан?

– Ҳамоне ки бо хонуми ман шинос аст.

– Ҳа, акнун фаҳмидам. Яъне ки ба хонаи шиноси шумо меравем.

– Бале, бале, шиноси ман. Натанҳо шинос. Вай кайҳо ному насабаш ба дафтари хотираам сабт шудааст.

Осаф худ ба худ табассум кард ва пурсид:

– Ин чандумаш?

– Намедонам, ҳисобаш гум. Факт то что, ако, тайёр шаведу кампанияи моро гарм созед.

– Не, намешавад, ҷӯра.

– Барои чӣ?

– Худат нағз медонӣ, ки ман ин хел нишастҳоро хуш надорам.

– Э, инаш гапи нав-ку. Чӣ, шумо аллакай ба ҷамъияти ҳезалакҳо аъзо шудед?

– Аз даҳонатон шамол барад. – Гап дар сари ин не, додар. Ман бо зани бегона муомила кардан наметавонам. Аз оқибаташ метарсам.

– Ҳеҷ гап не, ако. Аз гург тарсӣ, ба ҷангал марав, гуфтаанд. Баъд ин ки... Укотон бошад, хор намешавед. Дарси ба зани бегона чи гуна муносибат карданро, агар лозим шавад, худам ёд медиҳам. Укотон ин мактабро нағз гузаштагӣ.

– Нормурод, уко.

– Гап тамом. Як бор мардак шавед. Баъди ним соат шуморо дар сари кӯча интизор мешавам. Барои мо мошин меояд. Бозор меравем. Харид кардан лозим.

– Бозор? Харид? – Осаф ҳангу манг шуд.

– Натарсед, ако. Хароҷот аз ҳисоби укетон. Расад нонам, нарасад ҷонам.

– Гап дар ин не, додар… Охир.

https://bikhon.tj/

– Э, ака, расо мичинг будаед-да. Э, хайр, агар аз дастатон ягон бало наояд, агар ҳақиқатан ҳезалак бошед, ҷимакак шиштан мегиред. Ақаллан ба хотири кампания ба ман шарик шавед.

– Хуб, хуб… Ба фикрам, аз пашшаи ғингак халос шудан мумкину аз дасти ту не.

– Ана, ин гапи дигар, ако. Чака партоед.

– Ба воситаи телефон?

– Ин дар омади гап, ако.

…Аҷаб одаме, аз дил гузаронд Осаф ва мулоқоти нахустинро бо ӯ ба хотир овард. Боре ҳангоми ба тиҷорати хурд машғул шудан коре шуду онҳо рӯбарӯ омаданд. Осаф мақола навишта, «ҷони» ӯро халос кард. Ана, аз ҳамон вақт онҳо ёру бародар. Нормурод ҳамеша мехоҳад, ки коре карда, қусури некии Осафро барорад, ӯро хурсанд созад.

– Ҳой, ака чаро хап шудед?

– Додар, хоҳиш мекунам, дар назди бегона мана ба хиҷолат намон.

– Хуб шудааст, ако. Аз ман шинос кардан, он тарафаш кори шумо. Чӣ хеле ки дар урфият мегӯянд, саратону равғанатон…

* * *

Баъди соате дар остонаи ҳуҷраи зебои ба таври аврупоӣ таъмиршудаи канори шаҳр Осафу Нормурод бо соҳиби манзил Гавҳар рӯбарӯ шуданд. Гавҳар меҳмононро «хуш омадед» – гӯён ба хонааш даъват намуд. Болои мизи мудаввар, ки нисфи утоқи мобайнро банд мекард, аз анвои хӯрданиву ошомиданӣ пур буд. Дар хона каси дигар набуд. Табъи дил. «Хайрият… Ягон ним соат мешинаму баъд узр пеш оварда, ин хонаву ин мизро ба ихтиёри Дон Жуану сайди навбатияш монда, баромада меравам» – аз дил гузаронд ӯ ва бо таклифи соҳибхона паси миз гузашт.

Нормурод ин тараф – он тарафи хонаро ба бинӣ бӯй кашида пурсид:

– О, канӣ вай, вай канӣ?

Гавҳар, ки табиатан ҷавонзани шӯху бебок будааст, нимҳазлу нимшӯхӣ посух дод:

– Шумо дер кардетон, ошноҳо. Дугонаам расо чил дақиқа интизор шуд. Баъд хесту бирафт.

https://bikhon.tj/

– Э, не-е. Маро натарсонед, хонум. – Тарбуз аз бағали Нормурод афтид. – Як боғ барои ду мевачин тангӣ мекунад. – Шумо маро пеши ин аком шарманда накунед. Ман ин каса базӯр, бо булдозер кашола карда, ин ҷо овардаму шумо мегӯед, ки рафт. Чаро мондед, ки равад?

Осаф дар дил хурсанд шуд, вале инро ошкор накарда, чизе гуфтанӣ буд, ки Нормурод боз афзуд:

– О, мо ба умед омада, ноумед равем, чӣ мешавад?

– Ҳеҷ гап не. Шумо ба як дав болои бом баромаданӣ-чӣ?

– Ҳар дам ғанимат аст, одам ғанимат аст, хонум. Мард бояд дар зиндагӣ ҳар лаҳзаву ҳар соатро самаранок истифода барад.

– Хайр, як рӯз самаранок истифода набаред, осмон омада ба замин намезанад, – Гавҳар ҳанӯз шиддату ҷиддияти суханашро паст намекард.

– Не, нашуд. Хезед, ако. Рафтем. – Нормурод аз китфи Осаф дошта, ба хестан маҷбур кард.

Гавҳар қоҳ-қоҳ зада гуфт:

– Оҳиста, ака. Омадан ба иродат, рафтан ба иҷозат. Ман ҳозир рафта, ӯро гирифта меорам.

– Ана, ин гапи дигар. Қариб, ки маро гурдакаф кунед. Ӯ дар куҷост?

– Ба инаш кори шумо набошад.

– Нашавад, ки то бегоҳ боз роҳи шуморо поем.

– Не, ман баъди ним соат меоям. Шумо якпиёлагӣ чой нӯшида чақ-чақ карда шинетон. Ман ҳозир.

Инро гуфта Гавҳар саросема аз дар бадар шуд.

Нормурод гӯё хонаи худаш бошад, овози магнитофонро саҳл баланд карда, тахтаи шоҳмотро пеш кашид ва мӯҳраҳояшро рӯйи он чидан гирифт. Ба ду пиёла чой рехта, якеяшро назди Осаф гузошта, муроот кард:

– Хӯш, ако. Канӣ, марҳамат. Сар кунед.

– Ман аз ин бозӣ пиёда, додар, – гуфт Осаф узр пеш оварда.

– Э, шумо заб одам будаед-да, ако. Аз зан пиёда, аз бозӣ пиёда. О, дигар чизаш мемонад? Ҷойи шумо кунҷи масҷид, – инро гуфта Нормурод донаҳои шоҳмотро аз нав ғундошта ҷо ба ҷо кард ва даст ба шишаи коняк бурд.

– Хайр. Гумон мекунам, ки аз инаш пиёда набудагистед? – рост ба умқи чашмони Осаф нигариста гуфт Нормурод.

https://bikhon.tj/

– Қитӣ-қитӣ мумкин.

– Э, хайрияте. Ба ҳаминаш ҳам шукр. Охир, ин арақ не-ку, ин шароб, шароби ноб. Онро дар ҳар давру замон нӯши ҷон мекарданд.

– Рост мегӯӣ, додар, – тасдиқ кард гапи ӯро Осаф ва афзуд.

– Нӯшиданро ҳеҷ кас манъ накардааст, вале аз ҳад нагузарад, шуд.

– Мо аз ҳад намегузаронем-да, ако. Ҳамон қадаре менӯшем, ки вақти рафтан роҳи хонаро гум накунем.

– Рост. Ҳарчи аз ҳад гузашт, расво шавад, гуфтаанд.

Нормурод ба чор қадаҳ шароб рехта ба чор тарафи миз гузошт.

Ҳамин лаҳза дар бе тақ-тақ кушода шуда, аввал соҳибхона, аз паси вай ҷавонзани қоматбаланди резапайкари ситорагарму сабзина, бо чашмони обии дурахшон ворид шуданд. Одоби салом ба ҷо оварда шуд.

– Шинос шавед, дугонаи ман Иффат, – муаррифӣ кард Гавҳар.

– Нормурод!

Осаф ба ҳурмати зан аз ҷой бархоста, даст пеши бар гирифта-ву нимтаъзим карда:

– Осаф, – гуфт.

… Баъди лаҳзае онҳо ҷуфт-ҷуфт аз ду тарафи миз ҷой гирифтанд. Даҳони шишаҳо боз, қадаҳҳо пур. Нӯшбод аз пайи нӯшбод шуд. Барои шиносоӣ, ба ифтихори ҳозирин, ба саломати сари ҳамдигар ва осоишу амонӣ қадаҳ бардоштанд.

Осаф ба хотири хонумҳо ҳар бор як қулт – ду қулт менӯшиду боз қадаҳро болои миз мегузошт. Иффат низ дар шаробнӯшӣ чандон фаъол набуд. Кам гап мезаду кам даст ба нуқлу наво мебурд.

– Шумоҳо ба ҳам хеле мувофиқ афтодед, – гуфт Гавҳар, ки аллакай шароб ба ӯ таъсир карда, чашмонаш хуморӣ шуда буданд ва афзуд: – Ҳамин хел чашмаки ман чашмаки ту карда мешинед-мӣ. О, хезед, рақсед, ба балкон бароед, ҳавои тоза гиред.

Вале онҳо гӯё нашунида бошанд, ба ин гуфтаҳо чандон эътибор надоданд.

Гавҳар, ниҳоят тоқаташ тоқ шуда, ба Нормурод ишорае кард, ки маънояш «инҳоро хубаш ба ҳоли худ гузошта, ба хонаи дарун

https://bikhon.tj/

мегузарем» дошт. Нормурод ҳам ба ҳамин ишора маътал буд, ки зуд аз ҷо бархоста, аз соиди Гавҳар гирифта, «Ба пеш!» гуфт ва ба Осафу Иффат рӯй оварда, хитоб кард:

– Ин хона аз шумо. Чӣ қадар ки хоҳед, хапи ману хапи ту гуфта шиштан гиред. Мо истироҳат мекунем. Халал нарасонед.

– Агар хомӯшӣ ба дилатон заду хоҳиши дам гирифтан пайдо шуд, марҳамат, диван ба ихтиёри шумо, – илова кард Гавҳар. – Пеш аз баромадан мо тақ-тақ мекунем. Хайр, не скучайте! – Ӯ дасташро аз бағали Нормурод гузаронда, сарҷунбону покӯбон ба хонаи шафат роҳ гирифт.

Осафу Иффат танҳо монданд. Хомӯшии гароне ба вуқӯъ омад. Касе ҷуръат намекард, ки нахустин шуда лаб ба сухан кушояд. Осаф оҳиста бархоста, овози магнитофонро паст кард. Мусиқӣ ва суруд акнун гӯшнавоз буданд.

– Ташаккур, – изҳори миннатдорӣ кард Иффат. – Табъи дил кардед. Гӯшҳоям ба қомат омада буданд.

– Аз они ман ҳам, – сухани ӯро тақвият дод Осаф ва аз тарси он ки хомӯшӣ тӯл накашад, афзуд: – Шумо хеле хаста менамоед.

– Шумо ғами маро хӯрда, хоҳиш мекунед, ки дароз кашида, дам гирам?

– Не, не. Шумо маро дуруст нафаҳмидед. Ман сидқан мегӯям.

– Наранҷед, ман ҳам дар омади гап гуфтам. Шумо дуруст пай бурдед. Ман ҳақиқатан хастаам. Ташвишам бисёр. Мардуми бисёре ба арзу шикоят меоянд. Ба дарди ҳама даво ёфтан мушкил. – Бахусус дар ин замона, ки сару сомони кор гум аст, саг соҳибашро намеёбад.

– Раиси кумитаи иттифоқи касабаи як корхонаи калон будан осон аст магар?

– Осон нест, Осафака. Мушкилот аз мӯйи сар бисёр.

– Ман инро мефаҳмам. Офарини шумо. Коргар ба наздатон бо умед меояд, вале вақте аз дастатон чизе намеояду домани вай бечораро бо чормағзи пуч пур карда, мегуселонед, инаш азоби сахт.

– Бо вуҷуди ин кӯшиш мекунем, ки илоҷе карда, кам ҳам бошад, мушкили мардумро осон кунем.

– Баъди ин қадар асабоният ба хона меравед. Агар шавҳари хуб бошад, шуморо фаҳмад, шарики дарду доғатон бошад, дарди бахайр, хастагӣ зуд бартараф мешавад, лекин агар аксаш

https://bikhon.tj/

бошад, шуморо нафаҳмад, бадҷаҳлу бадрашк бошад, Худо зад гуфтан гиред, як ғаматон сад ғам мешавад. Худо нигаҳ дорад аз ин хел шавҳар, – инро гуфта Осаф ба мақсади кашф кардани ҳолати рӯҳии Иффат рост ба умқи чашмони ӯ нигарист.

Иффат оромона, бо нимтабассум гуфт:

– Хайрият, ки ман аз ин ташвишҳои хонагӣ халосам.

– Чӣ хел? – мароқ зоҳир кард Осаф.

– Чаро, ки маро дар хона, агар дер равам ҳам, асабӣ равам ҳам, касе бо лунҷу қавоқи овезон, бо дӯғу даранг пешвоз намегирад.

– Яъне ки падари фарзандон одами хуб, дидадаро, аҳли фаҳм, сиёҳро аз сафед фарқ мекунад? Ба ростӣ, ман ба шумо ҳасад мебарам.

– Не, шумо маро дуруст нафаҳмидед.

– Яъне?..

– Ман танҳо бо ду фарзандам зиндагӣ мекунам.

– Бубахшед нофаҳмии маро.

– Ҳеҷ гап не.

– Чӣ, падари бачаҳо…

– Вай зинда…

– Пас…

– Ба Русия ҳам нарафтааст чун дигарон. Дигар боз чӣ гӯям?

– Маъзарат, пас агар махфӣ набошад, вай дар куҷост?

– Дар ҳамин ҷо, дар шаҳри худамон.

– Яъне, ки ӯ дур нарафтааст. Ин ҷо будааст ва шумоён аз ҳам ҷудо зиндагӣ мекунед?

– Бале, ҳамин тавр.

– Агар махфӣ набошад, чаро ин тавр шуд? Шумо метавонед ҷавоб надиҳед. Ман дар омади гап пурсидам.

– Махфӣ нест. Гапи пинҳон доштанӣ ҳам нест. Албатта, ҳеҷ кас дӯғи ман туруш намегӯяд. Ман ҳам аз ин истисно нестам. Шояд дар зиндагии якҷояи дувоздаҳсола аз ман ҳам айбе гузашта бошад. Лекин ба ҷудоии мо худи ӯ гунаҳкор аст. Ва ӯ инро хуб медонад. Ва то ҷое, ки медонаму ба гӯши худ шунидам, пушаймон ҳам ҳаст.

Иффат лаб аз идомаи сухан фурӯ баст. Лаҳзае ҷониби тиреза ва аз он ҷо ба берун нигоҳ карда, чашмонашро пӯшидаву кушода, оҳи сард кашид.

https://bikhon.tj/

Осаф бо мақсади ӯро аз хотироти нохуш берун овардан лабонашро ба табассуми сохта ранг дода, узр пеш оварда:

– Маъзарат, ки ба торҳои нозуки қалби шумо беҷо нохун задам. Бо вуҷуди ин барои ман аҷиб аст донистани он ки байни шумо чӣ шуд, чӣ боис гашт, ки як оилаи ба назарам аҳли тифоқ, ҳамеша шоду масрур вайрон шуд?

– Шумо дигар кор надоред? – бо табассуми зебо суол кард Иффат.

– Не, – бо қатъият ҷавоб дод Осаф.

– Аҷиб…

– Чияш аҷиб?

– Ман гумон кардам, ки…

– Гумони бад накунед. Ман…

– Шумо мабодо-ку нависанда нестед?

– Кам-кам менависам.

– Фаҳмо.

– Фаҳмо, ки бошад, ҳикояатонро давом диҳед. Бори дигар узр, ки суҳбати мо оҳанги пурсишу посухро гирифт ва ман қариб, ки нақши муфаттишро бозам.

Ин дам аз хонаи шафат садои қаҳ-қаҳаи хандаи баланд ба гӯш расид ва ҳар ду бидуни ихтиёр нигоҳҳо ба ҳамон тараф дӯхтанд. Садои ханда батадриҷ паст ва ҷойи онро нолиши бардавоми пасту гуворое гирифт. Ва ҳарду, ки аз муносибатҳои маҳрамонаи зану шавҳар хуб бохабар буданд, шарм доштанд ва чунин вонамуд сохтанд, ки гӯё ношунида бошанд. Иффат зуд яхи хомӯширо шикаста, риштаи суҳбати кандашударо аз нав бипайваст ва афзуд:

– Шумо мепурсед, ки чӣ боиси хонавайронии мо шуд? Ҷавоб медиҳам. Чор соли аввал зиндагии хубу ширин ва гуворо доштем. Дар ин миён барояш гулписару шакардухтар ҳадя кардам. Шавҳарам дар идораи баобрӯе кор мекард. Дар кучо, намегӯям. Ин аҳамият надорад. Моҳе як бор-ду бор дар ҷойи кор навбатдорӣ мекард. Ман инро хуб медонистам ва ба он одат карда будам.

Шабе занги бемаҳали телефон маро аз хоби ширин бедор кард. Чашмонамро базӯр кушода, гумон кардам дар занг мезанад. Ҳушёр шуда ҷониби дар нигаристам. Не, занги дар набуд. Телефон занг мезад. Ба соати роҳрав нигаристам. Якуними шаб.

https://bikhon.tj/

Дилам тахҳ кашид, хавотир шудам. Зуд ҷониби телефон давидам. Гӯшакро бардошта «Алло» гуфтам.

Аз он тараф бе салому бе муаррифӣ чунин суханҳо бехи гӯшам садо доданд:

– Бубахшед, ки хоби ширинатонро ҳаром кардам.

– Шуморо нашинохтам.

– Ин муҳим нест, хоҳари ҷон.

– Набошад чияш муҳим аст?

– Муҳим он аст, ки шумо як зани ҷавони паричеҳра, об хӯред дар гулӯятон метобад, хотирҷамъ «дадои бачаҳо дар навбатдорӣ» гуфта, ба умед нишастаед.

– Хайр, давомаш…

– Давомашро ҳам шунидан мехоҳед?

– Бале. Модоме ки аузубиллоҳ гуфтед, бисмиллоҳашро ҳам фаромӯш накунед.

– Ҳа, аз шумо гап наменонад, хоҳари ҷон. Дар ҷома пӯшондани гап устухон надоштаед.

– Давомаш…

– Давомаш ҳамин, ки вай… яъне шавҳарҷонатон ин лаҳзаҳо оғӯши зани дигарро гарм карда, «уфу пуф» карда шиштааст.

– Ва шумо барои нарезондаву начаконда расондани ҳамин хабар хоби ширини дигаронро ҳаром карданӣ шудед?

– Ибӣ. Шумо бовар намекунед?

– Бовар намекунам.

– Э, офарини шумо. Ин хел зани бепарворо бори аввал мебинам.

– Мебинам не, мешунавам, гӯед. Бесавод! Акнун беҳтараш худатонро азоб надода, гӯшакро ба ҷояш монеду ба хоби одамон халал нарасонед.

– Агар ман гӯям, ки шавҳаратон ҳоло дар навбатдорӣ нею дар фалон ҷо, фалон ҳавлӣ, фалон хона…

– Медонед-чӣ, ака мешавед-мӣ, додар мешавед-мӣ, ба шумо як савол мумкин?

– Марҳамат. Гӯшам ба шумо.

– Мабодо-ку, шавҳари ман ин лаҳзаҳо бо зани шумо набошад? Агар ҳамин тавр бошад, ман ин рафтори ӯро самимона ҷонибдорӣ мекунам.

– Ибӣ! Шумо ҳушатон дар ҷояш?

https://bikhon.tj/

– Бале, дар ҷояш. Аз занатон эҳтиёт шавед. Ман ӯро чанд бор бо шавҳарам танҳо ба танҳо, оғӯш ба оғӯш дидам. Бовар намекунед?

Дами телефонкунанда ба дарун зад. Хомӯшии гароне ба амал омад.

Иффат ба хубӣ эҳсос кард, ки тираш ба ҳадаф расид. Набарди рӯҳиро идома дода, ба «ту-ту» гузашт.

– Ҳа, чиба дамат ба дарун зад. Булбулакат аз хондан монд. Мемурӣ, аввал гиребони худатро бӯй кунӣ. Мард нашуда, мур.

– Чӣ? Чӣ гуфтӣ?

– Чизе ки шунида бошӣ. Боз як бори дигар телефон кунӣ, дар куҷо, кай, чӣ тавр ишқварзӣ кардани зани ту ҳезалак ва шавҳарамро мегӯям. Агар аз ин қаноатманд нашавӣ, пас ба ҳама ҷо овозаю дарвоза мекунам. Фаҳмидӣ?

Аз он тараф садо не, хишир-хишири телефон ба гӯш мерасид.

Иффат ғазабаш ҷӯшида, суханашро давом дод.

– Ҳой, чаро хомӯшӣ? Гап зан, охир?

– Чӣ гап занам. Ту…ту…

Иффат: – Медонӣ, ту кистӣ?

– Донистан мехоҳам.

– Пас, гӯш кун. Ту даюс ҳастӣ. Маънои даюсро медонӣ?

– Не, фаҳмон.

– Даюс он, ки медонад занаш бо марди бегона сарукор дорад, вале гӯш ба карӣ, чашм ба кӯрӣ меандозад, чорае намеандешад…

Ҳикояи Иффат ба ҳамин ҷо расида буд, ки Осаф тоқат накарда пурсид:

– Наход ҳамаи ин рост бошад?

Иффат самимона хандид ва афзуд: – Аҷибаш он буд, ки вай ҳатто напурсид ман ҳамаи инро аз куҷо медонам.

– Осаф: – Оё дар асл ҳамин тавр буд? Шумо он мардро мешинохтед?

Иффат хандида:

– Аз куҷо? Рангу раҳмонашро надида будам. Ҳамааш бофта буд. Худам ҳам он лаҳзаҳо надонистам, ки аз куҷо ин хел суханҳо ба ёду ба забонам омаданд.

– Хӯш, пас чӣ шуд?

– Чӣ мешуд? Чӣ хеле, ки гуфтам, нафас дар гулӯяш дармонд.

https://bikhon.tj/

Дигар чизе гуфтан натавонист. Дидам, ки на гӯшакро мемонаду на чизе илова карданӣ ҳаст, афзудам:

– Хайр, чӣ ту? Давом диҳам. Ё ҳоло ҳамин қадараш кифоя!

– Бас, кифоя, – оҳиста шунида шуд аз он тараф.

– Бас, ки бошад, бас. Акнун боварӣ дорам, ки ин рақамро батамом фаромӯш мекунӣ. Агар бори дигар, боз хато карда ба ин ҷо телефон кунӣ, он вақт, албатта, рӯятро бо дастони худам сиёҳ мекунам.

Мард пеш аз гӯшакро мондан дар худ ҷасорате пайдо карда, узромез гуфт:

– Сабақи бузургам додӣ, хоҳар. Занеро мисли ту бори аввал мешунавам. Мебахшӣ... Мо як ба як рафтем. Лекин… аз ман як бор огоҳ кардан буд, огоҳ кардам. Чӣ хеле мефаҳмӣ, ҳамон хел фаҳмидан гир. Он тарафаш кори ту. …Ман… ман пештар ҳам кам-кам дар бораи ин қанчиқам шунида будам, гӯшам бод ёфта буд. Акнун фаҳмидам, ҷаҳмандаш кӣ будааст? Ин лаънатӣ хонаи очам мерам, гуфта… Лекин ту дурӯғ гуфтӣ. Имшаб зани ман бо шӯи ту нест. Чунки ман аниқ медонам. Зане, ки имшаб ҳамоғӯшу ҳамбистари шӯи ту ҳаст, дигар зан аст. Хайр, худат медонӣ, аз ман огоҳ кардан…

Ман баръало эҳсос кардам, ки мард гуфтаҳои дурӯғини маро, ки аз сӯзи дил буд, рост қабул кардааст. Ӯ дигар ҳарфе нагуфта, байни дандону забон ғур-ғуркунон гӯшакро партофт.

Ман гӯшак дар даст, карахту бесадо, лаҳзае дар олами рӯъё будам. Намедонистам ба ин суханҳо бовар кунам ё на.

Аз ҳолати карахтӣ баромада, гӯширо мондаму худро боз ба ҷогаҳ партофтам. Чашмонам пӯшида, вале хоб маро батамом тарк карда буд.

Қарибиҳои саҳар, вақти ба кор рафтан хобам бурдааст, вале дурудароз не. Дасти сарду рӯйи аз атри бегона сери шавҳарам маро аз хоб бедор кард. Нигаҳ кардам, чашмонаш варам, супсурх. Нишони бехобӣ ҳувайдо буд.

Ман ба ӯ чизе нагуфтам, суоле надодам. Не, не, хато кардам, чаро дурӯғ гӯям. Пурсидам. Фақат як суол додам:

– Навбатдорӣ хуб гузашт?

Ӯ ҳам посухи кӯтоҳ дод: «Хуб гузашт. Фақат ҳамин, ки хоб накардам».

– Дида истодаам, – гуфтам нигоҳамро гурезонда.

https://bikhon.tj/

– Чиро?

– Чашмонатонро.

– Ба чашмонам чӣ шудааст?

– Чашмонатон гуфта истодаанд, ки шаби дароз шабзиндадорӣ кардед.

– Киноя мекунед?! Гапи нав-ку?

– Ман киноя накардам. Гапи ростро мегӯям. Чашмони тоси хунатон мегӯянд, ки тамоми шаб аз назди телефон дур нашудед. Муҳим он ки навбатдориатон нағз гузаштааст. Акнун бемалол истироҳат кунед. Ман худам бачаҳоро боғча бурда, баъд ба кор меравам. Гурусна бошед, субҳона тайёр. Хайр, то бегоҳ!.

Бачаҳо – Парвинаву Фирӯз пеш-пеш, ман аз қафо аз хона берун шудем.

...Иффат пиёлаи чойи хунукшударо ба лаб бурда, хомӯш монд. Баъди фосилае Осаф боз яхи хомӯширо шикаста, пурсид:

– Баъд чӣ шуд? Ҳамааш нағз шуд? Зангҳои бемаҳал, навбатдории буда ё набудаи шавҳаратон такрор ёфтанд?

Иффат заҳрхандае карда, афзуд:

– Намедонам, аз чӣ бошад, дигар он занги бемаҳал такрор нашуд. Чанд шаби дигар интизораш будам, не, нашуд. Дигар як поси шаб касе хоби маро ҳаром намекард. Лекин навбатдориҳои шавҳарам зиёдтар мешуданд. Акнун дар як моҳ як бор нею, сечор маротиба... Эҳсос мекардам, ки мардак кам-кам сард шуда истодааст. Акнун он шавқу шӯри пешина: «ҷонакам, паривашам, моҳтобакам» – гуфтанҳо қариб, ки ба гӯш намерасиданд. Ман, ки табиатан шикастанафсу пурбардоштам, ба ин чизҳо чандон эътибор намедодам. Бовар мекардам. Бовар мекардам ба падари ду фарзанди ҷигарбандам. Баъд ин ки вай дағалу ҷанҷолӣ набуд, баҳудаву беҳуда овоз баланд намекард.

Ниҳоят… Ба рухсатӣ баромада, бачаҳоро гирифта, ба аёдати волидайн рафтам. Бачаҳо ду ҳафта базӯр тоқат карданд. Зиқ шуданд. «Дадомона ёд кардем, ошноҳоямона ёд кардем» – гӯён боисрор талаб мекарданд, ки ба шаҳр баргардем. Ҳукми кӯдак қонун аст, қанд зану иҷро накун. Имконияти ба дадаи бачаҳо хабар додан нашуд. Аниқаш, телефон карда, огоҳ карданӣ будам, ки мо пагоҳ ба роҳ баромаданӣ ҳастем, вале дар стансияи телефонӣ се бор ҳам гуфтанд, ки касе ҷавоб намедиҳад. Шояд

https://bikhon.tj/

телефон вайрон шуда бошад. Телефони ҷойи кораш ҳам ҷавоб надод.

Дар ноомади кор атола дандон шиканад, шиша сандон гуфта-анд. Мошини мусофиркаш дар ними роҳ вайрон шуд… Ва ҳамин боис гашт, ки мо баъди гузаштани як ҳисси шаб ба шаҳр ворид шудем. Нусхаи дуюми калиди хона ҳамроҳам буд. Аз ин рӯ, хавотир нашуда, рост роҳи хонаро пеш гирифтем.

Посе аз шаб гузашта, чароғи бисёр хонаҳо, аз ҷумла хонаи мо низ хомӯш буд. Мардакам ё хоб аст ё аҷаб не, дар навбатдории навбатист. Ҳамин андеша дар сар, мо се нафар оҳиста-оҳиста ба ошёнаи сеюм баромадем. Ана, мо дар остонаи манзили хеш, манзили орзу ва умедҳоямон. Калидро аз сумкача бароварда, оҳиста ба қулф ворид сохтам ва ба тарафи рост тоб додам. Аҷиб, тоб нахӯрд. Гӯё чизе пеши роҳашро гирифта бошад. Не, ин тавр не. Аниқаш, аз дарун низ калид ҳаст. Маълум, ки падари бачаҳо дар хона. Хурсанд шуда, калидро аз сурохӣ бароварда даст ба занги дар бурдам. Баъди ду-се бор пахш кардани занг аз дарун – аз хонаи хоби мо садои дадаи бачаҳо ба гӯш расид:

– Кистед?

– Мо, мо, дадаи Фирӯз, – оҳиста овоз баланд кардам, то ҳамсояҳо бедор нашаванд.

Аз дарун ҷавобе наомад. Гумон кардам, ки овози маро нашунид. Садои ба ҳам бархӯрдан, аниқаш афтидани чизе ба гӯш расид.

Хавотир кашида садоямро баланд кардам:

– Дадеш. Дадаи Фирӯз. Ба шумо чӣ шуд? Ин мо… мо ҳастем. Ҳозир аз деҳа омадем.

Ин дафъа аз наздик садои шавҳарам ларзон, базӯр ба гӯш расид:

– Ҳа… омадетон. Ман хаёл кардам… Ман… ман ҳозир… як лаҳза, либосамро пӯшам.

Баъд аз ин аз дарун садоҳои номафҳум, ҳатто пичир-пичир ба гӯш расиданд. Ва ман… акнун эҳсос кардам, ки дадои бачаҳо дар хона танҳо нест. Меҳмон дорад.

Аз дарун оҳиста, базӯр чунин суханҳо ба гӯш мерасиданд: … «Не, не, ман метарсам, ин бисёр баланд. Не, наметавонам».

Овози бо тарсу ларз баҳамомада овози зан буд.

https://bikhon.tj/

Хун ба майнаам зад. Тоқатам тоқ шуд. Дигар илоҷи хомӯш истодан набуд. Ҳар корро ҳадду ҳудуде ҳаст. Олам пеши чашмонам торикистон гашт. Дар вуҷудам таркиш ба амал омад. Бе ёд бонг задам.

– Ҳой, мардак! Номардӣ накунед! Хиёнат кардед, майлаш, лекин ҷиноят накунед! Меҳмонатонро аз тиреза не, аз дар гусел кунед. Вай рост мегӯяд, аз ошёнаи сеюм паридан ба марг баробар аст. Мард шавед, маро ба ҷиноятатон ҳамроҳ накунед.

Овози таркандаи маро шунида, ҳамсояҳои рӯбарӯ дарҳояшонро кушода: «Ҳа, ҳамсоя. Тинҷӣ ҳаст? Ба хонаатон дузд даромадааст, ки ин қадар дод мезанед? Милисаро ҷеғ занед, намешавад», – гӯён суолборон мекарданд.

Ман, ки худро аз даст дода будам, ба ин суолҳо кӯтоҳ ҷавоб додам:

– Ҳа, ба фикрам аз набудани ману фарзандонам истифода бурда, ба хонаам дузд даромадааст, дузди бенангу беномус. Шумо хавотир нашавед. Ман худам… Дахолати милиса даркор не. Хоҳиш мекунам, моро ба ҳоли худ гузоред.

Ҳамсояҳо ҳайрону музтариб, ба назарам чӣ ҳодиса рӯй доданашро пай бурда, ақиб гаштанд ва дарҳояшонро аз дарун бастанд.

Доду фиғони ман ба гӯши одамони даруни хона нарасид, ки ҳаракате ба зуҳур наоварданд. Боз садои пичир-пичир ба гӯш расид. Мардак зорӣ мекард:

– «Биё, илтимос, тезтар ба ресмон худатро ба поён парто. Ман қапида меистам». «Не, не, метарсам. Ресмон канда шуда афтам, ягон ҷояма шиканам, шарманда мешавам».

Ман боз бонг задам:

– Ҳой, мардак, ин корро накунед! Ба хуни як бечораи гумкардароҳ зомин нашавед! Ба хубӣ, ӯро аз дар гусел кунед. Ба ӯ зиёне намерасонам. Фақат дидан мехоҳамаш. Бигузор фарзандонат ҳам бубинанд. Агар як зарра аз ман бартарӣ дошта бошад, ҳамин хона, ҳама чизи ёфтааму тофтаам аз они шумоён. Агар сухане бечо гӯям, ҷувонимарг шавам. Хапи ману хапи шумо.

Лаб аз сухан фурӯ бастам. Боз хомӯшӣ. Дарун ҳам хомӯш.

– Шунидед, ман чӣ гуфтам? Биёед, ин қазияро ба хубӣ ба анҷом расонем. Вагарна барои шумо душвор мешавад. Мехоҳед, ки дар ҳамин як поси шаб тамоми ҳавлиро ба по хезонам, дарро

https://bikhon.tj/

шиканам ва ҳардуи шумо рӯсиёҳонро пеши мардум расво ва радди маърака кунам?

Хомӯшӣ…

– Инро намехоҳед, албатта. Пас ба нағзӣ, охирон бор мегӯям. Дарро кушоед. Шоҳидон камтаранд. Инаш ба манфиати шумо. Оқибаташро андеша кунед.

Хомӯшӣ.

Баъди фосилае садои тоб хӯрдани калид ба гӯш расид. Ман худро ба канор гирифтам. Дар остона ҷавонзане дар сар қарси сафед пайдо шуд. Вай рӯймолро чунон ба сар кашида буд, ки рӯяш базӯр менамуд. Фарзандонам, ки акнун ба асли ҳодиса сарфаҳм рафта буданд, гумон карданд, ба ӯ дармеафтам. Фирӯз пеши роҳамро гирифт. Вале ман ӯро оҳиста як тараф тела дода, бо ғазаб рӯймолро аз сари зан кашида гирифтам. Мӯйҳои шонанакардааш парешон, рӯяш ба пуррагӣ намудор гашт. Фақат ҳаминашро дар хотир гирифтам, ки нисбати ман ҷавонтару сафедрӯй будааст.

– Дидед, очаи наватонро? – рӯй овардам ба фарзандонам.

Фирӯзу Парвин доду ғирев бардошта, ба доманам сахт часпиданд.

– Ба мо ин хел оча лозим не. Очаҷони мо фақат шумо, – гӯён ҳарду фиғон бардоштанд.

– Дадаи шумо заршинос будааст, бачаҳоям, – гуфтаму хам шуда рӯймолро бардошта, ба сари зан партофтам ва афзудам: – Ту метавонӣ дур наравӣ. Фақат ба ман як соат фурсат деҳ, то сарулибоси худаму бачаҳома гирифта бароям. Баъди ин хона аз они туву ана ин мардаки барои ман бегона. Ман туро гунаҳкор намекунам. Ба фикрам, дар фоҷиаи ин оила, ки гӯё то дирӯз намунавӣ буд, худам гунаҳкорам. Ба ӯ бовар кардам. Аз ҳад зиёд бовар кардам, – инро гуфта ба фарзандонам рӯй овардам:

– Фирӯзҷон, Парвинҷон! Агар хоҳед, ҳамроҳи инҳо монед. Ин мардак ба шумо падар мешавад. Аммо барои ман, аз ҳамин лаҳза бегона. Барои ҳамин ихтиёр ба шумост, хоҳед, бо ӯ бимонед!

– Не! Не! Оча! Мо бо шумо, бо шумо… Ба куҷое, ки хоҳед, ҳамроҳатон меравем.

– Шуд. Ин тавр бошад, шумо ҳамин ҷо монед. Ман зуд мебароям.

https://bikhon.tj/

«Меҳмон» ба поён фаромад. Куҷо рафт, касе нафаҳмид.

Ман ба хона даромадам. Мардак дар кунҷе хомӯш ва бесадо рост меистод. Ман ҷониби ӯ ҳатто нигоҳ накардам, суханамро ҳайф донистам. Саросема анҷоми зарурии худ ва сарулибоси бачаҳоро гирифта ба ҷомадон ҷой кардаму бо ҳамон саросемагӣ берун баромадам. Ба хотирам калид расид. Онро гирифта, ба байни хона ҳаво додам.

Яке аз ҳамсояҳо хоҳиш намуд, ки ба хонаи ӯ гузашта, шабро ба саҳар барам. «Ташаккур. Аз ин ба баъд ин гузаргоҳу ин ҳавлӣ барои ману бачаҳои ман бегона аст. Ташаккур, ҳамсояҳо. Моро бубахшед, агар боре озоратон дода бошем. Нону намакатонро биҳил кунед» – гуфтаму … ҳарчанд хостам худро ҷасур гирифта ашки дида нарезам… Не, нашуд. Лекин зуд ашки дидагонамро фурӯ нишонда, ҳамроҳи ҷигарпораҳоям вазнин-вазнин қадам бардошта, поин фуромадем.

Дар берун, таги дарахти ар-ар чашмам ба он ҷавонзан афтод, ки болои харак нишаста, ҳунг-ҳунг мегирист. Ба гумонам, ҷойи рафтан надошт. Аз бараш гузашта гуфтам:

– Ана, дидӣ, мо рафтем. Бурд бурди ту. Хез, бирав. Туро он ҷо интизоранд. Хона акнун бе душман аст!

Вай аз ҷой бархоста, чизе гуфтанӣ шуда, пеши поям ба зону зад. Ғазабам аланга гирифту лагаде ба сари синааш задам. Амонат, ки буд, мувозинатро гум карда, нақши замин шуд.

Дигар ба ӯ эътиборе надода, ман пеш-пеш, фарзандонам аз қафо дар дили торикӣ ба тарафи ба худ номаълум роҳ пеш гирифтем…

Иффат оҳи сабуке кашида суҳбаташро хулоса кард:

– Ана ҳамин аст қиссаи ман, қиссаи ишқу ошиқӣ ва хонадории ман, муаллим.

– Ва… баъд чӣ шуд? Дигар онҳоро надидед? – аз ҳикояти ғамангези Иффат ба риққат омада, кунҷковона пурсид Осаф.

– Баъд чӣ шуд, мегӯед? Баъд… Он тарафаш маълум. Тафсилоташ зарур нест. Муҳим аз ҳама, мо ба нағзӣ ҷудо шудем, бе харҳаша, бе ҷанҷол… Ва инак панҷ сол мешавад, ки сари танҳоям. Не, чаро танҳо, ҷигарпораҳоям ҳамроҳи ман ҳастанд. Ҷону тану рӯҳи равони мананд онҳо. Зиндагиямон бад нест. Ҳарчанд ки то ҳол иҷоранишинем. Ҷойи хуби кор дорам, маошам ба зиндагии ману бачаҳо мерасад.

https://bikhon.tj/

– Ояндаро чӣ гуна тасаввур мекунед?

– Фарзандонамро серу пур ба воя расонда, ба зиндагии мустақилона гусел кардан.

– Зиндагии шахсиро чӣ? Сари танҳоро ба гӯр бурдан намешавад. Охир шумо ҳоло ҷавон ҳастед.

– Агар зиндагии шахсии маро дар ҳамсар доштан гумон кунед, пас он барои ман тамом шуд, дигар маъние надорад. Маро дигар ягон мард ба вақд оварда наметавонад.

– Аҷиб…

– Ин ҳеҷ аҷоиботе надорад. Ҳанӯз ҳам парвона мешудагӣ, аз осмон ситораю аз қаъри замин гавҳар меовардагӣ кам нестанд, вале ин ҳама фақат ғаши маро меоранд. Аз шавҳари чашм кушода дидаам чӣ дидам, ки акнун аз ин навбаромадҳояш бинам.

– Наход, ки ҳама мардҳо ғаши шуморо оранд?

– Не, ман бо ин гуфтанӣ нестам, ки ба тухми мард нафрат дорам. Не, мардони хуб, инсонҳои нек бисёранд. Онҳо агар ба занҳо нағзӣ карданӣ бошанд, танҳо ба хотири одамият, сидқу сафо, бе риё мекунанд, на ба хотири дили он занро ба худ моил кунондан ва баъд ба хотири чанд лаҳзаи гуворо даст ба номуси он задан. Ин гуна мардҳо ҳастанд, ҳарчанд ки шумораашон ангуштшуморанд.

– Шумо дар бораи ман чӣ андеша доред? – банохост рост чашмони маҳзуни Иффатро ба нишон гирифта пурсид Осаф.

Иффат сар боло карда, нигоҳашро ба умқи чашмони мусоҳибаш равона сохта, гуфт:

– Дар бораи шумо?! Мову шумо дар ин манзил ҳамагӣ се соат аст, ки меҳмонем. Шоҳид ҳам шудем, ки ҳамкори ман ва дӯсти шумо ин се соатро чӣ гуна истифода бурданд. Ростӣ ман инро интизор набудам. Хайр, бало ба пасаш. Ин ҷо рӯбарӯйи марди бегона бароям кашфиёте кардам. Дар гуфтору ҳаракати шумо чизе берун аз одобу ахлоқи инсонӣ мушоҳида накардам. Шумо маро бо диққат шунидед. Ман медидам, ки шумо ба тамом гӯшу ҳуш шуда будед, медидам, ки чигуна тағйир меёбед, лаб мегазед, ба ғазаб меоед. Ва ман ноаён дар шахсияти шумо як дӯсти беғараз, шарики шодиву ғам ва хурсандиҳои худро медидам. Худо кунад, ки дар андешаи худ хато накарда бошам.

– Хато накардаед, хонум.

– Шумо марди хуб ҳастед.

https://bikhon.tj/

– Ташаккур. Ман кӯшиш мекунам, ки сазовори боварии шумо бошам. Бовар кунед, мо мардҳо на ҳамеша, ҳатто аз занҳои худ ин хел суханҳои самимиро мешунавем.

– Ман гапи диламро гуфтам, Осафака.

– Модоме ки чунин аст, пас як таклиф…

– Хӯш, – гӯш ба қимор шуд Иффат.

– Мо миёни мақоли «омадан бо иродат, рафтан бо иҷозат»-ро мешиканем.

– Яъне чӣ хел?

– Агар шумо зид набошед, мо ба соҳиби хона ғоибона ташаккур мегӯем, ҳаволаи ҳардуро ба Худо карда ин манзилро тарк мекунем.

– Баъд… баъд чӣ кор мекунем?

– Пас, агар муқобил набошед, ман шуморо то дари хонаатон гусел мекунам. Ба шумо телефони ҷойи корамро медиҳам, ҳар гоҳе ки лозим донед, агар ёрии ман ҳамчун беғараз лозим шавад, занг занед. Аз дастам ояд, ба ҷону дил ба ҷо меорам. Наояд, маъзарат. Ана, ҳамин тавр. Дигар чизе талаб надорам. Ҳа, чизи асосиро ба шумо нагуфтам. Ман зан дорам, мисли шумо ду фарзанд дорам. Зиндагиямон хуб аст. Ман қиссаи шуморо, албатта, ба занам ҳикоят мекунам. Аз ин хел занҳо ибрат гирифтан лозим, мегӯям.

– Ташаккур. Лекин орзу мекунам, рӯзи ман ба сари ягон зан наояд. Ҳама занҳоро хушбахт, дар канори шавҳарони вафодор дидан мехоҳам.

– Пас, мехезем.

– Мехезем.

Ҳарду омин гуфта, бархостанд. Осаф Иффатро боадабона пеш гузаронд ва баъди лаҳзае аз хона берун шуданд…

Баъди фосилае таксӣ дар назди бинои панҷошёнаи қасабаи чилушаш қарор гирифт.Осаф, ки дар назди ронанда менишаст, зуд берун шуда, дари ақибро кушод. Иффат «ташаккур» – гӯён берун омад ва ба ошёнаи севум ишора карда гуфт:

– Ману фарзандонам дар ҳамин бино зиндагӣ мекунем.

Онҳо суҳбаткунон то назди гузаргоҳ омаданд. Иффат гуфт:

– Агар хоҳиш дошта бошед, марҳамат, ба хонаи мо. Ба Фирӯзу Парвин шуморо шинос мекунам, – гуфт ӯ.

Осаф хиҷолат кашид:

https://bikhon.tj/

– Не, ташаккур. Хуб намешавад. Ягон вақти дигар. Хайр. Хуш монед, – гӯён ба ӯ даст дароз кард.

Иффат дасти дарозкардаи Осаф дар даст рост ба чашмони ӯ нигариста, ғайричашмдошт бо овози ларзон гуфт:

– Ман акнун медонам. Шумо зану фарзанд доред. Самимона дӯсташон медоред, онҳоро ба ягон кас иваз карданӣ нестед. Ин хуб аст. Бо вуҷуди ин иҷозат диҳед, ин лаҳза шуморо бибӯсам. Охир, ман панҷ сол мешавад, ки ба ҷуз рӯйи Фирӯз, чеҳраи дигар мардро набӯсидаам. Шумо мард ҳастед, аз рӯйи инсоф гӯед. Ман ҳақ дорам?

Осаф карахту беҳаракат, суп-сурх гашта буд.

– Маҷбур намекунам. Иҷозати шуморо мехоҳам. Охир, ман хуб медонам, аз ин ба баъд Худо медонад, ки ба марди ҳақиқие чун шумо вохӯрам. Пас, намехоҳам дар ин лаҳзаҳо аз ин туҳфаи тақдир бенасиб монам, як лаҳза, танҳо лаҳзае...

Осаф, то ба худ омад, ки лабони гарму нозуки Иффат дубора себи рухсори ӯро фурӯ бурд ва ба лабонаш бипайваст. Вай таги обу арақ монда, аз шарм суп-сурх шуда, зуд бо нармӣ Иффатро аз худ дур кард. Дасти ӯро ба кафаш гирифт ва самимона гуфт:

– Иффатбону, шумо зани бебаҳо, олиҳаи ҳусн ҳастед. Дуо мекунам, ки Худо шуморо ба номард зору ба душман хор накунад. Бахти шуморо мехоҳам. Ва фаромӯш накунед, ки ман дӯсти шумо ҳастам.

– Фаромӯш намекунам. Барои густохиям узр. Ин лаҳзаро ҳаргиз фаромӯш намекунам. Гумон мекунам, ки гуворотарин лаҳзаи зиндагиям ҳамин лаҳза буд. Ташаккур ба шумо. Хуш бимонед!

– Хуш бимонед.

Дастҳо оҳиста-оҳиста, ба душворӣ дур мешуданд. Иффат, то ки оби дидаашро Осаф набинад, чолокона ба боло баромад.

Осаф ба ақиб гашт…

Декабри соли 2004.

https://bikhon.tj/

ЁДИ ДИЛ

Резаборон меборид...

Қатраҳои шаффоф болои роҳ афтида, чун алмоспораҳо медурахшиданд. Олимҷон – сардори идораи бинокорӣ – ҷавонмарди мӯи сараш барвақт сафедшуда, дар нишастгоҳи пеши мошин нишаста, бо хаёлҳои дарҳам – барҳами худ банд буд. Ронанда – марди миёнаумри мӯи сараш мошубиринҷ, ботанутӯш, кушодачеҳра чашм аз роҳ намеканд. Гоҳ-гоҳ, вақте ки пастию баландӣ ва гардишгоҳҳо пеш меомаду суръати мошин суст мешуд, вай ноайён ҷониби сардор менигарист, мазмун донистан мехост, ки мабодо ба тори андешаҳои вай нохун зада бошад. Вале Олимҷон бепарво буд: Гӯё фармон ба ихтиёри ӯ бошад, чашм аз роҳ намеканд, нигоҳаш ҳамоно дар дуриҳои роҳ буд. Умед – писарбачаи панҷ-шашсолаи ҷингиламӯ бо бозичаҳои худ, ки падар аз мағозаи сар роҳ харида буд, андармон. Бозичаҳо нишастгоҳи ақибро банд карда буданд. Умед падар ва амаки шофирашро батамом фаромӯш карда, бозичаҳои хешро «насиҳат» медод.

– Қишлоки Саричашма – ба лавҳаи сари роҳ нигариста, оҳиста, то ба сардор халал нарасонад, зери лаб пичиррос зад ронанда. – Панҷ километр.

– А? – ба баданаш барқ расидагӣ барин якбора ба худ омада суол кард Олимҷон. – Чӣ гуфтед?

– Саричашма мегӯям. Панҷ километр будааст. Номи зебо, – такрор кард ронанда.

– Истед! – якбора бонг зад Олимҷон.

Мошин истод. Ронанда бо таҳайюр ба рӯи Олимҷон зеҳн монд. Авзои вай бечо, лабонаш пир-пир мепарриданд.

– Ба шумо чӣ шуд, раис?!

– Мошинро гардонед!

– Ба куҷо?

– Ба Саричашма меравем.

– Ба Саричашма?

– Ҳа, ҳа, ба Саричашма.

Ронанда ба соаташ нигариста, бо эҳтиёт гуфт:

https://bikhon.tj/

– Ба маҷлис дер мемонед.

– Ҳеҷ гап не. Ягон баҳона мекунем. Мошин вайрон шуд, мегӯем.

– Хайр, ихтиёратон. Чизе, ки фармоед...

Ронанда газро баланд карда, сари мошинро ақиб гардонд. Тахмин панҷсад метр роҳ рафта, баъд ба тарафи чап тоб хӯрд. Асфалтроҳ ақиб монд, роҳи сангфарши дағар-буғур пеш омад. Ларзон-ларзон пеш рафтани мошин ба Умед нафорид, ки рӯй турш карда нурсид:

– Дадаҷон, куҷо меравем?

– Ба қишлоқи мо, писарам.

– Қишлоқи мо дар шаҳр-ку, дада.

– Дуруст мегӯй, шаҳр қишлоқи ту таваллуд шудагӣ, лекин мо ба қишлоқи ман таваллуд шудагӣ меравем.

– Ба хонаи кӣ, дада?

– Ин ҷо як каси наздик дорам, писарам. Надида равем, хафа мешавад, сахт хафа мешавад – Олимҷон суханҳои охирро аз умқи дил, сӯхта-сӯхта бадар кард.

Умед дигар савол надод. Дар кабина хомӯшии тӯлоние ба вуқӯъ пайваст. Дар дили ронанда чунин суханҳо радду бадал мешуданд: «Чаро раис якбора ин хел кард? Аз маҷлисҳо ҳеҷ вақт дер наменонд-ку. Дар куҷое ки бошад, сари вақт ҳозир мешуд... Шунида будам, ки дар ҳамин қишлоқ зоида шудааст. Баъд, даҳ-дувоздаҳ сол пеш аз ин, ким-чӣ кор шудаасту сарашро гирифта баромада рафтааст ва дигар наомадааст. Дили одам, ки хунук шуд, душвор... Инак, имрӯз... Намедонам, офтоб аз кадом тараф баромад. Аз чеҳраи раис на хурсандиша мефаҳмаму на хафагиша. Наздикаш кӣ бошад? Ба шунидам дар қишлоқ ягон хеш надорад... Боз кӣ медонад?...»

– Дадо, дадо! Нигоҳ кунед! Чӣ хел гули бисёр! Чӣ хел бисёр! – Умед, бозичаҳояшро фаромӯш карда, ҷониби дашт, ки бо лолаҳои арғувонӣ оро ёфта буд, нигариста, фарёд зад.

– Рост, писарам, лолаи бисёр, хеле бисёр! Ғулом – ака, мошинро доред. Олимҷон аввалин бор номи ронандаро ба забон гирифт.

Падару писар аз мошин фаромада, ҷониби лолазорон рафтанд ва ҳамоно худро ба дами оташи лолазор андохтанд.

– Надав, писарам, монда мешавӣ, дур нарав – гуфт падар,

https://bikhon.tj/

ҳарисона ба лолаҳо нигариста ва хаёлолуд ба лолачинии фарзандаш нигариста, зери лаб ииичиррос зад, – Умед, Умеди ман! Чӣ қадар ту лолаҳоро дӯст медорӣ. Вай ҳам дӯст медошт...

Баъди чанде онҳо бо ду даста гули лола аз дашт берун шуданд. Олимҷон ба теппаи баланде, ки дар канори қишлоқ воқеъ гардида буд, дуру дароз нигариста, оҳи сард кашид.

– Акнун ба болои ҳамон теппа меравем, – гуфт вай ба Умед.

– Ҳӯ, ба ҳамон баландӣ? – пурсид Умед.

– Бале, ба ҳамон баландӣ.

– Чӣ хел нағз. Он ҷо ҳам гулҳо бисёранд, дада?

– Не, писарам. Он ҷо гул нест. Он ҷо мазори ошиқони гулҳост.

Умед, маънии ин суханҳои падарро нафаҳмид, китф дарҳам кашид.

– Ба қишлоқ намедароем, дада?

– Не, писарам.

– О, он ҷо ким-кии наздикам ҳаст гуфтед-ку?

– Каси наздики ман дар ҳамон баландист, писарам. Ин дастаи гул барои ӯ. Вай ин гулҳоро бисёр дӯст медошт.

– Ман ҳам гулҳоямро ба вай диҳам, майлаш, дада?

– Майлаш, писарам, майлаш...

– Оҳҳо, як қиёмат гул чидед-ку, раис, – ҳайрон шуд ронанда. – Аз афташ, рӯзи таваллуди шиноси наздикатон. Акнун фаҳмидам. Набошад, кори муҳима монда, ин ҷо намеомадед.

– Дуруст гуфтед, Ғулом-ака. Имрӯз – зодрӯзи дӯсти ҷавонмарги ман, вай ҳамин рӯз сисола мешавад.

– А? – даҳон во кард ронанда, аз гапи гуфтагиаш пушаймон шуда. Олимҷон хомӯшона ба мошин нишаст.

– Раис, мебахшед, ман. Ман... – ронанда намедонист барои аз хиҷолат баровардани худ дигар чӣ гуяд.

– Хиҷолат накашед, Ғулом-ака. Шумо аз куҷо медонед? Ҳар зоғеро доғе гуфтаанд. Ҳай кунед. Ман ба шумо ҳамаашро нақл мекунам.

Мошин дар роҳи пасту баланд нолида-нолида пеш мерафт. Олимҷон, дастаки дарро дошта, ба теппаи махуф нигариста ба хаёл рафт. Ронанда чашм аз роҳ намеканд, вале аён буд, ки нақли Олимҷонро интизор аст..:

– Ман дар хамин деҳа таваллуд шудаам, – оҳиста ба сухан оғоз намуд Олимҷон. Чунон ки мегӯянд, бачаи бе паю қадам

https://bikhon.tj/

омадам, волидонам дар садамаи нақлиёт ҳалок мешаванду ман бо «розигии Худои таъоло» зинда мондам. Нақл мекунанд, ки мани дар парпечбастаро аз буни санге ёфтаанд. Аввал хостаанд ба сағирхона супоранд, чунки дар деҳа каси наздик надоштам. Падару модарам дар хонаи бачаҳо калон шуда, баъди хатми донишгоҳ ба ин деҳа роҳҳат гирифта будаанд.

Дар поёни деҳа чолу кампири бефарзанде умр ба сар мебурданд. Ҳамонҳо маро ба тарбия мегиранд. Кампирро бо меҳр «оча» мегуфтаму пирамардро бо шавқ «ота». Солиёни зиёд намедонистам, ки волидайни ман нестанд онҳо. Инро вақте фаҳмидам, ки пирамард дар дами марг буд. Як бегоҳ, маро наздаш хонда, баъди андешаи тӯлонӣ ҳамаашро гуфт.

– Агар аз ҷонам рамақе монда бошаду сари по шавам, албатта, писарам, «хокҷои он шаҳидонро нишонат медиҳам...» ваъда дод дар охир.

Вале ӯ ба ваъда вафо накард – марги бемурувват халал расонд. Гумон доштам, ки пиразан – модархондам ин нияти амалинагаштаи пирамардро ба ҷо меорад. Вале вай дасткӯтоҳ буд – дар куҷо хок шудани волидайни маро намедонист ва бо алам гуфт, ки дар ҷойҳои онҳо ба сари қабр рафтани занон расм набудааст.

Ман аз ин малӯл нашудам, чунки бовар доштам, ёфт мешавад, касе ки қабри падару модари нокоми маро донад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Бо мадади мӯйсафедони деҳа манзили он шаҳидонро, ки кайҳо фурӯ рафта ба хок яксон шуда буданд, пайдо кардам ва зуд ба ифоқа овардам. Мадфанашон зиёратгоҳи доимии ман буд акнун.

Дар мактаб аълохон будам ман. Умеда ном ҳамсинфе доштам, ки дар ҳамсоягии мо умр ба сар мебурд. Ману ӯ бисёр вақт якҷоя дарс тайёр мекардем. Ин ҳамдамиҳои мо дар аввал муқаррарӣ, бе ягон ният буд. Ҳини дар синфи даҳ таҳсил кардан пай бурдам, ки нигоҳи Умеда ба рафтору гуфтори ман бефарқ нест. Ман низ ба ӯ дил баста будам ва лаҳзае аз ӯ ҷудо шудан намехостам. Агар бо амри тасодуф рӯзе ӯро набинам, худро батамом аз даст медодам, чизи аз ҳама гуворои зиндагиро гум кардагӣ барин мешудам. Мо ҳамдигарро дӯст доштем. Қарор додем, ки баъди хатми мактаб ҳамроҳ ба мактаби олӣ меравем – ман ба донишкадаи политехникӣ, вай – ба омӯзгорӣ.

https://bikhon.tj/

Вале... соли аввал бахтамон омад накард. Ҳарду ҳам аз имтиҳони сеюм ғалтидем. Ман ба сафи армия даъват шудам. Умеда гуфт, ки вай имсол албатта дохил мешавад.

– Беҳтараш, маро нигарон шав, оям, ҳамроҳ дохил мешавем, – гуфтам ба ӯ.

– Чаро? Агар имсол наравам, маро ба шавҳар хоҳанд дод. Худат дида истодаӣ-ку, раис аллакай чанд бор ба хонаамон одам монд, – гуфт ӯ маҳзунона.

– Аз даҳонат шамол барад, – гуфтам бо табассум ва афзудам: – Майлаш, ҷони ширин, орзу дорам, ки дохил шавӣ...

– Хавотир нашав, туро интизор мешавам. – Ин суханҳои Умеда умеди калони дилам шуданд.

Дар ибтидои хизмат аз Умеда ду-се нома гирифтам. Номаҳои аз муҳаббат саршор. Вале чӣ шуду дар нимсолаи дуюм номанависӣ қатъ гардид. Ба номаи аввал... дуюм... сеюм... посух нагирифтам.

Тобистон рухсатӣ омада... ӯро пайдо накардам. Чанд бор ноаён ба ҳавлиашон дуздида нигоҳ кардам, бо умеди он ки... шояд... шояд лаҳзае ӯро бубинам. Вале Умедаро не, занҳои кабудпӯшро дидаму дилам таҳ кашид. Кӣ мурда бошад? Падараш? Не, ӯро дина аз дур дидам.

Тоқатам тоқ шуду аз модарандарам пурсон шудам. Вай, ба суолам посух надода, аз таги кӯрпаҳои рӯи сандуқ варақи чорқатшудаеро берун кашида ба дастам қапонд.

– Инро кӣ дод? – намедонам барои чӣ ки бо ҳарос пурсон шудам.

– Умеда.

– Худаш куҷост? Чаро наменамояд?

– Вай... – модарам ба сукут рафта ва ниҳоят ба баландии деҳа ишора карда афзуд. – Вай дар он ҷо.

– Нафаҳмидам.

– Хон, номаашро хон, мефаҳмӣ.

Худро базӯр ба даст гирифта, варақро бо дастони ларзон во кардам. *«Олимҷони азиз! – менавишт Умеда. – Муҳаббати аввалину охиринам. Алвидоъ! Чӣ хуш, ки дар ин лаҳзаҳои талхи умр ту дар ин ҷо нестӣ. Набину насӯз. Мехоҳам дар дилу дар ёди ту, чуноне ки будам, ҳамон тавр бимонам. Маро ба бадӣ ёд накун. Бубахш, ки номуси хешро ҳифз карда натавонистам,*

https://bikhon.tj/

оҷиз мондам. Барои ҳамин маргро авлотар донистам. Азизам, бош умре дар амонӣ, манат рафтам, ту ҷовидон бимонӣ.

Умедаи ноумеди ту».

Ин сатрҳоро хондаму дунё лаҳзае пеши назарам торикистон шуд. Мехостам бо тамоми овоз фиғон кашам, вале... Худоё, ин чӣ бераҳмист, ки ба фарзанди инсон раво дидӣ? Чаро мани сағира, бекасу кӯйро бадбахт гардондӣ? Чаро ин кадар сангдилу бераҳмӣ? Рӯи падару модарамро сер надида... Ба сад орзую ҳавас дӯст дошта... Аз ҳамаи неъматҳои зиндагӣ бенасибам гардондӣ. Бигӯ, поён дорад ин ҳама ҷабру ҷафои ту? Бигӯ, эй фалаки қаҳрафтгор? Чӣ кор кунам?..

Аз байн чанд рӯз сипарӣ гашт. Ман қариб ҳар рӯзи Худо дар сари қабри Умеда будам. Тасодуфро бинед, ӯро низ паҳлӯи волидайни ман ба хок супурдаанд. Бисёр лаҳзаҳо бидуни ихтиёр сар ба болои турбати ӯ гузошта садояш мекардам. Вале... ба худ омада мушти маломат ба сар мезадам. Аз ин фарёди ҷонкоҳ чӣ суд. Дигар ӯ ҳеҷ гоҳ садо намедиҳад, намеояд, ҷониби ман табассуми ширин намекунад...

Рӯзе аз модарандарам пурсон шудам:

– Кӣ ӯро ба ин ҳол овард?

– Писари раис, – кӯтоҳ посух дод вай.

– Барои чӣ?

– Мегӯянд, ки вай умуман ба Умеда нияти хонадор шудан надоштааст. Мехостааст бар қасди ту, ятимча, ӯро... беномус кунад. Барои ҳамин гирди хонаи онҳо парвона будааст. Чун мефаҳмад, ки Умеда сайди ба осонӣ ромшаванда нест, зӯрӣ ба кор мебарад. Шабона ӯро баста мебараду нисфи шаби дигар оварда ба назди хонаашон партофта меравад. Баъди ин Умеда...

Пиразан хомӯш монд.

– Разилон! – дандонҳоям ғичиррос заданд.

– Духтар банангу номус, ки буд, маргро авлотар донист – модарандарам гапашро бо ҳамин суханҳо хулоса кард.

– Ӯро ҷазо надоданд? – пурсидам боз.

– Ҳҳ. Ҷазо куҷо, писарам? Шоҳид надорад гуфта... Писари раис-да, бачем...

Ман дигар чизе напурсидам. Ба хаёл рафтам. Дар дилам андешае пайдо шуд, ки он парвандаи сарнашударо ман худам кушоям ва то ба охир расонам, ба хотири рӯҳи поки дилба-

https://bikhon.tj/

рам....Вале чӣ афсӯс, ки то анҷоми рухсатиам рӯзҳо башумор монда буд. «Хайр, – гуфтам дар дил ба рӯҳи Умеда муроҷиат карда, – қасоси туро мегирам, Умедаи ман, Умедаи нокоми ман... Ман ин корро накарда наметавонам».

Хизмат тамом шавам – нашавам хабар расид, ки модарандари меҳрубонам тарки дунё кард. Зарбаи нави зиндагӣ бар сарам омад. Охирин умедам, соҳиби сарам, даргоҳи умедам аз дорулфано ба дорулбақо рахти сафар баст.

То ҳисобӣ карда ба диёр баргаштам, ки кампирро ҳаққу ҳамсояҳо ба хок супурданд. Ҳафту чилу соли модарандарамро додам.

Вақте донишҷӯи донишкадаи политехникӣ шудам, ҳамсояи тарафи чапамон пеш аз ҳама ба табрикам омад. Ин сабаб дошт. Вай кайҳо ҳавлии моро аз худ кардан мехост. Медонист, ки ман дар ин деҳа дигар дилкашолие надорам, чаро ки ҳама азизони хешро ба хок супурда будам. Имрӯз ё фардо деҳаро аҷаб не, батамом тарк намоям. Ӯ баъди табрик худ хонаро нарх монд. Ҳоло ёд надорам. Лекин ман ҳавлиро бо нархи арзон ба ҳамсоя додам. Як қисми пулро ба падари Умеда дода, хоҳиш кардам, ки дар рӯзи иду маросимҳо фотиҳа гирифта арвоҳи гузаштагонро шод кунанд.

– Наход тамоман биравӣ? – бо ҳайронӣ пурсид амаки Назар.

– Ман боз меоям. Албатта, хабаргирӣ меоям. Наомада наметавонам. Ман бояд қасоси ӯро гирам – инро гуфтаму худам ҳам намедонистам, ки чӣ сон қасос мегирам, дар куҷо, ба чӣ ранг?

– Худатро ба дами бало наандоз, бачам. Кори шудагӣ шуд. Дигар Умеда барнамегардад. Худо худаш зӯру тавоност, албатта ба нобакор ягон рӯз не, ягон рӯз ҷазо медиҳад. Ту аз рӯзи худат намон, накунӣ, ки бо он ноинсофҳо сар ба сар шавӣ. Аз дасти онҳо ҳама кор меояд... Лекин ба деҳа биё. Ҳарчи ки набошад. хуни нофи ту дар ин ҷо рехтааст...

Ана, хамин тавр деҳаро, зодгоҳамро тарк гуфтам. Инак, аз байн даҳ сол гузашт. Бисёр вақт хумори деҳа мегирифт. Кимкадом қуввае маро ба ҷониби деҳа мехонд. Вале боз, ким-кадом қуввае садди роҳ мешуд: «Ба куҷо меравӣ? Дар он ҷо чиро гум кардӣ? Дар он ҷо туро кӣ интизор аст? Падару модари ту кайҳо хок шуданд. Ба он ҷо равӣ, кӣ дарашро ба рӯйи ту боз мекунад? Ҳеҷ кас. Чаро ки ту ба онҳо бегонаӣ. Ҳа, бегонаӣ...»

https://bikhon.tj/

Ин кувваи ғайр ҳамеша ба ман ғолиб меомад.

... – Дигар ба ин тарафҳо наомадам, гӯед, – ниҳоят риштаи суханро ба даст гирифт ронанда.

– Не, не, чаро? Ман омадам, як бор не, ду бор не, чанд бор. Лекин ба қишлоқ надаромада мерафтам. Оромгоҳи азизонамро зиёрат мекардаму ақиб мегаштам. Лекин чор соли охир омада натавонистам.

– Писари раис чӣ шуд? – боз пурсид ронанда.

– Ҳа, ҳа. кариб ӯро фаромӯш кунам. Ман... қасоси Умедаро гирифтан натавонистам. Аниқаш... ба ин эҳтиёҷ намонд. Баъди се моҳи марги Умеда ваю ҷӯраҳояш бо мошинашон ба дарёи Зарафшон рафтанд. Мурдаи се нафарашро баъди як моҳ ёфтанд, лекин мурдаи писари раисро наёфтанд. Ҳамин тавр... вай худаш ба худаш ҷазо дод.

Мошин ба баландӣ, ба майдончаи тахту ҳамвор баромад.

– Ҳамин ҷо истед, – амр кард Олимҷон. Мошин истод.

Олимҷон дастаи гули лоларо гирифта, аз мошин берун баромад.

– Ман ҳам меравам, – гулдаста дар даст хитоб кард Умедҷон, ки ба ҳикояти падар чандон сарфаҳм нарафта гаранг шуда буд.

Онҳо секаса болотар баромаданд ва баъди фосилае вориди қабристон шуда, аз байни қабрҳои наву куҳна роҳ гирифта, ба охири теппа расиданд. Олимҷон истода гуфт:

– Ана, расидем. Мана, дар ин ҷо падару модари ман мадфунанд. Ана, дар паҳлӯи онҳо – Умеда, ҳӯ, ана, он тарафтар падарандару модарандарам.

Олимҷон гулдастаро кушода лолаҳоро болои қабри Умеда пош дод. Рафтори падар Умедро ҳайрон сохт.

– Ба дигар қабрҳо чӣ? – пурсид ӯ. Олимҷон хомӯш монд.

– Соҳиби ин манзил лоларо бисёр дӯст медошт.

– Ман ҳам пош диҳам, майлаш, дада?

– Майлаш, писарам. Умед ҳамчунин кард.

Ҳар се болои сабзаҳои наврусте биншастанд. Ронанда чорзону зад. Олимҷон Умедро амонат ба бағалаш гирифт.

– Аузубиллоҳи минашайтони раҷим... – ронанда оятеро аз Қуръони маҷид қироат карда, даст ба омин бардошт.

Ҳар се даст ба рӯй кашиданд ва лаҳзае хомӯш нишаста, пас бархостанд.

https://bikhon.tj/

Олимҷон боз лаҳзае ба қабри азизони хеш нигарист. Дилаш бухс кард, хориаш омад. Ва ногоҳ аз умқи дилаш ин нидо берун шуд: «Кӣ гуфт, ки ин диёр, ин замин ба вай бегона аст? На, ин фикри ботил аст. Охир, беҳтарин, ширинтарин ва бебаҳотарин одамони ӯ дар ин ҷо мадфунанд. Не, вай хато мекунад. Вай вазифадор аст, ҳақ дорад, ки соле ақаллан як бор ин ҷо ояд, натанҳо ба ин ҷо, ба водии хомӯшон ояд. Вазифадор аст, ба поён фарояд, ба назди зиндагон равад, макони хуни нофаш рехтаро зиёрат кунад. Охир, касе ӯро аз деҳа наронда буд ва ҳоло ҳам касе дар ин ҷо фаромӯшаш накардааст. Бисёр аст ӯро мешиносхтагиҳо».

Олимҷон рӯй ба деҳа гардонд ва ғайричашмдошт нидо кард:

– Рафтем!

– Ба куҷо? – аз ин амри ногаҳонӣ ба шигифт монд ронанда.

– Ба деҳа.

– Дуруст мекунед, раис. Охир, роҳатон ба дунё аз ин деҳа сар шудааст. Чӣ хел инро фаромӯш кардан мумкин?

– Дуруст мегӯед, Ғулом-ака. Меравем. Аввал – ба масҷид, сипас ба ҳавлии мо...

Онҳо аз қабристон берун шуданд. Мошин рӯнишеб шуд. Борон меборид... Борони майда...

Ноябри соли 1989.

«БЕГОНА»

– Тағои Мавлон, ҳо тағои Мавлон!

Муйсафед, ки ҳамроҳи бачаҳо гирди сандалӣ нишаста хӯроки шом мехӯрд, бо шунидани ин нидо лаби дастархонро андаке таҳ карда, саросема бархост. «Хаёлам овози Алиҷон. Чаро ба ҳавлӣ надаромада...»

– Алиҷон, ин ту, писарам? – пурсид мӯйсафед ба остонаи дарвоза наздик шуда.

– Ҳа, ман тағо.

– О, чаро ба ҳавлӣ надаромада аз берун... Дарвоза маҳкам неку. Ё пештара барин алавгирӣ омадӣ?

– Алавгирӣ не, хабаргирӣ омадам, тағо, – зарофатгӯӣ кард Алиҷон. – Дина ба шаҳр рафта будам. Навакак аз мошин фуромадам. Аз назди ҳавлиатон гузаро шуда гуфтам, ки шуморо як сари қадам бинам.

https://bikhon.tj/

– Қандата зан, писарам. Дасти камиро набинӣ. Аз мани пир чӣ мегирӣ, фақат фотиҳаи нек. Илоҳӣ ба сад даролӣ. Хайр, агар ба хавлӣ даромаданӣ набошӣ, канӣ, гап зан, шаҳр читу? Нарху наво чӣ хел? Мабодо-ку Мансури моро надидӣ?

– Ҷони гап дар ҳамин, таға, – чеҳраи Алиҷон дар як он ранги дигар гирифт. – Мансур-акома дидам. Бо ду-се ёру оғайниҳояш аз ресторан мебаромаданд. Росташа гӯям, чӣ ҷои пинҳон кардан, андаке сархуш буданд.

– Гапзанон кардетон?

– Ҳа, худи Мансур-аком даст дода вохӯрдӣ карданд.

– Ягон чиз нагуфт, дар бораи келин...

– Гуфт, тағоҷон, гуфт. Гӯр ҳушу ёдам шавад, шумо аввал шодиёнаро бароред, баъд...

– А? Наход? Наход ки чашми келинам равшан шуда бошад?

– Худи худаш, таға, ёфтед. Набера муборак!

– Қуллуқ, писарам! Илоҳи хонаатон хамеша серупур бошад, ҳузуру ҳаловататро падару модарат бинад. Исто, Алиҷон, Мансуракот ягон чиз таъин накард?

– Ҳа, қариб буд, ки фаромӯш кунам. Мансураком гуфтанд, ки агар ба дадом малол наояд, ду-се кило равғани зағир ёфта биёрад. Аз тозааш бошад. Барои келинатон. Мегӯянд, ки равғани зағир миёнбанд будааст.

– Ҳамааш ҳамин. Ҳеҷ гап набудааст-ку! Ҳо, бачаи хоме, «агар ба дадом малол наояд-а» – муйсафед гуё бо писараш гуфтугӯ дошт, ки гилагузорӣ кард: – Ана гапу... Сарата аз сангҳо кунад бачам, синну солат ба ҷое расида бошад ҳам, ҳанӯз хомӣ.

– Хайр, таға, акнун равам ҳам мешудагист. – Алиҷон тараддуди рафтан кард.

– Андак ист, бачам. Ман ҳозир...

Мавлон-амак баргашта ба хона даромаданӣ шуд, ки Алиҷон садди роҳ гашт.

– Шумо чӣ кор карда истодаед, таға. Ман шӯхӣ кардам. Ба ман ягон сари хас ҳам лоэим не.

– Не, ин чӣ хел мешавад?

– Ҳеҷ гап намешавад, таға. Чунон ки худатон мегӯед, кӯҳи Зоғдара омада ба дараи Ҳалқаҷар намечаспад. Худи ҳамин хурсандии шумою Мансур-аком барои ман шодиёна.

https://bikhon.tj/

– Каса хафа мекунӣ, бачам. Тағота ҳамон қадар нодор дидӣ, ки зӯраш ба як ҷома нарасад.

– Зӯри шумо ба як ҷома не, ба садтояш мерасад. Лекин тағоҷон агар хафа шавед ҳам, ман намегирам. Хайр, саломат бошед!

Алиҷон дар як он ба тангкӯча гузашт. Мӯйсафед муддати мадиде сари кӯча хотирпарешон монд. Не, ин на аз ваҷҳи он ки Алиҷон аз гирифтани шодиёна даст кашид. Ин аз ваҷҳи он буд, ки ҳанӯз ҳам бовараш намеомад. Наход ӯ баъди интизориҳои зиёд бобо шуда бошад? Бобо! Чӣ ҳарфи гуворо!

Мавлон-амаки бечора. Расо даҳ сол шуд, ки интизори набера. Дар омад-омади меҳмони нав ин солҳо хуни ҷигар шуд. Аввалҳо дар ин хусус чандон фикр намекард, аммо аз чӣ буд, ки ҳар як рузи ду-се соли охир ба назараш хеле тӯлонӣ ва ваҳмантез менамуд. Чӣ фикрҳои ноошное, чӣ андешаҳои мухталифе ба майнааш роҳ меёфтанд ва ӯро ба вартаи навмедӣ тела медоданд. Вале худро ба даст гирифта, «дунё ба умед, шайтон ноумед» – гӯён таскин меёфт.

Ин ҳама ғуссахӯриҳо баҳри чӣ буданд? Барои чӣ вай аз Мансур дида бештар дар фикру изтироб аст? «Оё ягон падари дигар ҳам мисли ман ҳамин тавр ғусса мехӯрда бошад? Ҳамин тавр бори ғаму шодии фарзандро ба оғӯш мегирифта бошад?». Инро вай намедонад. Вай дилшинос, одамшинос нест. Вай фақат худашро медонад. Худашро медонад, ки чӣ тавр барои фарзанд, барои бақодории оилаи вай ғусса мехӯрад.

Мавлон-амак Мансурро ба осонӣ хонадор накард. Вай тамоми буду набудашро дар рӯзи муроди нахустфарзандаш сарф кард, ба қавли мардум боигарии дар тӯли солҳо бо нӯги сӯзан ҷамъовардаашро дар як рӯз, бо нӯги шоха бод дод. Тарафи келин ҷудо сахт омад. Ба болои он ҳама андозу пардози гӯшношунид «агар аз дуним ҳазор кам биёред, тӯйро мехобонем, мо мол не, духтари ба ҷону дил баробарамонро бароварда истодаем» – гуфтанд. Мӯйсафед «мардӣ аз даст наравад» гуфта лаб таги дандон монд ва ба ин ҳама розӣ шуд. «Онҳо ҳамдигарро сидқан дӯст медоранд. Чӣ хел мешавад, ки савдои мову шумо намепухтагӣ барин, қудо. Хоҳед ҳамин, нахоҳед ихтиёратон. Ин бори ба пушти мо бор кардаи шумо миёнро мешиканад», он вақт мехост гӯяд мӯйсафед. – «Не, бигузор, Мансурҷони ман хушбахт шавад.

https://bikhon.tj/

Қарзу қавола карда, сари онҳоро ҷуфт мекунам. Пулро одам меёбад, на пул одамро. Худаму сари писару келинам соқ бошад, албатта дар як-ду сол аз қарз халос мешавам. Ҳоло ин кори хайрро ақибпарто кардан хуб не».

Тӯй дар ҳавлии падари келин, дар шаҳр барпо гашт. Тӯи калон, тӯи боҳашамате буд. Мавлон-амак дар умраш аввалин бор ду қадаҳ коняк нӯшид, барои бахту саодати фарзанд ва барои келинаш Саломат. Бешак, он шаб накӯтарин шаби рӯзгори нобаробари ӯ буд. Мӯйсафед, ки рӯ ба рӯи келину домод менишаст, дам ба дам ба чеҳраҳои аз ғояти шарму ҳаё лолагуну зебои онҳо нигариста дарун-дарун мегирист, аз хурсандӣ мегирист, бе ашк мегирист.

Вай ҳоли ҳозир ба Мансур нигоҳкунон модари ӯро ба хотир овард. «Хуб-мӣ ё ганда, ҳарчӣ набошад барои Мансур модар аст. Хабар кунетон, биёяд, нуран ало нур» маслиҳат доданд ҳаққу ҳамсояҳо. Ду рӯз қабл аз туй ба вай кас фиристода буданд. «Меравам» гуфта ваъда карда будаасту лекин аз чӣ бошад, ки имрӯз наомад. Мӯйсафед ин дафъа то дер аз чеҳраи Мансур чашм канда натавонист. Рухсораҳои лолагуни фарзанд гӯё оинаи ҷаҳоннамо буду мӯйсафед дар он гузаштаи хешро медид...

Мансур навакак семоҳа шуда буд. Модараш ӯро партофта аз ҳавлӣ баромада рафт. Аниқаш аз паси марди дигар рафт. Мавлони ҷавон пеши роҳашро нагирифт, лобаву зорӣ, илтиҷо накард, «Рӯи хотири ҳамин тифли бегуноҳ моро партофта нарав» – нагуфт. Вай кӯдаки парпечро, ки дар ёди шири модар дили кӯчакаш гум мезад, ба синааш сахттар пахш карда ин сӯ – он сӯ равуо мекард. Модари пираш гунаҳкор барин гап намезад ё шояд сухане намеёфт, ки писарашро таскин диҳад. Мавлон як ба чеҳраи коҳида, ду бари рӯи пурожанг ва чашмони чукидаи модараш нигоҳ карда аз гуфтани гапи дар дилаш буда, худдорӣ кард. «Чӣ даркор болои сӯхта намакоб. Модарам бе ин ҳам худро садҳо бор маломат мекардагист». Бо вуҷуди ин вай аз дил гузаронд: «Модарҷон, айби худатон. Дар вақташ ба исрор нагуфта будам, ки қадаммонии вай бечо, ба каси дигар майл дорад. Шумо беҳуда миён мешиканед. Не, гуфтагиатон, не гуфтагӣ шуд. Хоҳӣ-нахоҳӣ ҳамина келин мекунам, гуфтед. Авлодаш одамони баобрӯ. Хок гирӣ, аз хоктӯдаи баланд гир». Ба хотири мӯи сафедатон гапатонро ду накардам. Ба қавли худатон аз хоктӯдаи ба-

https://bikhon.tj/

ланд хок гирифтам. Мана, оқибаташ чӣ шуд, ба чашми худатон дидед. Шуморо таги по кард, маро ба як тин написандид, тифли маъсумро партофта рафт».

Аз байн ду сол гузашт. Мансур дар ин миён қад кашида калонакак, фарбеҳакак шуда буд. Аз пиразан канда намешуд. «Ота», «оча» гуфтанҳояш аҷаб ҳаловате доштанд. Баъди чанде ба ҳавлии онҳо ҷавонзани ношинос омад. Мансур аз вай ҳаросида, ба домони бибиаш часпид.

– Натарс, Мансурҷон, натарс. Биё, ман очат мешавам. Биё! – ҷавонзан, ки модарандараш буд, даст ёзонда вайро ба сӯи худ хонд. Ӯ бошад, ҳаросон «не» гӯён домони модаркалонашро сар додан намехост.

« – Ҳеҷ қисса не, оҳиста-оҳиста одат мекунад. Зиқ нашавед, келин» – кампир ҷавонзанро ҳамин тавр дилбардорӣ мекард,

Солҳо турнаосо гузашта мерафтанд. Мансур дар оғуши гарми падар, модарандар ва модаркалон ба камол мерасид. Мактаби миёна, университети давлатиро хатм кард. Ӯро дар яке аз муассисаҳои калони илмӣ ба кор гирифтанд. Мавлон-амак тамоми буду шудашро сарф карда, ӯро хонадор кард. Мана, ҳоло вай соҳиби хонаю дар. Дар зиндагӣ як камбудӣ дошт. Бефарзандӣ. Акнун ба муродаш расид. Мӯйсафед ҳам.

* * *

Мӯйсафед ба болои ҷойгаҳ дароз кашида, бидуни ихтиёр мунозираи чанде пеш бо бародари хурдиаш Маннон барпошударо ба хотир овард.

– Як чиза ҳис карда истодаед, ака, ё не? – пурсид Маннон пиёлаи чойро дароз карда.

– Не-ку, канӣ боз чӣ гапи нав?

– Мансуратон вақтҳои охир дигар хел шуда мондагӣ. Ҳамина ҳис кардед ё не?

– Чӣ, ягон гап шунидӣ? – бо тааҷҷуб пурсид мӯйсафед.

– Шумо аввал ба ман гӯед, ки Мансурҷон чанд вақт боз ба қишлоқ наомадааст? Ба фикрам як сол шуд-а? Ҳамин хел не?

– Дуруст гапат, додар. Лекин охир худат медонӣ, ки писарам серкор. Вақташ намерасидагист. Майлаш, хабар нагирад ҳам, ихтиёраш, сараш саломат бошад шуд. Ҳоло дасту пои худам бутунку. Моҳ дар миён рафта аз ҳолу аҳволаш хабар гирифта истодаам.

https://bikhon.tj/

– Ҳа, айби худам гӯед. Худам мегӯям, ки «Овора шуда ба қишлоқ чангхӯрӣ набиё». Бо ҳамин умед фарзанд калон кардед? Раҳматӣ янгем расо ҳабдаҳ соли дароз аз модари худаш зиёд навозишу меҳрубонӣ кард, аз ину онаш ҳамеша бохабар буд, «очет мурад, ина хӯр, очет садқаат вая хӯр» гуфта ёфтагию тофтагиаша садқаи сари вай кард. Лекин... Мансури шумо дар иваз аш чӣ кард? Вай ҳамту фикр намекунад, ки аз раҳматӣ яктадута не, ҳафт сар хӯранда боқӣ мондааст. Дар ду-се моҳ ақаллан як бор омада, сару рӯи сағираҳоро навозиш карда равад, ҳеҷ қисса намешуд. Осмон ба сараш омада намезад. Идорашин шудам, олим шудам, гуфта худоя худойбердӣ гуфта, гаштан ҳам аз рӯи инсоф не. Афсӯси ҳамон занак. Раҳматӣ як пиёла оби Мансура нанӯшида аз дунё баармон рафт.

– Туя намефаҳмам Маннон. Дар дилат ин қадар гапҳо будаасту то ҳол хапу хомӯш гаштай. Ё Мансур туро ранҷонд.

– Э, монед-е! Ҳаргиз кори ман ба Мансури шумо наафтад! Ба пеши, Азроил мераваму ба пеши вай не. Сангу чӯби олам хандида истодааст. Ҳатто дар рӯзи мурдаи раҳматӣ наомад-а. Ана беинсофию...

– Ин қадар воҳима накун, додар. Он рӯз вай дар идора набудааст. Ба куҷое командировка рафта будааст.

– Не, ин дурӯғ. Ман худам ба гӯши худам аз даҳони як рафиқаш шунидам, ки ҳамон рӯз дар кор будааст. Баҳона чӣ! «Ҳа, ба ман дер хабар доданд. То расида мегирам, ки гурӯ чӯб мекунанд» гуфта мондааст. Ҳе, агар дар дил заррае меҳр медошт, сад илоҷ карда меомад. – Он рӯзҳо вақти ин гапҳо набуд. Ғаму ҳасрати шумо бе ин ҳам зиёд буд. Ман имрӯз ҳам гуфтанӣ набудам. Лекин як чиз аламам кард.

– Чӣ алам кард?

– Рафтори келину писаратон.

– А? Канӣ гап зан, шунавем, – чашмони Мавлон-амак калон-калон кушода шуданд.

– Чияша мепурсед. Беҳтараш гап назанам. Одами шунидагӣ бовар намекунад.

– Не, чаро? Нӯги гапа ки кушодӣ, то охир расон.

– Ин тавр бошад, гӯш кунед. Ман шаби гузаштая дар хонаи як рафиқи Мансур рӯз кардам.

https://bikhon.tj/

– Чиба? Чиба ба хонаи онҳо надаромадӣ? Ё дари хонаашон маҳкам буд?

– Кошкӣ маҳкам мебуд. Лекин чӣ афсӯс, ки маҳкам набуд. Барои ман дар хонаи онҳо барои як шаб ҷой пайдо нашуд.

– Чӣ хел? Канӣ унту бепарда гап зан, – мӯйсафед, ки хеле ба ҳаяҷон омада буд, болиштро як тараф монда сари по шуд.

– Дарро тақ-тақ кунам, келинатон баромада бе салому бе алек «Мебахшед, Мансур дар хона нест, – гуфт ва илова кард, – Ман хонаи очем мерам». Дарро пеши назарам пӯшида қулф кард. Дар ин ними шаби зимистон куҷо рафтанамро надониста дар кӯча ҳайрон будам, ки зани Акбар, ҳо, бачаи тағои Ҳаким – аз куҷое пайдо шуд. «Салом, Маннон-ака. Нағз ҳастед, дуруст ҳастед. Бачаҳо чӣ хел?» гуфта ҳолу аҳволпурсӣ кард. Сир бой надода «шукр, ҳамаашон дуппа-дуруст. Саломатии худатону Акбарҷон читу?» гуфта пурсидам. Нағз гуфт. «Дар ин бевақтӣ ин ҷо истодаед. Магар Мансуракомино нестанд?» пурсид ӯ. «Не, набудаанд» ҷавоб додам ман. «Набошад, чаро ин ҷо истодаед? Марҳамат, ба хонаи мо. Хонаи моро ҳам хонаи Мансураком барин донед. Ҳамин ҳозир Акбарҷон омада мемонад! Гардед!» – гуфт вай. Таърифа-ку нағз намебинам, ака, лекин қандаша занад. Ҳафт пушташа раҳмат кунад. Занаки падардор будааст. Бечора ҷои шиштан намеёфт. Ин меоварду вай меоварду... Албатта, гап дар хӯрдану гирифтан не. Лекин ба одами бегона, ки он қадар хуб намешиносӣ, ин хел ширинзабонию меҳрубония, рости гап, на ҳама мекунад. Ҳамту худатон як фикр кунед. Зани Акбара урӯғаш аз куҷою мову шумо аз куҷо? Акнун давоми гапама гӯш кунед. Як маҳал ба берун ҳавогирӣ баромада сабилмонда чашмам баногоҳ ба қабати сеюм афтод. Ба худам бовар намекардам. Чароғи хонаи Мансур даргирон. Зану шӯ дар назди тиреза байни худ ким-чӣ хел гуфтугӯ доштанд. Ба назарам чунин намуд, ки онҳо гӯё маро масхара мекунанд. Ба ҷигарам корд халидагӣ барин шуд. Шабро дар хонаи Акбар бо як азоб рӯз кардам. Дарди дили дар ҳеҷ ҷо набудагӣ то саҳар аз дидагонам хобро бегона кард. Ман, ако, ягон нияти бад надорам, дуои бад намекунам. Мон, хушбахту хушрӯз шавад, ҳузуру ҳаловати фарзандонашро бинад, лекин акнун хоҳед нахоҳед, то мурданам остонаи хонаи вайро зер намекунам. Ҳа, гапи мегуфтагии ман ҳамин!.. Хайр, ман рафтам, – Маннон сабук аз ҷой хеста аз хавлӣ бадар шуд.

https://bikhon.tj/

* * *

«Ё ҳамин солҳои дароз бефарзанд буданашон таъсир расонда бошад? Ё чизи дигар...» фикр кард Мавлон-амак ва ин воқеаи гузаштаро ба хотир оварда то хело даруни ҷойгаҳ паҳлу гашт. «Гапи додарам рост, Мансур, хусусан баъди зандор шуданаш, дигархелтар шудагӣ барин. Кам хабар мегирад, ёрдам-ку он тараф истад... Наход ки хусуру хушдоманаш... Не, гумон аз имон ҷудо мекунад. Беҳуда аз онҳо гумонбар шудан чӣ лозим. Хайр, мана фарзанддор ҳам шуд. Шояд акнун феълу атвори зану шӯ дигар, шавад. Албатта, онҳо дигар мешаванд. Ман ба ин бовар дорам».

Мӯйсафед бо ҳамин суханҳо дили худро тасаллӣ дода, сар ба болин монд.

Сари субҳ мӯйсафед роҳи хонаи Ҳомидҷони ҷувозкашро пеш гирифт. «Чанд вақт шуд ки ҷувоз намекашад. Илтимос кунам, шояд ба хотири Мансур як-ду ҷувоз кашад».

– Хуш омадед, амак, – сипосгузорӣ кард Ҳомидҷон.

– Ба як зарурат омадам, писар. Намедонам ҳоҷатамро бароварда метавонӣ, ё не?

– Агар аз дастам ояд, ба сад ҷон, амак.

– Ҳамин гӯед чашми келин равшан шудааст...

– Э-е, нағз-ку! Муборак шавад!

– Қуллуқ, писар!

– Муддаоятонро фаҳмидам, амак. Чанд кило лозим?

– Ягон чор кило мешуд...

– Ҳеҷ гап набудааст. Ба ҷону дил. Ҳозир равғани тайёр надорам. Лекин ба хотири Мансурҷон ҳамин рӯза худаш дигар корҳоямро як сӯ таҳ карда ҳоҷати шуморо баробар мекунам. Пагоҳ омада гиред. Лекин амак, унту аз нӯги хамир фатир гуфтагӣ барин...

– Мефаҳмам, писар. Чанд пул диҳам? Якбора нақдашро гиру мон!

– Қурбони одами аҳли фаҳм шавам. Ба шумо баринҳо ҷон фидо кунам ҳам, меарзад. Баъзе даҳонялаҳо «ҳоло пулам нест, ё кам аст, пага-фардо мебиёрам» гуфта, ресмонро расо кашола мекунанд. Фаромӯш карданд, ки шоир гуфтааст: «Ин нақд бигиру даст аз он нася бишӯй».

Мавлон-амак дид, ки ҷоғи ҷувозкаш тасфида рафт, саросема пурсид:

https://bikhon.tj/

– Чанд пул диҳам, писар?

– Ба хотири Мансурҷон сиву ду сӯм диҳед, кифоя.. Дигар кас мешуд, аз сиву панҷ сӯм кам намегирифтам.

Мӯйсафед чизе нагуфта пулро шумурда дод. Ҳомидҷон онро нашумурда лабинҷкунон ба кисаи пеши бараш андохт...

* * *

Дили Мавлон-амак чун парандаи ба дом афтода дар таппиш буд. Гӯё қафаси сина барои вай тангӣ мекард. Зинаҳои бетонӣ лаҳза ба лаҳза ӯро ба хонаи шинос наздик меоварданд. Ана, баъди чанде дар рӯи вай боз мешаваду «бобоҷонаш омад» гуфта нидо кардани келинашро мешунавад. «Қомати Мансури ман ҳам рост шуд. Вай акнун дар байни ёру дӯстонаш бо сари баланду рӯи сурх мегардад».

Ба ҳамин андешаҳо мӯйсафед чӣ тавр ба ошёнаи сеюм баромаданашро надониста монд. Нафаси сабук кашид. Кадуи пур аз равғанро ба каноре гузошта, худашро ба ифоқа даровард. Дақиқае ба дарун гӯш дохт. Хомушӣ. «Набераҷонам хобидааст. Занг задан лозим не. Бедор мешавад, роҳаташ вайрон мешавад. Мӯйсафед ангушти ишоратро бо сарангушт тиргак карда сабук-сабук ба дар ду-се бор зад. Интизорӣ тӯл накашид. Аз дарун аввал шарфаи пой, баъд дар қулф тоб хӯрдани калид шунида шуд. Мӯйсафед, то ки бори ҳаяҷон зӯрӣ накунад худро ба даст гирифт.

Дар оҳиста боз шуд. Дар пойгаҳ модарарӯси Мансур намудор гардид. Баробари дидани Мавлон-амак чеҳраи модарарӯс дар як он тағйири ранг кард, хафа метофт ва қавоқаш гирифтагӣ буд. Инро мӯйсафед ба тезӣ пай бурд. Вале сир бой надод.

– Салом, қудоҷон! Набера муборак шавад!

– Қуллуқ! – бо дуруштӣ посух дод модарарӯс.

Хомӯшии дилгиркунандае ба вуқӯъ омад. Мавлон-амак ҳайрон буд, ки чаро ӯро ба дарун ҳидоят намекунанд. Ё...

– Келин читу? Набера сиҳат-саломат-мӣ, қудо?

– Нағз, дуруст!

Боз хомӯшӣ, мӯйсафед дар ҳолати ноҳинҷор монд. Боз аз куҷо чиро пурсиданашро намедонист.

«Ба инҳо чӣ шуда бошад? Чаро Мансур наменамояд? Келин канӣ? Дар хона фақат як кас будагӣ барин...» Мӯйсафед дар дил

https://bikhon.tj/

азми ба хона даромадан кард. Вале дид, ки қудояш «садди» роҳаш аст, бо табассуми заҳромез пурсид:

– Даромадан мумкин?

– Имрӯз не. Одати мо мардум ҳаминай, ки баъди таваллуд то чил рӯз одами бегоная ба хона намемонем. Хафа нашавед-дия, қудо.

– А? одами бегона? – даҳони Мавлон-амак во монд. Пеши чашмонашро пардаи торикӣ гирифт. Ба дили озурдааш як ҳиссиёти ноошно ва тазъиқоваре панҷа зад. Дар пойҳояш мадор намонд. Вале мардиро нигоҳ дошт, то дар остонаи дари фарзанд ба зону назанад. Баъди фурсате ба овози базӯр шунаво гуфт:

– Ақаллан ҳамин равғанро гиред. Мансур таъин карда будааст.

– Сари вақт овардан лозим буд. Худамон ёфтем, – вай як ба қафо нигарист ва қиёфааш гӯё хавотирӣ пайдо кард, – Хайр, «исквазнияк» шуд! Ман дарро мепӯшам, кӯдак боз касал нашавад! – гуфт.

Дар пӯшида гашт.

Мӯйсафед гӯё ҳайкал буд, ки на мечунбиду на фикр карда метавонист...

– Бобоҷон, ба шумо кадом хона лозим? – гуфта пурсидани писарбачае ӯро ба худ оварад.

Вай ба писарбача нигаристу лаҳзае саросема шуд.

– Ба ман? Не вай, хонаи ман мекофтагӣ дар ин ҷо набудааст.

Писарбача ба ошёнаи боло баромад, вале аз боло чанд бор якрӯя шуда, ба ӯ менигарист. Гӯё ба мӯйсафед ким-чӣ хел ёрдам додан мехост.

Мӯйсафед ҳамин тавр хело истод, баъд гӯё ба ёдаш ким-чӣ расида бошад, хам шуда кадуи равғанро гирифт, қафо тоб хӯрд, як қадам ба пеш рафт, вале истод, боз тоб хӯрд, кадуи равғанро аз нав назди дар монд. Баъд, боз тоб хӯрда аз зинапояҳо нишеб шуд. Ҳар қадам душвор буд, гӯё сахт бемор буду ба поён не, бо азобе ба боло мебаромад. Гӯшҳояш ғуввос мезаданд ва аз миёни ғуввос танҳо як ибора ҳар гоҳ барқ барин мегузашт: «одами бегона», «одами бегона»...

Соли 1988.

https://bikhon.tj/

«ДӮСТИ ДЕРИНА»

Дар ин дунё на ман монам, на он шоҳу на он султон,
Бимонад ҷовидон меҳру муҳаббат, хубии инсон...

Ману ӯ дӯстони дерина ва қадрдон будем. Барои чӣ «будем»? Барои он ки, гумон мекунам, имрӯз аз он деринагию қадрдонӣ ҳеҷ чиз намондааст, ба чуз хотира, хотираи мағжушу тира. Намедонам, шояд ӯ ин риштаро кайҳо барканда буд, ки мани содда ва зудбовар бехабар мондам. Вале... ман ба ҳамин карибӣ дӯстиро бо ӯ кандам, аз беху бунаш кандам. Безорам аз дӯстие, ки кундааш ковок аст. Гумон доштам, ӯ ҳамонест, ки... Вале аз куҷо медонистам, ки мансаб чашми одамро кӯр, муҳаббати инсониро дур мекардааст. Оҳ, ин мансаб! Бузургворе беҳуда нагуфтааст, ки агар одамро хубтар шинохтан хоҳӣ, ба ӯ мансаб бидеҳ!...

Хубаш, шаф-шаф нагуфта, шафтолуи гапро гӯям.

Ӯ сарвари яке аз корхонаҳои азим буд. Ман ба он коргоҳ ҳини рӯзноманигор буданам борҳо рафта, навиштаҳои зиёдро ба табъ расондам. Вале вай он вақт роҳбар не, ҳамааш шуда устои смена буд. Боре ба туҳмате печида шуд, қариб буд, ки аз болояш парвандаи ҷиноӣ кушоянд. Рӯзгору фаъолияти кориашро хуб омӯхта ба қавле мӯйро аз хамир чудо карда очерке навиштам. Ҳамон очерк сабаб шуду аз бори туҳмат халос ва обрӯву эътибораш бештар гашт.

Ва ниҳоят баъди даҳ сол мо боз ба ҳам рӯ ба рӯ омадем. Бо амри тақдир ману ӯ дар яке аз ташкилотҳои баобрӯй ба ҳайси намояндагӣ аз мардуми ду маҳал шомил шудем. Дар муҳокима ва ҳаллу фасли бисёр масоили мубрам ширкати якҷоя доштем ва бисёр вақт нуқтаи назарамон ба ҳам мувофиқ меомад. Ҳини мулоқотҳои танҳо, алалхусус сари як пиёла чой ӯ борҳо мегуфт: «Бародар, агар рухсатӣ бароед, зану бачаҳоро гирифта ба тарафи мо биёед. Шукр, ки бӯстонсарои хуби чор кас ҳавас мекардагӣ дорем. Дар соҳили рӯди Сайҳун, боду ҳавояш тоза. Ду-се ҳафта баҳузур дам гирифта, асабҳоро ором карда, бо неруи тоза бармегардед».

Ва дар як тобистон, вақте ки ҳаво дар марказ гарму тоқатфарсо буд, ман рухсатӣ гирифта ба назди дӯстам рафтам, албатта бе

https://bikhon.tj/

зану фарзанд. Андешаи «ба як пуф маҳтал будааст, худаш кам буд, ки боз...» нагузошт, ки ин корро ба худ раво бинам.

Вай маро хуш истиқбол гирифт. Гилагузорӣ кард, ки зану бачаҳоро наовардам. Гуфтам, ки насиб бошад, дафъаи дигар. Дар бӯстонсаро беҳтарин ҳуҷраро, ки рӯ ба рӯи дарё буд, бароям ҷудо кард. Чанд рӯзе, ки он ҷо мусофират доштам, саҳару нисфирӯзӣ, бегоҳӣ ҳамроҳам буд, меҳмондорию меҳмоннавозиро ба дараҷаи олӣ ба ҷо овард. «Бародар» ва баъзан «муаллим» – гӯён лутфу меҳрубонӣ ва навозиш мекард ва зиқ шудан наметонд.

Ба ростӣ, каме дар ҳиҷолат мондам. Ман, як каламкаши оддӣ, ҷавоби ин лутфу эҳсон ва меҳрубониро чӣ тавр мегардонда бошам? Ҳарчанд ки борҳо «Бародар, узр, ки шуморо хеле бесаранҷом кардам, ташвиш накашед» гӯям ҳам, вале вай бо табассум мегуфт: «Ташвиш куҷо, ако. Меҳмон атои Худост, ризқаш аз пасаш кашола шуда меояд».

Хуллас, он истироҳату дамгирӣ, он мулоқотҳои самимӣ ришташон дӯстии моро сахт ба ҳам бупайваст. Ва мо аҳд кардем, ки минбаъд дар куҷое бошем, дар кадом вазифае, ки кор кунем, дӯстиамон бардавом хоҳад монд.

Аз байн муддати мадиде гузашта бошад ҳам, то ҳол суханҳои ҳини гусел ба забоновардаи ӯ дар ёду хотирам сахт боқӣ мондааст: «Муаллим, мансабу вазифа меоянду мераванд, лекин кори неку амали нек, одаму одамгарии мо мемонад. Инсон бояд дар ҳар лаҳза пеш аз ҳама инсон монад. Инро мо набояд фаромӯш созем!» «Суханҳои олиҷаноб! Биёед, ба ҳамин гуфтаҳои шумо то ба охир содиқ мемонем! Қонуни бародарӣ ҳам бояд ҳамин бошад!» – гӯён афзудам:

Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Ба ҷуз дӯстӣ, к-он бувад ҷовидон!

Инак, аз байн дах сол сипарӣ шуд. Тундбоди зиндагӣ дар ин миён моро ба куҷоҳое, ки напартофг. Ба қавле дар дору хези зиндагӣ афтидему бархостем, хам шудему рост шудем ва, хушбахтона нашикастем. Боди мурод моро боз ба соҳили мурод бароварда.

Дӯсти деринаи ман бо ҳукми тақдир соҳиби мансаби баландтаре шуда, ба марказ омад. Банда ҳам бо амри тақдир курсии мансабро иваз намудам. Дӯсти деринаи ман ба идорае

https://bikhon.tj/

омад, ки банда низ дар он ҷо вазифаи назарногиреро ишғол менамудам. Ман аз ин шод шудам. Шод шудам на аз он хотир, ки акнун бо шарофати меҳрубонӣ ва дасггирии дӯсти дерина соҳиби мансаби калоне мешавам. Не, ман аз сад маҳали бо ин роҳ ба мансаби баланд расидан безорам. Табиати ман ҳамин аст. Агар дар зиндагии кӯтоҳ ба мансабе расида бошам, бе ёрӣ, бе ёру ошнобозӣ расидам... Хурсандии ман аз он вақҳ буд, ки меҳнати босубот, азму талош ва кордонӣ ӯро ба мансаби воло расонд! *(Ин, албатта, андешаи шахсии ман буд, баъзеҳо дигар андеша доштанд).*

Баъди шунидани ин хабар баъзе аз ҳамкорон, ки аз дӯстии мо воқиф буданд, гӯшакӣ мекарданд: «Дар гузари мо ҳам Худо хоҳад, тӯй мешавад. Имрӯз-пага аз котиба иҷозат пурсида, ё пешакӣ номамонро нависонда, сипас назди устод медароем». Ман ба ин гӯшакиҳо посух намедодам. Хомӯшӣ тилло ва онро авлотар медонистам.

Ҳамкоронам ҳам гумон доштанд, ки ман имрӯз ё фардо ҳатман ба табрики калон – «дӯсти деринаам» меравам. Баъди се-чор рӯз диданд, ки ман ҳанӯз хомӯшам ва дар ин ҷода кӯшише ба харҷ намедиҳам, хайрон шуданд. «Ҳа, устод! О, бисёриҳо аллакай ба побӯсии калони нав мушарраф шуданд. Шумо, дӯсти деринааш ҳоло ҳам хапу хомӯш-ку. Ё интизор ҳастед, ки кай худаш даъват мекунад ё ғурур имкон намедиҳад...»

Ба онҳо филфавр посух додам: «На ину на он... Ба ҳузури он кас рафтанро аз рӯи одоб намедонам. Инро атрофиён ба таври худ мефаҳманд. Баъд ин ки табрику муборакбодӣ ҳеҷ гоҳ дер намешавад. Ҳамин ки имконияти рӯ ба рӯ омадан шуд, албатта, табрик мекунам». «Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд, устод. Муборакбодия дар гармогармиаш кардан лозим. Боз ин рафторатон боиси он нашавад, ки дили калон аз шумо монад. Маро писанд накард гуфта... Аз ҳамин рӯзатон ҳам намонед. Ба калонҳо шӯхӣ карда намешавад». Ин суханҳо маро ба андеша кардан водор намуд. Шояд он рафиқ ҳақ бошад. Кӣ медонад? Лекин ман донистагии худамро мекунам. Фурсат шавад...

Мутаассифона, чунин фурсату имконият ба зудӣ даст надод. Зиндагӣ ба мачрои хеш равон буд. Ёру ошно ва ҳамкорон дигар гӯшакӣ намекарданд, луқма намепартофтанд. Ҳама чиз дар гӯшаи хомӯшӣ ва фаромӯшӣ маскан гузид.

https://bikhon.tj/

«Дӯсти дерина»-и ман ҳеҷ не ки рӯ ба рӯ ояд. Чӣ хел мо рӯ ба рӯ шавем, ки вай дигар пиёда намегашт. Мошини хидматӣ ӯро то таги дар меовард ва ӯ аз мошин фаромадан замон дар иҳотаи чор муҳофиз зуд ба боло мебаромад. Баъд ин ки ман худам кӯшиши бо ӯ рӯ ба рӯ омаданро намекардам. Худо насиб карда бошад, ягон рӯз не, ягон рӯз рӯ ба рӯ мешавем ва албатта дер бошад ҳам, табрикаш мекунам.

Андешаи он ки ӯ аз будан ё набудани ман дар ин даргоҳ воқиф аст, маро заррае ба ташвиш намеовард. Ҳама чиз, ҳатто вохӯрӣ ҳам бо розигии Худо сурат мегирад.

Инак, аз хамкории мо дар ин идора расо ду баҳору ду тирамоҳ гузашт. Аввалин баҳор, омад-омади Наврӯз буд.

Се рӯз қабл аз Наврӯз ба дафтари кориям намояндаи шуъбаи кадрҳо – зани болобаланди бадқавоқ ворид шуда варақчаеро пешам гузошта гуфт: «Шумо рӯзи аввали ид аз соати ҳашти субҳ то соати сеи рӯз дар қабулгоҳи калон навбатдор. Ин ҷо имзои муборакатонро гузоред, яъне ки шумо бо фармон шинос шудед ва дигар баҳонае роҳ намеравад». «Чаро баҳона пеш меовардаам, хонум? Дар рӯзи ид, дар қабулгоҳи калон навбатдорӣ кардан – ин ифтихори бузург, боварии калон аст ба ин бандаи фақир» гуфта имзои муборакамро гузоштам ва дар дил хурсанд шудам. «Ана, нагуфтам, ниҳоят, фурсат фаро расид. Иншооллоҳ, ба дидори мубораки дӯсти дерина мушарраф мешавам. Худо кунад ки он кас ҳамон рӯз дар шаҳр бошанд. Ин ҷо бошанд, албатта, ба коргоҳ хоҳанд омад ва дида ба дидор мерасад».

Ниҳоят, он рӯзу он лаҳза ҳам фаро расид. Рӯзи ид, соат ҳашт нашуда ба қабулгоҳи калон ҳозир шудам. Котиба Моҳирахон (ӯро кайҳо боз мешинохтам) аллакай дар ҷои кор буд. Бо ӯ салому алейк ва ба ид табрик намуда гуфтам, ки «Навбатдорӣ омадам». Вай зуд ба гӯшае, ки курсӣ меистод, ҷой нишон дод ва ба зудӣ ба наздам як пиёла каҳва ниҳод. Ҳарчанд ки қаҳванӯшӣ одати ман набуд, ба хотири илтифоти Моҳирахонум «ташаккур» гуфта пиёларо ба даст гирифтам ва чанд ҷуръа нӯшидам.

Қабулгоҳ ҳоли ҳозир холӣ, танҳо ману ӯ будем. Аз ину он суҳбат карда билохир пурсидам:

– Калон меомада бошанд?

– Бале. Бояд биёянд.

– Хайрият, – гуфтам зери лаб.

https://bikhon.tj/

Моҳира зери лаб табассум карда пурсид:

– Барои чӣ хайрият мегӯяд? Ягон гапи зарур доред?

– Не. Барои он хайрият гуфтам, ки ниҳоят ба дидори дӯсти деринаам мушарраф мешавам.

– О, аҷаб-ку. Шумо бо калон шинос?

– Натанҳо шинос, дӯстони дерина, нону намакхӯр мо.

– Бисёр нағз, бисёр нағз. Худо хоҳад, ман шоҳиди бағалкушоии шумоён мешудаам-да. Боз бинед. дар рӯзи Наврӯз. Ин фоли нек бошад. устод!

– Кошкӣ, – гуфтам нигоҳамро ба тарафи дари даромад равон карда.

Лаҳзае сукунат ҳукмрон шуд. Бо мақсади шикастани яхи хомӯшӣ таърихи ошноиамонро бо калон ба Моҳира мухтасар қисса кардам. Вай бо мароқ гӯшу ҳуш шуда буд.

Ба Моҳира ҳикоят мекардаму гоҳ-гоҳе ноаён ҷониби дар менигаристам. «Мана, ҳоли ҳозир аввал шарфаи пои босуботи муҳофизон шунида мешавад, сипас ду тан дохил шуда ин сӯ, он сӯро бодиққат аз назар мегузаронанд. Қоида ҳамин аст. Сипас калон бояд ворид шавад...»

Дар ҳамин андеша будам, ки ҳақиқатан шарфаи қадамҳои баҳодурона ба гӯш расид. Ду тан ҷавони калончусса ворид шуда ба ману Моҳира салом дода сипас ба дафтари кории калон даромаданд ва фосилае нагузашта ба қабулгоҳ баромада, ба роҳрави мобайнӣ гузаштанд.

Ва... ниҳоят... дӯсти деринаи ман ба қабулгоҳ ворид шуд, аз қафояш ҷавони қадбаланди лоғарандом. Калон чанд қадам ба пеш гузошта ногаҳон чашмаш ба ман афтод. Ман хушҳолона табассум карда, ба истиқболаш қадам монданӣ будам, ки муҳофизи қадбаланд пеши роҳамро гирифта бонг зад: «Неположена!» Шастам гашт. Ақиб гаштам. Калон ба рӯи ман лаҳзае, фақат лаҳзаяке нигариста бе салому алейк, ҷигот андохта, гӯё модарашро ман кушта бошам, сарду бенур «Ҳҳ!» – гуфта қош парронд. Бале, фақат ҳамин қадар «Ҳҳ». Ба назарам ин ишорataш чунин маънӣ дошт: «Ҳа, дар ин ҷо чӣ гум кардӣ?»

Вай дигар чизе нагуфта бо виқор вориди дафтари корӣ шуд, он қаддарози бемаърифат ҳам аз пасаш даромад. Тарбуз аз бағалу қалам аз дастам афтод. Помидори нав аз полиз кандагӣ

https://bikhon.tj/

барин сурху беҳаракат будам. Ба гуфтаи бузургон барои аз ин ҷо кашола карда бурдани ман як ароба лозим буд. Оҳиста ба рӯи Моҳира нигаристам. Вай ҳам ҳайрону музтариб. Намедонистам, аз шарм ба ӯ чӣ гӯям? Чӣ хел худро пеши ӯ сафед кунам? Охир, ман дӯсти деринаам, одаму одамгарӣ ва меҳрубониҳои ӯро чунон қисса карда будам, ки...

Аз сарам як сатил оби сард рехтагӣ барин шуд. Оҳиста ба курсие, ки бароям Моҳира муҳайё карда буд, нишастам. Сар миёни дастон гирифтам. Боз хомӯшӣ. Хайрият, ки он дер давом накард. Муҳофизи қаддароз аз дарун берун омада маро дидан замон боз ба ғазаб омада, хитоб кард: «Чӣ, иҷада шиштӣ? Иҷада шиштани ту мумкин не. Ба берун баро! Ҳамуҷада ждат кун!» Ин суханҳо ҳарчанд, ки таҳқиромез садо доданд, вале муддаои дили захмини ман буданд, чаро ки ман дигар инҷо лаҳзае истодан намехостам.

Зуд дафтару қалам ва айнакамро ғундошта берун баромадам. Дар роҳрав, дар кунҷи рост як мизчаи пастакак, болои он аппарати телефон ва назди он курсие меистод. Он ҷо нишастан басо қулай буд, чаро ки касе маро намедид. Агар телефон шавад, аз ҳамин ҷо истода ҷавоб додан ё хабарҳоро қабул кардан мумкин.

Ба курсӣ ба ҳузур нишаста гирифтам. Чанд нафар муҳофизе, ки маро мешинохтанд ё пештар дида буданд, дарову буро карда ва чашмашон ба ман афтода ҳайрон-ҳайрон менигаристанд, аз пурсидани чизе истиҳола мекарданд.

Якеаш, ба назарам вай ёвари калон буд, боадабона пурсид: «Ҳа, устод, инҷо нишастед? Ба қабули калон омадед?» «Не, ман маҷбур омадам, аниқаш баҳри иҷрои вазифаи хидматиам омадам» гуфтам сахт карда ва барои он ки фаҳмотар шавад, афзудам: «Ман навбатдор!».

Вай «ҳмм» гӯён дарун даромад ва баъди лаҳзае берун баромада «Марҳамат, устод, дароед. Дар қабулгоҳ шинед» гуфта муроот намуд.

Ман, ки торҳои асабам таранг шуда, ба кафидан моил буданд, қариб ки овоз баланд карда гуфтам: «Раҳмат. Ман аллакай он ҷо будам, маззаи он ҷоро хуб чашидам. Акнун маро ба ин ҷо «бадарға» карданд. Аз ин беҳтар ҷое нест».

Ёвар узр пеш оварда: «Устод, узр, ки бачаҳо нафаҳмида... Хоҳиш мекунам, ба он ҷо дароед». Дар вуҷудам чизе таркид.

https://bikhon.tj/

«Хайр, майлаш, муҳофизон маро нашинохтанд, лекин вай... калон...»

Аз олами рӯёъ берун шуда гуфтам:

– Шумо узр напурсед, бародар. Мо фармонбардорем. Фармон доданд, омадем. Фармон доданд, ки он ҷоро тарк кунем, тарк кардем. Дигар чӣ кор кунам?

– Мебахшед, устод, вай муҳофиз шуморо нашинохтааст...

– Нашинохтааст? Инро худи ӯ гуфт? Номаъқул кардааст. Вай маро хуб мешиносад. Охир ин ҳамоне нест, ки чанд рӯз пеш барои барқарор кардани ким-кадом хешаш ба мактаби олӣ ду маротиба дар қабули ман буд.

– Хайр, бачагӣ кардааст. Аз хурдон хато, аз бузургон ато, – ёвар сар доданӣ буду сир не.

– Бародар, – ниҳоят худро ба даст гирифта омирона сухан кардам. – Ман шуморо ҳурмат мекунам. Намехоҳам, ки сухани ноҷое аз ман нисбати шумо берун ояд. Агар хоҳед, ҳамин ҷо нишаста навбатдориамро то ба охир мерасонам. Нахоҳед, иҷозат диҳед, биравам.

Вай боз ҳарфе гуфтанӣ буд, ки чизу чораамро гундошта «Маъзарат. Ман рафтам. Дар дафтари корӣ мешавам. Агар лозим шавам, марҳамат, телефон кунед» гуфтаму аз ҷой бархоста аз поғундаҳои ошёнаи дуюм поён фаромадам.

Дар дафтари корӣ соате нишастам. Дастам ба кор намерафт. Сабил, асабҳо ҳеҷ не ки ором шаванд. Ду дона ҳабб таъсир накард. Дар ин муддат касе сим назад. «Майлаш. Ҳарчӣ бодо бод. Пеш кунанд, аз кор пеш мекунанд. Ҷонамро намегиранд-ку. Ман ин хелин лаҳзаҳоро дар зиндагӣ на як бору ду бор дидаам» гуфтаму бархоста дафтари кориамро маҳкам карда ба берун, ба кӯча баромадам.

Борон меборид, борони баҳор, майда-майда меборид. Чакраҳои он ба сару рӯям зада асабҳои осебдидаамро навозиш мекарданд. Баъди фосилае ба баҳору навбаҳорон ва борони найсони он ҳамоғӯш гашта ҳамаашро фаромӯш кардам.

Аз ин қисса чанд муддат сипарӣ гашт. Рӯзе дар кӯчаи калон ба он «телех» – муҳофизи қаддарози лоғарандом рӯ ба рӯ омадам. Вай аввал як ба рӯям теғ кашида нигоҳ карду сипас гӯё ман

https://bikhon.tj/

аз ӯ қарздор бошам, «Мебахшӣ, братан, нафаҳмидам-ки шумо иқа зудранҷ бден» гуфт.

Ман, ки бо дидани афту андоми ӯ захми чанде пеш бардоштаам боз аз нав рӯ гирифта буд, оҳиста гуфтам:

– Не, ман аз шумо хафа нестам, додар. Аз бехирадон хафа шудан камоли мардӣ нест! Зинда бошӣ!

Вай ба назарам ба маънии ин ҳарфҳо сарфаҳм нарафт, чизе нафаҳмид, ки даст афшонду гузашта рафт.

Ман аз қафо ба ӯ боз гуфтанӣ будам, ки «Шефат чи гуна, худат намуна. Ту чи хел махлуқе ҳастӣ, ки аз ту хафа шавам. Шояд туву шефат надонед, ки дар зиндагӣ ҳама чиз мегузарад, вазифа ҳам, мансаби баланд ҳам. Ва ҳамин байти шоир тасаллибахши дили ман буд:

Бокам аз туркони тирандоз нест,
Ғамзаи тироваронам мекушад.

Марти соли 1999.

НОКАС

1

Соли нави таҳсил наздик омаду писарак рафт сӯи хонаи падар. Ошёнаи чорум баромад ба умед. Ба умеди он ки падар ӯро хуш қабул мекунад ва медиҳадаш чанд пайсае, то барои худ сару либос, китобдон ва дафтару қалам бигирад ва бо чор ишкели бутун равад мактаб.

Дилаш гунҷишквор гуп-гуп мезад ва мешунид садои ӯро баръало. Назди дари оҳанини барояш шинос қарор гирифт. Лаҳзае чанд беҳаракат истод. Ниҳоят, таппиши қалб муътадил гашту муштчаи лоғару аз зарби меҳнати тоқатфарсо ҷо-ҷо кафидааш берун омад аз таги остини дарида. Оби биниашро дарун кашид ва муштча ба дар куфт.

Интизорӣ тӯл накашид. Шарфаи қадаммонӣ, садои тоб хӯрдани калид ба гӯш расид. Дар кушода ва дар остона пайдо шуд зани падар. Чеҳраи кушодаи ин зани харобу сип-сиёҳ ба зудӣ таги абри сиёҳ монд. Қавоқ даргирон, лунҷҳо овезон, дастҳо ларзон. «Чида омадӣ, сағира?» чунин буд суоли нахустин он ачузазан.

Писарак ба ҷои посух додан ба суол, филфавр аз хаёл гуза-

https://bikhon.tj/

ронд: «Отам заб одами аҳмақ будааст. Ёфтагиша бинед. Бо кадом ақлу фаросат очаи ман – он зани қоматбаланду зеборо ба ин маймуни таппа-тайёр иваз кардааст. Ақаллан, хубтараша меёфт, ҳоҷати гап набуд. Ё ин ӯро сеҳру ҷоду карда бошад. Мардум ҳамин тавр мегӯянд…»

«Аз ту пурсида истодаам, сағира. Дар ин ҷо кира мековӣ?» такрор ба гӯши писарак расид ин суол ва ӯ ба худ омад. Даҳон ғунча карда гуфт: «Аввал ин ки ман сағира не. Ота дорам. Ва отаи мана ту кашида гирифтӣ. Те отама». «Вай отаи ту нест. Вай отаи бачаҳои манай. «Не, вай отаи ман ҳам ҳаст», «Хай, ай отат чӣ мехоҳӣ?» «Сум мехоҳам, сару либос, китобу дафтар надорум». «Дигар ҳеҷ чиз намехоҳӣ?» «Не!» «Ин тавр бошад, дафъ шав аз ин ҷо! Ин отаи ту мегуфтагӣ аввал ғами бачаҳои худша хӯра. Зиётӣ куна, ана ба ту сағира ҳам мераса. Акнун харата ҳай гӯй…»

Писарак даҳон ғунча карда, хост чизе бигӯяд. Вале… дар аллакай ба рӯяш баста буд.

Ӯ бо сари хам, дидаи пурнам ва қалби садчок поғундаҳоро зер карда, оҳиста-оҳиста роҳ гирифт ба поин.

2

Писарак на аз он тоифае буд, ки аз андак нобарорӣ рӯҳафтода шавад. Вай дунё ба умед, шайтон ноумед – гӯён рӯзи дигар низ рафт. Рафт ба ҷое, ки манзили падар буд. «Пеш кунанд, кардан гиранд. То мушкилам осон, корам буд нашавад, намегузорам онҳоро ором» гуфту боз мушт ба дари падар куфт.

Ин дафъа баромад падар. Аз рӯи он одате, ки аллакай ба мағзмағзи ин хонадон маъво гирифтааст,бе салому алейк, бо дӯғу валвала пурсид: «Рӯзамон метӣ ё не?» Писарак хирагӣ кард. «Ҳа, рӯз метиям, ба шарте ки сару либос, китобу дафтар хариям. Ин гарданкаҷкунӣ чунин маънӣ дошт: «Ақаллан соле як бор ҷониби ман нигоҳ кун. Охир, ман ба ту бегона не-ку. Аз пушти камари ту шудаам, эй бандаи хокӣ…»

Вале маънии ин нигоҳро нафаҳмид падар. Бе ибо бигуфт: «О, ота дорӣ-ку? Чӣ, вай намегирад?»

Писарак дар посух лол монд.

Падар афзуд: «Медонӣ чӣ, баъди чор рӯз ба хонаи амакат рав. Ман агар ба дастам пул афтад, ба ӯ ду-се сомонӣ медиҳам.

https://bikhon.tj/

Медиҳадат. Гиру дигар мана ғам нате. Зиндагии мана вайрон накун. Фаҳмидӣ?»

Писарак «ҳова» гуфта сар ҷунбонд. «Пас, бирав, дигар ба ин ҷо набиё. Як бори дигар биёӣ, аз ҳамин рӯзат ҳам мемонӣ».

Дар тараҳас пӯшида шуд. Писарак қафо гашт.

3

Писараки сода, зудбовар дар рӯзи муайяншуда роҳи манзили амакашро пеш гирифт. Дарро ба рӯяш баста дид. Ба тақ-туқу занг заданҳояш касе ово накард. «Ин лаҳза не, шояд баъдтар меомадагист» – гӯён дида ба роҳ дӯхт. Чор бор баромаду фаромад. Бо ин рафтораш шубҳаи ҳамсояҳоро зиёд кард. Якаш қариб буд, ки ӯро зада-зада пеш кунад. Ниҳоят, дами бегоҳ, ҳини говгум амакаш пайдо шуд. Ӯ – ширакайф, аз бозуи хонуми таннозе дошта меомад. Чун ба дар наздик шуд, писарак ҷуръат карда пеши роҳаш гирифт.

– Амак, салом.

– Салом. Ҳа, ин туӣ? Хӯш, хизмат…

– Отам гуфт, ки назди шумо биёям.

– Хайр, ана омадӣ. Чӣ мехоҳӣ аз ман?

– Ду-се сомонӣ диҳед.

– Ҳм... сомонӣ? Чӣ коруш мекунӣ?

Писарак ба нарангушти аз даҳони туфлиаш баромада, ки «мана-ман» мегуфт, нигоҳ карда хомӯш монд.

Амак дид ин ҳолатро ва кафки даҳон бароварда қоҳ-қоҳзанон таънасор кард ӯро:

– Туфлиҳои навбаромад ҳамин хелӣ мешаванд. Ин модни-да. Кайф карда гаштан гир.

– Намешавад, амак, имрӯз-пагоҳ аз почакам паррида меравад.

– Корам нест. Гум шав аз сари роҳам. Пул-мул нест.

Амак бо қароҳат аз китфи писарак гирифта, ӯро тела дод ба поён. Қариб буд, ки сарозер равад.

Ӯ худро базӯр дошт ва бо ашки шашқатору дидаи хунбор омад назди модари бемор.

Нидо бароварда аз умқи дил. Худро партофт ба оғӯши модар.

– Очаҷон. Бас! Ман дигар гадои пойгаҳи отаву амакам шудан намехоҳам. Ман кор кардан мехоҳам.

– Чӣ кор мекунӣ, писарҷонам?

https://bikhon.tj/

– Аз пагоҳ сар карда чойфурӯшӣ мекунам.

– Ин корро накун, бачам. Мардум чӣ мегӯянд? Айб мекунанд, ҷони оча.

– Майлаш, айб кардан гиранд. Чойфурӯшӣ айб нест, оча. Дуздӣ айб аст, ҳаромхӯрӣ айб аст. Дар китобҳои нағз ҳамин хел навиштагӣ, оча.

Модар лол монд. Ашк рехт. Ба оғӯш кашид кӯдаки ҳаштсоларо. Навозиш кард, сила кард сару рӯй, китфу бозувони ӯро.

– Ба ту мурад оча, бачаи баакҷли оча! Худо умрата дароз, ризқата фаровон кунад, бачам. Илоҳо, хонаи отату амакат ба дуди ғам бисӯзад!

Модар сар ба болин зер кард, талх гирист, бадард гирист, тоқат накард, ҳой-ҳой гирист…

4

Истгоҳи мошинҳои мусофиркаш. Писарак шаш зарфи пур аз чой дар пуштора хост савори мошин шавад, вале аз бисёрии мусофирон натавонист худро ба дарун гирад. Инаш дарди бахайр. Ҳини тела-тела халтаи нимҷони салафанӣ дарида, зарфҳо паҳну парешон шуданд. Вай осемасар ба ҷамъ овардан машғул шуд. Ҳамаро ҷамъу ғун кард. Зарфи шашум зери пои марде мехобид. Писарбача хам шуда бардошт онро ва ин дам чашмаш афтид ба амакаш. Амак лаб инҷ карда заҳрхандае ҷониби ӯ ҳадя намуд. Аз зиҳи дандонҳои тиллоӣ ин суханҳо берун шуданд.

– Ҳа, сағира. Рӯзат ба обфурӯшӣ монд?

Писарак посух надод. Баръакс, ҷасорате дар вуҷуди хеш эҳсос карда бо нигоҳи оташбор рост чашмони амакро нишон гирифт. Ин нигоҳҳо чунин маънӣ доштанд: «Заҳрханда мекунӣ, амак? Ба ҳоли мани падардори бепадар механдӣ? Шармат намеояд? Ту бояд заҳрхандаро ба худат кунӣ, охир хуни мо якест. Ҳа! Ман умед аз марҳамати падару ту барин амаки нокас канда, обфурӯшӣ мекунам. Дигар коре аз дастам намеояд. Охир, ман хурдакакам. Обфурӯшӣ дуздӣ нест, носфурушӣ нест. Шумо барин мардумро фиреб карда зиндагӣ намекунам».

Амак маънии ин нигоҳҳоро дарк кард. Вай дарқаҳр шуда бо зарда лагаде ба зарфи пеши пояш зад ва он ғелида ҷониби ҷӯи ифлос рафт.

– Нокас! – ин нидо аз умқи дили кӯдак бадар омад.

https://bikhon.tj/

Аз амак чашмонаш аз косахонааш баромада, хост шаппотие ба рӯи кӯдак бизанад ва ӯро нақши замин гардонад. Вале ин лаҳза дасти бардоштааш дар ҳаво муаллақ монд. Рӯ ба рӯи амаки ақлбохта ҷавонмарди қадбаланди рустамсимое меистод.

– Ҳайфи шумо! – оҳиста ово кард ҷавонмард.

Амак чизе нагуфт. Рӯяш дуд кард ва ғайб зад дар як они воҳид.

Ҷавон дасти навозиш ба сари писарак бурд.

– Зиқ нашав ошно, ҳамааш мегузарад, – инро гуфта вай ба кафи дастони кӯчаки кӯдак як панҷсомониро гузошту ишора кард, ки ба мошин нишинад.

– Акнун бирав, ҷӯра. Бозор туро интизор аст. Лабташнаҳо интизори туянд. Бирав.

Писарак савор шуд.

Ҷавон ба ақиб гашт.

Мошин ба роҳ даромад…

Соли 2005.

НЕКӢ БИМОНАД ҶОВИДОН
(Силсила)

1. САИДАИ МАРО ЁД КУНЕД!

Соли 1992-и қарни гузашта. Кишвар дар дами оташи ҷанги шаҳрвандӣ қарор гирифт. Бародар бо бародар, падар бо фарзанд дар ду тарафи сангар дар муқобили ҳамдигар қарор гирифта… Дар ҳамин айёми сарнавиштсоз роҳбарии Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ бар дӯши банда қарор дошт. Ману аҳли хонавода дар минтақаи ҷангзадаи шаҳр – маҳаллаи Авул дар ошёнаи панҷуми бинои назарногир, таъмирталаб зиндагӣ мекардем.

Рӯзе раиси шаҳр Рустам Мирзоев, ки шиноси деринаам буд, маро ба ҳузур пазируфта, чунин гуфт:

– Дар микрорайони 84, дар канори канал бинои нуҳошёнаи истиқоматиро ба истифода додем. Вазъи зиндагии шуморо медонем. Мошини хизматиатонро силоҳбадастон бурданд, роҳатон дур. Аз ин рӯ, қарор додем аз ошёнаи дуюми ин бино барои шумо манзили чорутоқаро ҷудо намоем. Ордер тайёр. Марҳамат! – Вай ордерро ба ман дароз карда афзуд: – Ҳамроҳи келин рафта

https://bikhon.tj/

бинед. Агар ягон проблема бошад, ба ман хабар диҳед. Ба зудӣ ҳал мекунем.

Намедонам, аз чӣ бошад, ки ин хабарро Саидабону оромона, андешаманд қабул кард. Натавонистам муайян кунам, ин хабар ӯро хурсанд кард ё… Ба ҳар ҳол, дар чеҳраи ӯ осори шодмонии аз ҳад зиёдро эҳсос накардам. Гуфтамаш, ки омода шав, рафта хонаро мебинем. Агар мақбул нашавад, метавонем ордерро баргардонем ва фурсати дигарро интизор шавем.

Баъди як соат ману Саидабону ба қасабаи 84 омадем. Бинои нав аз дур ба назар зебо ва диданӣ менамуд. Аз рӯи ордер манзили барои мо ҷудошударо зуд пайдо кардем. Ба ошёнаи дуюм баромада калидро бароварда дарро кушоданӣ шудам. Вале… аз дарун овозҳо ба гӯш расиданд ва ман гумон кардам, ки хато карда дари манзили каси дигарро кушода истодаам. Бори дигар ба ордер ва рақами хона нигаристам. Не, хато нарафтааст. Ҳамааш дуруст. Ҳоҷати дарро кушодан нашуд. Вай кайҳо кушода буд. Дарро тела дода ба дарун ворид шудем. Чанд нафар кӯдак ва зану марди ҷавон ба пешвози мо бархостанд. Одоби саломро баҷо оварда, аз ҷавонмард пурсидам:

– Мабодо, мо хато карда бошем. Ин хонаи шумост?

Ҷавонмард сар хам карда базӯр ҷавоб дод:

– Ин хонаи мо нест.

– Пас, мо хато накардаем. Аз рӯи ордер ин хона ба мо тааллуқ дорад.

– Бале, шумо хато накардед.

– Намегӯед, чӣ хел шуд, ки шумо ба ин хона роҳ ёфтед. Калидро ба шумо кӣ дод?

– Ба мо ҳеҷ кас калид надодааст. Мо худамон дарро шикаста даромадем.

– Кӣ ба шумо ҳуқуқ дод, ки манзили шахси дигарро худсарона азхуд намоед? Медонед, барои ин рафтор чӣ ҷазо муқаррар шудааст?

Саидабону оҳиста аз дастам дошта бо сар ишора кард, ки тунд нашавам …

Аз суҳбат маълум шуд, ки оилаи инҳо дар маҳаллаи Қаротегин зиндагӣ мекардаанд. Баъди селбороне, ки ду рӯз пеш ба амал омада буд, ҳавлиашон таги об ва худашон дар кӯча мемонанд. Касе хабар медиҳад, ки дар маҳаллаи 84 як бинои нави

https://bikhon.tj/

нуҳошёна ба истифода дода шудааст. Ҳоло на ҳама соҳибманзилҳо ба он ҷо кӯч бастаанд. Раведу кадом манзиле, ки рост омад, дарро шикаста дароед. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки шуморо аз он ҷо пеш кунад…

Ҷавонмард ин ҳамаро нақл карда дар охир гуфт:

– Мебахшед, муаллим, ман шуморо мешиносам. Аз гуноҳамон гузаред. Ду-се рӯз иҷозат диҳед, то аз ягон ҷо сарпаноҳе ёбем. Зуд хонаро холӣ мекунем.

Ман рӯ ба Саидабону овардам ва пурсидам:

– Чӣ кор мекунем? Интизор мешавем?

– Не! – гуфт бо қатъият Саидабону ва аввал ба чеҳраи ғамгину мушавваши бачаҳо, сипас ба зану шавҳари ҷавон нигариста афзуд:

– Мо чиро интизор шавем? Рафтани инҳоро? Не!

Вай рӯ ба ман овард:

– Ато Ҳамдамовичи азиз! Шукр, ки ману шумо дур ҳам бошад, дар як гӯшаи ҷангзадаи пойтахт сарпаноҳ дорем. Ин бечораҳо не. Ман ба чеҳраи маъсуми кӯдакони онҳо нигоҳ карда наметавонам. Агар гапи маро гиред, ордери хонаро ба ҳаминҳо диҳед. Аз ману шумо ҳадя! Тавонед, барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо ҳам кумак расонед. Акнун, биёед меравем!

Ман моту мабҳут шудам. Агар дар ҷои Саидабону каси дигар, зани дигар мешуд, намедонам, чӣ мекард? Ман бори дигар сад бор шукр кардам, ки Худо чунин зани фариштахӯю фариштарафторро ба ман ҳадя кардааст.

Ордери хонаро ба дасти ҷавонмард додаму гуфтам:

– Насибат кунад, ҷӯра, ин хонаву дар!

Даст ба китфи Саидабону гузошта, он манзилро тарк намудем.

… Аз байн 24 сол гузашт. Намедонам, он манзили қасабаи 84, ки барои аҳли хонаводаи вазири фарҳанг ҷудо шуда буду бо як ишораи ҳамсари вафодораш Саидабону ба оилаи дигар туҳфа шуд, насиби онҳо гашт ё не. Чӣ шуд, чӣ нашуд, барои ман торик аст. Вале ману ҳамсарам қарзи инсонии худро ба ҷо овардем. Агар зану шавҳари ҷавон ва фарзандонашон он лаҳзаро дар хотир дошта бошанд, мехоҳам Саидабонуи маро ба некӣ ёд кунанд ва рӯҳи поки ӯро бо як каф дуо шод намоянд…

https://bikhon.tj/

2. «ДУЗДӢ ҲАМ ҲУНАР АСТ…»

Рӯзи якшанбе Саидабону чанд куртаи худ ва кӯдаконро бишусту дар тори байни дарахтон кашида овезон кард. Субҳидам ба боғча баромада торро холӣ дидам. Аз либосҳои шуста ному нишоне набуд. Ба хона даромада аз Саидабону пурсидам:

– Шаб либосҳоро ҷамъ карда ба хона даровардӣ?

– Не, тинҷӣ аст? – хавотир шуда пурсид ӯ.

– Ба боғча гузар. Ҳамаашро мефаҳмӣ…

Баъди лаҳзае вай бо хотири озурда ба хона ворид шуда оҳи сард кашид.

– Пештар гоҳ-гоҳ фаромӯш мекардам. Лекин касе ба сару либосҳои шустагӣ кордор намешуд. Ин дафъа….

– Чӣ илоҷ, занак! Дунё дар як ҷо як хел намеистад. Гоҳ чунину гоҳ чунон.

Рӯзи дигар ману ӯ ҳамроҳ дар роҳи қасабаи 82-юми шаҳр қадам мезадем. Ногоҳ Саидабону даст ба паҳлӯям бурда: «Мардак, мардак, нигоҳ кунед...» гуфт. «Ба кӣ? Ба куҷо?» «Ана, ба пеш, ба он занак…» Нигоҳ кардам. Ҷавондухтари 20-22-солае либоси шинос дар тан пешопеши мо мерафт.

Саидабону суръати роҳгардиашро тезонда ба ҷавондухтар наздик шуд ва аз оринҷаш дошта ба канор кашидаш. Он духтар аввал чизе нафаҳмида оринҷашро кашида гирифтанӣ шуд, вале Саида ишора кард, ки ба канори роҳ гузаранд. Ин дам ман ҳам ба онҳо наздик шудам.

– Ин куртаро аз куҷо ёфтӣ? – пурсид Саидабону.

– Чӣ хел аз куҷо? Азони худам, – худро ба нодонӣ зад ҷавондухтар.

– О, аққалан намондӣ, ки намиаш бипарад. Либосро таротар пӯшидан зарар дорад, шамол мекашӣ.

Духтар худро чунин вонамуд мекард, ки гӯё чизе нашунида бошад ва мо ӯро бесабаб сари истинтоқ кашидаем.

– Ба сару либоси ман коратон чӣ, тар мепӯшам, хушк мепӯшам, кори ман. Дастамро сар диҳед, набошад, милисая ҷеғ мезанам.

Саидабону:

– Шарм намедорӣ. Милисая ту не, ман бояд ҷеғ занам. Ҳозир ба шуъба рафта ҳамаашро дақиқ мекунем. Он вақт…

https://bikhon.tj/

Ин дам ҷавондухтар ба шаст дасташро кашида гурехтанӣ буд, ки бо ман рӯ ба рӯ омад.

– Гурехта ба куҷо меравӣ, хоҳаракам? Беҳтараш иқрор шав…

– Ман… ман…, – ҷавондухтар бо ашки шашқатор гуфт, ки бесоҳиб аст, касе надорад. Дар ягон ҷо ба кор қабулаш намекунанд. Аз ин рӯ, маҷбур шуда…

Саида:

– Дуздӣ ҳам ҳунар аст. Лекин аз баҳри ин ҳунар гузар. Ту агар муроҷиат мекардӣ, ман ба ту навашро медодам. Дигар ин корро накун.

– Раҳмат, апаҷон. Ман акнун чӣ кор кунам? Ба ман ним соат фурсат диҳед, куртаатонро кашида оварда медиҳам.

– Не, ин корро накун. Ин курта ба тани ман нанишаст, лекин ба тани ту нишастааст. Насибат кунад. Гапи маро аз ёдат набарор. Дигар дуздӣ накун. Масъалаи ба кор таъмин намуданатро ман гумон мекунам, амакат, – Саида ба ман рӯ овард, – ҳал мекунанд. Ҳамин хел не, дадеш?

– Албатта, мадад мекунем. Пагоҳ ба назди ман биё, – инро гуфта суроғаи корамро гуфтаму баъд ману Саидабону ҷониби хона роҳ гирифтем.

3. «САДАҚА РАДДИ БАЛО»

Охирҳои моҳи сентябр Саидабону баъди гузаштани даври навбатии табобатӣ аз бемористон ба хона баргашт. Табъаш болида ва хотираш ҷамъ буд. Маълум, ки табобат беасар намондааст. Баъди ду рӯз, чоштгоҳӣ ба хотири хӯрокро бо ҳамроҳии бону тановул кардан ба манзили зист омадам. Саидабонуро дар беруни дар, бо зани бароям ношинос пайдо кардам. Вай бо он зан самимона хайрухуш кард ва мо ҳарду вориди хона шудем.

– Ин занро нашинохтам, – сухан кардам, баъди он ки бону косаи шӯрборо ба наздам гузошт.

– Бале, шумо намешиносед. Бо ин кас дар беморхона, дар як палата будем. Ҳамин рӯз ба хона ҷавобаш доданд. Ба ман сим зада гуфт, ки «Апа, ба шумо коре дорам. Ба хонаатон биёям, мумкин аст?» – гуфта пурсид. Ман «бемалол омадан гиред», гӯён суроғаамонро додам ва дере нагузашта ӯ ба ин ҷо омад. Аз ноҳияи Вахш омадааст. Ҷавонзани хушсухан, меҳрубон, мо ба ҳам зуд унс гирифтем. Китобхон будааст. Китоби наватонро ил-

https://bikhon.tj/

тимос карда бо худ гирифт. Ман чӣ ҳам мегуфтам. Додамаш. Шумо зид нестед?

– Ба сад дида розиям.

Саидабону суханашро тақвият дод.

– Бо хоҳише ба наздам омадааст. Гуфт, ки то ба Вахш роҳкиро надорам. Ба болои ин, ба назди бачаҳо бо дасти холӣ рафтан чандон хуб не, чаро ки онҳо парво надоранд, модар аз куҷо омад, аз беморхона ё аз бозор. Чун вориди ҳавлӣ шудӣ, аввал ба дастат нигоҳ мекунанд». «Чанд сомонӣ диҳам, хоҳар?» – гуфта пурсидам. «200 сомонӣ бошад, мешавад», – гуфт вай. Лекин ман он лаҳза бо худ чунин миқдор пулро надоштам. Шуморо нахостам нороҳат кунам. «Ман як лаҳза» гуфтаму хонаро ба ихтиёри меҳмон гузошта зуд ба ошёнаи чорум баромадам. Аз ҳамсоязан маблағи зарурирро гирифта ба поён фаромадам. «Мана, хоҳарам, инро гиреду мушкилатонро ҳал намоед» – гӯён пулро ба дасташ додам. «Раҳмат, апаҷон. Шумо хавотир нашавед. Ман охири ин ҳафта худам қарзатонро бармегардонам. Боз як бори дигар сад ҷаҳон ташаккур» – гӯён аз ҷой бархост ва чунон ки шумо дидед, ман ӯро гусел кардам.

– Кори хуб кардӣ, Саидаҷон. Савобашро гирифтӣ. Аз рӯи гапат зани баакҷлу бофаросат будааст. Қарзро дар рӯзи ваъдагӣ бармегардонад. Лекин ту омадани вайро интизор нашаву қарзи аз ҳамсоя гирифтаатро худи ҳамин соат баргардон. Ма, бигир, – инро гуфта ман аз ҳамён 200 сомониро гирифта ба ӯ дароз кардам ва Саида боз оҳиста-оҳиста рӯ ба боло шуд…

Дар рӯзи ваъдагӣ касе дари манзили моро накӯфт. Боз ду ҳафтаи дигар сипарӣ шуд. Ҳафтаҳои дигар, моҳҳои дигар, солҳои дигар низ паси сар шуданд. Вале аз он зан на пай буду на ҳайдар, на хабару на дидор…

Саида дар ин солу моҳҳо ягон бор ӯро ба ёд наовард. Ман низ.

Лекин… рӯзе шӯхиям омаду ба Саидабону гуфтам:

– Хоҳархондат туро батамом фаромӯш кард.

Ӯ табассум кард ва гуфт:

– Монед ҳамин гапҳоро, дадеш. Бечора, ба сараш шояд ягон мушкилии дигар омада бошад. Мову шумо бо дусад сомонӣ на бой мешавему на камбағал.

– Гапат дуруст. Лекин агар ҳамин хел хоҳархондҳою ҷиянҳо

https://bikhon.tj/

зиёд шудан гиранд, мо роҳи хонаро чӣ хел меёбем?

– Меёбем, мардакҷон, меёбем. Сари ману шумо саломат бошад, ҳама чиз ёфт мешавад. Худо инсонро аз як бурида нон бенасиб накунад. Хоҳишмандам, ба сари ин мавзӯъ дигар бар-нагардед.

– Садақа кардам, гӯед…

Ба фикрам, ҳамин тавр барин. Садақа радди бало, – инро гуф-та Саидабону ба маънии ба ин масъала нуқта гузоштан, аз ҷо бархост…

4. «ИН КОРРО НАКУНЕД, ДАДЕШ…»

Бо Усмон ном ҷавонмард чанд сол пеш тавассути духтари дуюмамон Заррина ва шавҳараш Далер шинос шудем.

– Ин кас язнаи Далер, шавҳари Лолахон – Усмон-ако, – ши-носонд ӯро ба ман Заррина.

Ҳамин тавр мо шинос шудем. Ӯро ба ман ҳамчун шахси кор-будкун, тоҷири муваффақ муаррифӣ намуданд. Дере нагузашта рафтуомади Усмон ба манзили мо зиёд шуд. Дар асл, ҳамин тавр менамуд. Усмонро гоҳе дар Москва, гоҳе дар Алма-ато, дар шаҳрҳои дигар медиданд. Ман чунин меандешидам: тақозои ва-зифаю амалаш ҳамин аст.

Баъди ду сол, як рӯз Усмон ба хона омада баъди салому алейк ва пурсупос афзуд:

– Амак, ба наздатон ба кори муҳиме омадам. Медонам, ки шумою янга хоҳиши ягон касро ба замин намемонед.

– Марҳамат, Усмонҷон. Аз дастамон ояд, бо ҷону дил баҷо меорем.

– Аз дасти шумо меояд, амак. Мо ҳимматбаландии шуморо хуб медонем. Шумо одаме ҳастед, ки як бурда нонатонро бо шиносу бегона бо ҳам мебинед.

– Вай чӣ хоҳиш будааст, додарам? – зуд ба сари мақсад ома-дам, то ки ӯ моро ба осмони ҳафтум набарорад.

– Ҳамин гӯед, амак, мушкиле баромад. Агар то пагоҳ ҳал накунам, аҳволам бад мешавад…

– Хӯшш…

– Ба ман мошини шумо лозим. Муҳлат даҳ рӯз. Худо хоҳад, баъди даҳ рӯз ба ҷои мошини истифодабурдаатон як «Жигули»-и наппа-нави 2107 оварда ба назди даратон мегузорам.

https://bikhon.tj/

– Мошин? – ҳайрон шудам ман ва афзудам: – Мошини мо чандон куҳнае нест, ки шумо мегӯед. Ҳоло бист ҳазор ҳам нагаштааст.

– Ман инро медонам, амак. Барои ҳамин бароятон мошини наппа-навро ваъда мекунам.

– Агар тӯли даҳ рӯз мошин наояд-чӣ?

– Ин хел шуданаш ҳеҷ мумкин не, амак. Марда лафзаш ҳалол. Ман соҳиби суханам. Гуфтам, ваъда кардам. Дар вақти ваъдагӣ иҷро мешавад. Бовар накунед, мана дастам.

Вай ҷониби ман даст дароз кард, вале ман оҳиста дасти ӯро бозпас гардонда гуфтам:

– Саросема нашавед. Зиндагӣ пастию баландии зиёд дорад. Дар рӯзи ваъдагӣ натавонед, ман хиҷил мешавам. Барои як мошин шуда шумо бо зану фарзанд қасам нахӯред. Гуфтед-ку, шумо мард ҳастед, мардака лафзаш ҳалол. Ману Саидабону ба мардию лафзи шумо бовар дорем, – инро гуфта рӯй ҷониби бонуи хона гардондам.

Вай бо аломати тасдиқ сар ҷунбонда гуфт:

– Дадеш, кори хуб мекунед. Мардака зӯраш наояд, ба шумо муроҷиат намекунад. Усмонҷон одами худӣ. Кӯшиш мекунад, дар рӯзи ваъдагӣ мошинро баргардонад.

Ман калиди мошинро, ки дар назди гараж меистод, ба Усмонҷон додаму барори корашро хостам.

Вай болу пар бароварда маро ба оғӯш гирифту зуд ба паси фармон нишаста муҳаррикро ба кор даровард ва баъди лаҳзае мошини бо пули меҳнатӣ, бо нури чашм харидорӣ кардаи ману ҳамсарам дар паси хонаҳои баландошёна аз назарҳо нопадид шуд…

Даҳ рӯзи ваъдагӣ гузашт. Лекин касе дари манзиламонро накӯфт. Дар роҳрави пеши хона садои мошини нав ҳам ба гӯш нарасид. Ману Саида хомӯш будем, чаро ки бовар доштем, соҳиби сухан имрӯз не, пагоҳ, албатта, пайдо мешавад, албатта, дасти холӣ не. Бо мошини, ба қавли худаш, наппа-нав.

Вале… Чӣ илоҷ, ки гапи хона рост наомад ба бозор. Аз байн ду ҳафта, се ҳафта, як моҳ, ду моҳ, як сол гузашт, вале шиноси деринаи мо аз худ дараке намедод.

Гузашт аз байн боз солаки дигар, соли сеюм… Вале мо ҳамоно чашм дар роҳ будем. Аз бедарак шудани Усмон духтари бе-

https://bikhon.tj/

чора ва домодам низ дар хавотир ва хиҷолат буданд. Ҳарчанд ману Саида ягон бор он гуфтугӯю он ҳимматбаландиамонро хотиррасон накардем. «Усмони таърифкардаатон куҷо шуд?» гуфта напурсидем. Вале онҳо гоҳ-гоҳ моро ҳушдор медоданд, ки «хавотир нашавед, Усмон сиҳат-саломат. Дирӯз аз Алмаато занг задааст. Ба ҳамин қарибӣ меояд…»

Хуллас, ки аз байн даҳ сол гузашт. Мо фақат як орзу доштем. Як бор Худо моро бо он мардак рӯ ба рӯ созад. Аҳвол аз ӯ пурсем, «Ин солҳо куҷо шудед? Канӣ мошини мо?» – гуфта пурсем.

Дурӯғ нашавад, баъди он даҳ сол мо ду-се маротиба тасодуфан вохӯрдем. Вале вай худро чунон вонамуд мекард, ки гӯё аз мо як аробача гирифта бошад, пинакаш вайрон намешуд, пӯсти бешармӣ сару рӯяшро печонда гирифта буд, ки… Фақат як гап дошт «Амакҷон, баъзе проблемаҳо баромад. Иншоаллоҳ, имрӯз-пагоҳ ҳал мешавад… Хавотир нашавед…»

Баъди ин вай боз думро хода мекард… Баъдтар ба гӯшамон расид, ки Усмон аз сагу мурғи олам қарздор будааст. Қарздодагон дар ҳама ҷо ӯро мекобанд. Вале вай аз ҳама даргурез, суроғаашро дам ба дам иваз карда меистад», – мегуфтанд ҳолдонҳо.

Аз байн боз як соли дигар гузашт. Як рӯз ба Саидабону гуфтам:

– Аз ин хешамон дигар бӯи умед нест. Маҷбурам, ӯро ба додгоҳ кашам…

Хонум лаҳзае ба андеша рафта, сипас оҳи вазине кашида гуфт:

– Ба ману шумо дуо рафтагӣ, дадеш. Биёед, ин корро накунед. Мардум механдад. Аз барои як мошин хешашро ба суд додааст, мегӯянд.

– Ароба мешуд, гапи дигар мебуд. Бало ба пасаш мегуфтему муҳри хомӯшӣ ба лаб мезадем.

– Ба ҳар ҳол, боз камтар сабр кунед, – истодагарӣ мекард Саидабону.

– Хуб, бигзор гуфти ту шавад, – гӯён суҳбатро хотима бахшидам ва аз паси ташвишҳои рӯзгор шудам.

Аз байн боз як соли дигар, ҷамъулҷамъ дувоздаҳ сол гузашт. Гап ҳамону кор ҳамон. Аз Усмон фақат хабари дар ин ё он шаҳр пайдо шуданаш ба гӯш мерасиду халос…

https://bikhon.tj/

…Дар як пагоҳии фасли поизи соли 2011 ману фарзандон, наберагон ва хешу акрабо Саидабонуро абадӣ аз даст додем. Бист дақиқа қабл аз марг ӯ дастамро ба дасташ гирифта бо чеҳраи коҳида ва лабони парсингбаста оҳиста ово кард:

– Худро эҳтиёт кунед, дадеш. Аз ҳар касу нокас наранҷед, ҳар чизро ба дил нагиред…

Ӯ рафт. Ва хотираҳои талху ширини зиндагии қариб чиҳилсолааи моро бо худ бурд.

Баъди ин ман дигар Усмонро ёд накардам, имрӯз ҳам ёд намекунам. Суханҳои Саидабону ҳамеша дар гӯшам садо медиҳанд: «Ин корро накунед, дадеш. (Манзур, фикри ман дар бораи ба додгоҳ кашидани Усмон буд). Аз ҳар касу нокас наранҷед, ҳар чизро ба дил нагиред…»

Ман аз рӯи гуфтаҳои ту амал кардам, Саидабону. Он корро накардам. Аз касу нокас ҳам намеранҷам. Ҳаволаи онҳо ба Худо… Ҷои ту ҷаннат бод!..

5. Ӯ БО МОСТ …

Бар асари нофаҳмиҳо ва муросо накардан ба мушкилоти зиндагӣ хоҳарарӯсам Шарифа бо ду фарзанди хурдсолаш новақт аз шавҳар ҷудо шуд. Шавҳар, ки яке аз пайвандони худам буд, баробари бекор кардани хатти никоҳ оилаи нав бунёд кард ва ду фарзанди маъсумро дар нимароҳи зиндагӣ партофт, аз тарбия ва ёрии моддӣ батамом рӯ гардонд.

Зани ҷавони бевамонда дигар ба умеди падари бачаҳо нашуда бори вазнини тарбияи фарзандонро бар дӯш бигирифт. Мусаллам аст, ки мо пайвандон – билхоса Саидабонуи ҳассос, дилсӯз дар канор наистодем. То ҷое имкон доштем, дар тарбия ва пеш бурдани зиндагии онҳо саҳм гирифтем.

Зиндагӣ ба маҷрои худ идома дошт. Ҷомӣ ва Ҷаҳонгир, ки бачаҳои хушодоб ва дидадаро буданд, бе нозу нуз ба камол мерасиданд. Боре, вақте ки онҳо мактабхон буданд, Шарифа аз мо напурсида бачаҳоро ба хонаи падар мефиристад, мегӯяд, ки мактаб наздик шуда истодааст, падар шояд дар умраш як бор падарӣ карда барои харидани асбобу анҷоми мактабӣ музде ба онҳо бидиҳад. Ва фарзандон… бо гардани баста роҳ пеш гирифтанд ба хонаи падар…

Ва… афсӯс… Фурсате нагузашта аз он ҷо бо сари хам, бо ди-

https://bikhon.tj/

даи гирён баргаштанд ба манзили модар. Ба саволҳои модар: «Ба шумо чӣ шуд? Чаро гиря мекунед? Падаратон чӣ гуфт?» чунин посух доданд: «Вай… (ба «падар» гуфтан забонашон нагашт) моро аз остонаи дараш пеш кард. «Дигар ба ин тараф набиёед. Ман зану фарзанд дорам. Ташвиши ҳаминҳо ба ман басанда… Пеши Ато Ҳамдаму занаш равед. Бигузор, ҳамунҳо ёрдам кунанд…» гуфт.

Ва… ману Саида дар доираи имконият «супориш»-и падари ҳамхунро пайваста ба ҷо меовардем.

Ҷомӣ ва Ҷаҳонгир афтодаву хеста дар канори модар ва мо – пайвандон ба камол расиданд. Вақте масъалаи хонадоршавии Ҷомӣ ба миён омад, Саидабону – ин холаи меҳрубон ва дилсӯз сару бар шуда дар амалӣ гаштани кори хайру нек самимона саҳм гузошт. Ва ба беморӣ нигоҳ накарда роҳи дуру дарозро тай карда ба хонаи арӯс – хостгорӣ рафта, дар ҳалли ҳама масоили тӯю тӯйдорӣ сару сарвар буд.

Ба ҳамагон пӯшида нест, ки ҳеҷ маърака – хоҳ хурд бошад, хоҳ калон, ба осонӣ, бе маблағ сурат намегирад. Мо – хешу табор, то ҷое ки тавон ва имкон буд, маблағи ночизе пайдо карда, ин маъракаро наздик гардондем. Се рӯз қабл аз тӯй Саидабону ба Ҷомӣ рӯй оварда чунин гуфт: « Писарам, чи хеле ки бошад, вай падар аст, ту аз хуни вай астӣ. Як бори дигар ба даргоҳаш бирав, ба тӯй даъваташ кун. Ояд, нуран алонур, наояд, ҳаволааш ба Худо». Мо ин пешниҳодро ҷонибдорӣ намудем.

Ҷомӣ бирафт…

Вале падар ба маърака наомад. На танҳо наомад, балки ба нишони тӯёна фулусе ҳам ба писар ҳадя накард (ҳарчанд ки ҳеҷ кадоми мо чунин илтифотро нигарон ҳам набудем). Ҳар зоғеро доғе гуфтаанд. Мо намедонем, чӣ чиз боис гашт, ки падар аз фарзандон батамом рӯй гардонд. Шахсан ман як чизро хуб медонам, ки Ҷомӣ ва Ҷаҳонгир дар назди падар ягон гуноҳе надоранд…

Тӯй хоксорона ва хеле хуш гузашт. Имрӯз Ҷомӣ бо ҳамсараш ва ду тифли навзодаш зиндагии ширин доранд.

...Се сол қабл масъалаи хонадоршавии Ҷаҳонгир пайдо шуд. Ӯ духтари дӯстдошта дошт. Вале ҳеҷ кадоми мо ӯву аҳли байташро намедонистем. Боз Саидабону дасту остин барзада, гоми нахустин бардошт, бо арӯси оянда ва модари ӯ вохӯрд, тӯлонӣ

https://bikhon.tj/

суҳбат кард. Аҳли хонавода ва пайвандон ҳама ҳукми ӯ, пешниҳоди ӯро интизор буданд.

Саидабону ба хона омада, кӯтоҳакак чунин гуфт: «Мешавад. Биёед, тайёрии тӯйро бинем…»

Ва рӯзи дигар омодагиҳо ба тӯйи Ҷаҳонгир шурӯъ шуд. Аз ҳама беш Саидабону серташвиш ва серҳаракат буд. Вай – бибикалони хонавода, аз афташ, ба поён расидани умрро эҳсос карда буд, ки шабу рӯз дар ғами тез барпо шудани тӯй буд.

Рӯзи 3-юми октябри соли 2011 вай дар манзили хоҳараш Шарифа – модари Ҷаҳонгир то дер масъалаҳои тӯйро халлу фасл намуда, бегоҳ хаста ва ранҷур ба хона баргашт. Баъди фосилае қалби пурмеҳр ба дард даромад. Соати 11-и шаб ба бемористон бо пои худ бирафт ва субҳи 4-уми октябр бо сар аз он макони дардошно ба хона баргашт.

Маъракаҳои тӯй ба таъхир андохта шуд. Баъди як сол тӯи арӯсии Ҷаҳонгиру Сабрина баргузор шуд. Дар он маҳфил ҳама ширкат доштанд, ба ҷуз Саидабонуе, ки ба таҳкурсии бинои ин оилаи ҷавон хишти аввал гузошта буд. Ӯро дар он шаби хурсандӣ бо ашки сӯзон, ки андарунаш ҳам ғам буду ҳам шодӣ, ёд кардем. Ҳақ надоштем, ки ёдаш накунем. Саидабону он шаб бо мо буд, дар паҳлуи мо буд, шарики шодиву нишоти навхонадорон буд…

Ва ӯ ҳамеша бо мост…

6. ОБ ОМАД, САИДАБОНУ…

Ба ҳамин қарибӣ ҳамсояи рустоиям – омӯзгор, яке аз фарзандони нахустустодам шодравон Одинаи Насруллоҳ – Турсун Насруллоев баъди гуфтугӯйи муқаррарӣ каме таваққуф намуда, сипас таноби суҳбатро ба мавҳрои дигар гардонд.

– Раҳматии янга, ҳақиқатан, инсони наҷибе буданд. Суҳбатҳо бо он кас кам муяссарам шуда бошад ҳам, лекин дар бораи хубиҳою одамияти баландашон бисёрҳо шунидаам. Як суҳбати кӯтоҳашонро хуб дар ёд дорам. Боре баъди ба деҳа омадан, чун фаҳмид, ки писари устоди нахустинатон ҳастам, хушҳол шуда гуфтанд: «Атоҷон ҳамеша падаратонро бо некӣ ёд, аз лаҳзаҳои нотакрори айёми кӯдакӣ ва мактабхонӣ, сахтгириҳою меҳрубониҳои эшон бо ҳарорат қиссаҳо мекунанд. Агар устод Одина намешуд, ман ба ҳеҷ куҷо намерасидам, мегуфт». Деҳаатон ба

https://bikhon.tj/

ман бисёр писанд аст. Боду ҳавояш фараҳфизо, ҷону дил ҳузур мекунад. Фақат як проблема ҳаст, ки маро – духтари дар шаҳр калоншударо каме ба ташвиш меорад. Ин кам будани об аст. Агар аз назди ҳавлӣ ақаллан, як ҷӯйча об мегузашт, ё худ аз қаъри замин ба боло ба миқдори зарурӣ об мебаромад, ман зиёдтар ба ин ҷо меомадам, бештари умрамро ин ҷо мегузарондам. Барои истироҳат аз ин ҷо дида ҷои беҳтаре нест». Ман ба янга гуфтам: Орзуи нек – ними давлат. Иншоаллоҳ, ҳамон рӯз хоҳад расид.

– Бале, мулло Турсун. Он рӯз фаро расид. Як сол қабл имконият ба ман даст дод, ки аз шафати ҳавлӣ баъди кандани 25 метр чоҳ обро ба боло барорем. Инак, мо бо оби сарди нӯшокӣ ва ҷонбахш таъминем. Вале, сад афсӯс, ки ин оби ҷонбахшро ман имрӯз бе Саидабону менӯшам. Гумон мекунам, рӯҳи ӯ шод аст. Охир, орзуи дар зиндагӣ кардаи ӯ имрӯз ҷомаи амал пӯшид. Ҳар гоҳе ки як коса оби сарди ҳавлиро нӯши ҷон мекунам, Саидабонуро ба ёд меорам ва ба рӯҳи поки ӯ як каф дуо мефиристам. Зиндагӣ ҳамин аст, на ҳама орзу ва ниятҳои неки шахсиятҳои наҷиб гоҳи зинда будани онҳо амалӣ мешаванд. Мо, зиндаҳо, вақте амалӣ гаштани орзуи онҳоро ба чашми сар мебинем, набояд фаромӯш кунем, ки имрӯз мо чӣ амали некеро аз худ ба пасиниён мерос гузошта метавонем.

Мо қадре таваққуф намудем. Сипас боз Турсун яхи хомӯширо шикаста чунин гуфт:

– Устод, соли 2003 китобатон «Фиғон»-ро хонда будам. Ҳикояи «Бегона» маро бисёр мақбул афтод. Гумон мекунам, ҳамаи қаҳрамонҳои он бароям шинос буданд. Хусусан, як қисмати он ки одаму одамгарии як зани тоҷикро ситоиш менамуд. Дар он қисмат, агар хато накунам, образи янга тасвир ёфта буд. Ҳамин тавр не?

– Бале, хато накардед, мулло Турсун. Зане, ки як ҳисси шаб, шаби сарди зимистон марди аз хонаи ҷиянаш ба кӯча партофтаро дар хонааш ҷой дод, ғизо дод ва рӯзи дигар бо рӯи кушод гусел кард, ин Саидабонуи ман буд…

Соли 2012.

https://bikhon.tj/

ДРАМАҲО

САФАРМАХСУМ

Мазҳакаи мусиқӣ дар асоси романи Ҷалол Икромӣ ва Ҳабибулло Назаров «Саргузашти Сафармахсум»

Намоишнома дар фестивал-озмуни «Парасту-93» ба гирифтани Шоҳҷоиза ва дар намоиши байналмилалии «Наврӯз-93» дар Ашқобод сазовори ҷои аввал гардид.

АМАЛ МЕКУНАНД:

Сафармахсум
Ҳаннон
Зебогул
Сабринисо
Содиқбой
Миршаб
Мири Ҳисор
Нишаллофурӯш
Қорисалим
Занҷира

Дар саҳнаҳои оммавӣ – модари Сабринисо, гурӯҳи харидорон, духтарон иштирок меварзанд.

Воқеа ибтидои қарни XX дар яке аз ноҳияҳои водии Ҳисор ба вуқӯъ мепайвандад.

ҚИСМИ АВВАЛ

НАМОИШИ АВВАЛ

1.

Мусиқии шӯх. Муаллиф-баранда дар пешорӯи саҳна пайдо мешавад. Бо ишораи ӯ мусиқӣ оромона идома меёбад.

МУАЛЛИФ. Ассалому алайкум, дӯстони ба дидаву дил наздики ман. Имрӯз мо ба шумо саргузашти одамеро ҳикоят карданӣ ҳастем, ки вай на шахси хаёлист ва на сохтаю бофтаи

https://bikhon.tj/

банда. Ин шахс Мушфиқӣ ҳам не, мулло Насриддин ҳам не. Симои ин шахс мисли Афандӣ аз аср ба аср, аз халқ ба халқе нагузаштааст. Ин шахс Сафармахсум ном дорад, ки дар деҳаи Чуқураки ноҳияи Ҳисор таваллуд ёфта, ба камол расидааст. Солҳои зиндагии Сафармахсум – солҳои мушкил – айёми серташвиш ва замони, ба қавли мардум «алғав-далғав» буд; замони ҳаҷву хандаю латифа набуд. Аммо, азбаски Махсуми мо табиатан шӯх, бебок ва латиф буд, ҳатто замонаи нотинҷ ҳам табассуми пурмазмуни лабу даҳони ӯро ғундошта натавонист. Ҳаминро ҳам ба шумо бигӯям, ки ҳикояти моро чун латифа ё қиссаи ҳаҷвии хаёлӣ дар гумон набиёред. Мо кӯшиш мекунем, ки ба шумо бе муболиға, бе ифрод, то ба ҳадди имкон сода ва рӯирост гап занем. Мақсади мо бо суханҳои хандаовар ва бо нақлҳои аҷоиб шуморо рӯдакан кардан набуда, саргузашти ибратбахши як марди аҷибро дар баён овардан аст. Инак, шаф-шаф нагуфта, шафтолуи гапро мегӯем. Шумо ба тамошо тайёр? Бисёр хуб. Марҳамат, қисми аввали саргузашти Сафармахсумро тамошо кунед (*Муаллиф меравад*).

Мусиқии шӯх. Аз як тараф Сафармахсум – ҷавони миёнақад, тануманд, серҳаракат ва чаққон савори хар ё велосипеди ба шакли хар ороёфта, аз тарафи дигар Ҳаннон низ ба ҳамин сурат «харсавор» пайдо мешаванд. Суръати велосипеди Сафармахсум тез аст.

ҲАННОН. Монда нашавӣ, Махсум. Аробаи холия гирифта, ба куҷо гурехта истодай?

САФАРМАХСУМ. Аробаи мо холӣ не, чӯра. Нигоҳ кун! (*Ба лингаи пушти хар ишора карда*). Харам ба зӯр роҳ меравад.

ҲАННОН. Ба ҳар ҳол, донистан мехоҳам, каллаи саҳар куҷо шитоб дорӣ?

САФАРМАХСУМ. Деги оши палав аз даст наравад, мегӯям.

ҲАННОН (*ҳайрон шуда*). Кадом деги оши палав?

САФАРМАХСУМ. Э, чоҳро ба шикофи зери сатил чӣ кор! Ихе! (*Харро нихта мекунад*).

ҲАНОН (*маънии гапро нафаҳмида*). Харат даванд будааст.

САФАРМАХСУМ (*хандида*). Аз хар пурсидаанд, ки кай ба манзил мерасӣ? Ҷавоб додааст, ки аз халаи нӯгтез бипурс! Ту ҳам, бародар, хари маро таъриф накуну ба халачӯб нигар.

ҲАНОН (*акнун ба маънии суханҳои Сафармахсум сарфаҳм*

https://bikhon.tj/

рафта). Ҳоло ҳамин тавр гӯй. Халачӯби тез боиси давандии хар мешавад – гӯй?

САФАРМАХСУМ. Агар қаланфур молӣ, боз ҳам тезтар медавад.

ҲАННОН (*боз ҳам баландтар хандида*). Набошад, ман ҳам халачӯбамро тез карда гирам.

САФАРМАХСУМ. Бале, хирс мулло мешавад, аз зарби чӯб. Лекин хари ман аз зарби чӯб фақат йӯрға мегираду бас. Ана, тамошо кун, чӣ тавр медавад (*Харашро ду-се бор печутоб медиҳад. Ҳаннон хуб механдад*).

ҲАННОН (*ба китфи Сафармахсум тап-тап зада*). Хуб одами шӯх ҳастӣ-да, чӯра. Ту бо ин ҳунарат ба даргоҳи мири Ҳисор нишаста, ӯро механдондӣ, кордат ба равған меғӯтид.

САФАРМАХСУМ. Гапат рост… И-ӣ, нигоҳ кун.

Ҳарду ба тарафи муқобил менигаранд. Аз рӯ ба рӯяшон миршаб бо лаганбардоронаш пайдо мешавад.

Ӯҳ! Ба бало дучор шудем-ку!

ҲАННОН. Чӣ шуд ба ту? Магар ягон даъвогарро дидӣ?

САФАРМАХСУМ. Кошкӣ даъвогарамро медидам. Бо ҳила халос мешудам. Ман ҳомиамро дида истодаам, ки агар фурсати дасту рӯ шустан ёбад, ману туро якҷоя мехӯрад.

ҲАНОН. Ҳеҷ гап не. Харата гардону роҳ те, онҳо гузашта равванд. Зуд бош, зуд… намебинӣ, бори харат ними роҳро банд карда гирифтааст.

САФАРМАХСУМ. Агар хари ман ақл медошт, инро пай мебурд. Нодон, ки ҳаст, шатта мехӯрад (*Вай ҳарчанд мекӯшад, ки сари харашро гардонад, лекин намешавад, ҷуволи болои он андаке ба китфи миршаб расида, ӯро ба ғазаб меорад*).

МИРШАБ. Оҳой! Худаш чӣ гап? Ин чӣ бетамизӣ?

САФАРМАХСУМ (*ба ӯ эътибор надода, ба сару гардани хараш чанд калтак мезанад*). Лаънати Худо бод, ба ту аблаҳ!

МИРШАБ. Чӣ? Ба кӣ лаънат?

САФАРМАХСУМ. Ба шумо? Не, ба шумо не, ба ин оқи падар (*Харро нишон дода*). Намехоҳад, ки…

МИРШАБ. Чӣ намехоҳад?

САФАРМАХСУМ. Намехоҳад, ки ман аз болояш савор шавам. Ҳамин қадар кардам, ки исто, аз болои ҷувол савор шуда,

https://bikhon.tj/

нӯхтаатро кашида равам, ҳоло не, мегӯяд, ҷуволи пуратро мебарам, бас аст. О, ман гуфтам: агар лаънатӣ нахоҳӣ, ки ба болоят савор шаванд, чаро туро хар офаридаанд?!

МИРШАБ. Худи ту хар, очат хато, отат хар!

САФАРМАХСУМ. Эҳтимол, эҳтимол! Агар хар намешудам, шумо барин пиёда мегаштам! Рафтем, харҷон! (*Ба саҕрии хар якчанд чӯб фароварда, гузашта рафтанӣ мешавад, вале миршаб бо ҷаҳл фарёд мезанад*).

МИРШАБ. Ҳайвони безабонро чаро мезанӣ, ҳайвон! Ҳозир мефармоям, ки ба ҷои хар туро зада-зада, ҳабс кунанду молат пошшоӣ шавад!

САФАРМАХСУМ. Охир, балои китфатона гирам, аз гуноҳи ин безабони ботил гузаред.

МИРШАБ. Аз хар гила не, ту айбдорӣ, ман туро нағз медонам, аз Худо наметарсӣ, аз бандагонаш шарм намедорӣ. Ту…ту... кали фиребгар!

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш! (*Вай зуд ба назди хар зону зада, ду дасташро бо илтиҷо бардошта ҳарф мезанад*). Тавба, сад тавба, бад кардам, ҷаноби хари муҳтарам!

Месарояд.

Маркаби меҳрубонам,
Эй, хари безабонам.
Манро ту авф бинмо,
Гуноҳамро бубахшо.
Кӣ будаам, бехабар,
З-он ки туро бародар
Буда қозии пурхӯр,
Ҳам миршабу мирохӯр…

МИРШАБ (*бештар ба ҕазаб омадаю мушташро гиреҳ карда*). Ҳоло ист, ҳоло ист, кали паат…

САФАРМАХСУМ. Э, хӯш, хӯш гӯед, тақсир.

МИРШАБ. Ман ба ту кӣ буданамро нишон медиҳам *(Вай бо ҳамроҳонаш зуд аз назди Сафармахсум гузашта меравад).*

САФАРМАХСУМ (*ба Ҳаннон*). Рафтем ба бозор (*Мераванд. Парда бардошта мешавад*).

https://bikhon.tj/

2.

Як гӯшаи бозори Ҳисор, серодам ва серғавғо. Сафармахсум сабзиву пиёзу лаблабу мефурӯшад.

САФАРМАХСУМ (*бозорро ба сараш бардошта*).

Тавба кардам, Худоё,
Ин чӣ расму чӣ савдо.
Аз ҳар ҷо, ки бигзарам,
Ба ҳар сӯ, ки бингарам,
Пур аз одам мебинам,
Ғуссаву ғам мебинам,
Зулму ситам мебинам,
Дарду алам мебинам...

ҲАННОН (*пайдо шуда*). Ҳа, Махдум, савдо сар шуда рафт?

САФАРМАХСУМ. Э, хуше. Савдо китф шуда рафт!

ХАРИДОРИ 1. Чӣ мегӯӣ, бачам? Савдо китф шуда рафт? Ин чӣ гуфтагет?

САФАРМАХСУМ. Аввал як санг сабзӣ харед, баъд мефаҳмонам.

ХАРИДОР. Майлаш, майлаш. Сабзиҳои ту бад не, баркаш, лекин маънои гапро фаҳмон!

САФАРМАХСУМ (*ба Ҳаннон*). Даҳони ҷувола кушо, ки кори мо омад кард (*Ҳаннон аз паҳлӯи Махсум гузашта, лаби ҷуволро дошта меистад. Сафармахсум ба тарозу сабзӣ гузошта, гап мезанад*). Китфи одам бор мебардорад, китфи одам кор мекунад, агар дар одам китф набошад, мор ба мор табдил меёбад. Тани одам аз китф сар… хуш, хуш, аз китф қифт мешавад.

Мӯйсафед ҳамоно гаранг, аз ин гуфтаҳо чизеро намефаҳмад. Ҳанӯз вай лаб ба сухан накушода, Ҳаннон бедаранг чанг зада, саллаи хокистаррангро аз сари Сафармахсум мегирад. Махсум, ки як даст ба шоҳини тарозу, дасти дигараш ба ҷуволи сабзӣ банд буд, якбора бо ҳар ду даст паллаи пур аз сабзии тарозуро гирифта, ба сараш мекашад. Сабзиҳо ба зону ва ба замин пош мехӯранд. Мӯйсафед қомат рост карда, афту андом ва сари бо паллаи тарозу пӯшидашудаи Махсумро мебинад. Мардуми атроф аз ханда заъф мекунанд, харидор сари дилашро дошта, қариб ки аз ханда ғел мезанад.

ҲАННОН. Эй, муред, шумо барин сабзифурӯш. Наход ки кас паллаи тарозуро ба сараш кашад. Ма, салата ба сарат мон!

https://bikhon.tj/

САФАРМАХСУМ. Хуше! Ба китфат гӯед, ба китфат. Канӣ, дадоҷон, даҳони ҷуволро доред.

ХАРИДОР (*даст афшонда*). Э, раве, сари сурхат аз китфат афтад!

САФАРМАХСУМ. Хуш, китфи сурхат гӯед (*Ба Ҳаннон*). Ана, кори кардагет ҳамин шуд, харидори таппа тайёра гурезондӣ.

ҲАННОН. Ман чӣ донам, ки шумо паллаи тарозуро ба сар мекашед. Хайр, садқаи сар, сабзиро ба халтаи ман резед, худам мехарам.

САФАРМАХСУМ. Садқаи китфатон шавад, сабзӣ. Ана, гиреду пеши кора кушоед! (*Ба хӯрҷини Ҳаннон бар накашида, чанд тарозу сабзӣ мерезад. Ҳаннон пул дароз мекунад*). Лозим не, рӯзи қиёмат ҳисобамро меёбам.

ҲАННОН. Хайр, илоҳӣ савдоят барор гирад. Ҳамин дуои ман аз сад тилло беҳтар аст.

САФАРМАХСУМ. Гумон аст, ки дуои ту мустаҷоб гардад.

ҲАННОН. Не, савдоятон, албатта, барор мегирад!

САФАРМАХСУМ. Мумкин аст, ки дуои ту андак мустаҷоб шавад. Лекин андак барор нагирифтани кор беҳтар аст аз андак барор гирифтанаш!

ҲАННОН. Оббо! Бо махсумҳо сарбасар шудан мушкил будааст-да. (*Вай гапашро тамом накарда, боз ҳамон мӯйсафеди харидор меояд*).

ХАРИДОР (*ба Сафармахсум*). Чанд тарозу фурӯхтӣ?

САФАРМАХСУМ. Қариб тамом кардам. Ҳамин як ҷуволи охиринаш монд. Агар ҳақиқатан сабзӣ мехӯрам гӯед, аз ҳамин сабзӣ харед, пушаймон намешавед. Обаш набот, худаш қанд.

ҲАННОН. Рост, рост, ана ман ҳам як санг харидам.

ХАРИДОР. Хайр, майлаш, агар тарозуятро тоза карда бошӣ, ба ман ҳам як санг баркаш.

Сафармахсум хурсандона сабзӣ бармекашад. Теъдоди харидорон меафзояд. Ҳаннон ба вай ёрӣ мерасонад. Дар вақти авҷи савдо одамони миршаб пайдо мешаванд. Якаш ба назди Сафармахсум меояд.

ОДАМИ МИРШАБ. Канӣ, зуд аз ҷо хезед, Махсумтӯра! Ҷаноби миршаб ба шумо кор доранд!

САФАРМАХСУМ. Э, бародар – мушро ҷонканӣ, гурбаро

https://bikhon.tj/

бозӣ – гуфтагӣ барин ту ҳам вақташро ёфта омадӣ (*Одами миршаб ба ғазаб омада, бо дастаи қамчин тарозуро чапа мекунад, харидоронро дӯғ зада, Сафармахсуму Ҳаннонро пешандоз карда мебарад*).

3.

Чойхонаи калон. Миршаб болои кӯрпачаҳо нишаста, роҳи омадро интизор аст. Одамони миршаб Сафармахсум ва Ҳаннонро меоранд.

ОДАМИ МИРШАБ. Мана, шаккоки бадбахтро овардам.

МИРШАБ. Наход ки Махсум шуда, муллозода шуда, кас ба шаккокӣ роҳ диҳад?

ОДАМИ МИРШАБ. Не, тақсир. Ин бенасаб садқаи муллозодагӣ шавад. Азбаски сараш кал аст, мардум шӯхӣ-шӯхӣ ба вай «махсум» лақаб додаанд.

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш. Беҳтараш китф гӯед! (*Ҳама механданд. Миршаб оташин мешавад*).

МИРШАБ. Даҳанатро пӯш, беадаб. Ин ҷо ҷои масхарабозӣ не. Номат Кали Сафар бошад, Кали Сафар шав! Махсуму махсумзодагиро ҳаром кардан чӣ лозим.

САФАРМАХСУМ. Ба чашм тақсир, баъд аз ин китфи Сафар мешавам! (*Сар хам мегирад. Ғиреви ханда боз баланд мешавад. Сафар месарояд*).

Махсум шумо, мулло шумо,
Эшону домулло, шумо.
Фатвогару фатвошинос,
Сӯфию авлиё, шумо.
Ман худ киям, як бехабар,
Як муфлисеам, беҳунар.
Махсум куҷову ман куҷо,
З-ин баъд ман китфи Сафар…

МИРШАБ. Одами шӯх будаӣ. Лекин дар назди шариат шӯхию бебокӣ ба қуфру беимонӣ, наузубиллоҳ, бурда мерасонад, ки каппаат ба шонаат меафтад.

САФАРМАХСУМ. Ҷонам қатӣ, тақсир. Агар бо ман шӯхӣ накунанд, ман ҳеҷ гоҳ…

МИРШАБ. Кӣ бо ту шӯхӣ мекунад?

САФАРМАХСУМ. Ҳар кас тақсир, масалан худи шумо ҳам.

https://bikhon.tj/

МИРШАБ. Номаъқул кардӣ (*Чашм ало карда*). Дониста гап зан, ки сарат барбод меравад.

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш. Китф гӯед, ҷаноби мирохӯр, китф! (*Боз ғиреви ханда*).

МИРШАБ. Хайр, бас кун! Гӯй канӣ, бинои мусулмонӣ чанд аст?

САФАРМАХСУМ. Тақсир! (*Ба Ҳаннон чашмакӣ зада*). Агар мепурсидед, ки нархи сабзӣ чанд аст, ман ба зудӣ мегуфтам, лекин барои бинои мусулмонӣ китф об кардан лозим… Кошкӣ ин китфи сабил… (*Махсум суханашро тамом накарда, Ҳаннон якбора чанг зада, саллаи ӯро аз сараш мегирад. Вай ҳам гӯё ҳамин лаҳзаро интизор бошад, ба дав рафта, саллаи гирдаи шалғамии миршабро аз сар гирифта, ба сари худаш мегузорад. Ғиреви ханда ба осмон мепечад. Миршаб барои гирифтани саллаи сараш аз ҷо ба шаст бархоста ба Махсум дармеафтад. Мардум мебинад, ки худи миршаб ҳам кал будааст. Махсум ба мушту зарбаҳои девонавори миршаб тоб оварда, бо ҳар ду дасташ сарашро дошта, намегузорад, ки Миршаб саллаи худро аз ӯ ситонад. Ниҳоят, Ҳаннон саллаи Махсумро ба ӯ медиҳад ва миршаб саллаашро мегирад. Гирифтан баробар аз шарму ҳаё суп-сурх шуда, чойхонаро тарк мегӯяд. Аз ақиби вай дигарон хандида-хандида, мераванд. Издиҳом пароканда мешавад. Ҳаннон ва Сафармахсум танҳо мемонанд*).

ҲАННОН. Расо боб кардӣ, ин миршаби лаънатиро. Ман то ҳол кал будани ӯро…

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш. Китф гӯй бача, китф!

ҲАННОН. Ҳа, китф будани ӯро намедонистам. Тавба, чӣ хосият бошад, ки калҳо ҳамдигарро аз зери сад қабат парда ҳам мешиносанд?

САФАРМАХСУМ. Чунки ту барин нодон не! Сад бор мегӯям, ки китф гӯй, забонатро занбӯр газад!

ҲАННОН. Хуб ҷӯраҷон, тавба кардам. Пас аз ин номи ногуфтаниро ба забон намегирам, китф мегӯям. Ту ҳам ба суоли ман дурусттар ҷавоб те: канӣ, китф будани ӯро аз куҷо донистӣ?

САФАРМАХСУМ. Аз куҷо донистам? Охир, намедонӣ: магар доно ҳамеша нодонро мешиносад, зеро худаш пеш аз он ки доно шавад, нодон будааст. Аммо аҳмақ ҳеҷ гоҳ оқилро намешиносад, зеро ӯ ҳеҷ гоҳ оқил набудааст.

https://bikhon.tj/

ҲАННОН. Уббо, ногардуне! Бо ту гап задан ҳам осон не. Ана-мана нагуфта, каса аҳмақ карда мондан мегирӣ. Хайр, ман рафтам. Дар бозори нишоллофурӯшҳо интизорат мешавам (*Меравад*).

4.

Бозори ширинифурӯшҳо. Ҳаннон хандон ба назди нишаллофурӯш меояд.

ҲАННОН. Тағоҷон, ман омадам, ки пули тухмро гирам.

НИШАЛЛОФУРӮШ. Ҳҳ, ман гумон кардам, ки ягон коса нишалло мехарӣ, ту бошӣ аз ман пул металабӣ.

ҲАННОН. Охир, тағоҷон, кори дунё ҳамин-да, дирӯз шумо аз ман талабидед, имрӯз ман аз шумо металабам.

НИШАЛЛОФУРӮШ. Аз ман не, аз Худо талаб (*Болои нишаллоро мепӯшонад*). Худо ба ҳар кас ризқу рӯзӣ медиҳад, на ин ки банда. Баъд… аз пеши лаган тезтар хез, ки баракааш мепаррад.

ҲАННОН (*якбора оташин шуда*). Ӯй, мардак. Ман назди ту барои дуо наомадаам. Пули тухмҳоро, ки дирӯз қарз гирифта будӣ, ин ҷо барор, набошад, аз ришат кашида, ба қозихона мебарам.

НИШАЛЛОФУРӮШ. Ҳай-ҳай, дониста гап зан. Ман кай донам, ки ту барои гирифтани пули қарзат омадӣ. Дурусттар гап занӣ, намешавад. Ана, ма, пулата гиру пешорӯра холӣ кун. (*Ҳамёнашро кушода, як тангаю чанд пул шумурда, медиҳад*).

ҲАННОН (*пулро шумурда*). Хуш, мондагии пул чӣ мешавад?

НИШАЛЛОФУРӮШ. Ҳамаи пули қарзи ман ҳамин буд. Ними тухмҳои ту луқ баромаданд, партофтам.

ҲАННОН. Дурӯғ мегӯй, ҳаннот! Охир, худат ба ҳавлӣ рафта, аз зери тафи мурғҳо тухмҳои навзоидаро гирифта омадӣ-ку. Ман садто шоҳид дорам.

НИШАЛЛОФУРӮШ. Хайр, бисёр дӯғ назан, аҳмақ. Ма, ана ин як мирӣ ҳам азони ту, дигар ғинг-ғингатро набарор.

ҲАННОН (*мириро гирифта, лаҳзае фикр карда, баъд якбора худ ба худ*). Ҳоло ист, ман ба ту нишон дода мемонам, ки дар ду дунё аз ёдат намеравад. (Меравад).

НИШАЛЛОФУРӮШ (*Худ ба худ*). Хайрият, ҳамин хел нодонҳо, ҳастанду ҳамёни моро фарбеҳ мекунанд, набошад фақат бо нишаллофурӯшӣ рӯз намегузарад. Агар мо ҳамаи талаботи бенавоёнро ба ҷо орем, худамон аз онҳо бенавотар мегардем

https://bikhon.tj/

(*Тангаеро аз киса бароварда*). Ман ин тангаро ба вай доданӣ будам, лекин ин тангаи нуқра бо ман монд. Ин танга ҳам падар, ҳам модар, ҳам бародар ва дӯсти ман аст. Ин парии парзадарӯи сафедпӯст чандин шаҳрҳоро гузашта, кӯҳу дашту саҳроҳоро тай карда, аз роҳи дур омада, ба дасти ман афтодааст. Аз ғами ин беморгаштагон беҳисобанд. Ин бойҳоро гадо, гадоҳоро бой мекунад. Ин ба кас ҳусну латофат мебахшад, аз шуълаи рӯяш марди баднамо – зебо, зани солхӯрда барно мешавад. Биё, ҷонакам, ба ҳамёнаки ман даро ва бароҳат бош, ки аз даруни ин дигар касе туро берун нахоҳад бурд. (*Тангаро ба ҳамёнаш партофта, сари онро сахт баста, ба даруни се қабат кисаи худ мегузорад ва камарчаҳои кисаҳоро гиреҳ баста, осуда мегардад ва нишаллои худро таърифкунон суруд мехонад*).

Хӯрда бинанд нишалло,
Бодо писанд нишалло,
Шаҳдаш баланд нишалло,
Аз оби қанд нишалло!

Нишаллофурӯш сурудашро тамом накарда, Сафармахсум ҳамроҳи Ҳаннон ба назди вай мерасанд.

САФАРМАХСУМ. Бай, бай, бай, бай! Ба ростӣ, ки аз ҳусни ин нишалло кас сер мешавад. Маълум шуда истодааст, ки исту бисташ қанду асалу тухми тоза аст.

НИШАЛЛОФУРӮШ. Бале, бале, фақат тухми тозаи яккачин ва қанди мошин шудагӣ. Чӣ қадар баркашам? Як косагӣ бас!

САФАРМАХСУМ (*ба рӯи Ҳаннон нигариста, механдад ва ба нишаллофурӯш муроҷиат мекунад*). Агар ба мо бошад, ин лагани нишалло камӣ мекунад. Лекин афсӯс, ки хоҳиши мо аз дарун кисаи мо ба гӯши шумо мерасад. Гӯед канӣ, ба нимча нишалло чанд пул диҳем?

НИШАЛЛОФУРӮШ. Нимча нишалло мегӯед? Арзон: фақат як тангаи қурути бухорӣ диҳед, кифоя.

САФАРМАХСУМ. Не. Ба як тори абрӯи тангаи шумо гуфтанӣ ин деҳқони камбағал як рӯзи дароз кор мекунад. Нишаллои шумо ҳар чӣ бошад ҳам, кафки ширин аст, даҳанамро ширин мекунаду гулӯ бехабар мемонад. Чӣ мешавад, ки ман хандонда, димоғи шуморо хуш гардонам, шумо аз нишалло лесонда, коми моро лаззат бубахшед!

НИШАЛЛОФУРӮШ (*зуд рӯи нишаллоро пӯшонда*). Ин

https://bikhon.tj/

гапҳоро монед, бародар. Аз савдои нақдонақд бӯи мушк меояд, гуфтаанд. Агар дар кисаатон фулусе ҳаст, ин ҷо барореду бо ман гап занед, набошад, пашша нашуда, зудтар ҷойро холӣ кунед.

САФАРМАХСУМ. (*ба Ҳаннон муроҷиат карда*). Чӣ чора созем?

ҲАННОН. Нимчааш як тангаи қурути бухорӣ бошад, хеле қимат. Биёед, беҳтар ки набот мехарему нону наботчой мезанем.

САФАРМАХСУМ. Майлаш, ҷӯра, набот мехарем (*Аз ҷой мехезад*).

НИШАЛЛОФУРӮШ (*ӯро аз роҳ боздошта*). Дар ҳамин ҳавои гарм кадом девона наботчой мехӯрад? Биёед, майлаш, якта даҳтинаи Николай диҳед, нимча нишалло баркашам. Аз афтат маълум, ки одами баҳиммат ва сахӣ ҳастӣ.

САФАРМАХСУМ. Зарфи чиниро нохун зада мебинанд, одами чиниро қамчин зада. Лекин баҳиммат ва сахӣ будани маро аз афтам донистед, вализода барин метобед? Биёед, барои сухани некатон як мирӣ аз мо гиреду нимча нишалло баркашед!

НИШАЛЛОФУРӮШ (*боз рӯи нишаллоро пӯшида*). Не, намешавад, бародар! Дар кори савдо ширинкорӣ накунеду гапи мешудагиро занед!

Дар ин дам Ҳаннон якбора чанг зада, саллаи Махсумро аз сараш мегирад. Махсум ҳам беибо лагани нишаллоро бардошта ба, сараш мепӯшад. Ғиреви ханда баланд мешавад. Нишаллофурӯш аввал чӣ ҳодиса рӯй доданашро надониста мемонад. Аммо вақте мебинад, ки лагани пур аз нишалло аз сару рӯи Махсум рехта истодааст, якбора доду фиғон мебардорад.

Во, мардумо, хонам сӯхт! (*Ба дав бархоста, худро ба болои Махсум партофтанӣ мешавад, лекин вай лаганро ба сар бардошта, аз ҷо меҷаҳад. Нишаллофурӯш аз гиребони Махсум сахт дошта, сару рӯ ва дастонашро ба нишалло ҷӯлонда, фарз мекашад*). Вой, дод! Вой, дод! Ба додам расед, мусулмонҳо, дуздро доред! *(Мардуми бисёр ҷамъ шуда, аз таҳти дил механданд. Касе намедонад, ки чӣ тавр лаганро аз сари Махсум гирад. Ҳаннон мегурезад. Дар ин ҳангом миршабу одамонаш пайдо мешаванд. Нишаллофурӯш бо ҳар ду дасти пур аз нишалло ба пои миршаб афтода, ёрӣ мехоҳад, вале миршаб ӯро аз худ дур месозад).* Ба додам расед, ҷаноби мирохӯр, хонам сӯхт!

МИРШАБ. Чӣ шуд, ин чӣ масхарагӣ?

https://bikhon.tj/

НИШАЛЛОФУРЎШ. Як лаган нишалло: як лагани пур аз нишалло!

МИРШАБ (*ба Сафармахсум*). Кали Сафари лаънатӣ, боз ин чӣ расвоӣ?

САФАРМАХСУМ. Хуш, хуш, китфи Сафар гӯед, ҷаноби мирохӯр, китфи Сафар!

МИРШАБ. Кашед, ина, ба қалъа, ана бо ҳамин исту бист бурда, ба ҷаноби мир нишон додан лозим. Аз дасти ин кал мардум савдо карда натавонанд, ин чӣ гап?

НИШАЛЛОФУРЎШ. Э, балотона гирам, мирохӯр, рост мегӯед!

Одамони миршаб Сафармахсумро кашола карда мебаранд.

5.

Дарбори мири Ҳисор. Мир Абдумуъмин-чучқа дар зери айвони ҳавлии мирӣ, болои кӯрпаву кӯрпачаҳо, дар маснади пурдабдаба якпаҳлӯ ёзида, нишастааст. Ба сар арақчини сафед (саллаи ба таври сипоҳона – шалғамӣ басташудаи ӯ ба болои болишт, дар паҳлӯи ӯ меистад), бар танаш аз болои курта-эзори сӯфи сафед – камзӯли шоҳии наботиранг, аз болои он яктаи тунуки алочаи абрӣ пӯшидааст. Маҳрампешае болои сараш, аз ақиб рост истода, дар даст бодбезаки калон, ӯро бод медиҳад. Дар ҳамин лаҳза – ба ҳайати хандаовар: лагани нишаллои ба сар чаппа пӯшидагӣ, сару рӯ, китфу гардан, ҳама ба нишалло ҷӯлидагӣ, афту андомаш номаълум ба боргоҳ даромадани Сафармахсум, аз паси вай нишаллофурӯши нолон ва миршабу одамони ӯро дида, мир аввал ҳайрон мемонад.

САФАРМАХСУМ (*аз байни кафки нишалло*).

Мири калон, ассалом,
Дардат ба ҷон, ассалом.
Манам, Сафар, омадам,
Лаган ба сар омадам.
Ман нишалло овардам,
Баҳри шумо овардам.
Нишаллои бас ширин,
Таъмаш ангубин барин…
Бар нишалло, марҳамат,
Бар ин сахо, марҳамат…

https://bikhon.tj/

МИР (*беихтиёр механдад*). Ин чӣ аҳвол, ин чӣ бемаззагӣ?

МИРШАБ. Ҳамин кали Сафар…

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш, китф гӯед! (*Мир ва атрофиёнаш механданд, аммо миршаб не*).

МИРШАБ. Ҳамин кали Сафар ба ғайр аз расвоӣ, кори дигарро намедонад, тақсир! Аз дасти ин ба чӣ ҳол расидем, намедонам (*Миршаб суханашро тамом накарда, яке аз надимони дарбор якбора лаганро аз сари Махсум мегирад. Махсум аввал саросема шуда, баъд тозон рафта, саллаи мирро аз рӯи болишт бардошта, ба сараш мегузорад. Инро дида мир, раис ва девонбегӣ механданд. Маҳрамҳо тозон омада, салларо зӯран аз сари Махсум кашида мегиранд. Вай чӣ кор карданашро надониста, якбора ба рӯи қолин менишинаду хазида меравад ва сарашро ба миёнаи пойҳои мир медарорад. Ниҳоят бо хиштаки васеъ ва калони ӯ сари худро мепӯшонад. Мир хандида, воҳ-воҳ гуфта, хӯсида, ғел зада, намедонад, ки чӣ кор кунад. Махсум бошад, аз хиштаки эзори мир сахт дошта, мекашад ва мехоҳад сари худро пӯшонад. Ҳама аз таҳти дил механданд*).

САФАРМАХСУМ. Балои китфатона гирам, тақсир! Балои китфатона гирам, тақсир!

МИР (*худро базӯр раҳо карда*). Бас кунед, аз ханда куштед! Монед, лаганашро ба сар кунад, бадтол! *(Чанд кас Махсумро ҷудо карда, лаганро ба сараш мегузоранд).*

НИШАЛЛОФУРӮШ. Ҷаноби мир, тасаддуқи саратон шавам (*Бо овози гиряолуд*). Ин лагани нишалло азони мани камбағал аст. Агар товони нишаллои ба замин рехтаи маро аз ин бадзот наситонед, дасти ману домани шумо.

МИР. Барои чӣ нишаллои ин касро ба замин рехтӣ, аҳмақ?

САФАРМАХСУМ. Ман нарехтам, ҷаноби мир, худаш рехт.

НИШАЛЛОФУРӮШ. Дурӯғ мегӯяд, тақсир. Кадом девона нишаллои худашро рехтааст, ки ман резам?

МИР. Чаро дурӯғ мегӯй, кал?

САФАРМАХСУМ. Хӯш, тақсир, китф гӯед! (*Мир табассум карда, чизе намегӯяд. Миршаб оташинона ба гап ҳамроҳ мешавад*).

МИРШАБ. Ин кал дар ҳақиқат пашшаро дар ҳаво наъл мезанад, тақсир. Ба гапи ӯ бовар кардан мушкил аст.

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш. Китф гӯед, тақсир! Ба ростӣ,

https://bikhon.tj/

ки нишалло худаш рехт, гуноҳ ба ман нест, ба китфи ман ҳам нест. Гуноҳ ба ҳамон кас аст, ки маро аз «китф» қимоб кард. Агар ман қимоб набошам, сад бор салларо аз китфам гиранд, парвое надоштам.

МИР. Ту салла ҳам дорӣ?

САФАРМАХСУМ. Ҳо, тақсир. Агар салла надошта бошам, китфамро бо чӣ мепӯшонам? Лагани нишалло ҳамеша ба мадад намебиёяд-ку!

НИШАЛЛОФУРЎШ (*чингос зада*). Ана, ана! Худаш иқрор шуд!

САФАРМАХСУМ. Ман иқрор ҳастам (*Лаганро аз болои абрӯяш болотар бардошта*). Ману ҳамроҳам барои нишалло харидан ба пеши лагани ин мумсик нишастем. Нархи нишаллоро як тангаи роиҷи зарби Бухорои шариф гуфт. Охир, худатон инсоф диҳед, ҷаноби раис таҳқиқ кунанд, ин хуни мардумхӯрӣ набуда, чист? Ана, мо ба болои нарх талош доштем, ки бо имои худи вай яке аз одамонаш саллаи маро аз китфам чанг зада гирифта бурд. Ман ҳам беихтиёр лагани нишаллоро ба китф кашидам. Илоҷам набошад, дигар чӣ тадбир, тақсир!

МИР (*дигар ба доду фарёди нишаллофурӯш аҳамият надода, қарордоди худро эълон менамояд*). Ба фикри мо, ҷаноби мирохӯр, шумо ин вақтҳо камҳавсала шуда мондаед. Одамонатон ҳам бекоргаранд. Ба бозорҳо кам диққат медиҳед: кисабурҳо, дуздҳо пайдо шудаанд, ки саллаи мардумро аз сарашон чанг зада мебаранд. Ин хуб не. Шумо бояд салладуздро ёфта, саллаи ин камбағалро ба худаш баргардонед. Ин як!

МИРШАБ (*маҷбур шуда*). Хуб шудааст, ҷонам қатӣ, ҷаноби мир!

МИР. Сониян. Лагани нишаллоро ба соҳибаш дода, аз нишаллофурӯш ягон рӯймол гирифта, ба вай диҳед, ки сари калашро…

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш, китфашро гӯед, тақсир!

МИРШАБ. Бас кун, бадтол. Хез, ҷаноби олиро дуо куну минбаъд ин хел номаъқулиҳоро аз ёдат барор!

САФАРМАХСУМ. Илоҳӣ, балои китфи ҷаноби олӣ ва балои китфи шуморо гирам, омин, облоҳу акбар!

НИШАЛЛОФУРЎШ (*боз чингос зада*). Ба доди ман расед, ҷаноби мир.

https://bikhon.tj/

МИР. Касе, ки нархи бозорро баланд мебардорад, сазояш ана ҳамин!

МИРШАБ. Ҳо, бале. Аз рӯи шаръи шариф ин одилонатарин ҳукм аст.

САФАРМАХСУМ. Балои китфатонро гирам, ҷаноби мир, илоҳи китфатон дардро набинад (*Ба замин нишаста, дуо мекунад. Дигарон ҳама омин мегӯянд).*

МИР. Акнун лаганро аз сари кал гиред!

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш, китф гӯед, ҷаноби олӣ! (*Одамони миршаб ба вай наздик мешаванд, лекин махсум бо ҳар ду дасташ лаганро маҳкам дошта, намегузорад, ки онро аз сараш гиранд*). Аввал рӯмолашро гирифта, ба китфи ман партоед. Аввал рӯмолашро гирифта, ба китфи ман партоед. Аввал рӯмолашро…

Касе ба гапи ӯ гӯш надодда, зӯран, лаганро аз сараш мебардоранд. Вай худро ба рӯи суфа зада, ба зери домани яке аз калоншавандаҳо даромаданӣ мешавад, лекин худро зуд канор мегирад. Махсум фарёд зада, ба ҳар тараф медавад ва одамон аз вай мегурезанд, миру раису калоншавандаҳо ҷигарӣ хандида, шикамашонро медоранд. Парда пӯшида мешавад.

НАМОИШИ ДУВУМ

1.

Пеши парда. Суҳбаткунон Сафармахсум ва Ҳаннон меоянд.

ҲАННОН. Исто, Махсум, миршаб аз куҷо медонад, ки саллаи туро ман дуздидаам. Вай дар сари кор набуд-ку?

САФАРМАХСУМ. Нишаллофурӯш чӣ?

ҲАННОН. Нишаллофурӯш ҳам надидааст.

САФАРМАХСУМ. Худо медонад, шояд дида бошад. Ба ҳар ҳол: илоҷи воқеа – пеш аз вуқӯъ, мегуфт имоми қишлоқамон. Рафту ба дасти миршаб ҳамчун салладузд биафтӣ, ҷои дод мешунидагӣ ҳам надорӣ. Ин фармони худи мири чӯчқа аст.

ҲАННОН (*ҳайрон*). Хайр, чӣ илоҷ? Ман, агар ин тарафи корро медонистам, ҳеҷ вақт боиси ташвиши ту намегардидам. Садқаи сар, пули тухм захр мешуд барои нишаллофурӯш.

САФАРМАХСУМ. Ҳеҷ гап на. Мушкиле нест, ки осон нашавад, мард он аст, ки ҳаросон нашавад. Мо ҳарду ҳозир ба назди ҷаноби миршаб меравем: ту ана, ин як либосвор читро гир, ман

https://bikhon.tj/

инро барои хоҳарам харида будам. Майлаш ба ҷаноби мирохӯр пешкаш кун ва «гуноҳат»-ро харида гир.

ҲАННОН. Не, не, намегирам! Чӣ лозим, ки барои ман шуда хоҳарат бе курта монад?

САФАРМАХСУМ. Суханат муфт бошад, гуфтааст як қозӣ, кафшҳоят ҷуфт! Яъне ки ба калонҳои давлат гапи хушку холӣ намефорад. Агар ба миршаб ягон чиз надиҳем, корамон барор намегирад. Майлаш, хоҳари ман бе курта намемонад, инро гир, ҳисоби дӯстон дар дил! *(Ҳаннон маҷбур шуда, як либосворӣ читро гирифта, ба бағал меандозад ва ҳар ду суҳбаткунон роҳи миршабхонаро пеш мегиранд).*

* * *

Парда бардошта мешавад. Миршабхона, Миршаб ба рӯи суфа, болои кӯрпачаҳои мулоим якпаҳлӯ дароз кашида, ба суханҳои ғайбатомези Қорисалим гӯш медиҳад.

ҚОРИСАЛИМ. Вай аслан одами нағз не. Қадри одамро намедонад. Охир, ман ба духтари вай чун хостгор рафта, ягон бор як сари дастурхони дурусташро надидам.

МИРШАБ. О, чашм набошад, чиро мебинед?

ҚОРИСАЛИМ. Ақаллан ягон бор, ана қорӣ, ин ҷома ҳаққи хизмати шумо – гуфта, ягонта ҷома ҳам напӯшонд (*Сафармахсум ва Ҳаннон медароянд*).

САФАРМАХСУМ (*бе салому алейк*). Аз вай гила накунед, қорӣ. Вай худаш ба сад айби шаръӣ гирифтор: рафта истодагӣ, хасис, гушнамурдаи мумсик, ноодаму ҳаққи мардумхӯр. Охир, нашунидед, магар боре ба шутур гуфтаанд, ки гарданат каҷ аст! Гуфтааст: куҷоям рост аст?!

ҚОРИСАЛИМ (*безобита шуда*). Ҳо, бача, ту кистӣ?

МИРШАБ (*Аз яку якбора даромадани Сафармахсуму Ҳаннон чӣ гуфтан ва чӣ фармон доданашро надониста, ба ғазаб меояд*). Ҳа, сакалтуҳои бехосият, дар ин ҷо чӣ мековед?

САФАРМАХСУМ. Мо барои сабук кардани кори шумо омадем, ҷаноби мирохӯр. Ман саллаи худамро ёфтам, ана ин бадтол чанг зада, бурда будааст…

ҲАННОН. Ҳазл кардам, тақсир, ҳазл.

МИРШАБ (*бо ҷаҳл*). Ҳазл кардӣ. Кори подшоҳӣ ҳазл-мӣ ба ту?

ҲАННОН. Тавба кардам, балои саратонро гирам, тавба, сад тавба.

https://bikhon.tj/

МИРШАБ. Аз барои ҳазли ту як дег нишаллои як мусулмон нобуд шуд, мамлакатро беҳоким, шаҳрро бесоҳиб дидӣ, магар? Ҳозир, бинобар фармони ҷаноби мир, ман туро ба зиндон андохта, ҷазоятро надиҳам, намешавад.

ҚОРИСАЛИМ. Рост, рост! Ҷазои ин хел дуздро додан савоби азимест.

САФАРМАХСУМ. Лекин ин бача дар ҳақиқат ҳазл кардааст, тақсир. Бозор бе табақ намешавад, ҳаммом бе арақ! Ин хел моҷароҳоро агар ба ҳисоб гирифтан гиред, ба китф хоридан дасти ҷанобашон намерасад…

ҲАННОН. Аз табақи бозор ҳамин як либосворӣ чити гулианор насиб шуда буд (*Либосвориро бурда, ба назди миршаб мегузорад*). Агар аз гуноҳи ман мегузаштед, як умр дуои шуморо мегуфтам.

МИРШАБ (*ба гулҳои порча-порча сурху сафеди чит бо ҳирс нигариста*). Аз табақи бозор мегӯӣ? Боз мабодо ин ҳам дуздӣ набошад?

ҲАННОН. Бисмиллоҳи раҳмони раҳим! Шоҳид дорам, тақсир!

САФАРМАХСУМ. Худи ман шоҳид, ки аз Содирхони Баззоз ба пули ҳалоли худаш – чаҳор тангаи роиҷи зарби Бухорои шариф дода, харид.

МИРШАБ. Хайр, ҳамин тавр гӯй! Майлаш, худи даъвогар, ки аз гуноҳат гузаштааст, мо ҳам мегузарем. Лекин дигар бор, агар ҳамин хел ҳазлҳоятро раво бинӣ, якумрӣ ба зиндон мепартоям!

ҲАННОН. Тавба кардам. Дигар бор ин кор такрор намеёбад, балои китфатонро гирам.

МИРШАБ. Рав, ҷаноби олиро дуо кун!

(Сафармахсум ва Ҳаннон мераванд. Миршаб чити гулианорро такурӯ мегардонаду хурсандона ба Қорисалим муроҷиат мекунад). Лекин, мегӯям, Қорисалим, бахтам гул мекардагӣ барин. Ина, бин, ки дастовези ба ту медодагиам худаш аз осмон афтода монд. Акнун ту ҳам, мардак, аз ҷоят хез, таноби роҳа каш, рӯз ҳам ба охир расида монд. Оши палавро дар ҳавлии Содиқбой мехӯрӣ ва ин ҳадяи маро барои арӯсчаам бурда медиҳию мегӯӣ, ки ин ҳафта фотиҳа, ҳафтаи дигараш тӯй! Бисёр овоза намеандозем, нағз не, хапутап як тӯйча карда, арӯсро ба хона меорем. Чӣ гуфтӣ?

https://bikhon.tj/

ҚОРИСАЛИМ. Ман чӣ мегуфтам. Ҳар чӣ ки фармоед, мо камбағалҳо фармонбардорем. Лекин аз миёнравӣ кардану гаштана мӯкиҳоям дарида рафтанд, як пули қазоӣ нест, ки пойафзоли нав харам.

МИРШАБ. Ту лаънатӣ, бе музд як қадам наемонӣ (*Нимҳазлу нимҷиддӣ*). Ма, ана ин як танга ҳам музди поят, боз пагоҳ, агар хабари хуш биёрӣ, як музаи нағз дорам, шодиёна мегирӣ (*Қорисалим ҳарисона даст дароз карда, тангаро гирифта, ба ҷайбаш пинҳон мекунад*).

ҚОРИСАЛИМ. Хайр, илоҳо Худо кушоиши кор диҳад *(Ҳар ду даст ба рӯй мекашанд. Қорӣ аз ҷо бархоста, асоро ба даст гирифта, вақти баромадан ба миршаб муроҷиат менамояд).* Ҷаноби мирохӯр, мегӯям, тӯёнаро тайёр карда истед. Ба куҷое, ки ман ба хостгорӣ равам, илоҷ надорад, ки тӯй барпо нагардад! Мо рафтем. Ё пирам, мадад! *(Меравад).*

2.

Шомгоҳон. Сари роҳ. Сафармахсум ва Ҳаннон пайдо мешаванд.

САФАРМАХСУМ. Медонӣ, миршаб Қорисалими кӯри лаънатиро ба духтари Содиқбой миёнарав карда мондааст. Мехоҳад, ки ба болои ду занаш боз Сабринисои нозанинро чун зани сеюм ба никоҳаш дарорад.

ҲАННОН. Хайр, ба ту чӣ, садқаи сар. Ба духтари Содиқбои лаънатӣ раҳм кардани ту – ба духтари гург раҳм овардани гӯсфанд барин аст.

САФАРМАХСУМ (*бо киноя*). Ба гумроҳ гуфтаанд, ки номат чист, гуфтааст: роҳбар! Ту ҳам ба ман роҳбарӣ мекунӣ?

ҲАННОН (*ҳайрон шуда*). Гапҳои сарбастаи худатро мону ба ман дурусттар фаҳмонд, ки гумроҳии ман дар чист?

САФАРМАХСУМ. Нафаҳмидастӣ, ки рӯбоҳ ба сӯрох даромада натавониста, ба думаш ҷорӯб бастааст. Ман ҳам ба хӯрдан нон надораму ба духтари Содиқбой ошиқам.

Нони хӯрдан надорам,
Либоси тан надорам.
Аз молу пайсаву зар
Чӣ кунам, ман надорам.

https://bikhon.tj/

Урёну нотавонам,
Оҷизу безабонам.
Дардам бубин, эй қорӣ!
Дардат занад ба ҷонам.

Ошиқ шудаам, эй вой,
Бар духтари Содиқбой.
Чӣ чора созам, ҷӯра?
Ту худат фикр бинмой.

ҲАННОН. Э, ҳамин тавр гӯй? Ман бехабар. Духтар аз ишқи ту огоҳ ё не?

САФАРМАХСУМ. Не! (*Оҳ кашида*). Ман ба кори ҳар кас ёрӣ дода, ба дарди ҳар кас дармон шуда метавонаму ба худам, ки навбат расид, дармемонам. Ман фақат ошиқи дилсӯхтаи нокомам.

ҲАННОН. Ин тавр бошад, ёрӣ аз ман-да!

САФАРМАХСУМ. Чӣ ёрӣ?

ҲАННОН. Хоҳарам Зебо ва ҳамсояамон Зебогул аз дугонаҳои беҳтарини Сабринисо ҳастанд. Ба онҳо мегӯям, ки ба духтар фаҳмонда монанд. Духтар, ки розӣ шуд, илоҷи корро меёбем.

САФАРМАХСУМ. Не, ҳоҷат нест. Худам, роҳашро ёфта, дили духтарро ба даст мегирам. Ҳаминаш беҳтар. Лекин ҳоло ҷазои ин Қорисалими кӯрро дода мондан лозим, ки дар байни мо халал нарасад.

ҲАННОН. Майлаш, инро фикр мекунем, ғам нахӯр!

САФАРМАХСУМ. Ғам намехӯрам. Ман аллакай нақшаашро кашидагӣ? Ҳозир мебинӣ.

ҲАННОН (*ҳайрон*). Чиро?

САФАРМАХСУМ. Самоворо валарзро. Нигоҳ кун, кӣ меояд? (*Ҳаннон мебинад, ки дар даст асо Қорисалими кӯр омада истодааст*). Ҳа, худоро шукр! Ин толеи ман бошад, ё ки каромати Худованди ҳаждаҳ ҳазори олам! Ба ҳар ҳол дар ин роҳи бекас бо ин кӯри гӯрсӯхта воҳӯрдан кори басе хуб ва бахти бузург аст. Ҳозир, Ҳаннонҷон, бо як тир чандин нишонро мезанем (*Инро гуфта, Махсум мисли кӯрон роҳ гашта, якбора бо китфони пурзӯраш худро ба пушти Қорисалим мезанад. Қорӣ ба миёни роҳ*

https://bikhon.tj/

лӯнда шуда меафтад. Махсум худро ба болои вай мепартояд ва овозашро тағйир дода, фиғон мебардорад). Эй, вое, эй доде, ин кадом одами беинсофи худобехабар аст, ки роҳи мани оҷизро гирифт? Охир, ин чӣ бедодист? Ин чӣ рӯзи сиёҳ аст, ки як кӯри бадбахти бечашм аз дасти ин мастони номусулмон ба роҳаш гашта натавонад?! Ӯро пешпо дода, афтонанд?! Худоё, Худовандо, худат доно ва бино ҳастӣ… Ҷазои…

ҚОРИСАЛИМ. Эй хап шаве, нодон! Ту агар нобино бошӣ, ман ҳам нобино ҳастам, ман Қорисалимам.

САФАРМАХСУМ. Агар, ки Қорисалими кӯр бошӣ, аз канортари роҳ гардӣ, мемурдӣ? О намегӯӣ, ки дар дунё ман барин кӯрҳо кам нестанд?!

ҚОРИСАЛИМ. Ту худат кистӣ?

САФАРМАХСУМ. Ман Қоридовудам, нашнидастӣ? Аз Мазори Султон ба қарибӣ омадам… Кам монда буд, ки дар ин ҷо ба шаҳодат бирасам.

ҚОРИСАЛИМ. Хайр, ҳар чӣ ки бошӣ, будан кори ту, биёю аз дасти ман гир, ки аз ҷо хеста наметавонам.

САФАРМАХСУМ. Сабр кун, ки худам аз ҷо хезам *(Махсум қасдан оҳу воҳ карда, бо поҳояш Қорисалимро тела дода, кӯфта, гӯё хестанӣ мешавад. Ниҳоят, пас аз ҷумбуҷули бисёре аз ҷо бархоста гирдогирди Қорисалим мегардад).* Охир, ту дар куҷоӣ, овозатро барор, ки ман аз дастат гирам.

ҚОРИСАЛИМ. Ман, ана, дар ин ҷоям, биё, аз дастам гир.

САФАРМАХСУМ. Баландтар овоз барор, ки гӯшҳоям каранд. *(Инро гуфта, барқасд дур шудан мегирад. Қорисалим то будани овозаш «Ман ин ҷоям» гӯён, дод мезанад. Ниҳоят, Махсум базӯр хандаашро дошта, «асозанон» ба ӯ наздик омада, якду зарба ба сару гарданаш фароварда, аз дасташ гирифта, мехезонад).*

ҚОРИСАЛИМ. Худоро шукр! Аз як кӯр ду кӯр беҳтар будааст.

САФАРМАХСУМ. Ба куҷо рафта истодаӣ, Қорисалим?

ҚОРИСАЛИМ. Ба қишлоқҳои боло меравам, додар. Хизмати мардумро ба ҷо оварда, ба ҳаққашон дуо карда, камтар ризқу рӯзӣ ёфта, мебиёям.

САФАРМАХСУМ. Хайр, биё, ҳамроҳ равем, ман ҳам ба ҳамон сӯ.

https://bikhon.tj/

ҚОРИСАЛИМ (*дудила шуда*). Як дам сабр кун…

САФАРМАХСУМ. Мегӯянд, ки агар одам бо рафиқи муносибаш чақ-чақ карда, роҳ гардад, таноби роҳ кашида мешудааст. Биёед, мо ҳам вақтро ба чақ-чақ гузаронем.

ҚОРИСАЛИМ. Маро чию чақ-чақ чӣ! Мо чӣ чақ-чақ мекардем?

САФАРМАХСУМ. Масалан, ки хислатҳои аҷоиби худатро гӯй, ман ҳам гӯям, гап аз гап мебарояду чақ-чақ оғоз мегирад.

ҚОРИСАЛИМ (*даҳалона*). Ман хислат надорам. Хислати ман дуо кардан… хӯрдан… хоб рафтан…

САФАРМАХСУМ. Вале… Аз харе пурсиданд, ки ту аз одамон чӣ фарқ дорӣ? Хар гуфтааст, ки одамҳо мезиянд – барои он ки хӯранд, лекин ман мехӯрам – барои он ки зиям.

ҚОРИСАЛИМ. Ман маънои ин хел гапҳои туро намефаҳмам. Беҳтар, ки хислати худатро гуфта, маро шиносон!

САФАРМАХСУМ. Бисёр хуб шудааст. Аз синни бачагӣ, Қорисалим, ман аҷоиб як хосияте дорам: дилам софу пок аст ва ҳар одами қаллобро нодида, мешиносам. Ҳар кас ки ба ман дурӯғ гӯяд, илоҷ надорад, ки аз бадӣ гурезад. Бинобар он, ба Худо сад шукр, ки агар ду дидаи биноро аз ман гирифта бошад ҳам, диламро равшан кардааст ва ҳамеша ба доди ман мерасад.

ҚОРИСАЛИМ. Набошад, ба авлиё шуданатон кам мондааст-да!

САФАРМАХСУМ. Хайр, чӣ аҷаб. Авлиё ҳам мою шумо барин одам-да. Ҳар кас ки дили соф дошта бошад, дурӯғ нагӯяд, ба ҳаққи каси дигар зулму ситамро раво надорад, ҳаққимардумхӯрӣ накунад, авлиё мешавад.

ҚОРИСАЛИМ. Ҳоло ман ҳамин тавр гӯед? (Бо тамасхур). Авлиёи навбаромад? Мардум мегӯянд, ки Мазори Султон бехосият не, ман дуруст бовар намекардам, лекин акнун ҷазман боварам омад. Агар ҷанобашон авлиёгӣ карда, мақсади маро мегуфтед ва илоҷи онро меёфтед, боз ҳам нуран алонур мебуд суҳбати мо. Ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ… Муроду мақсади ман чист?

САФАРМАХСУМ (*Дар симои ӯ аломати тамасхурро хонда*). Муроду мақсади ту пул. Агар пул медоштӣ, ба ин роҳҳои серчанг ҷӯлида, намегаштӣ.

ҚОРИСАЛИМ. Не, наёфтӣ! Наёфтӣ! Авлиёи навбаромад будаатро донистам.

САФАРМАХСУМ. Ман нағз ёфтам. Ҳоло сабр карда, ба

https://bikhon.tj/

гуфтаҳои ман гӯш деҳ! Ту барои дуои хайр додан не, балки барои дуои бад кардан рафта истодаӣ.

ҚОРИСАЛИМ. Э, э, э, наузанбиллоҳ!

САФАРМАХСУМ. Ҳа, ҳамин хел. Дили ман гувоҳӣ медиҳад, ки ту барои чӣ ниятҳое роҳи ин сафарро пеш гирифтаӣ.

ҚОРИСАЛИМ. Ист, ман чӣ ният доштаам?

САФАРМАХСУМ. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки ту барои дуои хайр додан не, балки барои кори дигар ба сафар баромадаӣ.

ҚОРИСАЛИМ. Ин тавр нагӯӣ, Қоридовуд, ин тавр нагӯӣ! Ман як қории дуогӯй ҳастам, ҳеҷ нияти дигар надорам.

САФАРМАХСУМ (*Ҳис мекунад, ки тираш ба нишон расида истодааст*). Вое, сабиле! Чӣ бало зада бошад. Вой, уф!

ҚОРИСАЛИМ. Ҳа, ба ту чӣ шуд, Қоридовуд?

САФАРМАХСУМ. Гирди нофам чанг зада, азоб дода истодааст, метарсам, ки аҳволам бад нашавад.

ҚОРИСАЛИМ. Чӣ, ягон чизи нофорам хӯрдӣ, магар?

САФАРМАХСУМ. Мани бенаво чӣ мехӯрдам? Як коса зардолу хӯрда будам, аз болояш нону чолоб... Баъд як коса каллашӯрбо зиёфат доданд, не нагуфтам. Баъд ташна будам, ки роҳатиҷон ошомидам, боз як-ду коса дӯғоб... ана ҳамин!..

ҚОРИСАЛИМ. Э, боз чӣ хӯрӣ буд (*Ҳайрон шуда*). Ин хел хӯроки маҷмааро фил мехӯрд, ҳоло торс мекафид, ба зинда монданат шукр гӯӣ! Туро «Ҳасан задааст».

САФАРМАХСУМ. Ҷон, Қорисалим. Камтар сабр мекардӣ, ман ба канори роҳ бароям. Агар бемалол бошад, ана ҳамин якчанд мирӣ пули худоӣ ҷамъкардаи маро дошта истед. Киса, ки надорам, дар нифаи эзорам нигоҳ медорам, дар вақти қазои ҳоҷат гум накунам, мегӯям.

ҚОРИСАЛИМ (*хурсандона*). Майлаш, майлаш *(Махсум ба дасти вай якчандто панҷтинӣ ва яктинӣ дода, ба канортари роҳ баромада, баҳузур менишинад. Қорисалим ӯро муддате чанд интизорӣ мекашад, баъд овоз мебарорад).* Қоридовуд, ҳо, Қоридовуд! (*Садое нест*). Қоридовуд-е! (*худ ба худ*). Ба кадом лаҳад даромада бошад? Наводо ба ягон чуқурӣ афтида бошад. Э, кошкӣ ҳамин тавр мешуд. Қоридовуд! Ҳой, Қоридовуд! Нест. Яқин, ба чуқурӣ афтидааст. Илоҳӣ ҷоят дӯзах шавад, авлиёи навбаромад (*Даст ба рӯй кашида, рафтанӣ мешавад. Махсум аз ҷой бархоста, фарёд мекунад).*

https://bikhon.tj/

САФАРМАХСУМ. Қорисалим, ҳо, Қорисалим! Ба куҷо рафтӣ, ки ман овози туро намешунавам (*Қорисалим овоз набароварда, хомӯш рост меистад*). Қорисалим мегӯям, ҳо, Қорисалим! Худобехабар, ба куҷо рафтӣ? Дилам бисёр тобонд, ту аз рост истодан монда шуда, ба ягон ҷо нишаста мондӣ-чӣ? (*Қорисалим ҳамоно хомӯш*). Ё ки шӯхӣ мекунӣ? Биё, акнун, ҳазлро бас кун, чанд мирӣ бозёфти маро бидеҳ, ки роҳӣ шавем. Овоз намебарорӣ? Маълум, ки одами дурӯғгӯ ва қаззоб ҳастӣ, ҳаққимардумхӯр ва мурдор ҳастӣ. Инро дилам аз аввал пай мебурд. Аммо ман ба дилам бовар накарда, ба ту боварам омад, пули ҳалоламро ба ту додам, ки нигоҳ дорӣ. Надонистам, ки ту хиёнаткорӣ! Бале, бале, ту мехоҳӣ, ки миёнаравӣ карда, як духтари муштипарро ба дасти як дев, ба болои чанд зан бурда супорӣ! Намедонӣ, ки Худо ҳаст ва ӯ доно ва биност ва метавонад ба ту ҷазо диҳад (*Махсум хомӯш монда, гӯш мекунад, то фаҳмад, ки суханҳояш ба қорӣ таъсире дорад ё не. Аммо аз вай садое намебарояд. Ин дам Махсум аз замин кулӯхеро бардошта, чанд қадам наздик гузошта, «муноҷот» менамояд*). Худоё, худовандо, поко парвардигоро! Худат доно ва бино ҳастӣ, ҳар кори баду некро дар замин айён мебинӣ. Худат мани оҷизро, бандаи бадбахту сиёҳрӯзатро халқ кардӣ, аз дидаи бино маҳрум сохтаӣ, аммо ман ба даргоҳат ҳазорон шукрона дорам, ки дили пок, соф ва равшан додӣ. Бедарак нест, ки ба Қорисалими бадтинат ва бадхоҳи мардум ҳам чашми равон надодӣ, ҳам дили торик ато кардӣ. Бо ин дили торикаш, агар вай чашми равшан медошт, мамлакатро хароб сохта, мардумро ба дод меовард. Ҳоло, бо вуҷуди нобиноияш ҳаққи маро дуздида ва аз ман мегурезад. Ман бо дили равшанам ҳис мекунам: вай дар ҳамин миён аст ва қасдан овоз намебарорад, ки ман бо ноумедӣ аз ин ҷо равам. Лекин, агар ту парвардигори ҳаққонӣ бошӣ, бояд ҳамин кулӯхи маро бурда, ба миёнаи пушти он худобехабари ифлос бизанӣ (*Қорисалимро нишон гирифта, кулӯхро рост ба байни ду шонааш мезанад, ки аз зарби он қорӣ замин газида, базӯр тоқат меоварад. Пас Махсум аз замин боз кулӯхи дигареро мебардорад*). Худоё, Худовандо, наход ки дили поки ман саҳв мекунад ва тирам ба хато меравад? Ба ҳаққи мани ғариб лутфу эҳсон кун, ана ин кулӯхро боз ба байни ду шонаи он худобехабар бурда бизан! (*Кулӯхро ҷониби қорӣ меғуронад, вай боз ба дард тоқат оварда, овоз намеба-*

https://bikhon.tj/

рорад. Махсум аз замин боз кулӯҳи дигареро бардошта, воҳиманок овоз меандозад). Худоё худовандо, ана, ин кулӯхамро бурда, ба косахонаи сари ӯ кӯб, ки ба замин яксон шавад ва ҷонаш аз даҳонаш баромада, ба ҷаҳаннам равад! (*Инро шунида, Қориалим аз ҷояш бархоста, фарёд мезанад*).

ҚОРИСАЛИМ. Ҳой, марди Худо, даст нигоҳ дор, ки тавба кардам! Ман дар назди ту ва дар назди Худо гунаҳкорам, ки дар ин ҷо ба хоб рафтаам ва овози туро нашунидам. Ана, бигир мириҳои худро, ба ман лозим не!

САФАРМАХСУМ (*ба вай наздиктар омада, мисли кӯрон даст-даст карда, пулашро мегирад*). Амонати маро додӣ ва ба даргоҳи Худо аз кирдорат тавба кардӣ, ин хуб аст! Лекин кор бо ин тамом намешавад. Ту яқин дидӣ, ки ман дили бино дорам ва медонам, ки ин сафарат беғаразона не. Бинобар он, то ба ман иқрор нашавӣ, аз карда пушаймон гашта, аз роҳ барнагардӣ, аз ту розӣ нестам ва албатта, Худо ба ту ҷазо медиҳад. Ҳатман ё аз кӯҳ ҷар мешавӣ, ё ба дарё ғарқ мегардӣ, ё ки гургони гурусна пора-пораат месозанд.

ҚОРИСАЛИМ. Рост мегӯӣ, Қоридовуд. Ман миёнрави миршаб ҳастам. Хостам, ки духтари Содиқбойро ба вай гирифта диҳам. Лекин, агар ту ин кори маро маслиҳат набинӣ, майлаш, аз роҳам бозмегардам. Пагоҳ рафта ба миршаб мегӯям, ки вай ҳам хомтамаъ нашавад, ин ақду никоҳро Худо намехоҳад.

САФАРМАХСУМ. Исто, ки миршаб ба ту ширинкома гуфта, ягон чиз надод.

ҚОРИСАЛИМ (*читро даст-даст карда, дида*). Як чиз дода буд. Ба худаш бурда месупорам.

САФАРМАХСУМ. Чӣ дода буд?

ҚОРИСАЛИМ. Як чизи бемазза. Чизаш сараша хӯрад!

САФАРМАХСУМ. Аз рӯи шуниди ман миршаб одами ҳаромхӯр ва номусулмон аст. Ҳамин рӯз ба назди ман писари як шиноси раҳматиям омада, ба гиря гуфт: як либосвор чит харида будам, миршаб ғиромӣ карда, онро аз ман гирифт. Ман ба он бенаво тасаллӣ дода гуфтам: гиря накун, Худо подшоҳ аст, шояд коре шаваду чити зӯран аз даст рафтаат ба воситаи шахси худоҷӯе ба худат бозгардад. Аз қудратҳои Худо гардам: ки дили туро бо нури имон ва ҳақиқат равшан гардонд. Бовар дорам, ки ҳамон шахси худоҷӯи ман гуфтагӣ ту ҳастӣ!

https://bikhon.tj/

ҚОРИСАЛИМ. Ман он ҷавонро намешиносам.

САФАРМАХСУМ. Ман мешиносам. Ба ман супорӣ, ба ҳаққи ҳурмати бузургии Худо, ки ба худи соҳибаш супоридагӣ ҳисоб меёбад. Бовар кун, ки ман дар ҳаққи ту дуои хайр мегӯям.

ҚОРИСАЛИМ (*Ҳайрон*). Агар миршаб онро аз ман суроғ кунад, чӣ мегӯям.

САФАРМАХСУМ. Ту ҳам одами сода будай! О, нашунидай, ки мегӯянд: дурӯғи маслиҳатомез, беҳ, аз рости фитнаангез! Ту ба назди миршаб раву гӯй, ки либосвории фиристодагиатро Содиқбой бо хушӣ гирифт. Лекин гуфт, ки духтарам ҳанӯз ҷавон аст, ягон сол сабр кардан лозим меояд. Бо ҳамин – на сих месӯзад, на кабоб!

ҚОРИСАЛИМ,. Ин маслиҳати ту оқилона аст! *(Аз бағалаш читро бароварда, ба Махсум дароз мекунад).* Ана, инро гиру, албатта, ба соҳибаш супор, ки ман хотирҷамъ бимонам ва гӯй, ки хомӯш бошад, ба касе налаққад.

САФАРМАХСУМ. Бисёр хуб, ҷонам қатӣ! Хайр, Қорисалим (*Меравад*).

НАМОИШИ СЕВУМ

1.

Шомгоҳон. Роҳи деҳа. Аз дамгаҳи деҳа садои гову гӯсола, бузу бузғола, овози кӯдакон, ки ҳӯйт-ҳӯйт гуфта, молҳои худро ҷеғ мезананд, ба гӯш мерасад. Баъди чанде ин овозҳо басанда шуда, дар фазои деҳа навоҳои чаҳорқарси дойиразанӣ ва сурудхонии духтарон танин меандозанд:

Эй, мӯниси дил, дӯш ту меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба ҷон буд, ту ҷонони кӣ будӣ?
Маст аз маи ишқат ману бо ғайр задӣ ҷом,
Ранҷури ту ман будаму дармони кӣ будӣ?
Бурдӣ ту қарор аз ману ороми кӣ гаштӣ?
Мурдам зи фироқи ту, бигӯ, ҷони кӣ будӣ?

Сафармахсум ба саҳна ворид мешавад. Вай муддате ба овози дойиразанӣ ва сурудхонии духтарон гӯш медиҳад.

САФАРМАХСУМ. Овоз аз хонаи Содиқбой меояд. Духтарон гирди гулхан ҷамъ омада, ба дойиразанӣ, сурудхонӣ ва шӯхию бозӣ машғуланд. Ҳо, ана Сабринисои ман ба рақс даромад. Баҳ-

https://bikhon.tj/

бахӯ, аз қаду қоматат гардам, ҷони ширин. Табассуми ту маро гоҳе мекушад, гоҳе мегудозад, гоҳе ҷон мебахшад! (*Ба осмон нигариста месарояд*).

Сабрам ба фано рафту куҷоӣ ту, куҷоӣ?
Оҳам ба ҳаво рафту наоӣ ту, наоӣ.
Ман ҷисми туям, ҷисми туям, ҷисми туям ман,
Ҷонӣ ту маро, ҷониву сад ҳайф, ҷудоӣ.
Дар ҳусн надидам ба ту монанд ба олам,
Афсӯс, сад афсӯс, ки бемеҳру вафоӣ.
Рақсидани ту бинаму дар рақс биоям,
Андеша кунам, ки ту, магар боди сабоӣ.
Ҷамъе ҳама шайдои ту бошад, на фақат ман,
Меболам аз оне, ки ту ҳамсояи моӣ.
Бесабрию бетоқатият дидаю гоҳо
Бовар накунам, ин ки ту худ Сабринисоӣ…

Худоё, Худовандо, ба коргоҳи ту кордон шудан гуноҳ аст, лекин ту ки тавонистӣ Сабринисо барин духтари малоиксифат ва паричеҳраро офарӣ, чаро ба падари вай ин қадар хислатҳои ғайриинсониро додӣ? Чаро ин фариштаро, вай шайтон. Чаро ин парӣ, вай дев? Чаро ин ҷон, вай аҷал? Чаро ин тимсоли накӯӣ, вай намуди бадӣ?! Чаро? Чаро? Ва боз чароҳои дигар? Барои чӣ? Барои чӣ маро ин қадар бенаво ва бадбахт офаридию дониста, меҳри ин моҳи хубонро ба дили ман ҷо кардӣ? Охир, мани бадбахт бо ин тани бечиз ва бенаво, ин дили пурдарду ишқзадаро чӣ кор мекунам?

Чаро дунё ҳамин тавр, ба табъи дили мардум сохта нашудааст. Охир, одамҳо метавонанд ҳама ба ҳузур, беташвиш ва бегаму ғусса зиндагӣ ба сар баранд! Замини Худо васеъ, ба ҳама мерасад, фақат андак аракӣ пешонӣ рехта, меҳнат кунӣ, ҳосили фаровон ҷамъ меоварӣ, гову гӯсфанддор мешавӣ, хонаю ҷойро соҳиб мегардӣ, зану бачат бароҳат умр мебинанд. Аммо афсӯс, Худо ҳамаро як хел: меҳнатӣ халқ накардааст, касоне ҳастанд, ки тамоми дунё ба комашон равад ҳам, боз кам мегӯянд, бефасоду фитна, бечангу ҷидол рӯз гузаронда наметавонанд. Яке бар дигаре зулм мекунад, яке фиреб дода, ҳаққи дигариро мехӯрад, яке моли мардумро зӯран мегирад, дигарӣ бо дуздӣ умр ба сар мебарад… Агар ман қудрате медоштам, ноҳақию беинсофиро аз

https://bikhon.tj/

рӯи дунё ба нестӣ мебурдам, дасти бечорагонро мегирифтам, сари ятимонро сила мекардам, ба бенавоён ва дармондагон мадад мерасондам. Вале чӣ чора созам, ки ман ҳам бандаи Худо ҳастам, аз дастам ба ғайр аз меҳнати ҳалол ва гоҳо шӯхӣ карда, мардумро хандондан дигар коре намеояд. Хайрият, Худо ба ман андаке тамиз ва ҳушёрӣ додааст, набошад, хоҳару додарам аз гушнагӣ мемурданд. Хайр, кӣ медонад, шояд мӯъҷизае рух диҳаду ман соҳиби қудрат ва тавон гардам. Дунё ҷои умед аст, ноумед шайтон аст, мегӯянд.

Эй, дил, сабур бошу махӯр ғам, ки оқибат,
К-ин шом субҳ гардаду ин шаб саҳар шавад.

Сафармахсум оҳи чуқуре кашида, мехоҳад аз ҷой бархезад. Ин дам дар паҳлӯяш овози ғафсе баланд мегардаду Ҳаннон пайдо мешавад.

ҲАННОН. Ҳа, чӣ шуд? Ҳамин қадар базми хосагӣ дар пеши чашмат бошаду боз оҳ мекашӣ?

САФАРМАХСУМ (*як қад паррида*). Эй, намуре, шайтон! Заҳракаф кардӣ (*Ба гиребонаш туф-туф карда*).

ҲАННОН. Ҷав хӯрда наметавонию худро хар метарошӣ. Ошиқи дилсӯхтаро аз хас чӣ бок?

САФАРМАХСУМ. Ҳарду аспро дар як ҷо бандand, ҳамранг нашаванд ҳам, ҳамфеълӣ насибашон мегардад. Азбаски бо ту ҳамнишаст шудем, далерию нотарсиро аз ҳастиям бардоштand.

ҲАННОН. Мегӯянд, ки дар қишлоқ аз ман далертар касе нест.

САФАРМАХСУМ. Бале. Мегӯянд, ки хирс дар кӯҳу беша худро Бӯалӣ медонистааст.

ҲАННОН. Овози маро ҳам таъриф мекунанд (*Қасдан*). Агар ғазал хонам, дили санг об мешавад.

САФАРМАХСУМ. Бале, дар хуми холӣ садо зиёдтар меғунҷад.

ҲАННОН. «Бо ту баробарзанӣ мекунам» гуфтагӣ одам, калла надорад.

САФАРМАХСУМ. Хуш, китф надорад, монанди ту. Исто, ки дар ин ҷо будани маро аз куҷо бӯ гирифта омадӣ?

ҲАННОН. Бӯйи Махсум аз як фарсах мерасад, мегӯянд.

САФАРМАХСУМ Э, нее, ба ростӣ мегӯйӣ?

https://bikhon.tj/

ҲАННОН. Ба ростӣ. Ман ҳам дойрахабар шуда, ба тамошо баромада будам, туро дида мондам.

САФАРМАҲСУМ. Майлаш, тамошо кун, чӣ қадаре хоҳӣ, лекин аз Сабринисо чашм пӯшон…

ҲАННОН. Аз ман ҳам рашк мекунӣ?

САФАРМАҲСУМ. Аз ту ҳам.

ҲАННОН. Набошад, чӣ азоб мекашӣ? Тӯй куну ба хонаат гирифта биёр.

САФАРМАҲСУМ (*фикр карда*). Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад… Содиқбой ба мани камбағал духтар он тараф истад, сагашро ҳам намедиҳад. Ин як. Агар хайр гӯяд ҳам, ба талаботи вай ман ҷавоб дода наметавонам. Ин ду. Баъд худи духтар маро меписандад ё не. Ин се. Бинобар он, оҳ мекашаму ба болои теппа баромада, аз дур менигарам.

ҲАННОН. Ягон илоҷ ёфта, ба духтар наздик шудан лозим меояд.

САФАРМАҲСУМ. Дуруст мегӯӣ. Пеш аз ҳама дили духтарро ёфтан лозим. Баъд худаш медонад. Хайр, биё, меравем.

ҲАННОН. Ба куҷо?

САФАРМАҲСУМ. Худам ҳам намедонам.

ҲАННОН. Аввал якта шавад.

САФАРМАҲСУМ (нафаҳмида). Чӣ шавад?

ҲАННОН. Аз ҳамон қоғазпечаш.

САФАРМАҲСУМ. Қоғазпечаш чӣ?

ҲАННОН. Худатро гӯлу гумроҳ нишон нате. Ягон фалакиаш шавад, мегӯям.

САФАРМАҲСУМ. Ҳа, фаҳмидам. Бузро ғами ҷону қассобро ғами чарбу.

ҲАННОН. Ҳоло ҳеҷ кас ба гулӯи ту корд намондааст. Барои ҳамин ин қадар нанол. Ман туро бояд ба як ҷои нағз барам.

САФАРМАҲСУМ. Хайр, чӣ илоҷ. Барои Сабринисо аз осмон ситора биёр гӯӣ, меорам (*Месарояд*).

Гашт дил волаву шайдои ту, майлаш-дияе,
Рехт хунам ба таманнои ту, майлаш-дияе,
Падарат воқиф агар гашт, набошад боке,
Рафт ин ҳол ба болои ту, майлаш-дияе,
Нағз шуд, аз сари кӯи ту ҷудо монд рақиб,
Ҷигараш рехт зи савдои ту, майлаш-дияе.

https://bikhon.tj/

ҲАННОН. Овози хуб дорӣ, Махсум, лекин бисёр хоксорӣ.

САФАРМАХСУМ. Ҳунарам бисёру лекин қадрамро медонистагӣ кам. Замони мо аҷоиб замон, ки бисёр вақт ҳунаратро намепурсанду падаратро мепурсанд. Ту агар писари бой ҳастӣ, писари амалдорӣ, сари кал дорӣ агар… хӯше, хӯше, ба ман чӣ ҷин зад, китфат ногуфтанӣ бошад, ҳам обрӯйнокӣ, ба ту ҳар кас духтарашро пешкаш мекунад. Лекин агар ман барин писари марди бенавоӣ, ба болокорӣ китфат ногуфтанӣ бошад, тамом агар ҳазор ҳунар дорӣ, боз номи ту Махсуми «вай»! Аммо дили зормонда ба ин гапҳо бовар надорад, месӯзаду метападу дидори ёр мехоҳад.

Зи бехудӣ талаби ёр мекунад, Ҳофиз,
Чу муфлисе, ки талабгори ганҷи Қорун аст!

ҲАННОН. Бисёр маъюс ва ноумед нашав, ҷӯра. Дунё ҷои умед аст, мегӯянд. Боз мегӯяд, ки камзӯрон агар даст ба ҳам диҳанд, албатта ғолиб мебароянд. Ту муфлису бенаво будан қатӣ бе ёру дӯст нестӣ-ку. Ғам нахӯр, ки ёронат ҳастанд, дасти мадади онҳо ҳамеша сӯят дароз аст.

САФАРМАХСУМ. Раҳмат ба ту, дӯстам!

ҲАННОН. Медонӣ-чӣ, ба хонаи Содиқбой хостгор фиристодан лозим.

САФАРМАХСУМ. Ин коро кӣ ба уҳда мегирад?

ҲАННОН. Ману тағоям усто Шокир. Вай обрӯ дорад… Меравему гапро наёзонда, тӯй карда, духтарро ба хонаат мебиёрем, тамом, вассалом!

САФАРМАХСУМ (*хандида*). Хаёли хом. Нодораму бенавоям, намедонам чӣ тадбир андешам!

ҲАННОН. Аз нодорамӣ нанол, ҷӯра. Худ ишқ як боигарии калон аст. Инро ба ҳар кас намедиҳанд. Содиқбой бо ҳамаи давлату ҳашаматаш чун ту бой нест, вай гадост! Чунки аз давлати ишқ маҳрум, чӯби хушк аст. Хӯш, дар бораи хонадор шудани ту чӣ гӯям? Албатта, дасти расо медоштию ба висоли маҳбубаат мерасидӣ, бисёр кори хуб меанҷомид. Ба сағираҳои ту як модаршаванда зарур. Дар бораи тӯй фикр накунӣ ҳам, мешавад. Хароҷоти тӯйро худамон ба миён мебарорем. Агар ҳамаи камбағалҳои қишлоқ ҷамъ шаванд, кӯҳро аз миён мебардоранд. Ле-

https://bikhon.tj/

кин Содиқбой аз он хел касон нест, ки ба мо камбағалҳо духтар диҳад. Дар ин бора ба вай гап кушодан суде надорад. Лекин шайтон ноумед, гуфтаанд. Мо коре кунем, ки гардани шайтон шиканад. Содиқбой ба домодии Сафар ризоят диҳад.

САФАРМАХСУМ. Кори мушкил, дандоншикан.

Т а в а қ қ у ф

ҲАННОН. Як роҳи дигараш ҳаст.

САФАРМАХСУМ (*сар бардошта*). Хӯш-ш…

ҲАННОН. Агар ту ба даргоҳи Содиқбой ба кор даромӣ-чӣ?

Бале, бале! Дар ин гап кӯшоише ҳаст. Чунки агар ту ба даргоҳи бой ба кор даромӣ, ба маҳбубаат қарин мешавӣ, шояд илоҷе ёфта дили ӯро ба худ моил гардонӣ. Ҳа, ин аҷаб нест. Ишқ корҳое мекунад, ки дар дигар мавридҳо ба шудани он ақли солим рост намеояд. Ишқ ба одам чун оташу оҳан аст. Оҳанро ба кӯраи оташ андохта гудозанд, ба пӯлод табдил меёбад, одам ҳам дар кӯраи ишқ чунон пухта мешавад, ки номумкинро имконпазир мегардонад.

САФАРМАХСУМ. Агар ту ҳаминро маслиҳат диҳӣ, ман хизматгории Содиқбойро қабул мекунам. Чанд вақт пеш аз ин бой аз болои замини киштӣ ман гузашта, гуфта буд, ки ба хизмати вай равам, лекин он вақт ризоят надодам… Ҳеҷ кас ба сари озодӣ, э хӯш, китфи озоди худ қайди ғуломиро намеандозад. Акнун майлаш, дар роҳи ишқ ба хизматгорӣ меравам, шояд ба мақсад расам.

ҲАННОН. Агар хоҳӣ, ман восита шавам.

САФАРМАХСУМ. Не, худам равам ҳам, кифоят. Содиқбой ҳозир ба саис муҳтоҷ аст. Асппарварӣ каму беш аз дастам меояд.

ҲАННОН. Хайр, илоҳӣ, Худо кушоиши коратро диҳад. Омин! (*Даст ба рӯй мекашанд*).

П а р д а

https://bikhon.tj/

ҚИСМИ ДУВУМ

НАМОИШИ ЧОРУМ

1.

Ҳавлии Содиқбой. Сафармахсум вақте ба ҳавлӣ медарояд, ки Содиқбой ким-киро ҳақорат дода истодааст.

СОДИҚБОЙ. Узангуи аз бозор харидагии худро дидӣ, нодон! Вазнаш қариби панҷ санг меояд. Боз дағалӣ ва носӯфтагии онро намебинӣ! Одам кӯр бошад ҳам, ин хел чизро намехарад. Бедарак нагуфтаанд, ки кӯр ба бозор наравад, кал ба ҳаммом!

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш. Китф гӯед, бойамак, китф ба ҳаммом наравад, гӯед.

СОДИҚБОЙ (*ҳайрон ба рӯи Махсум нигариста*). Ҳа, ту-мӣ, Махсум? Ҳоло ҳам ширинкориат тамом нашудааст-да?!

САФАРМАХСУМ. Китфатон дард набинад, бойамак. Одами нодорам беғаму ширинкор мешавад. Бузе надорам дар рама, не ғам дорам, не ғамхона. Ана, баъд, бойамак, агар махсумии ман намешуд, кайҳо рутбаи мударрисӣ насибам мегашт. Махсум, ки ҳастам, ширинкорӣ худаш таровида мебарояд, асал барин!

СОДИҚБОЙ. Ӯҳ нобобе. Аз асал ихлосамро монондӣ. Хайр, ту гӯй, канӣ ин узангу чӣ тавр?

САФАРМАХСУМ (*узангуро аз назар гузаронида*). Не, бо ин узангу пои шумо азоб мекашад, паҳлӯи асп ярадор мешавад, ҳатто дасти саис ҳам аз доштани он обила пайдо мекунад. Ман дар хона як ҷуфт узангуи нағз дорам, аз аспи падарам мерос монда, агар хайр гӯед, оварда ба ҷои ин узангу мегузаронам.

СОДИҚБОЙ (*бо шубҳа*). Канӣ, аввал биёр, бинем, нархашро фаҳмам.

САФАРМАХСУМ. Аз хусуси нархаш ташвиш накашед. Ҳарчи ки марҳамат кунед, ихтиёратон (*Бо табассум*). Хӯрдан қатӣ чӣ шудем, ки аз лесидан чизе расад.

СОДИҚБОЙ. Ҳо, боракаллоҳ! Ман, ана, ҳамин хел одамҳоро дӯст медорам. Майлаш, узангуро биёр, бинам канӣ аз аспи падарат ба ту чӣ мерос мондааст? (*Махсум рафтанӣ мешавад*). Дарвоқеъ, исто, ки худат омада, аспҳои маро бонӣ кунӣ, чӣ мешавад? Ҳӯ, дар хотир дорӣ, як бор ҳам ман чаққонӣ ва ҳушёрии туро дида, ҳамин таклифро карда будам.

САФАРМАХСУМ (*хурсанд шуда*). Дар ҳақиқат, бой-амак,

https://bikhon.tj/

агар аспҳои шумо дар дасти ман бошанд, шери маст барин тарбия меёфтанд.

СОДИҚБОЙ. Хайр, чӣ фикр мекунӣ? Биё, аз худи ҳамин рӯз ба кор даро. Худата розӣ мекунам, писарам барин мегардӣ. Меҳмонҳои омадагиро механдонӣ, ман ҳам камтар осуда мешавам. Чӣ гуфтӣ?

САФАРМАХСУМ (*каме фикр карда*). Надонам, ман ба шумо маъқул мешавам, ё не? Охир, ман баъзе одатҳои бад ҳам дорам.

СОДИҚБОЙ. Одати бад? Яъне, ман нафаҳмидам-ку?

САФАРМАХСУМ. Ман се одати бад дорам, бой-амак. Аввалаш ҳамин ки намехоҳам аз барои ман шуда каси дигарро аз кор ронанд ва аз як лаб нонаш маҳрум гардад.

СОДИҚБОЙ. Ин одати бад не. Майлаш, ин сакалту ҳам ба ту ёрӣ дода гаштан мегирад. Намеронам аз кор. Баъд чӣ?

САФАРМАХСУМ. Баъд, агар ба ягон ҷо ба кор дароям, ҷонамро дареғ намедорам, хизмати ҳамаро карда, худамро бегона наметарошам.

СОДИҚБОЙ. Ин ҳам одати хуб. Дар хонадони мо ту одами худӣ мешавӣ. Охир, худораҳматӣ, падарат ҳам қадрдони мо буд, ба даргоҳи амакам хизмат мекард, аз уҳдаи гӯру чӯбаш худам баромадам, ҳамеша ба арвоҳаш фотиҳа мехонам. Аз ин ҷиҳат ҳам бемалол. Хӯш, баъд чӣ?

САФАРМАХСУМ. Сеюмаш, номи ногуфтаниро, ки ба забон меоред, лафзи «хуш»-ро аз ман мешунавед ва пешхезӣ карда, «китф гӯед», мегӯям.

СОДИҚБОЙ. Инаш ҳам нағз. Ман набошад, ҳаракат мекунам, ки дар назди ту кал…

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш!

СОДИҚБОЙ. Ҳа, воқеан, китф. Дар назди ту «китф» гуфта, гап мезанем, ё ки номи ногуфтаниро ба забон намегирем. Агар меҳмонҳои меомадагӣ ба забон биёранд, он вақт худат «хӯш» гуфтан мегирӣ. Боз чӣ шарт дорӣ?

САФАРМАХСУМ. Ман чӣ шарт медоштам? Худатон барои ман вазифаи падариро ба уҳда гиред, китфама гоҳе сила карда монед, кифоят дорад. Дигар хизмати даруну беруни ҳавлӣ азони ман. Насиб кунад, аз ман розӣ мешавед.

СОДИҚБОЙ. Майлаш, набошад рафта, узангуро биёру сар кун корро! Аввалан, аспҳоро қашаву ҷорӯб, баъд ба ҳавлӣ нигоҳ

https://bikhon.tj/

кун, агар ба ҳавлии дарун ҳезум даркор шавад, дар вақташ чӯбу чахсро шикаста, ҷо ба ҷо мегузорӣ.

САФАРМАХСУМ. Хуб шудааст, бой-амак! (*Хизматгорро фарёд карда*). Ҳой, ту бача, сатилу ҷорӯбро гиру таги пои аспҳоро тоза бирӯб. Ман, ки баргаштам, ба қашаву ҷорӯб сар мекунам, фаҳмо! Зуд бош! (*Меравад*).

СОДИҚБОЙ (*ба хизматгор*). Ана, кора аз ин йигит ёд гир, сакалту! (*Меравад*).

2.

Сари чашма. Ҷои суҳбату бозию шӯхии духтарон. Сабринисо бо кӯза об гирифта, месарояд:

Орзупарвардаам, ёре куҷост,
Марҳами дардеву ғамхоре куҷост?
Сад ҳавас дорам ба дил, сад орзу,
Шавқбозеву гирифторе куҷост?
Мӯ ба мӯям нағмаву созу навост,
Дӯстон, хунёгару торе куҷост?
Бехаридор аст молам дар дӯкон,
Як харидореву бозоре куҷост?
Нозанинам, ноз мехоҳам кунам,
Ноз дорам, нозбардоре куҷост?
Ишқ меҷӯяд дилам, сӯзанда ишқ,
Ошиқи шӯридаву зоре куҷост?

ЗЕБОГУЛ (*омада*). Салом. Нағз ҳастӣ? Чаро камнамо ту?

САБРИНИСО. Аҳволи худат чӣ тавр?

ЗЕБОГУЛ. Шукр, шукр.

САБРИНИСО. Куҷо саросемаӣ? Биё, каме нишаста, дами беғам занем (*Ба болои тахтасанг ишора мекунад ва ҳар ду ба он ҷо мешинанд*). Шунидам, ки тӯй дорӣ? Ин гап рост?

ЗЕБОГУЛ. Надонам. Очам тараддуд дорад, мешудагист дар сари ҳамин ҳафта.

САБРИНИСО. Ту чӣ тавр хушбахт ҳастӣ, дугона! Ба шавҳар мебароӣ, шавҳарат бо ту шинос, медонӣ? Эҳтимол дӯст медорӣ? Охир, Ҳаннон ҷавони хуб аст.

ЗЕБОГУЛ. Ҳаннон? Ҷавони бад не… шармгин. Як ҳафта шуд, ки ҳеҷ наменамояд, аз ман гурехта мегардад.

https://bikhon.tj/

САБРИНИСО. Қоида ҳамин. Очаш мегуфтагист, ки акнун вохӯрдан хуб не. Дар шаби тӯй ҳамдигарро ба серӣ мебинед!

ЗЕБОГУЛ (*якбора*). Не, мо ҳеҷ гоҳ аз ҳамдигар сер намешавем. Ҳаннон-акам ба дил мезадагӣ не. Ҳамеша механдад, ё табассум мекунад, дутор мезанаду ашӯла мехонад, гоҳе қисса мегӯяд, гоҳ ба шӯхӣ мепечонад гапро, бо хурсандист доим суҳбаташ ва намемонад, ки кас аз вай дил биканад.

САБРИНИСО. Лекин одами камбағал ва нодорам мегӯянд. Ҳамеша меҳнат мекунад, нонашро базӯр ёфта мехӯрад. Бинобар он, ту ки ба хонадони онҳо рафтӣ, сар аз меҳнат намебардоштагистӣ?

ЗЕБОГУЛ. Хайр чӣ, ман аз кору меҳнат метарсам? Ҳаргиз. Мо бо вай ҳамкасб, кори ҳамдигарро медонем. Аз як даст ду даст беҳтар аст. Насиб бошад, рӯзгорамон ба подшоҳӣ мегузарад. Гап ҳамин ки илоҳӣ ба хонадони дилхоҳат афтӣ, он тарафаш осон.

САБРИНИСО. Рост.

ЗЕБОГУЛ (*банохост*). Акаи Сафар ин вақтҳо дар ҳавлии шумо хизмат мекунад-а?

САБРИНИСО (*беқарор шуда*). Ҳа, дар ҳавлии мо.

ЗЕБОГУЛ. Сафар-ака ҳам одами нағз. Ман он касро аз акаи худам ҳам зиёдтар дӯст медорам. Ҳам бо ақлу ҳуш, ҳам хандону шӯх, ҳам чақҷону кордон ва ҳамакора. Як камбудии он кас нодорамӣ, камбағалӣ, дигар ҳеҷ айбе надорад.

САБРИНИСО. Одами нағз… (*парешонхотирона*). Ту аз куҷо медонӣ? Ба ту хеш мешавад?

ЗЕБОГУЛ. Не, хеш не. Ҳамсоя мешавем-ку, намедонӣ магар? Баъд, Сафар-акам бо Ҳаннон ҷӯраи ҷонӣ, ҳамеша ҳамроҳ мегарданд. Агар он кас давлат медоштанд, духтари Мири Чучқаро харидорӣ мекарданд. Афсӯс, ки камбағал, нодорам. Ба ростӣ, ки Сабринисо ба ту гӯям: агар шавҳари нағз мехоста бошӣ, аз Сафар-ака нағзтараша намеёбӣ. Лекин шумоҳо одамони бадавлат, Сафар-акам бедавлат… хизматгор.

САБРИНИСО. Отам Сафар-акаатро дӯст медоранд, бо вай ҳамеша маслиҳат мекунанд, ба суҳбати меҳмонҳо медароранд ӯро, ҳатто гуфтанд, ки ба ҳавлии дарун даромада, хизмат карда гардад ҳам, майлаш, вай аз они худӣ.

ЗЕБОГУЛ. Кошкӣ ягон фаришта ба дили бойбобом раҳм ан-

https://bikhon.tj/

дозаду он кас ҳамин акаи Сафарро ба худашон домод гиранд. Ҳам ту хушбахт мешудӣ, ҳам Сафар-ака. Ба ростӣ, ки ҳар дуятон тӯтию қумрӣ барин…

САБРИНИСО. Ин тавр нагӯй, Зебогул. Дадам нохост фаҳмида монанд, нағз намешавад. Баъд ба Сафар-ака ҳам хуб не, он касро меронанд аз хона.

ЗЕБОГУЛ. Не, ман девона нестам, ки ин гапро ба касе гӯям. Ин гап миёни ҳардуямон мемонад. Лекин ҳаминро дон, ки Сафар-ака… бисёр одами нағз. Дугона, ҳамин рӯзҳо тӯй шудани худамро дониста, дилам гум мезанад. Ҳам хурсанд мешавам, ҳам метарсам. Чӣ хел мешуда бошад? Шавҳар, хона, рӯзғор.. баъд, баъд, бача! (*Ҳарду қиқиррос зада, механданд*).

САБРИНИСО. Номи писаратро Сафар мон!

ЗЕБОГУЛ. Ту номи духтаратро Нозгул мон! Чунки нози ту бисёр.

САБРИНИСО. Нозбардор надорам.

ЗЕБОГУЛ. Агар хоҳӣ, нозбардор ёфт мешавад. Он қадар дур не. *(Аз дарун овози модари Сабринисо шунида мешавад, ки ӯро ба наздаш мехонад).*

САБРИНИСО. Хайр, ба ҳавлии мо биё. То худат омада хабар накунӣ, ба тӯят намеравам.

ЗЕБОГУЛ. Ҷонам қатӣ. Хайр, ба акаи Сафар салом гӯй. Аз вай бохабар бош, одами нағз вай! (*Сабринисо бо табассум сар ҷунбонда, кӯзаи обро сари китф бардошта меравад*)

3.

Хонаи Содиқбой. Сабринисо болои суфа, рӯи кӯрпачаҳои шоҳӣ нишаста, ба ойинае, ки такяаш болишт аст, нигоҳкунон мӯяшро шона мезанад. Суруд мехонад.

Дилдор маро гуфт: чаро ғамгинӣ?
Дар қайди кадом дилбараки ширинӣ?
Барҷастаму ойина ба дасташ додам,
Гуфтам, ки дар ойина киро мебинӣ?
Ёр аз ҳама шеваҳои дунёӣ беҳ,
Ёр аз падару модари биноӣ беҳ,
Ёре, ки накард ақидаи меҳру вафо,
Бисёр ғамаш махӯр, ки танҳоӣ беҳ!

https://bikhon.tj/

(*Аз сурудхонӣ бозистода, ба хонаи берун нигариста*). Оча, ҳо, оча!

ОВОЗИ МОДАР. Лаббай, ҷони оча!

САБРИНИСО. Якта афсона гӯй. Дилам афсона шунидан мехоҳад.

МОДАР (*даромада*). Оҳҳо, дилакат дигар чиз намехоҳад?

САБРИНИСО. Не, очаҷон. Афсона, танҳо афсона, афсонаи ширин мехоҳад.

МОДАР. Ман куҷою афсонагӯӣ куҷо?

САБРИНИСО. Худатон надонед, ягон касро киро кунед будда.

МОДАР (*рамуз гирифта*). Баромада, Сафарро ҷеғ занам? Вай чунон афсонаҳоеро медонад, ки ақли кас ҳайрон мемонад.

САБРИНИСО (*хурсанд шуда*). Майлаш, очаҷон, ҷеғ занед.

МОДАР. Ман ҳозир, Сафар, ҳо, Сафарҷон!

ОВОЗИ МАХСУМ. Лаббай, холаҷон!

МОДАР. Биё, як пиёла чой нӯшу аз афсонаҳои ғалатию аҷоиби худат барои мо бигӯй. (*Ду даст пеши бар гирифта, таъзим карда, Махсум ба хона дохил мешавад ва дар як гӯшаи суфа ба рӯи қолин мешинад. Лаҳзае чашмони вай ба ҷониби Сабринисо дӯхта мешаванд. Сабринисо шармида, нигоҳашро мегурезонад).*

САФАРМАХСУМ. Ба хизмат тайёрам. Чӣ ҳикоят кунам?

МОДАР. Ягон ҳикоят ва ё қиссаи механдидагиро гӯй. Шояд духтарам камтар хандаду хурсанд шавад. Намедонам, барои чӣ, баъд аз пешин боз табъаш гирифтагӣ.

САФАРМАХСУМ. Агар ҳикоя ва қиссаҳои ман мегуфтагӣ боиси кушоиши табъи бойдухтар гарданд, дар дунё аз ман хушбахттар қиссагӯйро намеёбед.

МОДАР. Хайр, шуд, бисёр гапа кашол накуну қиссаро гӯй.

САБРИНИСО. Саросема накунед, оча. Боз гапашона аз ёд набароранд. *(Як лаҳза хомӯшӣ. Махсум нафас рост карда, худро ба даст гирифта ба нақл мепардозанд).*

САФАРМАХСУМ. Қиссаи ман имшаб мегуфтагӣ номи аҷиб дорад: ровӣ онро «Номам дар полиз» номидааст. Ҳайрон нашавед, хола, маълум, ки номи касро дар полиз ҳам меёфтаанд. Хуш, ки бошад: буд-набуд, будгор буд, замин набуд, шудгор буд, як калаки… э, хуше, хуше. Як китфаки айёраку, туқумакаш тайёр буд. Ҳа, хола, механдед, қиқирос мезанед, медонед, ки бе-

https://bikhon.tj/

чора «китф»-ро пештар ҳамин тавр масхара мекарданд, лекин дар ҳақиқат ин нодуруст аст. Ана, масалан: ман кадом вақт ба ош хӯрдан – ҳушёру ба кор кардан бемор будам?

МОДАР. Не, не! *(Базӯр хандаашро боздошта).* Ман ба «китф» гуфтанат механдам. Охир, майлаш, кал гӯ, чӣ мешавад? Як калаки…

САФАРМАХСУМ. Хӯш, хӯш, хӯш, хола! Ин тавр нагӯед, китф гӯед, китф!

МОДАР. Хайр, майлаш, китф гуфтан гир!

САФАРМАХСУМ. Ба ош хӯрдан тайёр буд, ба кор кардан бемор... Як коса дӯғ буд, ҳамааш дурӯғ буд. Лекин ин қиссаи ман мегуфтагӣ дурӯғ не, ин воқеъаи воқеан аз китф гузаштагӣ. Хӯш, ки бошад, чӣ мегӯед, ки дар қишлоқе аз қишлоқҳои вилояти Ҳисор домуллоимоме будааст, ки ӯро Мулло Карам меномидаанд. Саллаи калон, риши дароз, тасбеҳи саду як дона, ҷомаи малла, зани ҷавон ва ҳавлию хона… ҳама чиз, ҳатто каллаи борику дароз ҳам доштааст мулло, лекин фақат – майнаю андеша дар ӯ намерасидаанд. Бинобар он, ному овозаи ӯ дар фаромӯшхотирӣ машҳури ҷаҳон мегардад. Ана, чӣ мегӯед, ки ҷони ман, холаи ширин, рӯзе роҳгузаре аз назди масҷиди қишлоқ гузашта мебинад: дар болои манора сӯфӣ аз рӯи коғаз матнро хонда, азон мегӯяд. Инро дида, марди роҳгузар ҳайрон мешавад ва ба сӯфӣ рӯй меорад. *(Тарафи чапи саҳна равшан мешавад).*

РОҲГУЗАР. Шуморо ба қишлоқи Искич ба тӯй мехонем. Агар ҳамин бегоҳ худатон омада, хутбаи никоҳро нахонед, тӯйи мо вайрон мешавад.

МУЛЛОКАРАМ. Хуб шудааст, албатта меравам *(Як кунҷи дигари саҳна равшан мешавад. Хонаи Муллокарам. Зани ҷавон тараддуди ошпазӣ дорад. Мулло медарояд).* Ҳа, занакҷон, чӣ тараддуд дорӣ?

ЗАН. Бароятон ҳиндупалав пазам, мегӯям.

МУЛЛОКАРАМ. Не, ҳиндупалава дигар рӯз мехӯрем. Ин бегоҳ ҳеҷ чиз напаз. Ман ба тӯй меравам. Барои худат ягон явғонӣ пухта, хӯр. Шояд ман бевақттар баргардам. Ту дарвозаро аз дарун баста, хотирҷамъ бихоб.

ЗАН *(бо карашма).* Агар касе омада, дарвозаро тақ-тақ занад, ман чӣ ҷавоб диҳам?

МУЛЛОКАРАМ. Чӣ ҷавоб медиҳӣ? *(Фикр карда, ба коғаз*

https://bikhon.tj/

даст мебарад ва ҷавоби муносиберо ёфта, мегӯяд). То номашро нагӯяд, то одами шинос будани ӯро надонӣ, дарвозаро накушо.

ЗАН. Агар сӯфӣ биёяду гӯяд, ки ман сӯфӣ ҳастам, дарро кушоед, оши худоӣ овардам, баъд чӣ кор кунам?

МУЛЛОКАРАМ *(Аз рӯи коғаз хонда).* Накушо, то номашро нагӯяд, ба ҳеҷ кас дарвозаро накушо.

ЗАН. Агар додаратон омада гӯяд, ки ман додаршӯи ту ҳастам?

МУЛЛОКАРАМ. Накушо, то номашро нагӯяд, ба ҳеҷ кас дарвозаро накушо.

ЗАН. Бисёр хуб *(Вай аз таҳти дил хурсанд шуда, шавҳарашро то беруни дар мегуселонад. Саҳна торик ва боз равшан мешавад).*

САФАРМАХСУМ. Муллокарам ҳанӯз ба тӯйхона нарасида, ба ҳавлӣ – ба назди занаш хушдори ӯ меояд. Занак оши палавро пухта кайф карда, бо хушдораш мехӯрад ва ба айшу ишрат мегузарад. Лекин дар айни гармии ишрати онҳо Муллокарам аз тӯй баргашта меояду дарвозаро тақ-тақ мезанад. Чун ошиқи бадбахт мефаҳмад, ки шавҳари занак омад, чӣ кор карданашро надониста, мехоҳад ба бом барояд. Занак ӯро сарзаниш мекунад барои тарсӯияш. *(Саҳна торик, боз ҳамон хонаи домулло дар рӯбарӯ менамояд).*

ЗАН. Нимта дил доштеду боз ишқ меварзед. Натарсида, осуда шинед ва ба гуфтугӯи мо гӯш андозед *(Инро гуфта, занак ба паси дарвоза омада мепурсад).* Кист?

МУЛЛОКАРАМ. Ман шавҳарат.

ЗАН. Номатон чист?

МУЛЛОКАРАМ *(Зуд ҷайбашро кофта, коғазро бароварда, тагурӯ мегардонад, мутаассифона, дар он ҷо номи худро намеёбад, ҳайрон, намедонад чӣ кор кунад).* Ман шавҳарат. Номамро дар ёд надорам. Сабил монад, чӣ буд, ҳеҷ ба ёд оварда наметавонам. Ту худат медонӣ, ман шавҳарат, зудтар дарвозаро кушо!

ЗАН. Не! Номаъқула нонаша, қурбоқая ронаша хӯрдед. Ман девона нашудаам, ки аз гуфтаи шавҳари бузургворам берун бароям. То номатонро нагӯед, ҳар кас бошед ҳам, дарвозаро намекушоям.

МУЛЛОКАРАМ. Номи маро худат медонӣ. Охир, номи ман дар полиз мешавад, чӣ буд, ки сабил ба ёдам намеояд.

https://bikhon.tj/

ЗАН (*сахт карда*). Э, мардак! Ман чӣ донам, ки ту кистию номат чист? Агар фаромӯш карда бошӣ, ба хотир биёр, бисмилло, ки ман фармони шавҳарамро ду тақсим намесозам.

МУЛЛОКАРАМ. Эй, балота гирам (*Ба зорӣ даромада*). Охир, гуфтам-ку, номи ман дар полиз мешавад, дар полиз. Наход бо ҳамон ақли расо ҳамина надонӣ.

ЗАН. Дар полиз чӣ мешавад? Харбуза мешавад, бодиринг, каду ва боз бисёр сабзавоти дигар.

МУЛЛОКАРАМ. Не, не! Харбузаю бодиринг не, ман аз он хел чизҳо нестам, сабзавотро бин, ман аз сабзавотам, аз сабзавот!.. Ҳу ба шӯрбо меандозанд-ку.

ЗАН. Ҳа, фаҳмидам, сабзӣ мешавӣ?

МУЛЛОКАРАМ. Не, сабзӣ не, он тарафтар рав, боз камтар ба пеш!

ЗАН. Онсӯтар чӣ мешуд? Пиёз-да!

МУЛЛОКАРАМ. Не, пиёз ҳам не, аз вай ҳам онсӯтар, ба тарафи ҷӯ бирав, медонӣ, ба тарафи ҷӯй.

ЗАН. Ҳа, шуд, шуд, набошад кашнич будаӣ? Лекин номи шавҳари ман кашнич набуд!

МУЛЛОКАРАМ. Не кашнич ҳам не, магар одамро кашнич ҳам ном мемонанд? Ту бисёр дур рафтӣ, боз инсӯтар биё!

ЗАН. Аз кашнич инсӯтар қаланфур ҳаст.

МУЛЛОКАРАМ. Не, боз инсӯтар биё!

ЗАН. Боз инсӯтар лаблабу ҳаст, магар ту лаблабу ҳастӣ?

МУЛЛОКАРАМ. Э, не! Аҷаб одами нодон будаӣ! Охир, ҳамин қадар сол бо ман зиста, намедонӣ, ки номи ман аз лаблабу калонтар мешавад.

ЗАН. Ту ҳам аҷаб одами хира будаӣ (*Оташин шуда*). Дар ин бевақтии шаб омада, дари хонаи як мусулмонро кӯфта, бо фиребу найранг мехоҳӣ, ки ба хонаи ӯ даромӣ. Аз Худо наметарсӣ, аз бандагони Худо шарм намедорӣ? Ман чӣ донам, ки дар полиз аз лаблабу калонтар чӣ ҳаст?

МУЛЛОКАРАМ. Аз лаблабу калонтар мешавад номи ман, ҷон занак! (*Ба зорӣ медарояд*). Дар полиз мерӯяд, худат кошта будӣ, медонӣ, хӯрданашро дӯст медорӣ, ҳу, сари ман барин...

ЗАН. Аз лаблабу калонтар, сари ту барин, магар каду ҳастӣ?

МУЛЛОКАРАМ. Не, боз дур рафтӣ?

ЗАН. Э, номат гум шавад! Ба ҷонам расондӣ-ку. Гум шав, ки

https://bikhon.tj/

ҳаққу ҳамсояҳоя ба ёрӣ ҷеғ мезанам. Дег-деги сангӣ карда, мебарандат.

МУЛЛОКАРАМ. Гапат рост. Номи ман гум шудааст. Хайр, мон ҳамсояҳоро нофорам нагардон. Ман ба масҷид меравам (*Меравад. Зан ҷониби хушдораш нигоҳ кардаю чашмакӣ зада*). Дидӣ, чӣ хел бобаш кардам. Ту бошӣ, аз тарс қариб, ки як қира сад қир мекардӣ. Канӣ пештарам биё, зуд ба бағалам даро. (*Ба оғӯш мегирад мардро*).

Манзараи саҳнаи пештара.

САФАРМАХСУМ. Домулло ба масҷид рафта, шабро мегузаронад. Аввали пагоҳ намозхонҳо омада, намоз мехонанду баъд яке аз онҳо ба имом муроҷиат мекунад: «Имрӯз як фотиҳа диҳед, тақсир. Як ҷувол карам чида мондаам. Ҳамонро ба бозор бурда, ба нархи дурусттар фурӯшам, мегӯям». Бо шунидани ин суханҳо «Чӣ, чӣ, карам гуфтед...» ба забон меорад якбора хурсанд шуда муллоимом ва осемасар аз ҷо мехезаду ба кӯча медавад, то ба дари хонааш расидан такрор мекунад:

– Муллокарам, муллокарам.

Давида рав сӯи харам! (*Модару духтар худро дошта натавониста, хуб механданд*).

МОДАР. Э, намур ту, Сафар! Аз ханда куштӣ! Аз куҷо меёбӣ ҳамин хел қиссаҳои хандаоварро. Номаш дар полиз будааст! Тавба!

САБРИНИСО. Боз яктаи дигар шавад, Сафар-ако!

МОДАР. Шакара камаш хуб, духтарам. Барои имрӯз ҳаминаш бас. Майлаш-мӣ, Сафар?

САФАРМАХСУМ. Чизе ки шумо гӯед, холаҷон!

МОДАР. Акнун ба ту ҷавоб. Вақти хоб шуд.

САБРИНИСО. Бедарак нашавед, биёед боз.

САФАРМАХСУМ. Ба хизмати шумо ҳамеша тайёрам.

Ҳар чӣ ки ҳукм шавад,
Бо ҷон адо мекунам.
Баҳри шумо, азизон,
Ҷонро фидо мекунам.
Танҳо ишорате бас,
Дар хизмати шумо ман,
Аз дӯст як ишорат,
Аз мо ба сар давидан.

https://bikhon.tj/

МОДАР. Хуб, хуб, рав. Пагоҳ боз ҷеғат мезанем.

САФАРМАХСУМ (*таъзим кардаю ҷониби Сабринисо бо меҳр нигариста*). Хайр, хуш монед. Хобҳои ширин бинед!

САБРИНИСО. Шумо ҳам (*Сафармахсум меравад*).

НАМОИШИ ПАНҶУМ

1.

Ҳавлии Зебогулино. Садои дойра, хандаҳои ширин, шӯхиҳои нозук ва хушадо, аскиябозӣ, гапбаракбозӣ, суруд, рақс ба ҳам омезиш ёфта, ҳушу хаёли касро ба худ машғул медоранд. Маълум, ки тайёрии тӯй рафта истодааст. Духтарон дойира менавозанд, арғушт мераванд. Ду духтари шӯх аз издиҳом ҷудо шуда, пештари саҳна меоянд.

Суруди тӯёна

Тӯю тамошо муборак шавад,
Базми дилоро муборак шавад.
Чарх занед, чарх ба гирди нигор,
Айшу тарабҳо муборак шавад.

Шодӣ куну бозӣ ту, эй навҷавон,
Арӯси зебо муборак шавад.
Дар дили мо шӯр барангехта,
Ин гули раъно муборак шавад.

ДУХТАРИ 1. Зебогулҷони ман, Зебопарии ман, чӣ тавр хушбахт, ки имрӯз ба хонаи шавҳар меравад, пагоҳ зан шуда, аз хоб мехезад! Кай бошад, ки ман ҳам…

ДУХТАРИ 2. Агар зан шудан хоҳӣ, кори осон, оҳу воҳ карда нагарду домани ягон мардакро гир!

ДУХТАРИ 1. Ба шумо осон шуд, аммо ба мани бечора ҳеҷ кас назар намеандозад.

ДУХТАРИ 2. Мардак қаҳат назадааст, кӯчаҳо пур-пури йигит!

ДУХТАРИ 1. Гап-да. Дар қишлоқи мо якта йигит буд, ки онро ҳам Зебогул гирифт, дигар ҳама чигит!

ДУХТАРИ 2. Ту ҳанӯз чӣ будани йигиту чигитро намедонӣ. Ҳар як йигитҳо ҳастанд, ки ту ба дасташон об рехта наметавонӣ.

https://bikhon.tj/

ЗАНҶИРА. Якташ Сафармахсум-мӣ? (*Баробари шунидани номи Махсум Сабринисо рӯ ба ҷониби гӯянда мегардонад. Гӯянда – Занҷира талабгори Махсум буд. Вай аз ишқи ниҳонии Сафармахсум бо Сабринисо бохабар буд).*

ДУХТАРИ 1. Сафармахсум чунон йигит, ки ба сараш сад ман чигит корӣ, яктеш ҳам неш намезанад! *(Духтарон ҳама баробар механданд, Сабринисо ва Зебогул хомӯш мемонанд. Зебогул ҳис мекунад, ки духтарҳо барои аз Сабринисои мағрур қасос гирифтан ҳозир Махсумро масхара доранд).*

ДУХТАРИ 2. Ба сараш чӣ кор дорӣ? Ту ба китфу бозуяш нигар, корашро санҷ!

ЗЕБОГУЛ. Рост. Сафар-ака шоҳи йигитҳо мешавад. Лекин, Раъноҷон, ту бедарак орзуи шавҳар мекунӣ, синну соли ту ҳанӯз шавҳардориро намебардорад.

ДУХТАРИ 1. Рост. Ману Сабринисо дугонаем, ҳамсинну сол ҳастем. Лекин ҳавас дар ҷавонӣ айб не мегӯянд, бинобар он ҳам як орзу кардам-дия…

ЗАНҶИРА. Тавбаи қиморбоз дар бепулӣ… Ту ҳам, ки йигит кофта наёфтӣ, акнун шӯй чӣ даркор мегӯӣ. Сабринисо бошад, муштро дар торикӣ мезанад *(Духтарон маънии ин гапҳоро нафаҳмида бошанд ҳам, механданд).*

САБРИНИСО. Ин чӣ гуфтагет?

ЗАНҶИРА. Ин ҳамин ки Раънохони нодон худашро ба шумо баробар хонда, мо дугона, ҳамсинну сол мегӯяд ва намедонад, ки Сафармахсум хизматгори даргоҳи шумост.

САБРИНИСО. Хайр, бошад-чӣ?

ЗЕБОГУЛ. Ҳеҷ гап не. Монетон, гапҳои бемазаро. Хез, Раъно, як қомататро буҷунбон!

САБРИНИСО. Не! Мон вай гапаша зада гирад!

ЗАНҶИРА. Ман чӣ ҳам мегуфтам. Мегӯянд, ки ҳеҷ гурба бо розигӣ ва хоҳиши дил хизматгории мушонро ба уҳда намегирад! *(Духтарон баробар механданд. Сабринисо аз ғазаб ба худ мепечад).*

САБРИНИСО. Ба даҳонат нигоҳ карда, гап зан! Чӣ, кали Сафарат гурба шуду мо муш?!

ДУХТАРИ 1. Э, дугонаҷон! Ба гапҳои ин Занҷираи шаттоҳ қаҳрат набиёяд! Ту гӯё ӯро намешиносӣ. Як гӯшатро кар куну як гӯшатро дарвоза.

https://bikhon.tj/

ЗАНҶИРА. Ман шаттоҳӣ накардаам. Гапи будагия гуфтам.

САБРИНИСО. Саг ба бом ҷаста, гардаш ба мо нишаста. Ин не, вай не, ба Сафармахсум худам ошиқ шудам гӯй!

ЗАНҶИРА. Ӯӯӯ! Ҳама монда буд, ки ман ба Сафармахсум дил бандам. Ман шумо не, ки дар шаб харкурра ба назарам товус намояд!

ДУХТАРИ 2. Ӯй, Занҷира! Ту бойдухтарро мепучам гуфта, ба Сафар-ака туҳмат назан. Сафар-акаро чӣ шудааст? Гул барин йигит. Ақлу ҳунари вай дар дигарҳо бошад, тоқиашонро ба осмон мепартофтанд!

ЗАНҶИРА. Сафар-акаат ақл медошт, хизматгориро ба уҳда мегирифт?

ДУХТАРИ 1. Кӣ медонад? Шояд дар ин кораш ҳикмате бошад?

ЗАНҶИРА. Чӣ ҳикмате мешуд боз? Ошиқи беқарори Сабринисо ҳаст ӯ.

ДУХТАРИ 2. Наход? Харбузаи ширинро ҷайра мехӯрад, мегӯянд, рост аст.

САБРИНИСО *(Аз ҷой бархоста).* Сафармахсуматон ба худатон насиб кунад. Ман ба ин ҷо гапшунавӣ наомадаам. Ҳаминаш монда, ки ман ба кали шутур, ба хизматгори дари хонаам...

ДУХТАРИ 2. Ҳай, ҳай, дугона! Хафагӣ чӣ лозим. Ҳар кас ба кал як мӯй диҳад, соҳиби мӯй мешавад кал ҳам. Барои ҳамин ҳам манша?

ЗЕБОГУЛ. Сабринисо, қаҳр накун, дугона! Духтарҳо барои хандаю шӯхӣ ҳамин хел гапҳо мегӯянд. Гӯё ки намедонӣ!

ДУХТАРИ 1 *(Сабринисоро таскин дода).* Хафа нашавед, Сабринисо. Ҳазл мекунанд дугонаҳо. Агар таги гапро пурсед, Занҷираи шаттоҳ худаш ба Сафармахсум дил бастагӣ. Нашунидед магар, ки Шоҳҳоним мезояду Моҳҳоним дард мекашад.

ДУХТАРИ 2. Дугонаҳо! Дугонаҳо! Пурсиданд, ки хирс тухм мебарорад ё бача. Ҷавоб додаанд, ки аз ин думбурида ҳарчӣ гӯй, мебарояд *(Ҳама механданд).* Аз ин Занҷираи шаттоҳ ҳар чӣ гӯед, рӯй доданаш мумкин. Худаш ошиқ будаасту гуноҳро ба сари мо мепартояд.

ЗАНҶИРА. Марде, ки нон надорад, як газ забон надорад. Ман ба Сафармахсуми шумо ошиқ шуда, ба сарам мезадам ӯро. Вай ба соҳибдавлатҳо лозим, ки ҳам хандонаду ҳам…

https://bikhon.tj/

ДУХТАРИ 1. Занҷира. Бас мекунӣ ё не?!

САБРИНИСО. Агар ба одам як чиз алам кунад, хап шишта наметавонад.

ЗАНҶИРА. Ба ман аз чӣ алам мерасад? Ман дар кӯча бешавҳар намондаам, ки ба Сафармахсум часпида гирам.

САБРИНИСО. Набошад, ман дар кӯча бешавҳар мондагӣ?

ЗАНҶИРА. Кӣ медонад? Агар чизе набошад, бедарак Сафармахсумро аз кӯча кашида намегирифтед.

ДУХТАРИ 1 *(баҳсу мунозираро ҷамъбаст кардан шуда).* Ӯй, духтарҳо! Шумо бедарак ба болои Сафармахсум гапгузаронак мекунед. Вай ба ҳеҷ кадоми шумо дилбастагӣ надорад. Вай ошиқи беқарори ман буд. Ман, ки ба шавҳар баромадам, аз алам рафта, ба даргоҳи бой ба хизмат даромад.

ДУХТАРИ 2. Не, не! Сафармахсум ба ман ошиқ аст. Ҳар рӯз сӯи ман чашмпарронию гаппарронӣ кораш.

ДУХТАРИ 3. Вақте ки ман ҳастам, Сафармахсум ба ҳеҷ кадоми шумо сари мӯе эътибор намедиҳад.

ДУХТАРИ 1. Не, ин тавр намешавад. Ман як пешниҳод дорам. Худи ҳозир Сафармахсумро ёфта, ба ин ҷо мебиёрем. Бигузор худаш гӯяд: киро дӯст медорад, ба кӣ ошиқ шудааст. Ана, он вақт об мешавад ба лаби ҷӯ баробар. Ман худам ҳозир баромада, Сафармахсумро мебиёрам.

ДУХТАРИ 2. Вай дар тӯйхона наменамояд.

ДУХТАРИ 1. Ба ҳавлии бой меравам *(Меравад. Дигарон хайрон аз паси ӯ то дер вақт менигаранд).*

2.

Меҳмонхонаи Содиқбой. Вай танҳо. Чизе ба хотираш расида, Сафармахсумро ҷеғ мезанад.

СОДИҚБОЙ. Сафар! Ҳо, Сафар!

САФАРМАХСУМ (*аз берун*). Лаббай, бойбобо!

СОДИҚБОЙ. Зуд ба ин ҷо биё!

САФАРМАХСУМ. Ман ҳозир! *(Сафармахсум медарояд. Таъзим мекунад).*

СОДИҚБОЙ. Биё, писарам. Аҳволат чӣ тавр? Кору борат?

САФАРМАХСУМ. Шукр, нағз.

СОДИҚБОЙ. Имрӯз, Ҳаннон, ҷӯраат ба тӯй хабар кардааст, мегӯянд, рост аст?

https://bikhon.tj/

САФАРМАХСУМ. Ҳа, имрӯз тӯй *(Оҳ кашида).*

СОДИҚБОЙ. Бисёр нағз, бисёр нағз! *(Ришашро сила кардаю ба фикр фурӯ рафта).* Ғам нахӯр, насиб бошад, ту ҳам ба муродат мерасӣ. Худам тӯй карда медиҳам, сару бар шудан тани ман. Исто, ки Ҳаннон туро ба тӯяш хабар кард ё не?

САФАРМАХСУМ. Хабар кардан он тараф истад, бойбобо, вай сарварии тӯйро ба уҳдаи ман гузоштагӣ.

СОДИҚБОЙ. Бисёр нағз, бисёр нағз. Ман ба ту се-чор танга пул диҳам. Аз ҷониби худат ва аз ҷониби ман ба Ҳаннон супор, ки албатта, ба хароҷот пулаш камӣ мекардагист *(Махсум ҳайрон мешавад, ба гӯшаш бовар намекунад, ки Содиқбои мумсик ба Ҳаннон чойпулӣ доданро раво мебинад. Бар акси чашмдошт бой ҳамёнашро кушода, аз он се-чор тангаи нуқра ва якчанд тангаи биринҷӣ бароварда, шумурда, ба дасти Махсум медиҳад).* Инро ба дасти худи Ҳаннон супурда, гӯй, ки мо маъзур ҳастем, имрӯз ба тӯяш хизмат карда наметавонем. Ин тӯёнаи моро гирад, баъд ягон рӯз ба муборакбодӣ меравем.

САФАРМАХСУМ. Бисёр хуб шудааст. Ман мегӯям, ки шумо маъзур ҳастед. Чӣ, ба ягон ҷо меравед?

СОДИҚБОЙ. Ҳа, ба Ҳисор меравам, кори зарур дорам.

САФАРМАХСУМ. Майлаш, бойбобо! Шумо бемалол рафта биёед. Ман худам аз ҷониби шумо ба хизмат меистам.

СОДИҚБОЙ. Не, ту ҳам намеравӣ! Охир, навакак ин тараф чӣ мегӯям: мо ҳар ду ба тӯй рафта наметавонем. Ҳаннон хафа нашавад, гуфта, ман тӯёна додам.

САФАРМАХСУМ. Ба тӯёна доданатон сад раҳмат, бойбобо! Лекин ман барои чӣ тӯй намерафтаам?

СОДИҚБОЙ. Барои он, ки имрӯз як пӯстҷаллоби калон ба мо меҳмон мешавад, вай аз Бухоро омадагӣ, аз мо пӯст мехарад. Ин хел меҳмонро аз даст додан, ё танҳо мондану рафтан мумкин не. Аммо азбаски маро худи ҷаноби мир ҷеғ задааст, нарафта наметавонам. Ту бошӣ, бо меҳмон шӯхиҳо карда, вақтро мегузаронӣ, ман намози шомро хонда, мераваму пас меоям *(Махсум ҳайрон ва музтар мемонад. Як дил мекунад, ки пулҳоро гашта, ба бой баргардонад, лекин боз рафтанро ихтиёр наменамояд).* Хайр, ман меравам. Ту ҳам зуд пулро деҳу омада меҳмонро интизор шав *(Бой меравад. Сафармахсум тараддуди рафтан мекунад, ки Раъно – духтари 1 медарояд).*

https://bikhon.tj/

САФАРМАХСУМ. Ҳа, шайтонча, чӣ гап?

ДУХТАРИ 1. Сафар-ака. Маро ба ин ҷо Сабринисо, дугонем фиристоданд. Ба шумо як кори зарур доштаанд, ҳозир расида равед, будааст.

САФАРМАХСУМ. Ман меҳмонро интизорам-ку. Худи Сабринисо дар куҷо?

ДУХТАРИ 1. Дар тӯйхона.

САФАРМАХСУМ (*Ҳайрон*). Чӣ хел мешавад, ки ман тӯи мардҳоро монда, рост ба назди духтарҳо мерафтаам? Майлаш, ба Сабринисо гӯй: ҳамин ки бойбобо омаданд, ман рост ба тӯйхона мераваму илоҷе ёфта, бо вай вомехӯрам.

ДУХТАРИ 1. Не, вақт мегузарад. Ҳозир биёед, ман шуморо аз ақиби ҳавлӣ ба он ҷо мебарам. Ҳеҷ кас аз мардҳо хабар намеёбад.

САФАРМАХСУМ (*Фикр карда*). Хайр, майлаш. Рафтем! *(Мераванд).*

3.

Манзараи пештара. Тӯйхона. Духтарҳо дойира зада, рақсу бозӣ доранд. Дар айни авҷи суруд Раъно – дартоз меояд.

ДУХТАРИ 1. Духтарҳо, Сафармахсум омад! *(Якбора садои дойира ва рақсу суруд қатъ мегардад. Баъзеҳо рӯи худро бо рӯймол мепӯшанд, гурӯҳе бо остини васеъ рӯй панаҳ мекунанд).*

ДУХТАРИ 2. Сафармахсумро оварда, ба сарат мезанӣ?

ДУХТАРИ 1. Сабринисо кор дорад, гуфта будам, ки давида омад. Канӣ, якта-якта баромада, бахти худро озмоед! Сафармахсум ба ҳар кас майл кунад, бурд азони вай!

ДУХТАРИ 2. Худат чӣ? Дили худат ҳам кашол буд-ку?!

ДУХТАРИ 1. Ман аз баҳраш баромадам, чунки ҳамаашро донистам. Сафармахсум дар ҳақиқат арзанда аст, барои Сабринисо.

САБРИНИСО. Ба даҳонат нигоҳ карда гап зан (*Оташин шуда*). Дар байни шумо шиштан қатӣ ба хизматгорамон дил мебандам?

ЗАНҶИРА. Ту ҳам ба даҳонат нигоҳ карда гап зан. Мо камбағал бошем ҳам, садтои ту барин бойдухтарҳоро ба се пули сиёҳ намегирем.

ДУХТАРИ 1. Ҳая. Сафармахсум рӯи хотири шумо омад, агар дигар кас мешуд, аз ҷояш ҳам намеҷунбид.

https://bikhon.tj/

ЗЕБОГУЛ. Монетон, аз барои Худо. Бедарак овардӣ, Раъно. Сафар-ака ба ту бозӣ-мӣ?

ДУХТАРИ 1. Хайр, набошад, худакашон бароянду ҷавобаша диҳанд.

ЗАНҶИРА. Дили омӯхта бало, мегӯянд. Сабринисо барои чӣ Махсумро меранҷонидааст. Охир, кал бошад ҳам, забонаш мисли най *(Ин дам Сафармахсум медарояд).*

САФАРМАХСУМ. Ассалом.

Ҷони ширин, омадам,
Эй нозанин, омадам.
Сабринисои азиз,
Ҳусни ту боғи тамиз.
Чораи дигар маҷӯ,
Рози дилатро бигӯ.
Ошиқи дилбастаам,
Сахт камар бастаам.
Ҳар чӣ гӯӣ, он кунам,
Хизмати фармон кунам…

(Ба Сабринисо). Маро ҷеғ зада будед?

САБРИНИСО (*бадав аз ҷо бархоста*). Дафъ шав аз ин ҷо, кали паттос! *(Инро бо ғазаб гуфта баромада меравад. Сафармахсум ҳайрон, ба зери обу арақ монда, дақиқае худро гум мекунад, ҷаҳон ба чашмаш шаби тор барин метобад. Дақиқае хомӯшӣ ҳукм меронад. Ниҳоят вай ба худ омада ба атроф назар меандозад. Арӯс ва ду-се нафар духтарро дар иҳотаи худ мебинад, ба шаст меравад).*

4.
ПЕШПАРДА

САФАРМАХСУМ *(пештари саҳна меояд. Вай акнун мисли пештара шоду тозарӯҳ нест. Хавосаш парешон, месарояд).*

Ёри ман бегонахӯ гардидааст,
Ошно бегонаҷӯ гардидааст.
Дар раҳи ӯ интизорӣ мекашам,
Аз ғами ӯ хору зорӣ мекашам.
Нест, дардо, ҳеҷ парвое варо,
Кай бидонад ишқу савдои маро.
Дод аз дасти фалак, сад дод, дод,
К-инчунин ҷабру ҷафо бар ман бидод…

https://bikhon.tj/

Дигар барои ман дунё, зиндагӣ ва орзуву амал нест. Як ханҷари нӯгтез, ки аз неши забони Сабринисо баромад, дили маро чок-чок сохта, ҳамаро барбод дод. Дар дунё одамҳо дил дода, муҳаббат варзида, азобҳои бисёре мекашанд, ё аз дасти ағёре, ё аз ҷабри падару модарони бераҳм ва сангдил ё аз шароити мушкил ба рӯзи сахт меафтанд. Майлаш, ҳамаи он азобҳо, сахтиҳо, мамониатҳо ва кулфатҳо дар пеши як табассум, як навозиш, як лутфу эҳсони маҳбуба аз байн меравад, фаромӯш мегардад, балки гуворо ва болаззат менамояд… Аммо ин чӣ ҳол аст? Худи маҳбуба, худи дилдор ӯро ба ин дараҷа зери таҳқир бигирад?! Ба нозуктарин нуқтаи эҳсосоташ бо ханҷар зад ва дар назди мардум резонд обурӯяшро. Не, мисли ин бадбахтӣ ба сари ҳеҷ як Маҷнун ва мисли ин тирарӯзӣ ба айёми ҳеҷ як Фарҳод наомадааст. Ман гумон доштам, ки падараш дилсахт, беҳис, аз ишқу муҳаббат бегона, модараш мутеу фармонбардор, нодон ва сода бошанд ҳам, Сабринисо мувофиқи ҳусну малоҳаташ ақлу заковат, ҳиссу назокат дорад, дилаш, дили нармаш толиби ишқи пок, аз олоиш орӣ ва беғаш аст. Охир, аз хор гул мерӯяд-ку! Занбӯр асал медиҳад-ку! Пас, чаро дар хонадони Содиқбой чунин як гули раъно нарӯяд? Чаро дар оилаи заҳрин чунин зоти ширин набошад! Маълум мешавад, ки ман ба саҳв роҳ додаам! Ишқам, кӯр-кӯрона, беақлона ва ночиз будааст! Бале, аввал санҷида, дили духтарро ёфта, баъд ба ӯ дил додан хуб буд, албатта. Умуман, лозим буд, ки ман, Сафари камбағал ва бенаво ба духтари Содиқбой дил бандам? Ба роҳе қадам ниҳам, ки норафтанӣ, ба коре даст занам, ки нокарданӣ?! Инак, ҳамаи такопӯ ва тараддуд бекора шуд, ҳамаи андеша ва нақшаҳо ботил гардиданд, фақат як ному овозаи бад монд! Аммо ман чӣ кор кунам, ки дил дар дасти худ надоштам! Рӯи зебо, ишваю таннозии Сабринисо ақлу хираду тадбирро аз ман дур кард ва чун бозича дар дасти худ бидошт ва инак ба замин бизад. Афсӯс! Сад афсӯс! Ин фалокате, ки ба сари ман, мебахшед, хӯше, китфи банда омад, ҳаргиз ба китфи шумо наояд. Хокро аз хоктӯдаи баланд нагиред. Поятонро чени бистаратон дароз кунед, ки вагарна бе пою даст мемонед! *(Содиқбой меояд. Дар ғазаб аст.)*

СОДИҚБОЙ. Ҳа, фиребгар. Кора карда, акнун худро ба касалӣ меандозӣ (*Махсум хомӯш*). Ҳо, кал! Ман ба кӣ гап мезанам? (*Боз хомӯшӣ. Бой аз китфи Махсум сахт дошта, ӯро тарафи*

https://bikhon.tj/

худ мегардонад. Қавоққои Махсум гиронда, чашмонаш сурх, рангаш парида).

САФАРМАХСУМ. Ба ман чӣ кор доред?

СОДИҚБОЙ. Боз овоз ҳам дорӣ-я? Аз кирдорат бехабар барин, ки аз ман мепурсӣ? *(Махсум чашмони пур аз ғазаб ва нафрати худро ба рӯи бой дӯхта, дақиқае гап назада, менигарад ба чеҳрааш, баъд оҳиста, вале ба сахтӣ меорад ҳарфашро)*

САФАРМАХСУМ. Ман аз шумо қарздор не, ба ман як пулатон насӯхтааст, ки дағдаға бардоред. Ман дигар хизмати шуморо намекунам! Ба ман ҳеҷ чизи шумо даркор не. Гап ана ҳамин!

СОДИҚБОЙ (*гаранг шуда*). А-ҳа! Ҳоло ҳамин тавр гӯй! Набошад, чӣ гуфта, ба хонадони ман қадам мондӣ? Мақсадат чӣ буд?

САФАРМАХСУМ. Ман мақсад-пақсад надоштам!

СОДИҚБОЙ. Э!.. Мақсад надошта бошӣ, чӣ гуфта, ба хизмати ман рафтию боз чӣ гуфта, ноз мекунӣ? Ба ту чӣ воқеа рӯй дод? Ягон кас ранҷонд? Ягон чиз пурсидӣ, ки надоданд? Чӣ шуд? Ё ки барои тӯй нарафтанат алам расид? О, худат розигӣ дода будӣ-ку?!

САФАРМАХСУМ. Ҳеҷ гап нашудааст. Ба ман ҳеҷ алам нарасидааст, аз шумо ва хонадонатон сад бор розиам.

СОДИҚБОЙ. Ин тавр ки бошад, чӣ гуфта, ба кор намеравӣ? Вай бачаи нодон қатӣ ман сил шудам-ку?!

САФАРМАХСУМ. Тобам не. Табиб гуфт, ки агар ба сафар набароям ва аз ин ҷо наравам, дар андак муддат поча дароз мекунам. Ана, аз барои ҳамин аз гуноҳи ман гузаред, барои хизмататон ягон каси дигар ёбед.

СОДИҚБОЙ. Ин маслиҳат аз табиб не, аз ҷои дигар будагист? *(Маккорона заҳрханда мекунад).* Табибҳои ин ҷо он қадар фаросот надоранд. Агар дар ҳақиқат касал шуда бошӣ, дар болои суфа ҷойхобатро меандозанд, аз ҳамон ҷо фармон дода, бачаҳоро кор фармоӣ, ман розӣ ҳастам. Ин шӯхиҳоро монда, хез ба ҳавлӣ меравем, ман худам туро табобат мекунам. Майлаш, аз гуноҳат ҳам мегузарам.

САФАРМАХСУМ. Саломат бошед, бойбобо! Дигар ман ба ҳавлии шумо намеравам. Ягон каси дигарро ёбед.

СОДИҚБОЙ. Не, меравӣ! Ба ман ту маъқул!

САФАРМАХСУМ. Намеравам.

https://bikhon.tj/

СОДИҚБОЙ. Хоҳӣ, моҳона таъин мекунам, табъи дилат

САФАРМАХСУМ. Пулатон ҳам даркор не! Ман аз ин ҷо меравам. Агар донистан хоҳед, тамоман!

СОДИҚБОЙ *(бари доманҳояшро сахт афшонда, ҳар ду дасташро ба миёнбандаш халонда).* Ӯй, бача, ман қатӣ ҳазл накун! Ина дон, ки ман қати зӯрӣ озмудан миёнро мешиканад. Агар ман зӯрамро кор фармоям, кӯҳро аз миён мебардорам.

САФАРМАХСУМ (*бо табассуми тамасхуромез*). Аз хар пурсидаанд, ки ту аз одамон чӣ фарқ дорӣ? Вай гуфтааст, ки одамҳо зиндагӣ мекунанд барои он ки хӯранд, аммо ман мехӯрам барои он ки зиндагӣ ба сар барам. Ман ҳам мисли ҳамон хар якраҳа, гарданшах ҳастам, бой! Ман фақат барои хӯрдан зиндагӣ намекунам: дар дунё ба кас боз орзу ва ҳавасҳои дигар ҳам ҳаст. Шумо бо давлати худ маро ба орзуям расонида наметавонед. Чизе ки ман мехоҳам, онро шумо намехоҳед ва аз уҳдааш ҳам намебароед. Бинобар он, беҳуда ташвиш накашед ва зӯриатонро ҳам дошта монед, ки ягон рӯз ба дардатон мехӯрад!

СОДИҚБОЙ *(бо чашмони пур аз кину нафрат ришашро қабза карда).* Хайр, исто! Сабр карда исто! Чунон кунам, ки нонатро дар гадоӣ наёбӣ! *(Меравад).*

САФАРМАХСУМ *(Қоҳ-қоҳ механдад).*

Дастам намерасад ба гиребони қатлама,
Қурбони ёмачалпаки беравғанат шавам!

Ҳаннон меояд.

САФАРМАХСУМ. Оҳ, ман киро мебинам? *(Бағал мекушояд ва Ҳаннонро чанд бор бардошта, гирди худ тоб медиҳад).* Бад не, бад не, миёнҳо бақувват-ку. Ман гумон карда будам, ки янгамулло зӯр овардагист. Хӯш, хӯш, канӣ аз боло.

ҲАННОН *(аз оғӯши Махсум раҳо шуда).* Бедарак шуда мондӣ? Бачаҳо, кадомаш гуфт, ки гӯё тобат не, рост?

САФАРМАХСУМ. Э, ҷӯра. Умари Хайём гуфтааст, ки:

То кай ғами он хӯрам, ки дорам ё на,
В-ин умр ба хушдилӣ гузорам, ё на.
Пур кун қадаҳи бода, ки маълумам нест,
К-ин дам, ки фурӯ барам, барорам ё на!
Ҳарчӣ буд, гузашт, ин тарафаш димоғчоқӣ.

ҲАННОН. Дуруст, дуруст! Гапи навро шунидӣ?

https://bikhon.tj/

САФАРМАХСУМ. Имрӯз ба ҳавлии Содиқбой хостгорҳо омада рафтанд, мегӯянд.

ҲАННОН. Ту инро аз куҷо медонӣ?

САФАРМАХСУМ. Медонам.

ҲАННОН. Бой розигӣ додаст?

САФАРМАХСУМ. Бале. Сабринисо пас аз як моҳ тӯй шуда, ба хонаи миршаб меравад.

ҲАННОН. Хайр, садқаи сарат!

САФАРМАХСУМ. Хӯш. Садқаи китфат гӯй.

ҲАННОН *(Хандида).* Садқаи як тори мӯят шавад. Асли гапа гӯям, Сабринисо ба ту муносиб набуд, ҷӯра. Кадом бой хизматгори худашро домод кардааст, ки Содиқбой ин корро раво бинад. Агар ҳамин кор мешуд ҳам, ту барака намеёфтӣ.

САФАРМАХСУМ. Рост. Вақте ки моли касеро ба ғорат бурданд, мардум ба ӯ тасаллӣ дода гуфтаанд: «Ғам махӯр, рӯзи қиёмат Худо ҳақро ба ҳақдор мерасонад, молатро аз ғоратгар меситонад!»

ҲАННОН. Чӣ, гапам нодуруст-мӣ?

САФАРМАХСУМ. Не, дуруст гуфтам-ку. Дар ҳақиқат сағираи хира моҳ намешавад ва ин Содиқбойҳо ҳам ба мо ёр шуда наметавонанд.

ҲАННОН. Ана, барои ҳамин мегӯям, ки хафа нашав, худамон ба ту ягон камбағалдухтарро меёбем, тӯй ҳам мекунем, хушбахтиатро мебинӣ.

САФАРМАХСУМ (*оҳи сард кашида*). Барои меҳрубонӣ ва ғамхориат ташаккур, дӯстам. Лекин… ҳамааш тамом шуд. ман кайҳо он орзуи бемаъниро аз дилам бароварда партофтам. Лекин, аз ту, дӯстам, Ҳаннонҷон, аз модарат, аз занат як хоҳиш дорам. Агар бемалол бошад, дар вақти набудани ман аз ҳоли хоҳар ва додарам бехабар намонетон.

ҲАННОН (*ҳайрон*). Ту чӣ кор мекунӣ?

САФАРМАХСУМ. Ман худи пагоҳ аз қишлоқ баромада меравам. Камтар сайругашт карда, омаданӣ ҳастам.

ҲАННОН. Хайр, майлат. Сайругашт кун, зиқиҳоро аз дилат барор. Аз додару хоҳарат бепарво бош, як даҳан нонамон ба ҳама мерасад.

САФАРМАХСУМ. Ман хӯрокиашонро захира карда меравам. Ту падарӣ кун, модарат модарӣ, ба ман ҳаминаш кифоя.

https://bikhon.tj/

ҲАННОН. Хотирҷамъ бош! Додару хоҳари ту додару хоҳари мананд. Лекин ту ба куҷо рафтанӣ ва барои чӣ?

САФАРМАХСУМ. Он тарафашро напурс ҷӯра, дар баҳр фалокат рӯй диҳад, дар хушкӣ оқилон бисёранд! *(Мусиқӣ. Махсум месарояд).*

Шабҳо, ки ба ноз бо ту хуфтам, ҳама рафт,
Дурҳо, ки ба нӯки мижа суфтам, ҳама рафт.
Ороми дилу мӯниси ҷонам ту будӣ,
Рафтию ҳар он чӣ бо ту гуфтам, ҳама рафт…

ҲАННОН. Чӣ тавр овози ширадор дорӣ, ҷӯра.

САФАРМАХСУМ. Афандӣ ҳам овози нағз доштааст. Як бор дар ҳаммом ашӯла хонда мебинад, ки овозаш ҷарангос мезанад, пас ба чойхона баромада, як табақчаро ба даст гирифта, суруд мехонад. Чойхоначӣ омада мегӯяд, ки бас кунед, кифоят ҳаминаш. Афандӣ, бо ин овози нофорам ашӯла хонданатон чӣ маънӣ дорад? Афандӣ мегӯяд, ки нодон будай, агар форамии овози маро шунидан хоҳӣ, ба болои сари ман гунбади ҳаммом бисоз. Ман ҳам агар дар ҳаммом ашӯла кунам, бисёр форам мерасад, лекин дар ин ҳавои кушод…

ҲАННОН. Хоксорӣ накун, ҷӯра. Аз хондани ту дили санг ҳам об мешавад.

САФАРМАХСУМ. Раҳмат, дӯстам. Биё, ба хона меравем. *(Мераванд).*

5.

Баландӣ. Ҷое, ки қишлоқи Сафармахсум чун дар кафи даст менамояд. Сафармахсум ба рӯмол як сара либоси таку рӯ ва дуто нонро баста ва онро ба нӯги асои чӯпонӣ овехта, асоро ба китф гузошта, зери лаб сурудхонон ба сари баландӣ мебарояд. Ба тамошобинон рӯй оварда месарояд.

Меравам, з-ин кӯҳу саҳро меравам,
Меравам, пурдард, з-ин ҷо меравам,
Доғу дарде дар дили худ мебарам,
Эй Ҳисори Шодмон, то боздид,
Дӯстону душманон, то боздид…

https://bikhon.tj/

САФАРМАХСУМ. Азм кардаам, ки ба ҳамин равиш дам гирифта, дам гирифта, то ба шаҳри Бухоро, ки овозаи онро бисёр шунида ва ягон бор надида будам, рафта мерасам. Дар Ҳисор ва дар ҳама ҷо мегӯянд, ки Бухорои Шарифро зиёрат кардан – савоби Макка рафтанро дорад. Аз сарзамини Хатлон, Раштон ва Ҳисор ба Бухоро чун толиби илм рафтану мулло шуда омадагон кам нестанд. Ҳар касе ки дар Бухоро таҳсили илм карда бошад, дар ин ҷо қадру қимати вай аз дигарон ба ҳар сурат меафзояд. Аммо афсӯс, ки ман ба Бухоро чун толибилм рафтану муллобача шуда, дар мадраса хонда наметавонам. Барои ин пеш аз ҳама андак савод доштан, мактаб хондан лозим буд. Ба ғайр аз ин, ё пул, ё мураббӣ доштан лозим буд, ки онҳо дар насибам наафтоданд. Ман ба Бухоро рафта, бо савдою тиҷорат низ машғул шуда наметавонам, коре, ки аз дасти ман меояд, меҳнат аст, колое, ки дороям, ду бозӯи пурзӯрам асту бас. Лекин ҳоло то ба Бухоро расидан гапу кори бисёрест. Ман, дӯстони бақадру гиромиам, дар ҳамин ҷо бо шумо хайру маъзур мекунам. Агар зинда бошем, боз ба дидори ҳамдигар мушарраф хоҳем гашт. Беҳуда нагуфтаанд:

Боз омадан зи рафтани хуршед дур нест,
Гар зиндагист, дида ба дидор мерасад.

П а р д а

Соли 1987.

https://bikhon.tj/

ЗАНГИ БЕМАҲАЛ

(Мазҳакаи маҳзун)

Амал мекунанд:
МУХТОР – шавҳар
МОҲИРА – зани ӯ
РАҲИМ – дӯст ва шарикдарси Мухтор

Воқеаи рӯзҳои мо. Дар фосилаи як-ду соат рух медиҳад. Нимашаб…

Хонаи Мухтор дар яке аз қасабаҳои нави шаҳр. Посе аз шаб гузаштааст. Соҳибхонаҳо – Мухтору Моҳира ва тифлаки онҳо дар хоби роҳат. Чароғи хирасӯз хонаро андак рӯшан мекунад. Бо кушуда шудани парда мо дар як бурҷ кати хобро мебинем… Рӯйи кати калон Мухтор кам-кам хуррок мекашад…

Занги телефон батакрор баланд мешавад… Ниҳоят Моҳира ба ҷунбиш омада, сари ҷогаҳ мешавад. Чашм молидаю даст ёзонда хамёза мекашад, баъд гӯш медиҳад, то дарк созад, ки овоз аз куҷост: телефон ё занги дар... Хомӯшӣ. Моҳира аз нав худро ба ҷогаҳ меандозад, ба хурроки Мухтор гӯш медиҳаду кӯрпаро бо қароҳат ба сар мекашад. Занги телефон такрор мешавад.

Моҳира бо қаҳр кӯрпаро як сӯ гузошта, осемасар даст ба гӯшӣ мебарад:

МОҲИРА. Алло-о!

Тарафи чапи саҳна равшан мешавад. Як гӯшаи фурудгоҳ. Раҳим пайдо мешавад. Ӯ аз ҷайб телефони мобилиро бароварда чанд рақам мечинад.

РАҲИМ. Алло!

МОҲИРА. Алло! Ҳа, гӯшам ба шумо.

РАҲИМ. Ассалом. Келин? Шумоед?

МОҲИРА (*дар ҳаяҷон*). Са…са…лом. Шумо кӣ?

РАҲИМ. Хонаи Мухтор?

МОҲИРА. Бале.

РАҲИМ. Шумоед, Моҳира?

МОҲИРА. Ҳа, ман…

https://bikhon.tj/

РАҲИМ. Узр, ки новақт ташвиш додам …

МОҲИРА. Шумо кӣ?

РАҲИМ. Хавотир нашавед, ман… Мебахшед, Мухтор дар хона?

МОҲИРА. Дар хона... Чӣ гап, хайрият аст?

РАҲИМ. Агар бемалол бошад…

МОҲИРА. О, шумо кӣ? Аз барои Худо, нашинохтам!..

РАҲИМ. Ман… магар нагуфтам?

МОҲИРА. Не-не, чӣ гап?

РАҲИМ. Ман аз деҳа...

МОҲИРА (*бо шунидани «деҳа» авзои ӯ бечо мешавад*). Деҳа? Кадом деҳа?

РАҲИМ. Шумо, янга, хавотир нашавед. Ман…

МОҲИРА. Деҳа тинҷӣ?

РАҲИМ. Тинҷӣ, тинҷӣ!

МОҲИРА. Падару модари ин… (*ба Мухтори хафта ишора карда*) чутӯр?

РАҲИМ. Намедонам… Ба шумо чӣ хел фаҳмонам? Ман…

МОҲИРА. Чӣ хел… гап занед тезтар.

РАҲИМ. Тезтар?..

МОҲИРА. Ба онҳо ягон ҳодиса шуд?..

РАҲИМ. Не-не. Хотирҷамъ бошед. Ман, янга, умуман, аз деҳаи дигар...

МОҲИРА (*оҳи сабук мекашад*). Хайрият-е. Гумон кардам, кӣ… Уфф!.. Дилам қариб ки аз хонааш барояд-е. (*Ба як сӯ*). Гумон кардам ягон каси вай… гузаштааст… Туф-туф! Худо нигаҳ дорад-е. Дар ин шабу рӯзи бепулӣ. Гӯру кафан,, сею ҳафт … Худо нигоҳ дорад! Хӯш-ш… Ба Мухтор чӣ гап доред?

РАҲИМ. Кирои ташвиш не, ҳамту худам…

МОҲИРА. Кирои ташвиш, ки набошад, номаъқул мекунед дар як поси шаб...

РАҲИМ. Рост, гапатон рост, янга. Лекин…

МОҲИРА. Чӣ, лекин?

РАҲИМ. Гӯшакро ба Мухтор диҳед, илтимос.

МОҲИРА (*ба соат менигарад*). Шумо медонед, соат чанд аст?

РАҲИМ (*ба соати дасташ нигариста*). Расо чоруним...

https://bikhon.tj/

МОҲИРА. Чоруними кай?

РАҲИМ. Шаб...

МОҲИРА. Хайрият…

РАҲИМ. Чӣ, хайрият?

МОҲИРА. Хайрият, ки чоруними бегоҳ нагуфтед.

РАҲИМ. Ман аз хурдӣ ҳеҷ вақт дурӯғ намегӯям... Дурӯггӯ – душмани Худо!..

МОҲИРА. Дуруст. Лекин нимишабӣ одамонро аз хоби ширин бедор кардан…

РАҲИМ. «Зарур бошад – раво бошад» – гуфтаанд, янгаҷон!..

МОҲИРА. О, чӣ зарурате буд, ки…

РАҲИМ. Ман «просто» мехоҳам бо вай гап занам!.. Чақ-чақ кунам.

МОҲИРА. Ёфтед вақти чақ-чақатона!..

РАҲИМ. Янгаҷон, узр, маро мебахшед, қофия танг омадагӣ!..

МОҲИРА. Чӣ танг омадагӣ?

РАҲИМ. Мегӯм, ки «қофия» танг омадагӣ!..

МОҲИРА. Ин чӣ хел гап? Ягон гапи «свежӣ»?

РАҲИМ. Чандон «свежӣ» ҳам не...

МОҲИРА. Маро гаранг накунед! Ба ҷӯрааттон пагоҳ ба ҷои кораш телефон занед. Монед, мардак хоб кунад…

РАҲИМ. Илтимос, янгаҷон, гӯширо нагузоред. Дигар фурсати гапзанӣ кай мерасад, инро Худо медонад.

МОҲИРА. Э-ҳа-а, ёфтед вақти чақ-чақатона…

РАҲИМ. Агар гӯшакро гузоред… маҷбурам боз телефон кунам.

МОҲИРА. Пашша барин часпидед-ку!

РАҲИМ. Янгаҷон. Илтимос, як бор илтимосамро ба ҷо оред.

МОҲИРА. Чӣ кунам?

РАҲИМ. Гӯшакро ба вай диҳед.

МОҲИРА (*бепарво*). Пули телефонатон бисёр?

РАҲИМ. Хеле бисёр. Илтимос, гӯшакро ба Мухтор диҳед…

МОҲИРА. Пул бисёр гуфтед-мӣ? Хуб, бисёр нағз. Интизор шавед, ман ӯро ҷеғ мезанам. Хайр!.. (*Гӯшакро тараққос дар ҷояш мегузорад. «Уф-ф» гуфта худро ба рӯи кат меандозад. Кӯдак ба гиря меояд. Зуд хеста катро меҷунбонад. Гиряи кӯдак бас мешаваду телефон боз занг мезанад. Ин дафъа Мухтор аз*

https://bikhon.tj/

ҷо базӯр нимхез мешавад. Чанде чашм кушода мепӯшад. Ба телефон даст мебарад, вале Моҳира пешдастӣ мекунад).

МОҲИРА (*гӯшакро дар даст нигоҳ дошта ба як сӯ*). Инаш боз кӣ бошад? (*Дар телефон*). Алло! *(Тарафи чапи саҳна равшан мешавад. Мо боз Раҳимро мебинем).*

РАҲИМ. Алло! Янга. Ин ман… Мебахшед… шумо кори хуб накардед.

МОҲИРА. Ин боз шумоед? О, рӯзамон медиҳед. Ё не…

РАҲИМ. Албатта медиҳам. Аз шумо чӣ меравад? Наход одамро ба телефон ҷеғ задан ҳамин қадар душвор бошад? Илтимос, янга…

МУХТОР (*ба гуфтугӯ ҳамроҳ шуда*). Моҳираҷон, вай кӣ?

МОҲИРА (*ба дасташ ишора мекунад, ки кори ту набошад. Дар телефон*). Расо шилқин будаед. Масхарабозӣ бас.

РАҲИМ. Ман масхарабоз нестам… Ман дӯсти шавҳаратон ҳастам.

МУХТОР (*бесаранҷом шуда*). Ҳой, занак, кист вай?

МОҲИРА (*дӯғ зада*). Э, мон! Хобата дон!

РАҲИМ. Чӣ хел хоб?

МОҲИРА. Ин гап барои шумо не. Ман ҳамту худам. Ба ман гӯед, ки шумо дигар кор надоред?

РАҲИМ. Кор аз мӯи сар бисёр, янга. Лекин ба ман ҳоло аз кор дида Мухтор зарур.

МОҲИРА. Ҳой, рафиқ! Номатонро намедонам. Шумо ном доред?

РАҲИМ. Албатта. Одам магар беном мешудаст?

МОҲИРА. Пас чаро кӣ буданатонро намегӯед?

РАҲИМ. Шумо напурсидед, ман ҳам нагуфтам. Лозим бошад, мегӯям. Гӯям?

МОҲИРА. Ҳа-ҳа!

РАҲИМ. Вазнин шавед, янгамулло. Санги вазнинро об набурдаст.

МОҲИРА. Э, монед, насиҳат нахонед. Номатон чӣ?

РАҲИМ. Ман Раҳим.

МОҲИРА. Ҳой, Раҳим. Шумо забони тоҷикиро мефаҳмед ё не?

МУХТОР (*дар ҷояш ҷунбида*). Раҳим? Вай кадом Раҳим? Канӣ, як бор пурс?

https://bikhon.tj/

МОҲИРА. Хап шин.

РАҲИМ. Барои чӣ?

МОҲИРА. Ман ба шумо не… Ман пурсида истодаам, ки шумо забони тоҷикиро медонед ё не?

РАҲИМ. Набошад чӣ?

МОҲИРА. Бовар намекунам.

РАҲИМ. Чаро? О маро модари тоҷик зоидааст. Ман суп-сурх тоҷик…

МОҲИРА. Ман ба шумо ана бо ҳамин забони тоҷикӣ фаҳмондам, ки дар ин нимишаб каллаи мардумро гаранг накунед. Ин як. Дуюмаш ин ки Мухтор навакак сар ба болин монд. Ҳоло чунон масти хоб аст, ки агар ба сараш калтак фурояд ҳам, парвои фалак надорад. Ана, мешунавед, хурроккашиашро мешунавед? Бо ҳавои биниаш шифтро бардошта истодааст. Агар бовар накунед, гӯш кунед! (*Бо дасташ даҳонашро дошта баланд-баланд хуррок мекашад*). Шунидед?

РАҲИМ. Шунидам. Лекин ба хурроккашии вай монанд не.

МУХТОР (*дод зада*). Ҳой, занак, Чаро дурӯғ мегӯӣ? О, ман бедор-ку. Те гап занам, мумкин ягон гапи муҳимаш бошад.

МОҲИРА (*ба гапи ӯ эътибор надода, ба Раҳим*). Шумо аз куҷо медонед, ки вай чӣ хел хуррок мекашад?

РАҲИМ. Аз даврaҳои студентӣ.

МОҲИРА. Он даврaҳо кайҳо гузашта рафт. Ҳоло вай бо ҳавои дигар хуррок мекашад. Барои ҳамин ба ман бовар кунед.

РАҲИМ. Ман ба шумо бовар мекунам. Барои ҳамин…

МОҲИРА. Ҳоло истед, ман гапама тамом накардам. Сеюмаш ин, ки…

РАҲИМ (*сухани ӯро шартӣ бурида*). Сеюмаш ин ки, янгамулло… агар душвор набошад, ӯро ба телефон ҷеғ занед. Гапи таъҷилӣ дорам.

МОҲИРА. Ман ҳоло гапама тамом накардаам. Сабр… Сеюмаш ин ки дар ин хел шабу нимшаб хабари таъҷилӣ фақат хабари маргу мурда мешавад. Модоме ки шумо аз қишлоқи Мухтор нестеду ин хел хабар наовардаед, ё худ ба вай ҳеҷ кас намешавед, пас дигар хел гапи таъҷилӣ буданаш дар гумон. Гапҳои боқимондаро бошад, пагоҳ бафурҷа гуфтан мумкин. Фаҳмо?

https://bikhon.tj/

РАҲИМ. Он қадар ҳам не.

МОҲИРА. Не, ки бошад, шабатон хуш. (*Гӯшакро дар ҷояш мегузорад. Ба Мухтор, ки ҳоло ҳам ҳайрон ҷониби ӯ менигарад, бад-бад нигоҳ мекунад*). Ҳа, чиба ходаи болои қабр барин рост истодаӣ? Нашунидӣ? Ман ғами туро хӯрдам.

МУХТОР. Чӣ хел ғам?

МОҲИРА. Аз бало халос кардамат.

МУХТОР. Чӣ хелӣ бало? О, вай Раҳим буд-ку.

МОҲИРА. Раҳимаш кӣ?

МУХТОР. Кӣ медонад, шояд писархолаам бошад?

МОҲИРА. Не, вай не. Ин дигар Раҳим.

МУХТОР. Набошад, писартағоям… ё ҳеҷ набошад писари ҳамсояамон будагист.

МОҲИРА. На ину на он.

МУХТОР. О, намондӣ, ки ман ақаллан бо ӯ ду-се даҳан гап занам. Барои дидаш шуда ба хона таклиф кунам.

МОҲИРА. Чӣ? Таклиф ба хона? Хестӣ, ки хобат. Ҳҳ, подумаешь… (*Занги телефон. Моҳира аз Мухтор пештар гӯшакро мебардорад*). Ҳа!

РАҲИМ. Янгамулло. Як дақиқа сабр кунед. Собирон аз сабр ёфтаанд. Сабус барин сабук нашавед.

МОҲИРА. Бе мақол гап занед. Мақсад?

РАҲИМ. Мақсад? Мақсад маълум-ку.

МОҲИРА. Шумо аллакай ҷавобашро шунидаед.

РАҲИМ. Медонед-чӣ, янгамулло. Мо таърифи шуморо бисёр шунидаем. Ба мо гуфта буданд, ки Мухтор зеботарин ва оқилтарин арӯси шаҳрро ба занӣ гирифтааст. Афсӯс, ки дар тӯятон иштирок карда натавонистам, ҳарчанд хабарӣ будам.

МОҲИРА. Аз туҳфа тарсидед?

РАҲИМ. Не, мурам, ки не, янгаҷон. Иҷозат диҳед, шуморо ба муносибати зану шӯ шуданатон аз сидқи дил муборакбод намоям.

МОҲИРА. Ин табрикотро барвақт кардан лозим буд.

РАҲИМ. Дер ояду дуруст ояд, гуфтаанд бузургон. Ин як. Дуюмаш ин ки меҳмоннавозию дастархондории шумо ба ҳафт иқлим овозаю дарвоза шудагӣ. Гиреду нагиронед, янгаҷон. Ин ду…

https://bikhon.tj/

МОҲИРА. Сеюмаш ин, ки Мухторро ҷеғ занам? Иддаоятон ҳамин? Шуморо дуруст фаҳмидам?

РАҲИМ. Қурбони одами аҳли фаҳм шавам.

МОҲИРА. Росташа гӯям, шумо барин шилқинаша дар умрам бори аввал мебинам.

РАҲИМ. Ҳарчи гӯед, гуфтан гиред, янга. Ман одами бамулоҳиза, гапбардорам. Аз танқиди дӯстон намеранҷам. Фақат Мухторро як нафас ҷеғ занед, кифоя.

МОҲИРА (*ба тарафи Мухтор чашмакӣ зада*). Агар ба сари ман чормағз шиканад-чӣ?

РАҲИМ. Парво накунед, хӯрданаш осонтар мешавад.

МОҲИРА. Чӣ гуфтед?

РАҲИМ. Э, мебахшед. Ман гуфтанӣ, ки вай одами хуб…

МОҲИРА. Аз куҷо медонед?

РАҲИМ. Ман дӯстамро нағз медонам.

МОҲИРА. О, шумо чиро ҳам медонед? Вай солҳои охир тамоман тағйир ёфтагӣ.

РАҲИМ. Наход?

МОҲИРА. Бовар намекунед?

РАҲИМ. Надонам. Ин хел набуд-ку.

МОҲИРА. Зиндагии нағз одама дигар мекардааст.

РАҲИМ. Зиқ нашавед. Агар ба сари шумо мушт бардорад, ман онро ба сари худам қабул мекунам.

МОҲИРА. Чӣ гуфтед?

РАҲИМ. Ин ҳамту… шерози гап.

МОҲИРА. Мушт мебардоштагӣ ҳоло аз очааш нарӯидааст. Рӯяша сиёҳ мекунам!..

РАҲИМ. Хуб мекунед. Ёрдам лозим бошад, шарм накарда муроҷиат кунед. Ман тайёр. Муштҳоям қумғон!

МОҲИРА. Замони зӯрӣ гузашт.

РАҲИМ. Бале, гузашт.

МОҲИРА. Вай ҳоло бо собуни ман ҷома нашустааст.

РАҲИМ. Ҳа, нашустааст.

МОҲИРА (*ба Мухтор*). Ҳҳ, мушт мебардоштааст. Ман ба ту нишон медиҳам. (*Мушташро гиреҳ мекунад*).

РАҲИМ. Ба ман? Гуноҳи ман чист?

МОҲИРА. Ман ба шумо не, ба ҷӯраатон гуфта истодаам. Ис-

https://bikhon.tj/

тед, ман ӯро ба телефон ҷеғ мезанам. (*Ба Мухтор*). Гапа резинка накун. Боз мабодо ӯро ба хона таклиф кунӣ, ки рӯзата нишон медиҳам. Медонӣ-ку, пагоҳ рӯзи таваллудам. Ман ин тайёрия барои ҷӯраи ту надидаам.

МУХТОР. Чашмата сер гир, занак. Бисёр хӯрад, як лаб нону як пиёла чоята мехӯрдагист. Дунёя намехӯрдагист-ку.

МОҲИРА. Ҳой, ба ман нигар. Аз одами намеравам-намераваму намехӯрам-намехӯрам тарс. Куя барин чунон хӯрда меравад, ки нофаҳмида мемонӣ.

МУХТОР. Воҳима накун, занак. Кӣ медонад, вай ба ин ҷо меояд ё не. Ягон гапи зарур доштагист. Мегӯяду меравад.

МОҲИРА. Дида арз мекунем.

МУХТОР. Хайр, те гап занам.

МОҲИРА. Ҳозир. (*Ба телефон*). Истед, ки шумо аз куҷо гап мезанед?

РАҲИМ (*ларзида*). Ин аҳамият надорад, янгаҷон. Ҳама чизро донистан хоҳед, тез пир мешавед. Хусусан, шумо, ки ҳоло хеле ҷавон ҳастеду дар ҳусну ҷамол ҳамто надоред.

МОҲИРА (*афташро дар оина тамошо карда*). «Комплимент»-а? Ҷӯраатон дар наздам. Ҷудо бадрашк. Наметарсед?

МУХТОР. Вай чӣ мегӯяд?

МОҲИРА. Корат набошад. Ба ҳар ҳол гӯед, шумо аз куҷо сим мезанед?

РАҲИМ. Хайр, агар донистан хоҳед, аз меҳмонхонаи «Тоҷикистон». Ин ҷо ба ман чунон маъқул, ки…

МОҲИРА. Маълум… маълум. Аз люкс гап зада истодаед, ҳамин тавр не?

РАҲИМ. Худи худаш. Чунон люкси вадаванг, ки дар умрам бори аввал мебинам.

МОҲИРА. Зӯр-ку. Ман инхелинаша дидагим не. Намегӯед, дар он ҷо чиҳо ҳаст?

РАҲИМ. Э, чияша мепурсед? Намедонам, таърифи кадомаша кунам.

МОҲИРА. Аз як сар нақл кунед.

РАҲИМ. Дер намешавад?

МОҲИРА. Барои чӣ?

РАҲИМ. О, шаб саҳар мешавад-ку.

https://bikhon.tj/

МОҲИРА. Шавад – шудан гирад. Дигар барои ман фарқе надорад. Хоби маро гурезондед.

РАҲИМ. Ёфта биёрам?

МОҲИРА. Аз мавзуъ дур наравед. Беҳтараш гӯед, ки дар люксатон чиҳо ҳаст?

РАҲИМ. Ба ғайр аз шири мурғу тухми анқо ҳама чизро пайдо кардан мумкин. Мебели руминӣ, яллақ-яллақ мекунад, қолинҳои рангоранги эронӣ чашм мерабояд, патҳошон як ваҷаб. Телевизори рангаи ҷопонӣ, парабалически, якбора сад программая нишон медиҳад.

МОҲИРА. Ҳо, бисёр нағз!..

РАҲИМ. Бале-бале!

МОҲИРА. Зӯр-зӯр. Боз чиҳо ҳаст?

РАҲИМ (*аз хунукӣ ларзида*). Боз… Боз кадомаша гӯям?

МОҲИРА. Ба шумо чӣ шуд? Аз афташ меларзед?

РАҲИМ. Ҳеҷ… ҳеҷ чиз… Ман ҳамту…

МОҲИРА. Мерақсед?

РАҲИМ. Ҳа. Не. Ҳа.

МОҲИРА. Бе мусиқӣ?

РАҲИМ. Ҳа, ҳоло рақси бемусиқӣ мӯд шудагӣ.

МОҲИРА. Мефаҳмам. Мусиқӣ аз берун, мешунавам. Дар ҳавои ин мусиқӣ рақс накуну рӯзата бин.

РАҲИМ (*ҳайрон*). Шумо… шумо инро чутӯр дида истодаед?

МОҲИРА. Телефони мо телевизор дорад.

РАҲИМ. А? Э, аҷоиб-ку. Чӣ хел ки ман медонам, аз ин хелин телефонҳо ҷопонҳо истифода мебаранд. Чӣ хел шуд, ки вай дар хонаи шумо аз ҳама пеш пайдо шудааст?

МОҲИРА. Бисёр осон. Мисли люкси шумо барин.

РАҲИМ. Чӣ хел?

МОҲИРА. Ҳамин хел. О, модоме ки телевизори люкси шумо бо сад программа кор мекарда бошад, пас телефони мо чаро телевизор надошта бошад?

РАҲИМ. Э, қоил кардед, янга. Шумо бало. Ҳисоб як бар як.

МОҲИРА. Хӯш, дар люксатон боз чиҳо ҳаст?

РАҲИМ. Э, кадом якташа гӯям, янга? Акнун ба Мухтор навбат мерасидагист. Бечораро хуб интизор кардагистем?

МОҲИРА. Ничего. Сабр мекунад.

https://bikhon.tj/

РАҲИМ. Вақти ман танг аст, янгамулло.

МОҲИРА. Чӣ, аз люкс пеш карда истодаанд?

РАҲИМ. Ҳа. Не. Ҳоло пеш накардаанд. Лекин пеш карданашон аниқ.

МОҲИРА. То омадани табар кунда меосояд. Ҷои гарматона хунук накунед.

РАҲИМ. Э, ман аз ин ин хел ҷои гарм бе… безор. Илтимос, ҷеғ занед.

МОҲИРА. Мефаҳмам, мефаҳмам. Агар камтари дигар дар люкси таърифиатон истед, ҳолатон табоҳ мешавад. Аз ин рӯ, ман ҳозир гӯшакро бо ду дасти адаб ба ҷӯраатон медиҳам, то ки зуд гапатона гуфта аробаатонро кашед. Вагарна ман рӯз намебинам. Дур наравед.

РАҲИМ. Не, дур намеравам. Рафта ҳам наметавонам.

МОҲИРА (ба Мухтор). Ма, акнун навбати ту. Гуфтам-а, гапа резинка накун.

МУХТОР. Хуб шудааст. (*Гӯширо ба даст гирифта*). Алло!

РАҲИМ. Мухтор, дӯстам, ин туӣ?

МУХТОР. Ҳа ман. (*Нашинохта*). Мебахшед, кӣ гап мезанад?

РАҲИМ. Ман, ман Раҳим.

МУХТОР. Мебахшед, кадом Раҳим?

РАҲИМ. О, наход нашинохта бошӣ? Раҳими ҳамкурсат. Раҳими қокро фаромӯш кардӣ?

МУХТОР. Раҳим! Раҳим, дӯстам, ин ту ҳастӣ?

РАҲИМ. Бале, худи худаш, суп-сурх Раҳим.

МУХТОР. Бубахш… Салом, ҷӯраҷон. Чӣ хуш, ки баъди ин қадар солҳо боз овози туро мешунавам.

МОҲИРА. Оҳистатар, кундаи дӯзах! Бача бедор мешавад. (*Мухтор ба маъниш узр даст пеши бар мегирад*).

РАҲИМ. Ман ҳам хурсанд. Ина бин, ки кофта-кофта туро ёфтам, овозатро шунидам.

МУХТОР. Канӣ бигӯй, кадом шамолҳо туро ба шаҳри мо оварда? Шунида будам, ки дар Кӯлоб кору зиндагӣ мекунӣ.

РАҲИМ. Бале, ҳоло ҳам ҳамонҷоям.

МУХТОР. Хӯш, чӣ гап?

РАҲИМ. Ба Москва равонам. Ба бадӣ парвози рейси моро, бинобар бад будани ҳаво, то пагоҳ мавқуф гузоштанд.

https://bikhon.tj/

МУХТОР. Аз куҷо гап мезанӣ?

РАҲИМ. Аз фурудгоҳ. Бубахш, ки ба завҷаат гапи дурӯғ гуфтам.

МУХТОР (*ба ҷониби Моҳира нигариста*). Ба вай чӣ гуфтӣ?

РАҲИМ. Аз меҳмонхона, аз люкс гуфтам. (*Механдад. Мухтор ҳам ҷониби Моҳира табассум мекунад, вай қавоқ мегиронад).*

МОҲИРА (*ба соаташ нигариста*). Кӯтоҳтар шавад.

МУХТОР. Хуб, кӯтоҳ шавад.

РАҲИМ. Лаббай? Кӯтоҳтар кунам гуфтӣ. Ҳа, хуб шудааст. Рост мегӯй, вақт ҳам хеле гузаштаст.

МУХТОР (*хиҷолат кашида*). Не-не, Раҳим! Ман ба ту не, ин ҷо ба келин… Хӯш, Раҳимҷон, пурсидана айбаш не. Дар меҳмонхона ҷо гирифтӣ?

РАҲИМ. Ҷони гап ҳам дар ҳамин. Дар меҳмонхона сӯзан партой, рост меистад.

МУХТОР. Ҳеҷ боке не. Модом ки то пагоҳ манъгирифт шуда бошӣ, пас метавонӣ ба хона биёӣ.

МОҲИРА (*ба баданаш барқ расидагӣ барин*). Чӣ?

МУХТОР. Оҳиста.

РАҲИМ. Ман баланд гап зада истодаам? Мебахшӣ, ҷӯра.

МУХТОР. Не-не… Ман гуфта истодаам, ки агар хоҳӣ, ба хона биё.

МОҲИРА. Ни в коем случае!

РАҲИМ. Ташаккур, дӯстам. Росташа гӯям, дӯстам, худам ҳам ба ҳамин ишора маҳтал будам. Ин ҷо чунон хунук, ки… На хӯрдание ҳасту на ҷойи нишаст. Агар таклиф намекардӣ, магарам ки то пагоҳ якпоя рақсида мебаромадам. Дарун пури мусофир. Берун хунукии туф куну ях кун.

МУХТОР. Ин тавр ки бошад, тез расида биё. Суроғаи хонаро гӯям?

МОҲИРА. Ни в коем случае!

РАҲИМ. Медонам. Ба ҳар эҳтиёт аз писархолаат навишта гирифта будам. Ё наравам-а, Мухтор. Меҳмони нохонда…

МУХТОР. Мон ин гапҳоро, Раҳим. Ту меҳмони нохонда нестӣ. Ту бародари қиёматии ман ҳастӣ. Биё, туро интизор мешавем.

https://bikhon.tj/

МОҲИРА (дар гирифта). Не гуфтам, не! Биёяд ҳам, дарро намекушоям.

МУХТОР. Э, дод назан!

РАҲИМ. Мебахшӣ, дӯстам. Ман ҳамин хел. Ҳарчанд оҳиста гап заданӣ шавам ҳам, лекин гапам баланд мебарояд.

МУХТОР. Ҳеҷ гап не, Раҳим. Марҳамат, мо интизор. Мана, келин ҳам ба ҳолам намонда «фавран ҷӯрата ба хона таклиф кун» гуфта истодаанд.

РАҲИМ. Ташаккур ба он кас. (*Таваққуф*). Дӯстам, Мухтор, ман-ку ба омадан мебиёям, лекин…

МУХТОР. Чӣ, лекин?

РАҲИМ. Ман боз ду шарики дигар дорам. Онҳоро партофта рафтан аз рӯи одоб намешавад. Дар хонаяки майдаи ту мо ҷой намешавем.

МУХТОР (*лаҳзае фикр карда, ба атроф назар меандозад*). Ҳеҷ боке не, Раҳим. Омадан гиред. Хонаамон танг бошад ҳам, диламон васеъ аст. Ҳамин тавр не, бонуи хона? Мана, янгаат ҳам ин фикри маро тасдиқ карда истодааст. *(Моҳира гапи ӯро бечавоб мемонад).*

РАҲИМ. Ташаккур, дӯстам. Мо ҳозир расида меоем. Илтимос, беадабӣ шавад ҳам, ягон хӯроки сабук…

МУХТОР. Парво накун, хонаи гург бе устухон намешавад.

РАҲИМ. Мо меоем! Албатта меоем!..

Тарафи чап торик. Раҳим аз саҳна дур мешавад. Зану шавҳар муддате ба ду тарафи муқобил нигариста, оҳиста рӯ ба рӯ мешаванд. Моҳира қавоқ гирондааст.

МУХТОР. Дилтангӣ накун, ҷонам. Рафиқи ҷонӣ. Ба ту гуфта будам-ку, ман аз ӯ ба ҷон қарздорам. Чӣ хел мегӯям, ки набиё. Одамгарӣ ин хел намешавад.

МОҲИРА (*бонг зада*). Ту ӯро ба хона даъват кардӣ?

МУХТОР. Бале!

МОҲИРА. Аҷиб. О, вай чӣ хел люкси кори калонро монда, ба ин хонаи катаки мурғ барин танги мо меояд?

МУХТОР. Хонаи танги дӯстро аз люкси кори калон авлотар донист. Ин маънии чуқур дорад.

МОҲИРА. Сафсата. Вай ба хонаи мо аз ноилоҷӣ телефон кард. Агар хунукӣ ба тану ҷонаш кора намекард, шикамаш гу-

https://bikhon.tj/

русна наемонд, дар ду дунё ҳам туро ёд намекард. Дӯсти ҷонӣ, ки бошад, ин қадар солҳо куҷо буд?

МУХТОР. Иначе намедонам. Биёяд, мефаҳмем.

МОҲИРА. Ту ӯро шинохтӣ, лекин вай туро мешинохта бошад?

МУХТОР. Мешиносад. Ман бовар дорам.

МОҲИРА. Агар телефону адресро намедонист, агар зӯр намеомад, дар ду дунё туро ёд намекард. Ман аз ин хел дӯстҳо ҳазар мекунам.

МУХТОР. Дар ҳаққи одаме, ки хуб намешиносию намедонӣ, ин хел ҳукм баровардан норавост. Хусусан, дар ҳаққи Раҳим. Вай бар замми рафиқи ҷонӣ буданаш, ҳамдиёр, ҳаммактаби ман аст.

МОҲИРА. Ҳҳ, ҳамдиёр, ҳампарта, ҳамсабақ!!! Ба ман ҳамшаҳр не, ҳамдард даркор, ба рӯзи тангдастӣ мард даркор, гуфтааст шоире.

МУХТОР. Чӣ хуб гуфтааст вай шоир. Ин сатрҳо махсус барои Раҳим гуфта шудааст. Дар рӯзи тангам вай мард буданашро ҳамаҷониба нишон дод.

МОҲИРА. Пеш аз он ки ту ӯро ба хона таклиф кунӣ, андеша кардӣ? Охир, ту нағз медонӣ, ки ман барои пагоҳ тайёрии зӯр дидагӣ. Тамоми дугонаҳои наздикам бо шӯҳошон таклиф шудагӣ. Ман онҳоро интизорам, на меҳмони нохондаи туро. Ҳарчанд ки ту аз вай ба ҷон қарздор ҳастӣ. Дар дастархони ман бало ҳам намемонад.

МУХТОР. Воҳима накун, ҷони ширин. Ман ба дастархони идонаи ту даст намезанам. Чор дона картошкая пӯст канда бо ду бурида гӯшт зирбондан кори душвор аст, магар?

МОҲИРА. Мурам, ки хеста барои меҳмони ту дег монам.

МУХТОР. Ихтиёрат. Ман худам тайёр мекунам. Ту фақат хап шин, кифоя.

МОҲИРА. Ҳҳ, хестӣ, ки хобам. Ту дунгур-дунгур карда дега ба кафлез ҷанг андозию ман хапакак шинам. Ҳаргиз. Ин як.

МУХТОР. Ҳеҷ гап не, ба гӯш пахта мегирӣ.

МОҲИРА. Гапама набур. Дуюм, мана нодон гумон накун. Агар ман худро ба хоб занам, медонӣ, вай пагоҳ ба қишлоқ чӣ мебарад?

https://bikhon.tj/

МУХТОР. Намедонам.

МОҲИРА. Як ҷувол ғайбат. Зани фалонӣ писанд накард. Бо телефон ним соат гап задему хона, ки омадем, худаша ба хоб андохт ва ғайраву ғайра.

МУХТОР. Модоме ки чунин аст, пас душвор бошад ҳам, русуми меҳмондория ба ҷо биёр. Як шаб сад шаб намешавад.

МОҲИРА. Ҳҳ, ёфтӣ канизаката. Ман дар ин ҷо каниз нестам.

МУХТОР. Медонӣ-чӣ, Моҳира. Ҳоло гапа то охир нашунидӣ.

МОҲИРА. Боз чӣ хел гап?

МУХТОР. Раҳим танҳо нест. Ҳамроҳаш боз ду нафари дигар меоянд.

МОҲИРА. Чӣ?

МУХТОР. Боз ду каси ди гар…

МОҲИРА (*сарашро дошта*). О, ин чӣ рӯзи сахте буд, ки ба сарам омад. Ту маро бе корд куштӣ, кундаи дузах.. Ман акнун фаҳмидам, ки хонаи ман корвонсарои ту будааст. Ой, мардак, ҳушат дар ҷояш? Бечора падарам ин хоная бо сад азоб барои ошноҳои ту не, барои ман, ба хотири ман гирифта дод. Агар вай инро медонист, ҳаргиз чунин намекард.

МУХТОР. Дар ин хона ман ҳам каму беш ҳуқуқ дорам. Барои ҳамин гапҳои зиёдатиро ба як тараф мон. Ҳамин замон меҳмонҳо омада мемонанд. Тайёрӣ дидан лозим.

МОҲИРА. Ой, мардак, ту чаро розӣ шудӣ? Худаш-ку меомад, дарди бахайр буд. О, боз вай ду барзангии пайтобапӯшро ба сарамон мезанем?

МУХТОР. Асабӣ нашав. Пайтобапӯшҳо хам мисли ману ту одаманд.

МОҲИРА. Маро асабӣ нашав мегӯӣ. Як шайка одамони бобою бибим ҳафт пушташ надидагиро ба хона оварда, ману кӯдакамро таги пои онҳо мепартоию боз асабӣ нашавам будааст. Не, ошно. Ин номерат ба кор намеравад. Дар ин хона ё ту мемонӣ ё ман?

МУХТОР (*ба дар нигоҳ карда*). Моҳира, ҷонам, ором шав. Онҳо ҳамин замон меоянд. Кори хуб намешавад. Ҳар гапу гапчае, ки дорӣ, пагоҳ бемалол гуфтан мегирӣ. Ман ботаҳаммул гӯш мекунам.

МОҲИРА. Фақат як шаб, шаби охирин. Чӣ номаъқулие, ки

https://bikhon.tj/

мекунӣ, бо ошноҳоят кардан гир. Пагоҳ ман рангу раҳмонатро набинам. Меҳмонҳоят пеш-пешу худат аз қафо. Калидро метавонӣ дар хонаи ҳамсоя монда равӣ. Ҳаминаш беҳтар. Набинаму насӯзам. *(Ба назди дастгоҳи телефон омада гӯширо мебардорад ва рақамеро мегирад. Лаҳзае хомӯшӣ).* Алло, Мунира туӣ? Ҳа, ман… Тинчӣ… тинчӣ, хавотир нашав. Даратро кушода мон. Ман баъди ним соат меоям. Баъд... баъд мегӯям… Фаҳмидӣ-я. Хайр, пока. *(Гӯшакро мегузорад).*

МУХТОР. Нағз накардӣ, Моҳира. Одамонро дар як ҳисси шаб хавотир карда…

МОҲИРА. Хавотир карда бошам, хоҳари худамро хавотир кардаам. Ошноҳои ноошнои ту барин зиндагии дигаронро талх накардаам.

МУХТОР. Моҳира, ту дар сари ҷаҳл…

МОҲИРА. Аз кардаат намон, профессор. *(Зуд сару либосашро пӯшида, писарчаашро аз кат бардошта ба оғӯшаш зер карда, башаст баромада меравад. Мухтор лаҳзае ба ҷониби дар нигариста сар меҷунбонад. Баъд ба ошхона мегузарад. Чароғи тарафи чап равшан мешавад. Мо мебинем, ки вай пешгирак ба бар картошка тоза карда истодааст. Гоҳ-гоҳе ба дар менигарад. Баъди фосилае занги телефон баланд мешавад. Мухтор саросема ҷониби дар метозад. Ба хаёлаш мерасад, ки дар не, телефон занг зада истодааст. Тохта омада гӯшакро мебардорад).*

МУХТОР. Алло! *(Тарафи дигар саҳна равшан мешавад. Мо Раҳимро мебинем).*

РАҲИМ. Мухтор, дӯстам. Ин манам.

МУХТОР. Аз куҷо?

РАҲИМ. Аз фурудгоҳ.

МУХТОР. Э, ҳоло ҳам шумо онҷоед? Ё роҳи хонаро наёфтед?

РАҲИМ. Ҷӯянда ёбанда аст, дӯстам. Ёфтан мумкин буд, лекин, дӯстам, бубахш, ки туву занатро аз хоб мононда хеле нороҳат кардем.

МУХТОР *(бо изтироб).* Худаш чӣ гап? Ту хафа шудӣ, Раҳим? Аз кӣ?

РАҲИМ. Чаро ин тавр мегӯӣ? Ман аз ҳеҷ кас хафа нестам. Баръакс, хафа аз худам ҳастам, ки шуморо сахт хафа кардам.

МУХТОР. Не, не, ҳаргиз! Канӣ шӯхиро мону тезтар ба хона.

https://bikhon.tj/

Ман ҳозир картошкаро ба дег меандозам.

РАҲИМ. Ташаккур, дӯстам. Тасаввур кун, ки мо имшаб меҳмони шумо будем. Нону намакатонро хӯрдем. Акнун ба мо ҷавоб.

МУХТОР (*боз чизеро нафаҳмида*). Чӣ гап шуд? Ман нафаҳмида истодаам.

РАҲИМ. Рафтанӣ будем, ки яку якбора рейси моро эълон карданд. Худат медонӣ-ку, ин кормандони фурудгоҳ баъзан чӣ гуфтанашонро надониста мемонанд. Мо ба гапи дурӯғи онҳо бовар карда, қариб буд аз рейс монем. Хайрият шуд. Навакак аз қайд гузашта фурсат ёфта ба ту телефон карда истодаам. Хабар надода рафтан беҳурматӣ мешуд. Инак, дӯстам, суҳбат боқӣ. Моро ба тайёра даъват мекунанд. Хайр, то боздид. Аз номи ман аз янга узр пурс.

МУХТОР (*ҳайрон*). Ин чӣ хел шуд-а? Як пиёла чой нанӯшида…

РАҲИМ. Ҳеҷ гап не. Насибаро агар насиб бошад, баъди бозгашт мехӯрем. Хайр, дӯстам, ба нағзӣ бинем.

МУХТОР. Хайр, набошад. Осмони мусаффо мехоҳам. Дар бозгашт надаромӣ, хафа мешавам.

РАҲИМ. Албатта медароям. Дарвоқеъ, медонӣ-чӣ, Мухтор? Аз одамгарии туву ҳамсарат беҳад миннатдорам. Ман ин гапро албатта ба дигарон ҳам мерасонам.

МУХТОР (*ҳайрон*). Ба кӣ?

РАҲИМ. Ба онҳое, ки дар бораи ту фикри дигар доранд.

МУХТОР (*бесаранҷом шуда*). Киҳоянд онҳо? Чӣ мегӯянд?

РАҲИМ. Шарт нест донистани ин, Мухтор.

МУХТОР. Ту пурмуаммо гап мезанӣ, дӯстам Раҳим.

РАҲИМ. Худи зиндагӣ муаммост, дӯстам…Хайр, то боздид. Шитоб мекунам. *(Гӯширо мегузорад. Мухтор муддате чанд гӯшаки телефон дар даст ғарқ дар баҳри андеша мемонад. Баъд онро оҳиста ба ҷояш гузошта, пешгиракашро аз миён кушода, бо кароҳат худро болои кат мепартояд. Лаҳзае ба сукут меравад).*

МУХТОР (*худ ба худ*). Вай барои чӣ ин тавр гуфт? Дигарон гуфта киҳоро дар назар дошт? Наход, ки зери коса нимкоса бошад? Наход, ки муноқишаҳои оилаи мо то ба қишлоқ рафта

https://bikhon.tj/

расида бошад? *(Занги телефон. Мухтор гӯшакро коҳилона мебардорад).* Гӯш мекунам. *(Тарафи чап равшан мешавад. Дар саҳна Моҳира).*

МОҲИРА. Ну, что, қишҳо омаданд?

МУХТОР (*бепарво*). Не, рафтанд.

МОҲИРА. Чӣ хел? Ин қадар тез? Дастархонамро лесида рафтанд?

МУХТОР. Ба лесидан фурсат нарасид..

МОҲИРА. Чӣ хел? Бепарда гап зан.

МУХТОР. Бепарда гап зада истодаам.

МОҲИРА. Пас, маълум мешавад, ки наомаданд?

МУХТОР. Не!

МОҲИРА. Барои чӣ?

МУХТОР. Намедонам. *(Гӯшакро ба кароҳат ба ҷояш мегузорад).*

МОҲИРА. Алло! Алло! Ҳой, хой, чаро дамат ба дарун зад? (*Китф барҳам кашида*) Намефаҳмам. Намефаҳмам!.. (*Гӯширо гузошта муддате даст таги манаҳ гирифта, ҳайрон мемонад. Парда оҳиста пӯшида мешавад*).

П а р д а

Солҳои 1988-2000.

https://bikhon.tj/

АГАР ҶАНГ НАМЕБУД...
(Драма иборат аз се қисмат бо пролог ва эпилог)

Ба хотираи поки падари бузургворам – иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҳамдами Назархӯҷа мебахшам.

АМАЛ МЕКУНАНД:
Ҳамид ва Шариф – ҷанговарони аз фронт баргашта, дӯстони айёми ҷавонӣ
Саодат – ҳамсари Ҳамид
Файзулло – амаки Ҳамид
Ҳайдар – писари Файзулло
Мавизфурӯш
Марди бозоракӣ

Воқиа баҳори соли 1945 дар яке аз деҳаҳои кӯҳистони тоҷик ба вуқӯъ мепайвандад.

П Р О Л О Г

Қабл аз он ки саҳна боз шавад, аввал чароғҳои толор хомӯш мегарданд. Мусиқии мутантане садо медиҳад. Сипас мусиқӣ батадриҷ паст шуда, ҷои онро овози марғуладори наттоқи машҳури дунё Левитан мегирад: «Диққат! Диққат! Ҳамаи радиостансияҳои шӯравӣ фаъоланд. Ҳамватанони азиз! Ҷанги хонумонсӯзе, ки онро гитлерчиёни малъун ба муқобили халқи мо оғоз намуда буданд, баъди 1428 рӯз бо ғалабаи оламшумули артиши тавонои мо ба охир расид...» Боз садои мусиқӣ баланд мешавад. Расми гузашти ғолибият ба атроф танин меандозад. Дар сар то сари толор чароғҳо бо рангҳои мухталиф шаъшаа мепошанд. Парда оҳиста-оҳиста боз мешавад.

1.

Охирҳои моҳи май. Як гӯшаи бозор. Фурӯшандаҳо бозорро ба сар бардошта, молу маноли хешро ситоиш доранд.

Ҳамид дасти росташ докапеч ва ба гарданаш ҳамоил, борхалтаи аскарӣ ба пушт аз тарафи рост вориди бозор мешавад. Аввал ба шӯру валвалаи фурӯшандаю бозоракиҳо ва харидорон наззора бурда, баъд ба кунҷе мешинад. Аз ҷайб халтаи та-

https://bikhon.tj/

мокуро бароварда, даҳонашро мекушояд. Марди бозоракӣ ба ӯ наздик шуда, бо нигоҳи харидорӣ менигарад ва имконияти гӯгирд задан намедиҳад: зуд аз ҷайбаш гӯгирд бароварда, дарғиронда, ба даҳони Ҳамид наздик мебарад. Ҳамид аз ин илтифот хушҳол шуда, оҳиста «Раҳмат» мегӯяд. Марди бозоракӣ «намеарзад», – гӯён ӯро танҳо гузошта, ба назди мавизфурӯш, ки наздиктари онҳо мавиз мефурӯхт, меояд.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Э, ассалому алайкум, ҳамшаҳрӣ. Шумо ҳамин ҷо будеду ман бехабар.

МАВИЗФУРӮШ. Ваалайкум, ассалом. Ҳарчӣ бардаму саломат ҳастед?

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Аз хок берун, ака... Хӯш, савдо чӣ хел? Пеш рафта истодааст?

МАВИЗФУРӮШ. Бад не. Як лингаша адо кардам. Худо хоҳад, чашми офтоб напарида, мондагиша тамом мекунам.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Илоҳӣ баракаташа диҳад.

МАВИЗФУРӮШ. Раҳмат, бародар.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Хӯш, мегум аз қишлоқ кай баромада будед?

МАВИЗФУРӮШ. Се рӯз пеш, гардам. Тарафҳои мо тинҷӣ?

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Тинҷӣ, тинҷӣ. Шумо дар бозор будед, ки дар тӯй надидам-да.

МАВИЗФУРӮШ. Тӯйи кӣ, гардам?

МАРДИ МАВИЗФУРӮШ. Ҳо, вай ҳаст-ку, аз гузари поён, ҳа, ҳа, номаш ба хотирам омад, Шарифи нимтана.

МАВИЗФУРӮШ. Зан гирифт-чӣ?

Ҳамид номи Шарифро шунидан замон зуд ҷониби онҳо менигарад ва гӯш ба қимор мешавад, то ба хубӣ шунавад, ки дар бораи дӯсти вай боз чиҳо мегӯянд.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Ҳа, зан гирифт. Сағира бабахт будааст, зана зӯраша гирифт. Очеш мӯччӣ накардагӣ.

МАВИЗФУРӮШ. Э, аҷиб-ку, гардам. То ба имрӯз духтара очеш муччӣ накардагӣ мегуфтанд. Имрӯз бо шарофати шумо зани очеш муччӣ накардагия ҳам шунидем.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Ман бе муҳобот мегӯям. Чӣ кор мекунед ҳамон очеш мӯччӣ накардагия, ки бегонаҳо кайҳо мӯччӣ карда бошанд.

МАВИЗФУРӮШ. Инро шумо аз куҷо медонед?

https://bikhon.tj/

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Ман-ку надидам, лекин дидагиҳою медонистагиҳо расо таъриф карданд. Ба хироҷи як мамлакат меарзад, мегӯянд.

МАВИЗФУРӮШ. Аз куҷо будааст, ин занак, гардам?

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Зан не, фаришта гӯед, ака.

Мавизфурӯш табассум мекунад. Ҳамид ҳам ба ин табассум ҳамроҳ мешавад ва зери лаб «Қанд зан, ҷӯра» мегӯяд.

Аз қишлоқи Симиганҷ.

Ҳамид баробари шунидани номи Симиганҷ бидуни ихтиёр «Симиганҷ?» гуфта мемонад.

Лаббай? Гап задед, ошно?

ҲАМИД. Не, не, ман ҳамту...

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Ҳамин ки гӯед, аз рӯи шунидам, ин фаришта се сол пеш дар қишлоқашон ба шавҳар баромада будааст. Шавҳари берӯзӣ бо вай ду моҳ зиндагӣ накарда, ба ҷанг рафтааст. Тирамоҳрӯя аз вай бадбахт хати сиёҳ омадааст.

Ҳамид дар ҷояш ларзида мемонад. Пеши чашмонашро пардаи торикӣ мегирад. Мехоҳад чизе пурсад, вале худдорӣ мекунад. Ба давоми суҳбати онҳо гӯш медиҳад.

МАВИЗФУРӮШ. Насиби бечора ҳамин будааст.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Кори дунё аз омад-омадаш ҳамин хел, ако. Як кас намурад, каси дигар ба мақсад нарасад.

МАВИЗФУРӮШ. Хайр, читу? Шариф ба мардум нону оши нағз дод?

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Э, чияша мепурсед. Дар бисоташ будагӣ чиза чош дод. Қандаша занад. Сағира хуб ҷамъ карда будааст.

МАВИЗФУРӮШ. Одами аз ҷанг омадагӣ чӣ дорад? Албатта, волидон каму беш ҷамъ кардагистанд.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Ҳа, ҳамин хел барин.

МАВИЗФУРӮШ. Лекин ман ба як чиз ҳайрон. Ин занака ҳамин қадар таъриф кардию... лекин гуфтӣ, ки Шариф нимтана, яъне маслуқ... Пас ин фаришта ягон ҷавонмарди ду кас медидагия наёфт, ки омада-омада, ба ин маслуқ сар фуровардааст.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Ҷони гап ҳам дар ҳамин-да, ако. Акнун давомаша гӯш кунед. Аз рӯи шунидам, дар вақташ дили Шариф ба вай духтар кашол будааст. Лекин бачаи симиганҷӣ дастболо шудааст, чунки ҷудо хушрӯ ва доно будааст. Шариф қасам хӯр-

https://bikhon.tj/

да будааст, ки то ӯро ба даст надарорам, намемонам. Ина, бинед, ки фаришта омин гуфтааст. Мардак, ки ният карда будааст, Худо ба нияташ расонд.

Ин дам ду-се харидор наздик омада, аз мавизфурӯш мавиз мехаранд. Суҳбат қатъ мегардад. Ҳамин ки харидорон мераванд, онҳо боз суҳбатро идома медиҳанд.

МАВИЗФУРӮШ. Лекин, ман аз вай занаки таърифии шумо хафа, гардам.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Чиба, ако?

МАВИЗФУРӮШ. Вай бояд сабр мекард.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. То ба кай? Мана, ҷанг тамом шуд. Ҳама баргаштанд. Дигар бо умеди кӣ шавад? Бахусус ки аз вай берӯзӣ хати сиёҳ омадааст.

МАВИЗФУРӮШ. Гапат дуруст-куя, гардам. Лекин мо бисёр хатҳои сиёҳро дидем, ки баъди чанде соҳибонаш зиндаву саломат, бо чор ишкели бутун ба ватан баргаштанд.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Надонам, ако. Зиндагӣ чуну чаро дорад. Чӣ хеле ки набошад, онҳо акнун зану шӯ. Илоҳӣ кӯшапир шаванд.

МАВИЗФУРӮШ. Рост гуфтед, гардам. Бигузор сари мо дард накунад. Ба дигарон корамон чӣ.

Пеши чашмони Ҳамидро пардаи торикӣ фаро мерасад. Худро ба зӯр ба даст гирифта, аз ҷо мехезад. Худ ба худ гап мезанад.

ҲАМИД. Шариф... Симиганҷ... зан... Вай кадом Шариф бошад? Ин зан кӣ бошад? Наход ки... Аз рӯи хати амакбачаам аз Шариф ҳам хеле хату хабар нашудааст. Намедонам, ин гапу гапчаҳо ба ману вай дахле доранд ё не? Шояд каси дигар бошад? Ному тақдирҳои ба ҳам монанд каманд магар? Ё ин ҳарду маро шинохта, барқасд чунин афсонаро бофтанд, то донанд ки асабҳои ман тоб оварда метавониста бошанд ё на? Намедонам, намедонам. Хайр, дида арз мекунем *(Ба мавизфурӯш наздик мешавад).* Ассалом, амак!

МАВИЗФУРӮШ. Ассалом, писарам.

ҲАМИД. Мавизатон чанд пул?

МАВИЗФУРӮШ. Барои шумо, ҷонфидоёни ватан арзони хоки сиёҳ. Килош бист сӯм. Чанд кило кашам, гардам?

ҲАМИД. Се кило.

https://bikhon.tj/

МАВИЗФУРӮШ. Ҳозир, гардам *(Зуд мавиз баркашида, ба халтаи Ҳамид холикунон мепурсад).* Аз он ҷо?

ҲАМИД. Бале.

МАВИЗФУРӮШ. Хуб ҷангидед, мегӯям?

ҲАМИД. Ба қадри қудратамон, амак.

МАРДИ БОЗОРАКӢ *(ба суҳбат ҳамроҳ шуда).* Фашисти очағара то лонаша сур карда бурдед?

ҲАМИД. Бале, дар лонааш саркӯб кардем.

МАВИЗФУРӮШ. Каппаша сӯхтем, гӯед.

ҲАМИД *(бо ваҷоҳати гиронда).* Ҳа, ба хок яксонаш кардем, амак. Хас каму ҷаҳон пок шуд.

МАРДИ БОЗОРАКӢ *(ба дасти бастаи Ҳамид ишора карда).* Дастатон дард мекунад?

ҲАМИД. Каму беш. Ҳанӯз сурох аст.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Ҳеҷ гап, гӯшт мегирад, сиҳат мешавад.

ҲАМИД. Дуруст гуфтед, ако. Захми табар меравад...

МАВИЗФУРӮШ. Бале, писарам. Дил дард накунад, шуд...

ҲАМИД. Афсӯс, ки дили ман дард мекунад.

МАВИЗФУРӮШ. Худро эҳтиёт кунед, писарам. Дил чизи нозук аст.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Хӯш, додар, ту аз куҷо мешавӣ?

ҲАМИД. Аз қишлоқи Симиганҷ.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. О, ҳамшаҳрӣ будем-ку. Мо ҳам аз ҳамон қаламрав. Канӣ, дастатонро диҳед, аз нав фишорам, аз таҳти дил *(Дасти чапи Ҳамидро мефишорад).* Истед, ки исми шарифатон чӣ?

ҲАМИД. Ҳамид.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Писари кӣ мешавед?

ҲАМИД. Писари Халил, агар шунида бошед, падарам тамоми умр ба қабрканӣ машғул буданд...

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Ҳо, ҳо, шунида будам. Бисёр кори савоб мекунад. Медонед-а, агар ҳар одам дар кандани ҳафт қабр ҳиссагузор бошад, рост ба ҷаннат меравад.

МАВИЗФУРӮШ. Дуруст гуфтед, қабрканӣ кори савоб аст.

МАРДИ БОЗОРАКӢ. Мо ба ҳамин қарибӣ ҳамроҳи қиблагоҳатон дар сари як дастархон шишта будем. Мардаки бисёр хушчақчақ. Омадани шуморо шунавад, қанот мебарорад.

ҲАМИД. Мебахшед, падари ман...

https://bikhon.tj/

МАРДИ БОЗОРАКӢ *(пеши гапи ӯро гирифта).* Медонам, медонам... Мӯйсафед одами барҷомонда, ба пешвозатон баромада наметавонад... Ман инро медонам. Парво накунед. Акотон зинда бошад шуд, ман дар як мичӣа задан ин хабарро мерасонам. Хайр, хуш монетон. То дидан.

Марди бозоракӣ зуд меравад. Ҳамид даст бардошта, боз чизе гуфтанӣ мешавад, вале вай аллакай рафта буд. Мавизфурӯш аз қафои вай дуру дароз механдад.

МАВИЗФУРӮШ. Волидонатон дар қайди ҳаётанд, гардам?

ҲАМИД. Афсӯс, ки не, амак. Падарам панҷ сол пеш болои ҳамин дастонам ҷон ба ҷонофарин супурд. Модарам дар соли дуюми ҷанг аз олам гузашт. Ҳатто рӯи хунукашро ҳам надидам. Ин алам мекунад.

МАВИЗФУРӮШ. Зиқ нашавед, гардам. Ҳаминаш беҳтар. Бигузор дар дилу дидаи шумо то рӯзи қиёмат бо ҳамон рӯи гарму дили гарм бокӣ монад. Падармурию модармӯрӣ мерос. Аз ин касеро раҳоӣ нест. Оянду равему боз оянду раванд.

ҲАМИД. *(оҳи сард кашида).* Рост мегӯед, амак.

МАВИЗФУРӮШ. Исто, ки ҳоло ҳавлӣ бесоҳиб будагист?

ҲАМИД. Ростӣ, ки намедонам. Кайҳо боз хату хабар надорам. Соли аввал занам мезист. Баъдтар хат гирифтам, ки падару модараш ӯро «сари танҳо мондӣ» гуфта, ба қишлоқашон бурдаанд...

МАВИЗФУРӮШ. Нағз кардаанд. Вай бечора сари танҳо дар хонаи бесоҳиб чӣ кор ҳам мекард. Хайр, мана сиҳату саломат гашта омадед, боз дукаса шуда, зиндагия мечунбонед. Хешу таборҳо ҳастанд?

ҲАМИД. Амаку амакбачаҳо дорам. Лекин онҳо ба зиндагию ташвиши худашон овора.

МАВИЗФУРӮШ. Ҳа, дар ин замона ҳар кас аробаи худашро худаш кашола карда мегардад. Акнун шумо ба кучо рафтанӣ: ба хонаи хусуру хушдоман ё?..

ҲАМИД. Не, аввал ба хонаи худамон меравам. Мехоҳам чароғи хомӯшшудаи хонадонро равшан кунам.

МАВИЗФУРӮШ. Бар падаратон ҳазор бор раҳмат, писар. Марди падардор будаед. Ман аз шумо ана ҳамин хел ҷавобро мунтазир будам, гардам. Арвоҳи гузаштагонро шод кунед, гардам. Агар қуввататон расад, дер накарда, пагоҳ ё фардо ба як дег

https://bikhon.tj/

дами гарм андохта ҳаққу ҳамсояҳоро ҷеғ зада, фотиҳа гиред. Аҷаб кори савобе, хайре мешавад. Рӯҳу арвоҳ, ки шод шуд, коратон пешрав мешавад.

ҲАМИД. Кӯшиш мекунам, амак.

МАВИЗФУРӮШ *(каме фикр карда, баъд чизе ба хотираш расида, бо табассум).* Лекин, гардам, шумо коре кардед, ки ин мардак аз қишлоқатон дасти холӣ бармегардад.

ҲАМИД. Чаро?

МАВИЗФУРӮШ. Надидед, вай чӣ хел кафшро мондаву патакро пӯшида, ба аспаш савор шуд. Аз ҳама пештар рафта, аз падару модаратон шодиёна гирифтанӣ. Лекин, афсӯс, ки дасти холӣ бармегардад. Бечораро бенасиб кардед-да, гардам *(Механдад).*

ҲАМИД. Гуноҳи ман чӣ? Сабр накард, ки то охир ҳамаашро гӯям. Гапамро ба даҳонам зад.

МАВИЗФУРӮШ. Зиндагии вай аз болои ҳамин кор, гардам. Кораш тамоми рӯз раҳпоӣ. Дасташро ба оби хунук намезанад. Аспашро ана дар вай яккамех қантар карда, дар гирду атроф палмосида мегардад. Ҳамин ки ту барин ягон шинелпӯш пайдо шуд, худашро ширин карда, зуд аслу насабашро пурсида, баъд ба тарафи лозимӣ асп медавонад. Ба бадӣ имрӯз аз пагоҳӣ бозораш касод буд. Ягон кас наомад. Ниҳоят ба бахташ шумо омадеду ҳамон ҳам бефоида...

ҲАМИД. Афсӯс. Хоҳ-нохоҳ ҳафт пуштамро ҳақоратборон мекунад.

МАВИЗФУРӮШ. Сазои сараш, гардам. Як бор шатта хӯрад, минбаъд кораша дониста мекунад. Аз пода пеш чанг намехезонад.

ҲАМИД. Ба ҳар ҳол нағз нашуд. Хайр, амак. Саломат бошед. Ман акнун меравам.

МАВИЗФУРӮШ. Дар амони Худо бошед, писарам. Илоҳӣ ҳафт пуштамон дигар рӯи ҷангро набинад.

Даст ба рӯй мебарад. Ҳамид ба ӯ пайравӣ мекунад.

ҲАМИД *(рафта истода, нохост дар ҷояш меистад).* Мебахшед, амак. Як чиза аз шумо пурсам?

МАВИЗФУРӮШ. Марҳамат, гардам, марҳамат. Вай чӣ будааст?

https://bikhon.tj/

ҲАМИД. Ман навакак ба суҳбати шумоён гӯш дода, нохост номи Шарифро шунидам.

МАВИЗФУРӮШ. Бале, бале. Мо таърифи Шарифҷонро кардем. Вай ҳамқишлоқии мо. Чӣ буд, гардам?

ҲАМИД. Рафиқе доштам, номи вай ҳам Шарифҷон буд. Дар мактаби деҳаи мо се сол хондем. Баъди хатми мактаб вай дар қишлоқашон ба сифати ҳисобчии бригада кор мекард.

МАВИЗФУРӮШ. Худи худаш. Табелчӣ буд, гардам.

ҲАМИД. Дар таги чашми чапаш холи калони сиёҳ дошт?

МАВИЗФУРӮШ. Хато накардед, гардам. Худи худаш.

ҲАМИД. Ҳамроҳ дар як рӯз даъватнома гирифта, дар як рӯз ба ҷанг рафтем. Хамроҳ зиди фашистон меҷангидем.

МАВИЗФУРӮШ. Омади корро бинед-а.

ҲАМИД *(ба як тараф, худ ба худ).* Маълум мешавад, ки худаш... дӯсти ман Шариф... Ҳа, дунё, дунёи наркуши модапарвар...

МАВИЗФУРӮШ. Чӣ гуфтед, гардам?

ҲАМИД *(ба худ омада).* А? Ман ҳамту...

МАВИЗФУРӮШ. Қаҳратон наояду..., писарам, лекин хушдоманатон шуморо нағз намедидааст. Агар нағз медид, дина рост ба болои тӯйи ҷӯраатон меомадед. Тӯй болои тӯй мешуд. Ҷӯраатон чунон ҳимматбаланд, ки... пеши поятон ягон буққаи чорсолро сар мебурид.

ҲАМИД *(маншаи ханда карда).* Шумо хато накардед, хушдоманам маро нағз намедид. Вай ҳатто ба заношӯии мо розӣ набуд, лекин ишқ ғалаба кард...

МАВИЗФУРӮШ. Ба ҳар ҳол зиқ нашавед, гардам. Табрик кардан ҳеҷ вақт дер намешавад. Вақт ёфта, ба қишлоқи мо биёед, сари ҷӯраатон ба осмон мерасад. Ман агар имрӯз борама тамом кунам, албатта, рафта шодиёна мегирам.

ҲАМИД *(якбора).* Не, не! Даркор не, амак. Метарсам, ки шумо ҳам мисли ин мардаки навангӣ аз хонаи вай бо дасти холӣ бармегардед.

МАВИЗФУРӮШ. Не, писарам, шумо хато мекунед. Шарифи моро кам набинед.

ҲАМИД. Ба ҳар ҳол ман илтимос мекунам, ба вай чизе нагӯед. Мехоҳам, ки бо ӯ ногаҳон вохӯрам.

МАВИЗФУРӮШ. Фикри бад не. Майлаш, бигузор гуфти шу-

https://bikhon.tj/

мо шавад, гардам. Лекин албатта, биё, меҳмони мо мешавӣ. Ҳавлии Карими Мирзо дар куҷо гуфта пурсӣ, аз хурд то калон нишонат медиҳанд.

ҲАМИД. Хуб шудааст, амак. Вақт ёфта меоям. Хайр, то дидана.

МАВИЗФУРЎШ. Хайр, писарам, дар амони Худо бош!

Ҳамид бо мавизфурӯш хайрухӯш карда, пештари саҳна меояд. Ба дуриҳои дур нигариста, худ ба худ ба гап медарояд.

ҲАМИД. Шариф, Шариф. Дӯсти ман. Вай зинда... зинда будааст. Шариф! Шодам, ки аз майдони ҷанг зиндаву саломат ба Ватан баргаштӣ. Бениҳоят шодам. Лекин... лекин...., наход ки…, наход ки зани ман зани ту шуда бошад? Охир, ту ӯро хоҳари қиёматӣ хонда будӣ. Худаш чӣ гап? Инро чӣ тавр бояд фаҳмид? Ман магар барои ҳамин ҷангидам? Заҳҳокро дар лонааш барои ҳамин саркӯб кардам? Чӣ бемурруватӣ, эй фалаки каҷрафтор?! Ҷафои ту ба фарзанди инсон беш аст, ки беш аст! Ҷанг тамом шуд? На! Ҷанг давом дорад. Вай дар дили ман, дар вуҷуди абгору залили ман давом дорад, дар андешаву эҳсоси ман давом дорад. Вай маро ба набардҳои нав, ба ҷанги бадиву некӣ, ҷанги тинати инсон ҳидоят мекунад. Дар он ҷанги хонумонсӯз, ҷанги ҳаёту мамот дастболо шудам. Дар ин ҷанг, ҷанги нангу номус чӣ? Андешаҳои ботил асабҳои бе ин ҳам харобгаштаи маро вайрон карда истодаанд...

Ҳамид! Сабр пеша бисоз! Шояд ин ҳама шунидаҳо хобу хаёл бошанд? Мард бош, Ҳамид! Ту набояд дар ин ҷанги нангу номус мағлуб шавӣ? Ин ба ҷанговари ҳақиқӣ намезебад. Набояд мағлуб шавӣ! Набояд мағлуб шавӣ!...

Даст афшонда меравад. Мусиқӣ. Парда пӯшида мешавад.

2.

Хонаи гилин – мероси падару модари Ҳамид дар як канори деҳа. Намуди берунӣ гувоҳи он аст, ки ба ин карибӣ ба ҳавлӣ қадами мард нарасидааст. Ҳама ҷо фарсуда, дар пешгаҳи саҳна кати чӯбини нимдошт, болои он ду-се кӯрпачаи рангпарида ва ду болишт гузошта шудааст. Дар паси девор Ҳамид бо ҳамон намуде, ки мо дар бозор дида будемаш, пайдо мешавад. Аз берун бо умед ба ҳавлӣ менигарад. Касе нест. Оҳиста дарвозаро кушода ворид мешавад. Ба гирду атроф синча карда, баъд омада

https://bikhon.tj/

болои кат мешинад. Борхалтаашро ба поён мегузорад. Сукунати дилгиркунанда. Дар сари девор банохост амакбачааш Ҳайдар пайдо мешавад.

ҲАЙДАР. Амак! Амаки Ҳамид! Урра! *(Бо шӯру валвала тохта, ба ҳавлӣ медарояд ва худро ба оғӯши Ҳамид меандозад. Ҳамид якдаста ӯро ба оғӯш мегирад).*

ҲАМИД. Оҳҳо! Зӯр-ку! Оҳиста, шермард! Боз устухонҳояма нашиканӣ *(Ба китфи Ҳайдар тап-тап мезанад).* Канӣ, канӣ, ба ман нигар. Йигити каппа-калон шуда мондӣ-ку. Қариб ки нашиносамат. Эҳе, мӯйлабат ҳам баромадааст. Офарин, ҷиян! *(Ҳайдар даст ба таги манаҳаш бурдаю лабонашро молиш дода, аз шарм суп-сурх мешавад).*

ҲАЙДАР. Хайрият, ки сиҳату саломат омадед, амак.

ҲАМИД. Чӣ, шумо ба ин шубҳа доштед?

ҲАЙДАР. Нею.. лекин, охир мо…

ҲАМИД. Умедатонро тамоман канда будед. Гумон кардед, ки ман дигар намеоям.

ҲАЙДАР. Не-ю. Охир, аз шумо хати сиёҳ омада буд.

ҲАМИД. Наход? Ман намедонистам.

ҲАЙДАР. Ҳа, ҳамин хел...

ҲАМИД. Ҳмм... Маълум мешавад, ки ман аз он дунё омадаам. Ин расо зӯр шуд-ку.

ҲАЙДАР. Ҳа, зӯр шуд. Шумоя дида, одамон ҳайрон мешаванд.

ҲАМИД. Косаи паймона, ки пур нашуда будааст, аз сад бало халос шуда, зиндаву сиҳат саломат баргаштам. Хуш, канӣ, бигӯй, амакам, чӣ хел? Сиҳату саломат ҳастанд?

ҲАЙДАР. Шукр, нағз, бардам. Дар боғи боло алаф медаравванд. Рафта ҷеғ зада биёрам?

ҲАМИД. Не, саросема нашав. Мон корашонро кардан гирванд. Ман каме кӯфти роҳро барорам, баъд бо ҳам меравем. Хуш, кору бори ту чӣ хел? Хонданат читу?

ҲАЙДАР. Бад не, амак. Синфи ҳафтум мехонам. Баҳоям «чор», «панҷ».

ҲАМИД. Офарин. Хон, ҷигарам, нағз хон. Хонӣ, олим мешавӣ, нахонӣ золим гуфтаанд. Мана, ин барои нағз хонданат *(Аз борхалта кулоҳи аскарӣ ва як кулула қандро бароварда, ба Ҳайдар дароз мекунад. Ҳайдар кулоҳро зуд ба сараш мепӯшад, кулу-*

https://bikhon.tj/

лаи қандро ба ҷайб ҷой мекунад ва боз Ҳамидро ба оғӯш мегирад).

ҲАЙДАР. Ҳазор раҳмат, амакҷон!

ҲАМИД. Саломат бош, ҷиян *(баъди лаҳзаи сукут).* Хуш, Ҳайдарҷон. Дар қишлоқ боз чӣ навигарӣ?

ҲАЙДАР *(лаҳзае ба чеҳраи Ҳамид нигариста, аз нигоҳи ӯ ба худ маънӣ мехонад).* Навигарӣ? Навигарӣ бисёр, амак. Масалан, вай ҳафта бобои Назар, ҳамсояи шумо худораҳматӣ шуд. Бечора дар хасрати дидори писараш баармон рафт. Баъди ду рӯз писараш омад. Бе як по. Боз ин ки... муаллим нест гуфта, синфи моро бастанд... Мо имсол тамомкунанда... Баъд... баъд гови алои шумо дар хонаи мо. Ба қарибӣ дута гӯсола кард. Ин ризқи шумо, амак. Пагоҳ Худо хоҳад, гирифта мебиёрам.

ҲАМИД. Зӯр-ку. Лекин мо говҷӯш надорем. Ман бошам, дӯшида наметавонам.

ҲАЙДАР *(лаҷоми гапро дигар тараф гардонда).* Ғами инро нахӯред, амак. Сарамон бошад, токӣ ёфт мешавад. Чӣ хеле ки мегӯянд, сари зулфи ту набошад сари зулфи дигаре.

ҲАМИД. Яъне, чӣ хел? Ман нафаҳмидам.

ҲАЙДАР *(хатои худро фаҳмида).* Ман гуфтанӣ будам, ки парво накунед, говҷӯш ёфт мешавад.

ҲАМИД. Ҳа, ин гапат дуруст. Говҷӯши мо он қадар роҳи дур нарафтааст. Дар ҳавлии падару модараш. Ҳамин тавр не?

ҲАЙДАР *(бо таҳайюр).* Бале..., лекин надонам...

ҲАМИД *(худро ба нодонӣ зада).* Вай хабари омадани маро шунида, ба дав меояд. Ҳамин тавр не?

ҲАЙДАР *(паси сар хорида).* Ман чӣ донам, амак?

ҲАЙДАР. Ту бисёр чизҳоро медонӣ-ю Ҳайдар...

ҲАЙДАР *(ба пеши пояш хат кашида).* Худо занад, ки намедонам, амак.

ҲАМИД. Қасам нахӯр, ҷиян. Мард бояд ҳамеша росташа гӯяд. Аз ман гап нагурезон. Ҳарчӣ ки медонӣ, бигӯй. Бигузор талх бошад.

ҲАЙДАР. Чӣ гӯям?

ҲАМИД. Аз янгаат, Саодат ягон хату хабар ҳаст?

(Ҳайдар тарсида, якбора сар мебардорад ва ба тарафи Ҳамид бо таҳайюр менигарад). Баъди рафтанаш ягон бор ба ин хавлӣ омада буд ё не?

https://bikhon.tj/

ҲАЙДАР. Ман чӣ донам, амак... Ҳа, аввалҳо меомад. Ман худам як-ду бор дида будам.

ҲАМИД. Баъд чӣ?

ҲАЙДАР. Баъд... баъд намеомадагӣ шуд.

ҲАМИД. Намедонӣ, барои чӣ?

ҲАЙДАР. Намедонам, амак. Фақат ҳаминаша медонам, ки хусуру хушдоманатон баъдтар омадани вая ба ин хона манъ карданд.

ҲАМИД. Инро ба ту кӣ гуфт?

ҲАЙДАР. Бори охирин худаш гуфт. Ба гиря иқрор шуд, ки падару модарам «ба хонаи бесоҳиб рафта, чӣ кор мекунӣ, хосияти хуб надорад» гуфтаанд.

ҲАМИД. Ин яъне баъди омадани хати сиёҳи ман? О, вай дар суҳбат ба ту дигар ягон чиз нагуфт?

ҲАЙДАР *(фикр карда).* Гуфт.

ҲАМИД. Хуш, чӣ гуфт?

ҲАЙДАР. Гуфт, ки ман ба хати сиёҳ бовар надорам. То рӯзе, ки зинда ҳастам, роҳи амакатро мепоям.

ҲАМИД (оҳи сард кашида). Ҳмм. Ҳамин тавр гуфту... лекин…Фаҳмо.

ҲАЙДАР. Хайр, ман акнун равам, амак? Боз меоям.

ҲАМИД. Ҳайдар, ҷиянам. Ту акнун бача не. Мард ҳастӣ. Марди калон. Мард бо мард бояд мардона гап занад. Аз байн гапе гузаштагию ту аз ман пинҳон медорӣ, ҳамин тавр не?

ҲАЙДАР. Ҳа, гапи калон гузашт, амак, лекин забонам намегардад. Охир ман ба вай бовар доштам.

ҲАМИД *(дар изтироб).* Ба вай чӣ шуд? Тезтар гӯй.

ҲАЙДАР. Наметавонам.

ҲАМИД *(китфони ӯро такон дода*). Барои чӣ? Чаро ба даҳонат об гирифтаӣ, бача?

ҲАЙДАР. Дили шуморо озурдан намехоҳам, амак.

ҲАМИД. Дили ман кайҳо озурда, лахт-лахт шудагӣ, ҷиян. Барои ҳамин натарсида, гуфтан гир.

ҲАЙДАР. Хуб шудааст, мегӯям. Вай... вай...

ҲАМИД. Ҳа, боз чӣ гап? Гап зан охир. Вай зиндааст?

ҲАЙДАР. Ҳа, зинда.

ҲАМИД. Уф. Хайрият. Хуш, пас ба вай чӣ шудааст?

ҲАЙДАР. Худатонро мард гиред, амак.

https://bikhon.tj/

ҲАМИД. Ман мард ҳастам ва мард мемонам, ҷиян. Агар мард намебудам, ба майдони ҷанг намерафтам. Барои ҳамин ту ғулунгхоӣ накуну...

ҲАЙДАР *(оби даҳонашро базӯр фурӯ бурда).* Вай шӯ кард.

ҲАМИД *(ба изтироб* омада). Кай? Дина?

ҲАЙДАР *(ҳайрон).* Ҳа, дина.

ҲАМИД. Ба кӣ расид? Ба Шариф, аз қишлоқи Дара?

ҲАЙДАР *(бештар ҳайрон шуда).* Ҳа. О, шумо аз ҳама гап бохабар-ку, амак, ман беҳуда шуморо...

ҲАМИД. Бале, бохабарам, аз ҳамааш бохабарам.

Таваққуф

Ҳа, маълум мешавад, ки гапҳои дар бозор шунидаам сар то по дуруст будаанд *(Худ ба худ).* Саодат! Саодат! Чӣ коре буд, ки кардӣ. Ман инро аз ту умед надоштам. То охири умр роҳи тӯро мепоям, гуфтани ту, ҳамин маъниро дошт магар? Ҳа, беҳуда нагуфтаанд: фалак аз макри зан андеша дорад. Дар паси он ҳама меҳрубонию дилрабоиҳо ҷуволи макру ҳиял мехобидаасту мани гулу зудбовар шабу рӯз ба ёди ту мезистам, нафас мегирифтам...

ҲАЙДАР. Шумо аз вай беҳуда хафа шудед, амак. Ба фикрам вай гуноҳе надорад. Охир, гуфтам-ку, хати сиёҳи шумо омада буд.

ҲАМИД. Боз ҳамон гап... хати сиёҳ... Аз ҳама, дар ҳама ҷо фақат ҳамин гапро мешунавам. Гӯё ки дигар гап набошад. Канӣ, хамон варақи лаънатӣ, ки бо чашмони худам бубинам. Куҷост вай?

ҲАЙДАР. Вай ҳаст, дар дасти занатон.

ҲАМИД *(дод зада).* Кадом занам? Саодат? Вай дигар ба ман зан намешавад. Ба ман номаҳрам аст вай. Вай беномус шуморо ҳам фиреб кардагист. Ягон коғази бе унвонро нишон додааст, то шумо бовар кунед.

ҲАЙДАР. Не, амак, ин тавр нест. Хати сиёҳро худи хаткашон оварда буд. Мо онро дида будем.

Ин лаҳза дар беруни ҳавлӣ амаки Ҳамид Файзулло – мӯйсафеди нуронӣ пайдо мешавад. Суханҳои охирини Ҳамидро гӯш карда, баъд ба хона медарояд.

ФАЙЗУЛЛО. Ҳамид, ҷигарам, омадӣ? Хуш омадӣ, нури дида, тоҷи сар. Канӣ, оғӯштатро калон кушо, одами аз он дунё омада! Ана, қаду қомат, паҳлавони афсонавӣ! *(Ҳар ду худро ба оғӯши*

https://bikhon.tj/

ҳамдигар мепартоянд). Дар болои гапат омадам, бачам. Нағз, ки ту аллакай ҳамаашро медонӣ. Аз вай паршикаста гумони бад набар.

ҲАМИД *(оҳиста мӯйсафедро аз худ дур карда).* Шумо ҳам тарафи ӯро мегиред, амак. Вай бешараф аст. Агар заррае дилу вичдон медошт, сабр мекард, талоқи маро мегирифт. Ана, баъд он тарафаш...

ФАЙЗУЛЛО. Хуб сабр кард, бачам. Расо як сол! Дигар чӣ кор кунад буд?

ҲАМИД. Шумо ба коғази вай нишон додагӣ бовар кардед?

ФАЙЗУЛЛО. Бале, номаи шум ба номи вай омада буд. Дар пеши худам хонд. Ҳоло ҳам дар ёдам ҳаст. Сиёҳхата хонда, беҳуш шуда афтод. Се рӯз ба худ наомад. Базӯр ба худ овардем.

ҲАМИД. Ҳамаи ин фиреб, амак. Занони вафодор ин хел рафтор намекунанд. Баъд ин ки ваъдаю миоди мо ин хел набуд.

ФАЙЗУЛЛО. Медонам, ман ваъдаю миоди шуморо. Лекин, бачам, зиндагӣ муаммоест сарбаста. На ҳама ба ҳалли мушкилоти ин муаммо қодир аст. Худат бигӯй: кадом занаки ҷавон, ки аз сад гулаш як гулаш шукуфтааст, тамоми умр санги қаноат ба пой баста мегаштааст? Алалхусус, вақте ки вай дигар ягон умедворие надорад. Мана, худат, масалан, агар ба вай ягон фалокат рӯй медод, то ба охири умр бе зан, бо сари қоқ мегаштӣ?

ҲАМИД. Мегаштам.

ФАЙЗУЛЛО. Хаёли хом. Ман бовар намекунам.

ҲАМИД. Ихтиёратон. Лекин ман қасамро намешикастам.

ФАЙЗУЛЛО. Бачам, гуфтам-ку, зиндагӣ агар маҷбурат кунад, ба ҳар роҳ меравӣ, аз вай халосӣ надорӣ. Сад қасам хӯрда бошӣ, маҷбурӣ онро шиканӣ. Сари танҳоро ҳеҷ гоҳ ба гӯр бурда намешавад.

ҲАМИД. Амак, охир ман модарам, занамро ба шумо ва шуморо ба Худо супурда рафта будам. Гумон доштам, ҷои падарамро мегиред. Ба ин ҳавлӣ саробон мешавед.

ФАЙЗУЛЛО. Ҳамаашро аз тақдир бин, бачам. Модарат худораҳматӣ шуд. Ман ба хотири тую бародарам ҳамаи расму русуми бобоиро баҷо овардам. Лекин бо ин гуфтанӣ нестам, ки дар назди ту гуноҳ надорам. Чӣ илоҷ, шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст. Кори шудагӣ шуд.

ҲАМИД. Охир, барои чӣ ин тавр шуд?

https://bikhon.tj/

ФАЙЗУЛЛО. Агар ҳақиқатро донистан хоҳӣ, ман худам занатро маҷбур кардам, ки ба вай маслуқ розигӣ диҳад.

ҲАМИД. Шумо?

ФАЙЗУЛЛО. Бале, бале, ҳайрон нашав. Бечора хуб сабр кард. Аз ҳавлӣ берун намешуд. Баъди чили туро додан, падару модараш омада маҷбураш карданд, ки ҳавлиро партофта, ба назди онҳо равад. Ба назди ман омада, зор-зор гирист. Чӣ кор кунам, амак, гуфт. Маро маҷбур карда истодаанд, ба мӯйсафеди шасташ рафтаю фарташ мондагӣ розигӣ диҳам.

ҲАМИД. Албатта, ба хотири боигариаш?

ФАЙЗУЛЛО. Бале. Ту худат, падару модари вайро хуб медонӣ. Ба хотири пулу мол шуда, тайёранд худро фурӯшанд. Вақти хонадоршавии тую Саодат кам моро ғам доданд? Агар вай ду поро ба як мӯза андохта, истодагарӣ намекард, дар ду дунё ӯ туро насиб намешуд.

ҲАМИД *(оҳи сард кашида)*. Медонам. Хуш, пас давомаш....

ФАЙЗУЛЛО. Дар ин байн Шариф ҳам ду-се бор кас фиристодааст. Саодат гуфтааст: «Ман ҳеҷ кадоми онҳоро намехоҳам. Роҳи Ҳамидро мепоям. Вай бояд зинда бошад, дилам гувоҳӣ медиҳад. Агар зинда набошад ҳам, ба ёди ӯ то охири умр сари қоқ мегардам». Боз ба назди ман омада, бо гиря арзи дил кард. Ӯро тасаллӣ дода, гуфтамаш, ки «Ин хел накун. Агар Ҳамидро ҳақиқатан дӯст дорӣ, ба ёди вай, ба хотири фарзанди ягонаи вай ба Шариф розӣ шав. Вай дӯсти Ҳамид аст. Ба ту саробон, ба писарат падар мешавад, шумоёнро ҳеҷ гоҳ хафа шудан намемонад».

ҲАМИД *(ғазабаш боло гирифта)*. Ҳоло хостгори калон манам гӯед, амак? Қоил ман-е! Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам, ки бо ман ҳарчи кард, он ошно кард.

ФАЙЗУЛЛО. Ба ғазаб набиё, Ҳамид. То охир гапамро гӯш кун.

ҲАМИД. Хуш, гӯшам ба шумо.

ФАЙЗУЛЛО. Баъд вай ба ман гуфт, ки «амак, охир ман зани никоҳии Ҳамид ҳастам. Вай талоқи маро надодааст. Пас ман чӣ хел ба ин кор розӣ шавам?» Ман гуфтам, ки мувофиқи қонуни шариат агар зану мард дар давоми шаш моҳ аз ҳам ҷудо бошанд, мард занро таъмин накунад, никоҳ бурида мешавад. Ҳайрон шуд. Баъд ман аз номи ту ҷавоби ӯро додам. Бечора бо оҳу нола хонаи моро тарк кард.

https://bikhon.tj/

ҲАМИД. Ҷавобашро додед? Оё ба ин ҳақ доред?

ФАЙЗУЛЛО. Бале. Чунки ман ба ту ба ҷои падар мешавам. Ин корро падар карда метавонад.

ҲАМИД. Хайр, чӣ илоҷ. Қанд занед!

ФАЙЗУЛЛО. Ана, кору гапи шудагӣ ҳамин, бачам. Гуноҳи маро мебахшӣ ё не, ихтиёрат, бачам. Лекин ман ба нисбати ту бадие накардам. Ман мехостам, ҳамааш нағз шавад, паршикастаро аз таънаву маломати баддаҳонҳо халос кунам. Оби рехтаро бардошта намешавад. Насиб ҳамин будааст. Бузургворе гуфтааст:

Ду чиз одамиро мебарад ба зӯр,
Яке обу нону дигар хоки гӯр.

Обу нони ватан зӯрӣ кард, гирифта овардат. Омадӣ, хуш омадӣ! Сарат саломат бошад, ҳама чизи дунёгиро меёбӣ.

ҲАМИД *(суханҳои мӯйсафед ба гӯши ӯ намедароянд).* Ман чӣ кор кунам, амак? Э, кош мемурдам, ки шоҳиди ин беномусӣ намешудам.

ФАЙЗУЛЛО. Ин тавр нагӯй. Худо аз беномусӣ нигоҳ дорад. Зиндагӣ кардан лозим, бачам. Ба хотири фардо. Ту беҳуда хун нарехтаӣ. Ин ордену медалҳоят забони гӯёянд. Ба ҳурмати ин рӯзҳои сайид, ки туву ҳазорҳо ҳамяроқонат барои мо фароҳам сохтаед, ту метавонӣ солҳои сол хушу хуррам зиндагӣ кунӣ, оилаи нав бунёд намоӣ, бачаву кача ба воя расонӣ.

ҲАМИД. Агар нашавад-чӣ?

ФАЙЗУЛЛО. Мешавад. Ин пеш аз ҳама вобастааст ба иродаи ту, бачам.

ҲАМИД. Чӣ маслиҳат медиҳед, амак?

ФАЙЗУЛЛО *(баъди андеша).* Намедонам, чӣ гӯям. Агар дилат ба занат кашол бошад, ҳоло дер нашудааст. Шарифро маҷбур мекунам, талоқи Саодатро диҳад. Хутбаи никоҳро хонда, шуморо боз якҷоя мекунем. Чун пештара умр ба сар мебаред.

ҲАМИД. Барои чӣ? Саодат аллакай соҳиби дигар дорад. Вай зани Шариф аст. Ва мо ҳақ надорем, ӯро маҷбур кунем. Ин хилофи мардист.

ФАЙЗУЛЛО. Хайр, инро дида, арз мекунем. Канӣ, чанд вақт гузарад, захмҳо шифо ёбанд. Дар қишлоқ чӣ бисёр, зану духтарони танҳо. Касеро, ки дилат хоҳад, ҳамонро хостгорӣ мекунам. Аз Саодат хубашро меёбему камашро не.

https://bikhon.tj/

ҲАМИД. Ман ҳоло дам гирифтан мехоҳам, амак.

ФАЙЗУЛЛО. Бале, ту аввал дам гир, ба худ ой. Ба ин корҳо мо фурсат меёбем. Шукри Худо, ки замона тинҷу осуда, душман сарнагун шуд.

ҲАМИД *(баъди андеша).* Амак, акнун мехоҳам маро танҳо гузоред. Асабҳои ман чунон харош хурдагӣ, чунон дардманданд, ки ана-мана нагуфта, канда мешаванд, маро аз пой меафтонанд. Мехоҳам каме бо худ танҳо бошам.

ФАЙЗУЛЛО. Туро танҳо гузоштан мумкин не.

ҲАМИД. Хавотир нашавед...

ФАЙЗУЛЛО. Биё, ба ҳавлӣ меравем.

ҲАМИД. Хоҳиш мекунем. Шумо рафтан гиред, ман баъдтар меоям.

ФАЙЗУЛЛО. Майлаш. Мо туро танҳо мегузорем. Хуб андеша кун. Ба ягон хулоса омадӣ, биё. Лекин гардани шайтонро ҳай зан, бачам. Нашавад, ки аз пушти як зан шуда, ба Шариф... Вай ҳам бечора, маслуқи таппа-тайёр...

ҲАМИД. Аз ин бобат хавотир нашавед, амак. Баъд ин ки вай маслуқ нест. Маслуқ ин қадар дароиро аз куҷо меёбад?

ФАЙЗУЛЛО. Чӣ хел дороӣ?

ҲАМИД. Тӯйи Шариф ба ҳафт иқлим овозаю дарвоза шудагӣ. Дар даҳани раҳгузару бозоракиҳои Янгибозор имрӯз танҳо таърифи тӯйи Шариф буд. Боз вайро шумо маслуқ мегӯед. Ёфтед маслуқатона.

ФАЙЗУЛЛО. Ҳамааш ёфтаю тофтаи падараш. Охир, вай одами машҳур буд.

ҲАМИД. Ман ба инаш кор надорам. Дуюм ин ки ман ба нокасу номард ҳеҷ вақт бадиро равон намебинам, дастамро ба тани ҳаром намерасонам. Модоме ки тавонист, халолаш бод! Бурд бурди вай.

ФАЙЗУЛЛО. Ин гапи дигар. Дар ҳама лаҳза мард будан даркор. Даматро рост куну ба хона биё. Ман ҳамсояҳо, хешу таборро ҷеғ мезанам.

ҲАМИД. Хуб, фикр мекунам.

ФАЙЗУЛЛО. Албатта биё.

Файзулло ва Ҳайдар мераванд. Ҳамид танҳо мемонад. Ба хонаи дарун даромада, чароғи хонаро фурӯзон мекунад. Берун баромада, лаҳзае ба дуру наздик менигарад. Ва бидуни ихтиёр

https://bikhon.tj/

чанд дона ашк нӯги мижгонҳояш пайдо шуда, поён меафтанд. Вай худро ба болин ҳаво дода, ба ёди падару модар лаҳзае мегиряд. Ин дам дарвоза ғиҷҷирос зада, хаёлҳои Ҳамидро барҳам мезанад. Шариф ворид мешавад. Ҳамид зуд ашки чашмонашро пок карда, сари болин мехезад. Шарифро дида, бо кароҳат аз вай рӯй мегардонад. Шариф асобағалашро ба як сӯ монда, болои сари ӯ хам мешавад. Оҳиста овоз мебарорад.

ШАРИФ. Ҳамид.

Ҳамид гӯё карахт бошад, аз ҷо намеҷунбад. Шариф бори дигар номи ӯро гирифта, ҷеғ мезанад.

ҲАМИД *(дар хамон ҳолат).* Барои чӣ омадӣ?

ШАРИФ. Омадам, ки дӯсти ба қавле аз он дунё омадаамро пазироӣ кунам. Ба диёр «хуш омадӣ» гӯям.

ҲАМИД *(якбора тоб хӯрда).* Номард! Ту барои пазироӣ не, барои он омадӣ, ки маро масхара кунӣ, ба ҳолам хандӣ, рӯзат аз ин бадтар шавад гӯӣ.

ШАРИФ. Оҳиста Ҳамид. Ҳамсояҳо мефаҳманд, хуб намешавад.

ҲАМИД. Меҳаросӣ?

ШАРИФ. Не!

ҲАМИД. Пас, мон чӣ тавре ки мехоҳам, хамон тавр гап занам. Охир ман дар хонаи худам ҳастам.

ШАРИФ. Мефаҳмам.

ҲАМИД. Ту балоро намефаҳмӣ. Аз он ки зани никоҳии маро кашида гирифтӣ, шарм намедорӣ? Канӣ виҷдон, дину имон?

ШАРИФ. Ҳамид, аввал таги гапро фаҳм, баъд...

ҲАМИД. Фаҳмидан намехоҳам. Об ки аз сар гузашт, чӣ як вақабу чӣ сад вақаб. Шариф, чӣ хел дилат шуд, ки хонаи ободи маро вайрон кунӣ?

ШАРИФ. Ман хонаи ободи туро вайрон накардаам. Баръакс, хостам чароғи хомӯшшудаи хонаатро мунаввар кунам.

ҲАМИД. Ҳа! Хонаи дӯстро ҳамин хел мунаввар мекардаанда! Инаша акнун фаҳмидам. Нав фаҳмидам, ки дар болои зани дӯст хобидан ин хонаи дӯстро мунаввар кардан будааст. Ҳа-ҳаҳа! Гардам худоё аз одамот!

ШАРИФ. Ҳамид!

ҲАМИД. Не, ту дӯст не, ту хоин... хиёнаткор...

ШАРИФ. Ман ба ту хиёнат накардаам.

https://bikhon.tj/

ҲАМИД. Хиёнат аз ин зиёд намешавад. Хиёнаткор дар ҳама давру замон ангушти зиёдатӣ буд. Ва ту медонӣ, ки ин ангуштро бурида мепартоянд.

ШАРИФ. Агар ман хиёнаткор бошам, пас ту ин ангушти зиёдатиро метавонӣ аз беху бунаш бурида партоӣ.

ХАМИД. Барои буридан фурсат мерасад.

ШАРИФ. Ихтиёрат. Худат медонӣ.

ҲАМИД. Ёдат ҳаст? Мард бошӣ, бояд ба ёдат биёяд, туро аз мурдан кӣ халос кард?

ШАРИФ. Дар ёдам ҳаст. То рӯзи қиёмат фаромӯш намекунам ва ба ин ҳақ надорам. Бале, ту будӣ, ки мани маҷрӯҳу маслуқро аз майдони набард бар дӯши худ гирифта, се километро пои пиёда тай карда, ба санбат овардӣ. Ту будӣ, ки бо хуни гармат ба рагҳои ноҷунбони ман ҷон даровардӣ. Ман аз ту як умр қарздорам. Ва инро фаромӯш кардан гуноҳи азимест.

ҲАМИД. Ту бар ивазаш чӣ кардӣ? Маро албатта маъзур медоред, ҷаноб! Марди ҳақиқӣ кори некашро харгиз миннат намекунад. Вале ман ин лаҳза маҷбурам, ки чунин кунам. Чунин бармеояд, ки ман ҷони туро барои он харидам, ки омада-омада, ба зани никоҳӣ, дӯстдошта, ба сад орзу ва ҳавас ба як болин сар мондаам ҳамболин шавӣ. Оини дӯстӣ, бародарӣ ва вафодорӣ куҷо шуд? Ту ҳамаи инро поймол кардӣ, нобакор!

ШАРИФ. Ман медонам, ту ҳаргиз маро намебахшӣ. Лекин мехохам аққалан чанд лаҳза ба ҳарфи дилам гӯш диҳӣ. Баъд ихтиёрат. Метавонӣ, аз даргоҳат бironӣ ва ҳеҷ вақт дӯст нагӯй.

ҲАМИД. Чӣ гап дорӣ? Тезтар бигӯю баъд дафъ шав!

ШАРИФ. Баъди он ки маро ба санбат хобондию хун дода рафтӣ, он тарафашро намедонам. Ту зуд рафтӣ, мо аз хамон соат ҳамдигарро надидем. Ман бо шарофати ту зинда мондам. Лекин аз пои ростам маҳрум шудам. Дигар илоҷи ҷангкунӣ набуд. Маро ба ақибгоҳ ҷавоб доданд. Омадан баробар аввал аз ҳолу аҳволи модарат, занат хабар гирифтам. То рӯзе, ки худораҳматӣ модарат дар қайди ҳаёт буд, равуо доштам. Ба қадри имкон ба шикасту рехти хонаат ёрӣ мерасондам.

ҲАМИД. Албатта, ин на ба хотири дӯстие, ки бо ҳам доштем... Туро дигар чиз ба хонаи мо меовард.

ШАРИФ. Нодуруст. Ман танҳо ба хотири ту меомадам. Баъди он ки кампир гузашт, ман омаду рафтро бас кардам, чун-

https://bikhon.tj/

ки ба хонаи зани ҷавону танҳо омаданро ба худ муносиб намедидам. Аз нигоҳи мардум, аз ғайбати нокасон тарс доштам. Не, ман камтар дурӯғ гуфтам. Вақтҳои аввал гоҳ-гоҳе меомадам, аз ҳолу аҳволи Саодат пурсон мешудам, ёрӣ пешниҳод мекардам. Лекин вай аз ғайбату бадгӯии мардум тарсида, аз ёрӣ ва вохӯрӣ рӯй метофт. Чанд муддат гузашту дигар аз ту мактуб намеомадагӣ шуд. Чор моҳ мактуб наомад. Ва як рӯз ба ҷои мактуби сегӯшаи аскарӣ хати сиёҳи ту омад. Медонам, ки бовар намекунӣ. Лекин... бояд гӯям, ки мехостам аз нав силоҳ ба даст гирифта, ба фронт равам, аз душман қасоси туро ситонидан мехостам. Лекин ҳайҳот! Мани маслуқ ба кӣ ҳам лозим будам? Баъди чанде шунидам, ки аз дуру наздик ба занат хостгорҳо баромаданд. Лекин вай ба ҳеҷ кас сар намефуровард. Падару модараш бошанд, рӯзаш намедоданд. Мехостанд, ки ҳарчи тезтар ӯро ба ягон давлатманд диҳанду халос шаванд. Аз байн як сол гузашт...

САҲНАИ ХОТИРА

Ҳавлии Шарифино. Шариф тевона ва сӯзан дар даст ба дӯхтани мӯзаи даридааш машғул. Дарвоза ғиҷиррос зада, во мегардад ва дар остона Саодат пайдо мешавад. Инро Шариф пай намебарад. Саодат аввал ин сӯ-он сӯи ҳавлиро аз назар мегузаронад. Оҳиста сулфа мекунад. Шариф сар бардошта, ҳайрон мемонад.

ШАРИФ *(мӯзаро ба як тараф монда).* Худоё! Бовар намекунам.

САОДАТ *(шармида).* Салом, Шариф-ака.

ШАРИФ *(дар вазъияти пештара).* Бовар намекунам. Ин шумоед?

САОДАТ *(гапро дигар тараф бурда).* Холаам наменамояд.

ШАРИФ. Ун кас ба ҳавлии ҳамсоя гузаштанд. Ҳамин ҳозир омада мемонанд. Ба очаам ягон кор доштед?

САОДАТ. Ба он кас... Не, не, ба он кас не, ба шумо...

ШАРИФ *(чашмонаш дурахшида).* Ба ман? Хӯш, хӯш, марҳамат. Ана, ба ин тараф гузаред.

САОДАТ *(шармида).* Не, не, раҳмат. Ман шояд дафъаи дигар…

ШАРИФ. Аҷиб. Шумо ба ман гап дореду боз дафъаи дигар

https://bikhon.tj/

мегӯед. Охир, бузургон беҳуда нагуфтаанд: «Кори имрӯзаро ба фардо нагузор». Марҳамат, шарм накарда, пурсидан гиред.

САОДАТ. Намедонам. Охир, боз ягон кас дида намонад. Дар хонаи зан набуда... Гап карданашон мумкин.

ШАРИФ. Гапатон дуруст, Саодатхон. Лекин, ҳеҷ гап не. Анамана нагуфта, очаам меояд. То омадани он кас шумо гапатона гуфта мегиред.

Таваққуф

Марҳамат, шинед, одамро шарм надоронед. Ман ягон чой монам.

САОДАТ. Не, не, саргардон нашавед. Ман амонат омадам. Зуд меравам.

ШАРИФ *(яхи хомӯширо шикаста).* Аҳволатон хуб аст?

САОДАТ *(оҳиста).* Бад не, Шариф-ака.

ШАРИФ. Аз Симиганҷ, чӣ хату хабар ҳаст?

САОДАТ. Хату хабар нест. Баъди аз худораҳматӣ ҷӯраатон хати сиёҳ гирифтан на касе аз он ҷо омадаасту на ман рафтам.

ШАРИФ. Чаро? Наход ягон бор нарафта бошед?

САОДАТ *(оҳи сард кашида).* Пеши кӣ равам? Охирин умеду орзуям дар ин дунёи дун Ҳамид буд...

ШАРИФ. Мефаҳмам, Саодатхон! Чӣ илоҷ? Замин сахту осмон баланд. Бузургворе фармудааст:

Чунин аст кирдори гардуни пир,
Гаҳе чун камон асту гоҳе чу тир.

САОДАТ. Болокории ин падару модарам мутлақо зидди он ҳастанд, ки ман ба Симиганҷ равам. Дар ҳавлии бесоҳиб чӣ кор мекунӣ, мегӯянд?

ШАРИФ. Мефаҳмам ман онҳоро.

САОДАТ. Ҳамаи ин як бало. Лекин балои асосӣ аз дигар тараф маро домангир аст.

ШАРИФ. Хӯш-ш?

САОДАТ. Онҳо маро дубора ба шавҳар доданианд.

ШАРИФ *(ҳайрон).* Ба кӣ?

САОДАТ. Ба як мӯйсафеди бою бадавлат. Синаш таги шаст дакка мехӯрад.

ШАРИФ. Ваҳ рум сиёҳ. Наход ки ин рост бошад?

САОДАТ. Мутаассифона, рост аст, Шариф-ака. Вай мӯйсафеди беимон ин пагоҳӣ боз ба хона омад. Ба падарам дӯғу да-

https://bikhon.tj/

ранг кард. Гуфт, ки то охири ҳафта масъаларо яктарафа кунанд. Вай дигар интизор намешудааст. Вай худозада, бо кибру ғурур гуфт, ки агар хоҳам духтари очеш мӯччӣ накардагия ба занӣ мегирам.

ШАРИФ. Ҳӯ, нобакоре! Дунёро бесоҳиб дидааст.

САОДАТ. Шумо падари маро медонед. Вай мумсик розӣ ҳаст, ки ба ивази чанд сӯми сиёҳ маро бароварда, аз ҳавлӣ гусел кунад.

ШАРИФ. Мефаҳмам. Модоме ки чунин аст, шумо пас чӣ кор карданӣ ҳастед?

САОДАТ. Намедонам. Сарам сахт. Барои ҳамин назди шумо, барои маслиҳат омадам. Гӯед, чӣ кор кунам?

ШАРИФ. Ҳмм... *(сарашро байни дастон гирифта, ба фикр фурӯ меравад).* Ҳайронам, чӣ гӯям. Ман ҳам намехоҳам ки ҷавонзане чун шумо ба доми вай нобакор афтад. Охир, вай куҷою шумо куҷо? Ба шумо маслиҳат медиҳам, Саодатхон, сабр кунед, шояд ягон ҷавонмарди ба худатон муносиб пайдо мешавад…

САОДАТ*(пеши гапи ӯро гирифта).* Не, не, ин тавр нагӯед. Ман ба Ҳамид қавл додагӣ. То охири умр бо ёди ӯ мегардам. Охир, ман Хуршед дорам, давоми умри ӯро дорам. Намехоҳам, ки хуршеди муҳаббати ман ба зудӣ аз нурпошӣ монад.

ШАРИФ. Мефаҳмам, Саодатхон. Лекин, охир… агар падару модаратон маҷбур намоянд, оқ мекунем, гӯянд, аз ҳавлӣ меронем, пас он вақт чӣ кор мекунед?

САОДАТ. Сарамро гирифта, аз қишлоқ баромада меравам.

ШАРИФ. Ба куҷо?

САОДАТ. Ба Симиганҷ? Мехоҳам чароғи хомӯшшудаи ҳавлии онҳоро аз нав равшан кунам.

ШАРИФ. Ин фикратон беҷо не-куя. Лекин…

САОДАТ. Чӣ лекин?

ШАРИФ. Дирӯз ман як хабар шунидам.

САОДАТ. Чӣ хелӣ хабар?

ШАРИФ. Ба ҳавлии Ҳамидино харидор баромадааст. Гӯё ҳамсояшон девори байнро бардошта, ду хавлиро як мекардааст.

САОДАТ *(музтар шуда).* Худоё! Як кас намурад, каси дигар ба мақсад намерасидааст. Амаки Файзулло ба ин чӣ хел розӣ шуда бошад?

ШАРИФ. Инашро намедонам. Шояд гапи мардум бошад.

https://bikhon.tj/

САОДАТ. Сари сахтам. Ман дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл. Боз мани гумкардабахт роҳи халосиро аз ҷабру ситами падару шавҳаршавандаи шум дар он ҳавлӣ медонистам.

ШАРИФ. Зиқ нашавед, Саодатхон. Илоҷӣ ноилоҷӣ будагист.

САОДАТ. Канӣ ҳамон илоҷи ноилоҷӣ?

ШАРИФ. То охири ҳафта вақт ҳаст. Канӣ, ман як дурустакак фикр карда бинам. Шояд ба ягон андешаи дуруст биёям.

САОДАТ. Ман интизори маслиҳати шумо, Шариф-ака. Дар ин тарафҳо ғайри шумо каси наздик надорам. Дасти ману домони шумо.

ШАРИФ. Поёни шаби сиёҳ сафед аст, Саодатхон. Худро ба даст гиред. Ман ҳамин ки ба ягон маслиҳат омадам, зуд шуморо пайдо мекунам, модарамро мефиристам…

САОДАТ. Раҳмат, Шариф-ака. Хайр, ман рафтам. Ба холаам салом гӯед.

ШАРИФ. Хуб шудааст.

Саодат рӯмолашро пештар кашида, баромада меравад, Шариф аз қафои вай дуру дароз нигоҳ карда мемонад, оҳи сард мекашад. Мусиқии ҳазин садо медиҳад. Саҳна торик мешавад, баъди фосилае боз равшан мегардад. Мо манзараи саҳнаи хотираро мебинем. Шариф ба асобағал такя дода, роҳи омадро нигарон. Мазмун омадани касеро интизор аст. Дар кушода шуда, Саодат меояд. Дар тан либоси дигар дорад.

САОДАТ. Шуморо хеле интизор кардам, Шариф-ака?

ШАРИФ. Не, не, ман навакак аз боғ баргаштам. Марҳамат, шинед.

САОДАТ *(ба лаби кат амонат нишаста).* Илоҷе карда гурехтам. Вай пиракии албастӣ боз дар хона. Ҳини ба хонаи дарун даромаданашон оҳистакак баромада омадам.

ШАРИФ *(бо нимтабассум).* Нағз кардед.

Таваққуф

САОДАТ. Гӯшам ба шумо, Шариф-ака.

ШАРИФ *(ба осмон дуру дароз нигариста).* Намедонам, гапро аз куҷо сар кунам.

САОДАТ. Чӣ хеле ки мехоҳед, ҳамон хел сар кунед. Гумон мекунам, ки маслиҳати шумо ба ҷароҳатҳои ман давои хуб хоҳад шуд. Ин маслиҳат ҳаёту рӯзгори ману Хуршеди маро ба куллӣ тағйир хоҳад дод.

https://bikhon.tj/

ШАРИФ. Ман ҳам дар ҳамин андеша. Маслиҳати ман бояд зиндагии шуморо тамоман дигар кунад.

Таваққуф

Шариф боз хомӯш мемонад, оҳи сард мекашад, сигор дармегиронад. Саодат гӯшу ҳуш.

САОДАТ. Ман шуморо гӯш мекунам, Шариф-ака.

ШАРИФ *(ба худ омада).* Ҳа-ҳа, ман ҳозир. Саодатхон, ба ман бигӯед, вай гуфтаатон дар ҳақиқат рост аст?

САОДАТ *(ҳайрон).* Кадом гуфтаам?

ШАРИФ. Гуфта будед, ки то охири умр ба ёди Ҳамид мегардам, шавҳар намекунам.

САОДАТ. Чӣ, шумо ба ин гуфтаҳо шубҳа доред?

ШАРИФ. Не, шубҳа надорам, фақат мехоҳам ҷиддӣ будани онро бори дигар бо ҳамин гӯшҳоям шунавам.

САОДАТ. Ҷиддӣ бовар кунед. Шариф-ака. Агар зинда бошем, шумо худатон бо чашми сар хоҳед дид, ки қавлу амали ман якаст.

ШАРИФ. Ман бовар мекунам.

САОДАТ. Ташаккур барои боварӣ.

ШАРИФ. Агар ҳамин тавр бошад, пас маслиҳат чунин: зани ман шавед.

САОДАТ *(чашмонаш аз косахонаи сараш баромада).* Чӣ?

ШАРИФ. Магар нафаҳмидед?

САОДАТ. Фаҳмидам. Фаҳмидам. Э, кошкӣ намефаҳмидам.

ШАРИФ. Ором шавед, Саодатхон.

САОДАТ. Ором шавам? Баъди шунидани ин ҳақорат ман ором шавам? Чӣ хел? Маслиҳати як ҳафтаи расо фикр карда, ба ман мегуфтаи шумо ҳамин?! *(Аз ҷо бархоста, чун ҷонвари ба хашмомада ҷониби Шариф меояд).*

ШАРИФ. Шинед, Саодат, шинед! Ман... ман хостам асабҳои шуморо санҷам.

САОДАТ. Хӯш, санҷида, ба чӣ ноил шудед? Хӯш, вақтатон чоқ шуд?

ШАРИФ. Не...

САОДАТ *(асоро аз дасти Шариф мерабояд ва ӯ якпаҳлӯ болои кат меафтад).* Мехоҳед, ки бо ҳамин асоятон ба фарқи саратон занам?

ШАРИФ. Не. Ман ба ин сазовор нестам, Саодат. Акнун ши-

https://bikhon.tj/

неду маро бодиққат гӯш кунед. Ман бовар кардам, шумо ба мурдан розӣ мешаведу лекин ному ёди Ҳамидро ҳеҷ гоҳ аз лавҳи дил дур намесозед. Шинед, гуфтам, шинед. Худатонро ба даст гиред.

Саодат амонат мешинад ва аз Шариф рӯй гардонда, ба давоми суханҳои ӯ гӯш медиҳад.

САОДАТ. Тезтар гап занед.

ШАРИФ. Шояд дар ҳаёти ман шумо аввалин одаме ҳастед, ки ин лаҳзаҳо ҳақиқати ҳол, рости гапро мегӯям.

САОДАТ. Боз кадом ҳақиқат?

ШАРИФ. Ҳамон ҳақиқате, ки то ба имрӯз касе намедонад.

САОДАТ. Тезтар гӯед.

ШАРИФ *(оҳи сард кашида).* Ман ҳамчун дигар шарикони аз ҷанг баргаштаам мехоҳам, ки оила бунёд кунам, фарзандон ба дунё биёрам, онҳоро ба камол бирасонам...

САОДАТ. Хайр чӣ, хоста бошед, кардан гиред. Кӣ пеши роҳатонро гирифтааст? Чӣ бисёр, духтар бисёр. Чаро омада-омада, дар болои номи ман қарор гирифтед?

ШАРИФ. Аз шумо хоҳиш мекунам, то ба охир гапамро гӯш кунед... (*Таваққуф).* Вале Худои таолло ҳамаи ин чизҳоро ба ман муносиб надид. Бо касофати ин ҷанги шум ман ... аз ҳама чиз абадӣ маҳрумам.

САОДАТ *(рӯй ба тарафи Шариф гардонда).* Чӣ хел?

ШАРИФ. Ба ҳамааш ҷанг гунаҳкор. Ҳамаи ин чизҳоро аз ман рабуд. Ман аз он чизе, ки хоси мард аст, маҳрум шудам *(ашк мерезад).* Ҳамааш хости Худост. Илоҷ надорам. Шукр мекунам, ки зинда ба ватан баргаштам.

САОДАТ *(бо эҳтиёт).* Пас ба шумо чӣ лозим зан гирифтан? Чӣ лозим ҳам зани бечора ва ҳам худатонро ба азоб мондан?

ШАРИФ. Дуруст мегӯед, Саодат. Лекин ба ман зан, ҳамхоба лозим не. Барои ҳамин, ба хотири шумо, фарзандатон, ба хотири дӯстам ба чунин қарор омадам: шуморо ба хонаи худам биёрам. Мо фақат дар назари мардум зану шавҳар хоҳем шуд. Ману шумо хоҳару бародарони қиёматӣ мешавем. Ба фикрам агар шумо ба ин розӣ нашавед, азобатон зиёдтар мешаваду кам не. Зани танҳо, алалхусус шумо баринҳо ҳамеша дар пеши назари ғайбатчиҳову иғвогарҳо карор доранд. Вақте ки мову шумо дар таги як бом зиндагӣ мекунем, мардуми бадзабон дигар ба мо кор-

https://bikhon.tj/

дор намешавад. Ана, ҳамин аст маслиҳати ман ба шумо Саодат. Ман роҳи дигарро намебинам. Намехоҳам, ки шумо канизи як мӯйсафеди беимон шаведу Хуршедҷон сағираи дар ба дар. Гап ҳамин, маслиҳат хамин. Имрӯз хуб фикр кунед. Агар маслиҳатам маъқул биёяд, ба модаратон гӯед. Бигузор онҳо натарсанд. Ман ҳам дар бисотам як чиз, ним чиз дорам. Онҳоро хурсанд мекунам.

САОДАТ *(ҳамоно ҳайрон).* Шариф-ако, шумо маро ҳайрон кардед. Намедонам, ба шумо чӣ гӯям.? Ҳамаи ин чунон ногаҳонӣ, чунон ғайри чашмдошт, ки… Намедонам... Хуб, майлаш, пагоҳ ман ҷавобашро медиҳам.

ШАРИФ. Дуруст андеша кунед, Саодат...

САОДАТ. Хуб, фикр мекунам *(Меравад).*

Саҳна равшан мешавад.

ШАРИФ. Рӯзи дигар Саодат розигӣ дод. Лекин боисрор талаб намуд, ки агар мабодо ҳини дар хона будан ягон рафтори ношояме аз ман содир шавад, худи ҳамон лаҳза баромада меравад ва маро дар байни мардум шармсор мекунад. Ман ба ӯ ваъдаи қатъӣ додам, ки рафтори ноҷоро ҳеҷ гоҳ аз ман нигарон намешавад. Ҳамин тавр, чуноне ки ту аллакай медонӣ, дирӯз ба хотири фиреби назари мардум як тӯйча карда, онҳоро ба хона овардам.

ҲАМИД *(бо киноя).* Тӯйча? Ҳмм...

ШАРИФ. Бовар кун, Ҳамид. Ман ҳамаи инро ба хотири ту, ба хотири фарзанди ягонаи ту Хуршедҷон кардам.

ҲАМИД. Писар? Ҳоло ман писар ҳам дорам?

ШАРИФ. Бале. Писар дорӣ. Каллаю кандаи ту.

ҲАМИД. Вай чандсола аст?

ШАРИФ. Ба тахминам сеюним ё чорсола.

ҲАМИД. Вай чаро дар ин бора ба ман нанавишт?

ШАРИФ. Инашро намедонам. Шояд фурсат нарасидааст ё шояд навиштаву нома ба ту нарасида бошад.

ҲАМИД. Бовар намекунам. Вай бояд аз ту шуда бошад. Кората буд карда, ҳаромия ба дунё оварда, акнун мехоҳӣ, ки ба сари ман бор намоӣ. Не, ҷаноб, ин қилиқат ба кор намеравад. Ҳаромиат ба худат насиб кунад.

ШАРИФ. Хоҳ бовар кунӣ, хоҳ не, ман ба ту ҳаққи гапро гуфтам. Дар тори сарам Худо истодааст.

https://bikhon.tj/

ҲАМИД. Ту баринҳо Худоро ҳам фиреб медиҳанду бандаи мӯъмину мусулмонашро ҳам.

ШАРИФ. Ин фикри ту. Хулоса, хамин ки агар ман ба ту, чуноне гуфтӣ, хиёнат карда бошам, танҳо ба хотири ту раво дидам, то номат аз хотираҳо гум, ягона фарзандат дар таги пои касу нокас хору зор намонад. Бори дигар мегӯям, аз дидорат шодам. Агар Саодат хоҳад, марҳамат, биёяд, ман даъвое надорам. Ман ӯро худи ҳамин рӯз талоқ медиҳам.

ҲАМИД. Шайтонгарӣ бас! Модоме ки ба дилаш роҳ ёфтию ба домат даровардӣ, қандата хӯр, ҷаноб. Гуфтам-ку, бурд бурди ту. Акнун бирав! Аз кардаат намон. Ягона таманно ҳамин ки дигар ба чашмам нанамо. Ба вай манҷалоқӣ ҳам гӯй, ки то метавонад, аз чашми ман дур гардад. Шояд бо ҳамин восита ҳамааш фаромӯш шавад, захмҳои дилам шифо ёбанд. Дар дунё кадом кореву гапе нест, ки фаромӯш шавад. Лекин ҳамааш мегузарад, барф ҳам мегузарад, борон ҳам...

ШАРИФ. Ҳамид...

ҲАМИД. Бас, Шариф. Акнун бирав. Гапи ман тамом!

ШАРИФ. Аз аспи ҷаҳл фаро.

ҲАМИД. Дафъ шав аз назарам! *(Мехоҳад ба Шариф ҳуҷум кунад, лекин дар лаҳзаи охир худдорӣ мекунад).*

Агар зинда мондан хоҳӣ, дигар ба чашмам нанамо!

ШАРИФ. Хуб шудааст. Ба одами ҷоҳил гап задан мушкил.

Вай асобағалашро таки каш гирифта, лангон-лангон меравад. Ҳамид танҳо мемонад. Мусиқии ҳазине садо медиҳад. Аз дуру наздик аккоси сагон, чирроси чирчиракҳо ва шув-шуви оби анҳор ба гӯш мерасанд. Ҳамид саросема шинелашро ба сари китф партофта, аз дарвоза берун мешавад. Мусиқӣ баландтар садо медиҳад.

3.

Соҳили дарё. Садои ба сангҳо бархӯрда, шилдирросзанон ҷорӣ шудани об ба гӯш мерасад. Дар саҳна тобасанги калоне. Дар як гӯшаи он суханони «Муҳаббат» кандакорӣ шудааст. Ҳамид имрӯз бидуни ихтиёр ба ин ҷо омадааст, то бо об гуфтугӯ кунад, ғубори дил зудояд, дилашро андаке бошад, сабук гардонад, аз мусиқии якмароми дарё баҳра бардорад. Дар даст гулдастае дорад.

https://bikhon.tj/

ҲАМИД *(ба оби дарёча нигариста, худ ба худ).* Ассалом, рӯдаки ман. Инак, баъди чор соли ҷудоӣ ва дурӣ боз ба наздат омадам. Ба оғӯшат гир маро. Оби нуқрафоматро нарм-нарм ба рӯям бипош, то рӯҳам сабук шавад, хумор шиканам. Иҷозат деҳ, ки соҳили туро ба оғӯш бигирам, аз обаки файзборат серӣ нӯши ҷон кунам. Мепурсӣ, ки чаро ин дафъа танҳо омадам ва ӯ куҷост? Ӯ нест. Ӯ дигар ба ин ҷо намеояд. Ӯро аз дилу дидаам хат задам. Ман акнун танҳоям, бекасу кӯ ва бесоҳибам, маҳруми даргоҳи муҳаббатам. Аз ҳамин рӯз ба соҳили ту танҳо меоям ва танҳо меравам. Ана, ҳамин хел дарёчаи ман!

(Овози ӯ дар тангно ва камари кӯҳ акси садо медиҳад). Танҳо-ям! Тан-ҳо-ям!

Ин лаҳза кӯза дар сари китф Саодат меояд. Вай аввал Ҳамидро намебинад. Хам шуда, мехоҳад об гирад. Ва дар акси об сурати Ҳамидро мебинад. Кӯза аз дасташ меафтад, ба сангҳо зада, пора-пора мешавад. Ҳамид аз ин садо як қад парида, ба ақиб менигарад. Чашмаш ба Саодат меафтад. Нигоҳҳо ба ҳам бармехӯранд.

САОДАТ *(бидуни ихтиёр нидо мекунад).* Ҳамид! *(Худро мехоҳад ба оғӯши вай ҳаво диҳад).*

ҲАМИД *(даст бардошта, аз вай рӯй мегардонад).* Ист! Наздик наё! Ту ба ман бегонаӣ!

САОДАТ *(шасташ гашта).* Оҳ, Ҳамид! Ба ман раҳм бикун! Маро насӯзон! *(Боз қадаме чанд пеш гузошта, мехоҳад достонашро ба гардани Ҳамид ҳалқа созад).*

ҲАМИД. Не гуфтам, наё! Ман бо зани марди бегона даст дароз карданро наомӯхтаам *(Дастони дарозкардаи Саодатро бо зӯрӣ дур мекунад).* Аз мардум шарм дор, Саодат!

САОДАТ. Ман зани никоҳии туям. Бубахш, ки...

ҲАМИД. Хиёнатро ба ишқу муҳаббати пок, ҳеҷ гоҳ бахшида намешавад.

САОДАТ. Хиёнат аз хиёнат фарқ дорад. Агар ман хиёнат карда бошам, пас он хиёнати барқасдона набуд. Маро зиндагӣ, ёди ту маҷбур кард...

ҲАМИД. Ёди ман маҷбурат кард, ки ба ҷойгаҳи марди бегона даромӣ? Токатат тоқ шуд?

САОДАТ. Оҳ, Ҳамид, ту чиҳо мегӯӣ? Андеша карда, гап зан.

ҲАМИД. Андешаро ту бояд мекардӣ.

https://bikhon.tj/

САОДАТ Бале, андешаро ман бояд мекардам. Кӯтаҳӣ аз ман гузашт. Лекин ман... намехостам тӯъмаи лошахӯр шавам. Аз ин рӯ дӯсти туро афзалтар шумурдам. Имрӯз дида истодаам, ки саросема шудаам... Ман ба ваъда вафо накардам. Ин гуноҳи авфнопазир аст, Ҳамид... *(чашмаш ба дастагули Ҳамид меафтад).* Дар дасти ту гулдастаро мебинам.

ҲАМИД *(гулдастаро ба пушташ пинҳон карда).* Умедвор нашав. Ин барои ту не.

САОДАТ. Пас барои кӣ?

ҲАМИД. Мехоҳам онро ба болои қабри муҳаббати нокомам гузорам, ки онро шумову Шариф қурбон кардед. Дарвоқеъ, ту гулҳои садбаргро дӯст медоштӣ?

САОДАТ. Бале. Алалхусус, он дастагулеро, ки ту ҳар доим бароям туҳфа мекардӣ.

ҲАМИД. Ҳа, хамин гулҳо буданд, ки боиси тавлиди ишқи нокоми мо гардиданд. Ёд дорӣ?

САОДАТ. Ёд дорам.

ҲАМИД. Ёдат меояд, айёми баҳорон таги партаи ту доим дастаи гул пайдо мешуд?

САОДАТ. Ёд дорам. Онҳоро ту меовардӣ.

ҲАМИД. Бале ман меовардам, барои ту меовардам. Забони ҳоли ман буданд, он дастагулҳо.

САОДАТ. Забони онҳоро медонистам ман. Бо забони безабонӣ «дӯстат медорам» мегуфтанд он гулҳо.

ҲАМИД. Забони гулҳо забони моро гӯё карданд.

САОДАТ. Бале. Ниҳоят бо забони одамӣ асрори дилатро кушодӣ.

ҲАМИД. Чунки гулҳо кори худро карда буданд. Таҳкурсии муҳаббати моро гузошта буданд.

САОДАТ. Таҳкурсии тавоное буд вай...

ҲАМИД. Вале сад афсӯс, ки ин таҳкурсӣ бебақо баромад. Ва тез фурӯ рафт, ба нестӣ рафт.

САОДАТ. Не, Ҳамид. Вай фурӯ нарафтааст. Вай камтар ба фурӯравӣ моил буд, лекин ту дар вақташ омадӣ...

ҲАМИД. Не, вай кайҳо фурӯ рафтагӣ.

САОДАТ. Мехоҳам маро гӯш кунӣ. Ба ту ҳамаашро аз як сар мегӯям.

ҲАМИД. Не, не! Лозим не! Ман дигар тоқати шунидани он

https://bikhon.tj/

сафсатаҳоро надорам. Ман ба сиёҳхати бофтабаровардаи туву Шариф бовар надорам.

САОДАТ. Барои чӣ хати сиёҳ бофтаи ману Шариф будааст?

ҲАМИД. Нияти зан агар тоза набошад, ба ҳама пастӣ қодир аст.

САОДАТ. Ва ту маро аз он тоифа занҳо ҳисоб мекунӣ?

ҲАМИД. Аз он ҳам бештар!

САОДАТ. Чӣ хел ноинсоф ҳастӣ, Ҳамид? Ҷанг туро тамоман дигар кардааст?

ҲАМИД. Ҷанг не, рафтору кирдори шумо ба ин гунаҳкор!

САОДАТ. Хуб, майлаш, маро шунидан намехоҳӣ, ихтиёрат.

ҲАМИД. Ба ман гӯй, қасамро ёд дорӣ?

САОДАТ. Ёд дорам. Хоҳӣ, такрор мекунам. Қасами мо ин буд: касе хиёнат кунад, чашмаш кӯр, забонаш гунг, аз ҷогаҳи марг нахезад.

ҲАМИД. Хайрият, дар ёдат будааст.

САОДАТ. Фақат ин чиз дар ёди ман намондааст. Мо гуфта будем, ки сазои хиёнат фақат марг аст. Боз мегӯям, ман ба ту хиёнат накардаам. Бовар кун. Дилу вичдони ман дар пеши ту тамоман софу пок аст. Агар донистан хоҳӣ, ману Шариф ҳамхоба нестем ва ҳеҷ гоҳ ҳамхоба нахоҳем шуд...

ҲАМИД *(ҳайрон)*. Чӣ хел?

САОДАТ. Сабаби инро ту аллакай медонӣ.

ҲАМИД. Ман ба афсонаи шумо бофта баровардагӣ бовар намекунам.

САОДАТ. Исто, ҳоло ман тамом накардам. Давомашро гӯш кун. Дина, вақте ки ту Шарифро аз хонаат рондӣ, вай дар назди ман гиря карда гуфт, ки Ҳамид то охир ӯро гӯш накард...

ҲАМИД. Барои чи ӯро то охир гӯш кунам?

САОДАТ. Шариф шояд гуфта бошад, охир вай бечора аз имкониятҳои мардӣ маҳрум аст. Ҷанг корашро кардааст.

ҲАМИД. Пас чӣ лозим буд ин ҳама масхарабозӣ? Чӣ лозим буд туро зан карда гирифтан?

САОДАТ. Ту сабаби инро аллакай медонӣ? Барои он ки ман ба вай гуфта будам, умуман ба ман дигар дар зиндагӣ ягон мард лозим не. Ба ёди Ҳамид то охири умр бе шавҳар мегардам.

ҲАМИД. Тоқат накардӣ-ку?

САОДАТ. Оҳ, ту чӣ хел маро фаҳмидан намехоҳӣ. Охир ман

https://bikhon.tj/

фақат ба хотири фарзандамон, ба хотири номи ту ба ин розӣ шудам.

ҲАМИД *(аз шасташ нагашта).* Ба кӣ лозим ин ҳама сафсатаҳо?!

САОДАТ. Ба ҳеҷ кас. Лекин ту бояд маро фаҳмӣ Ҳамид, ба хотири фарзандамон.

ҲАМИД. Ҳҳ, фарзанд мегӯӣ? Бо кадом забон? Фарзанди кӣ?

САОДАТ. Аз они ману ту. Вай аз камари ту.

ҲАМИД. Ҳамин хел? Пас чаро ман то ба ҳол хабар надорам?

САОДАТ. Чӣ хел? Магар номаи маро нагирифтӣ? Ду бор ба ту навиштам, вале аз ту ҷавобе наомад.

ҲАМИД. Маккора! Ба гап чунон усто шудӣ, ки... Аз мактаби Шариф сабақи хубе гирифтаӣ. Гум шав, аз назарам!

САОДАТ. Маро нарон, таҳқир накун. Ман ба ин сазовор нестам. Майлаш, метавонӣ, маро дигар зан накунӣ, ба ёдат ҳам набиёрӣ. Ман хуб фаҳмидам, ки дигар ба гӯшат ягон сухан намедарояд. Ту ба ҳама бо чашми шубҳа нигоҳ мекунӣ. Ба ягон кас, ба ягон чиз бовар надорӣ. Ин оқибати бад дорад. Инро гуфтам, бишнав, фаромӯш накун.

ҲАМИД *(бонг зада).* Дафъ шав аз назарам!

САОДАТ. Ҷоҳил! Хуб, меравам. Лекин охирин илтимос. Фарзандамонро падарӣ бикун, намон ки ӯ таги по монад. Имрӯз ту савори аспи ҷаҳл ҳастӣ, туро аз он фуроварда намешавад. Лекин яқин баъди чанд рӯз ту аз ин асп мефаронӣ. Ана, он вақт маро ба бадӣ ёд накун. Ман дар қасамам меистам!

ҲАМИД. Бовар намекунам! Бовар намекунам! Ба ҳеҷ кас бовар намекунам! Бирав гуфтам, бирав, бирав, ки дигар ранги раҳмоната набинам.

САОДАТ. Хуб шудааст. Ман рафтам!

Саодат бо ғурур ва бо сари баланд ба болои теғи кӯҳ давон мебарояд. Сари кӯҳ лаҳзае истода, ҷониби Ҳамид менигарад.

Марди майдон! Ҷониби ман нигар! Охирин бор!

(Ҳамид хомӯш, ба ӯ нигоҳе намекунад). Ба ин чашмонам нигар, ки чор соли расо дар раҳат интизор буданд. Ин чашмонро якумрӣ дар хотират нигоҳ дор! *(Ҳамид оҳиста тарафи вай менигарад).* Маро нафаҳмидӣ, фаҳмидан нахостӣ! Хайр, хуш бимон! Ба бадӣ ёдам макун! *Саҳна торик мешавад, чароғ танҳо рӯи Саодат ва рӯймолчаи арғувонии ӯро мунаввар мекунад. Сао-*

https://bikhon.tj/

дат пас аз лаҳзае дар дили торикӣ нопадид мешавад. Кӯҳ акси садо медиҳад:

«Ба ба-дӣ ё-дам ма-кун!»

Саҳна равшан мешавад. Ҳамид нохост ба худ омада, аз умқи дил наъра мезанад.

ҲАМИД. Саодат! Ист! Ист!

(Овози вай низ дар кӯҳу пушта акси садо медиҳад).

Са-о-дат ист! Са-о-дат ист!

Ҳамид бокароҳат дастаи гулро ба сӯе ҳаво дода, ба ҷонибе, ки Саодат сарозер рафта буд, дартоз меравад.

ПАРДА.

Э П И Л О Г

Пагоҳирӯзӣ. Мусиқии ҳазину мотам бар савти «Муноҷот» ба гӯш мерасад. Як гӯшаи қабристони деҳа. Аз дуру наздик ҷо-ҷо қабрҳои куҳна ба назар менамоянд. Дар байни саҳна тарҳи қабри тозае намудор. Болои қабр ду ниҳоли сафедор руста аст. Ба тори онҳо ду парча матои сафед парфишонӣ дорад. Сари қабри нав Ҳамиди ришу мӯйлаб расида ва сархамро мебинем.

ҲАМИД *(Оҳиста).* Алвидоъ, ишқи нахустину охирини ман, муҳаббати нотамоми ман! Ту ҳеҷ гоҳ гунаҳкор набудӣ. Гунаҳкор, хиёнаткор ҷанг буд, ҷанги хонумонсӯз. Ту охирин қурбонии вай шудӣ. Бо касофати вай ман оддитарин зуҳуроти одаму одамиятро фаромӯш карда, ҷунунвор ба дӯстам, пеш аз ҳама ба ҷисми нозуки ту дарафтодам. Туро ба вартаи ҳалокат тела додам. Ман ҷинояткорам. Шариф дар рӯзи дафн дуруст гуфт: маро суд кардан лозим. «Оре, ман ба ҳама гуна ҷазо тайёрам. Худи пагоҳ ба маҳкама меравам. Майлаш, бигузор, ҷисми ман дар маҳбасхона пӯсида, нобуд шавад, ман ба ин сазоворам. То рӯзе, ки ҳастам, то ҷон дар рамақ дорам, ту дар ёди ман астӣ, дар вуҷуди ман зиндагӣ мекунӣ. Ман ин ҷанги касофатро ҳеҷ гоҳ бахшида наметавонам. То охирин нафасам зидди ҷангу ҷангҷӯ меҷангам *(Хам шуда, қабри Саодатро оғӯш мекунад ва мегиряд).*

Ин дам Ҳайдар аз дасти писарбачаи чорсола-панҷсола дошта, ба саҳна ворид мешавад. Оҳиста даст ба китфи Ҳамид мебарад, ӯро ба бархестан водор мекунад.

ҲАЙДАР. Амак, амакҷон! Хезед! Ана, нигоҳ кунед, мо омадем!

https://bikhon.tj/

(Ҳамид оҳиста ба омадагон менигарад. Ба писарбача дуру дароз нигоҳ мекунад). Нашинохтед, амак! Ин Хуршед, писари шумо!

ҲАМИД *(наздиктар омада).* Писарам. Хуршеди ман, Хуршеди тобони ман! (*Даст ёзонида, ӯро ҷониби худ ҳидоят мекунад. Ҳамид хавотир аст, ки писараш аз ӯ рӯй мегардонад. Вале бидуни ихтиёр Хуршед «Ота, отаҷон» – гӯён, худро ба оғӯши ӯ ҳаво медиҳад. Ҳамид писарашро сахт ба оғӯш гирифта, ашк мерезад.*

Ин дам аз ҷониби мағриб хуршеди оламтоб тулӯъ мекунад. Ҳамид ашки чашмонашро пок карда, ба ҷониби хуршеди нав тулӯъ карда менигарад).

Тулӯъ бикун, хуршед, хуршеди ман! Нур пош, эй офтоби оламоро! Бар сари мо, бар сари ин тифлаки бегуноҳи ман! Бигузор нурҳои ҷонбахши ту ба ҷисми сард ва хору афгори ман ҷон бахшад, гармӣ диҳад. Маро қувват ато кун, эй офтоб, ки ба ёди завҷаи чавонмаргам ва ана ин нишонаи безаволи ӯ умр ба сар барам. Бисӯзон бо нурҳои худ хонаи ҷангу ҷангҷӯро, эй хуршед. Нур бор бар сари мо, бедареғ нур бор, эй офтоб!

Ин дам ҳамаи иштирокчиёни асар аз ду тараф оҳиста-оҳиста ба саҳна ворид мешаванд ва Ҳамиду Хуршедро давра мегиранд. Мусиқии ҳазин ба мусиқии мутантан бадал мегардад ва он аз рӯзгори нав башорат медиҳад.

Қаҳрамонони асар оҳиста-оҳиста аз қабристон берун мераванд. Парда пӯшида мешавад.

ПАРДА

Солҳои 1985-2004.

https://bikhon.tj/

МУНДАРИҶА

Қиссаҳо

Фиғон.....5
Иффат.....58

Ҳикояҳо

Ёди дил.....78
Бегона.....86
Дӯсти дерина.....96
Нокас.....103
Некӣ бимонад ҷовидон (силсила).....107
1. Ӯро ёд кунед!.....107
2. «Дуздӣ ҳам ҳунар аст…».....110
3. «Садақа радди бало».....111
4. «Ин корро накунед, дадеш…».....113
5. Ӯ бо мост.....116
6. Об омад, Саидабону.....118

Драмаҳо

Сафармахсум.....120
Занги бемаҳал.....173
Агар ҷанг намебуд.....190

https://bikhon.tj/

Ато Ҳамдам

РАҲОВАРД

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррир саҳифабандӣ *Фарҳоди Раҳим*

Ба матбаа 14.03.2018 супорида шуд.
Чопаш 19.03.2018 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 14,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Саманд-2012» чоп расидааст.

https://bikhon.tj/